ISSN 2413-5151

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ
2022. №4.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук
2022. №4.

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences
2022. No.4.

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2022

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.

САРМУҲАРРИР:
Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:
Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:
Исмонов Карорматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

08.00.00 –иқтисод

Ғаниев Таваралӣ Бобоевич — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Давлатзода — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Қудрат Қамбар — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
Чая Влидимир Тигранович — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ
Исайнов Ҳисайн Раҳимович — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Исраилов Мукаш Исраилович — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Ҷумҳурии Қирғизистон)*
Калемуллоев Мунир Воҳидович — *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
Кодирзода Диловар Баҳриддин
Низомов Самариддин Фахриевич — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
— *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Низомова Тухфамо Давлатовна — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Умаров Ҳоҷимуҳаммад — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Файзуллоев Машраб Қурбоналиевич — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Шамсов Илёс Сафарович — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*

12.00.00 – ҳуқуқшиносӣ

Азиззода Убайдулло Абдулло — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Ғаюров Шукрулло Карорматуллоевич — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Диноршоев Азиз Мусоевич — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
Раҳмон Дилшод Сафарбек — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Сотиволдиев Рустам Шарофович — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Шарипов Тақдиршо Шарифович — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*

23.00.00 –сиёсатшиносӣ

Зокиров Гулмаҳмад Нозимович — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
Қурбонов Абдураҳмон Шерович — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
Маҳмадизода Нозим Давлатмурод — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
Потселуев Сергей Петрович — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ — *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*
Сафранчук Иван Алексеевич — *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)*

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.
Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:
Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ: *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*
Дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ*: 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*
Дар соҳаи илмҳои сиёсӣ: *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*
Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.
Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (*www.vestnik-tnu.com*).*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ
– 2022. – №4.
ISSN 2413-5151
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №181/МҶ-97 от 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ДМТ, 2022

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:
Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, профессор, ректор Таджикского национального университета*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:
Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:
Исмонов Карорматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

08.00.00 – Экономика

Ганиев Таварали Бобоевич — *Доктор экономических наук, профессор*
Давлатзода Кудрат Камбар — *Доктор экономических наук, профессор*
Иброхимзода Илхомуддин Раджабали — *Доктор экономических наук, профессор*
Исайнов Хисайн Рахимович — *Доктор экономических наук, профессор*
Исраилов Мукаш Исраилович — *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)*
Калемуллоев Мунир Вохидович — *Кандидат экономических наук, доцент*
Кодирзода Диловар Бахриддин — *Доктор экономических наук, профессор*
Низомов Самариддин Фахриевич — *Доктор экономических наук, профессор*
Низомова Тухфамо Давлатовна — *Доктор экономических наук, профессор*
Одинаев Хаёт Абдулхакович — *Доктор экономических наук, профессор*
Умаров Ходжимухаммад — *Доктор экономических наук, профессор*
Файзуллоев Машраб Курбоналиевич — *Доктор экономических наук, профессор*
Чая Влидимир Тигранович — *Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)*
Шамсов Илёс Сафарович — *Доктор экономических наук, профессор*

12.00.00 – Юриспруденция

Азиззода Убайдулло Абдулло — *Доктор юридических наук, профессор*
Гаюров Шукрулло Карорматуллоевич — *Доктор юридических наук, профессор*
Диноршоев Азиз Мусоевич — *Доктор юридических наук, профессор*
Муртазозода Джамшед Сайдали — *Доктор юридических наук, профессор*
Насриддинзода Эмомали Сайфиддин — *Доктор юридических наук, профессор, член-корр. НАНТ*
Рахмон Дилшод Сафарбек — *Доктор юридических наук, профессор*
Сотиволдиев Рустам Шарофович — *Доктор юридических наук, профессор*
Шарипов Таҡдиршо Шарифович — *Доктор юридических наук, профессор*

23.00.00 – Политология

Зокиров Гулмахмад Нозимович — *Доктор политических наук, профессор*
Курбонов Абдурахмон Шерович — *Доктор философских наук, профессор*
Махмадизода Нозим Давлатмурод — *Доктор философских наук, профессор*
Мунъаммад Абдурахмон Навруз — *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ*
Нуриддинов Раймалихон Шахбозович — *Доктор политических наук, профессор*
Поцелуев Сергей Петрович — *Доктор политических наук, профессор (Российская Федерация)*
Сафарализода Худжамурод Куддуси — *Кандидат политических наук, доцент*
Сафранчук Иван Алексеевич — *Кандидат политических наук (Российская Федерация)*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:

В области экономических наук: *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

В области юридических наук: *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

В области политических наук: *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук.
– 2022. – №4.
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство №181/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2022

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences
Founder of the journal:

TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012.

CHIEF EDITOR:
Khushvakhtzoda Kobildzhon Khushvakht — *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:
Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:
Ismonov Karomatullo — *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:

08.00.00 - Economy

Ganiev Tavarali Boboevich — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Davlatzoda Kudrat Kambar — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Chaya Vladimir Tigranovich — *Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)*
Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Isainov Khisain Rakhimovich — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Israilov Mukash Israilovich — *Doctor of Economic Sciences, Professor (Kyrgyz Republic)*
Kalemulloev Munir Vohidovich — *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor*
Kodirzoda Dilovar Bahriddin — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Nizomov Samariddin Fakhrievich — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Nizomova Tuhfamo Davlatovna — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Odinaev Hayot Abdukhakovich — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Faizulloev Mashrab Kurbonalievich — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Shamsov Ilyos Safarovich — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Umarov Khojamuhammad

12.00.00 – Jurisprudence

Azizzoda Ubaydullo Abdullo — *Doctor of Law, Professor*
Gayurov Shukrullo Karomatulloevich — *Doctor of Law, Professor*
Dinorshoev Aziz Musoevich — *Doctor of Law, Professor*
Murtazozoda Jamshed Saidali — *Doctor of Law, Professor*
Nasriddinzoda Emomali Saifiddin — *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan (NAST)*
Rahmon Dilshod Safarbek — *Doctor of Law, Professor*
Sotivoldiev Rustam Sharofovich — *Doctor of Law, Professor*
Sharipov Taqdirsho Sharifovich — *Doctor of Law, Professor*

23.00.00 – Political sciences

Zokirov Gulmahmad Nozimovich — *Doctor of Political Sciences, Professor, Doctor of Philosophy, Professor*
Kurbonov Abdurakhmon Sherovich — *Doctor of Philosophy, Professor*
Mahmadizoda Nozim Davlatmurod — *Doctor of Political Sciences, Professor,*
Muhammad Abdurahmon Navruz — *Corresponding Member of the NAST*
Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich — *Doctor of Political Sciences, Professor*
Potceluev Sergey Petrovich — *Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)*
Safaralizoda Khujamurod Quddusi — *Candidate of Political Sciences*
Safranchuk Ivan Alekseevich — *Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016.

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

In the field of economic sciences: 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.

In the field of jurisprudence: 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.

In the field of political sciences: 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences – 2022. – №4.
ISSN 2413-5151

The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2022

ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

УДК 336.71

ҶАРАЁНИ ИНКИШОФИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ КИШВАР ВА МУАММОҲОИ ҶОЙДОШТА ДАР ИН САМТ

Хушвахтзода Қ.Х., Ғаюров Ғ.Ҳ., Имомназарова Т.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити мураккабгардии муносибати мизоҷ бо ташкилотҳои қарзӣ мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкӣ заминаи мусоиде ҷиҳати ба роҳ мондани муносиботи самарабахш ва саривақтӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хизматрасониҳои бонкии аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳодшаванда ниёз ба мукаммалгардонӣ доранд. Имрӯз хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун қисми муҳими бозори бонкӣ дониста шуда, омилҳои зиёде метавонанд ба инкишофёбӣ ва рушди онҳо сабаб гарданд.

Ушаков Д.Н. инкишофёбиро ҳамчун раванди гузариш аз як сатҳ ба сатҳи дигар, яъне ба сохти нисбатан мукаммалгашта арзёбӣ менамояд [6,с.451].

Вазъи иқтисодии кишвар ба тартиби кори бонкҳо ва фаъолияти онҳо, инчунин, ҷалби мизоҷон ба бонк таъсири зиёд дорад. Яъне бо назардошти нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ сатҳи таваррум, даромади аҳолӣ, сатҳи бекорӣ ва ғайра метавонад фаъолияти бонкҳоро тағйир диҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2000-ум аз сабаби ноустувор будани вазъи иқтисодӣ бонкҳо наметавонистанд фаъолияти самаранок ва вазъи устувор дошта бошанд. Воқеан, бо интишори пули миллӣ сомонӣ мо тавонистем аз солҳои 2000-ум сар карда иқтисодиёти худро рушд диҳем ва дар баробари ин, ташкилотҳои қарзӣ низ зина ба зина инкишоф ёбанд. Инчунин, зикр намудан ба маврид аст, ки буҳрони молиявие, ки соли 2008 ба вуқуъ пайваста буд, бисёре аз мамлакатҳои абарқудратро аз инкишофёбӣ боздошт ва ба иқтисодиёти онҳо зарари ҷиддӣ расонид. Дар натиҷа, сатҳи даромади аҳолӣ коҳиш ёфта, шумораи ҷойҳои корӣ низ кам гардиданд, ки ин ҳама ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бетаъсир намонд [1,с.45].

Омили дигаре, ки ба рушди хизматрасониҳои бонкӣ таъсири зиёд дорад ин рақобатпазирӣ дониста мешавад. Дар воқеъ, имрӯз рақобатпазирӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мақоми махсус дорад ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст барои нигоҳдории рақобатнокии худ аз усулҳои муосир ва таҷрибаи ташкилотҳои қарзии хориҷи кишвар истифода намоянд.

Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба таври якзайл рушд надорад. Дар баъзе минтақаҳо ин хизматрасониҳо агар тамоюли инкишофёбӣ дошта бошанд, дар минтақаҳои дигар тамоюли инкишофёбӣ ба назар намерасад. Махсусан, минтақаҳои дурдасти кишварро метавон арзёбӣ намуд, ки аҳолӣ ба хизматрасонҳои бонкӣ ба таври зарурӣ дастрасӣ надорад. Таҷрибаи давлатҳои рушдёфта нишон медиҳад, ки бонкҳои давлатӣ дар бозор нисбат ба дигар бонкҳо рақобатпазириашон устувортар аст. Зеро ин бонкҳо дастрасӣ ба маблағҳои буҷетиро доро мебошанд ва аз ин маблағҳо метавонанд истифода намоянд. Дастрасӣ ба ин маблағҳо метавонад вазъи рақобатпазирии ин гуна бонкҳоро хубтар гардонад. Вобаста ба ин, метавонем БДА ҶТ «Амонатбонк»-ро мисол орем, ки дар мамлакати мо ягона бонки давлатӣ дониста мешавад, ки нисбат ба дигар ташкилотҳои қарзии амалкунанда дар минтақаҳои дурдасти кишвар шуъбаҳо ва марказҳои хизматрасонии худро дорад ва ба мардум бештар хизматрасониҳои бонкиро пешниҳод менамояд.

Тибқи нишондиҳандаҳои омори соли 2019, БДА ҶТ «Амонатбонк» дар ҳудуди кишвар бо 75 филиал, 509 маркази хизматрасонии бонкӣ ва 232 нуқтаи интиқоли маблағ ба мардум хизмат расонидааст. Дар ин сол активҳои бонк 39% ва сармояи он 12% зиёд гардидаанд. Шумораи амонатгузорони ин бонки давлатӣ низ сол аз сол афзоиш ёфта, дар соли 2019 ба 1,1 млн нафар расиданд. Дорандагони кортҳои пардохтии ин бонк дар як соли ахир 47% зиёд гардидаанд. Тибқи омори БМТ, аз ҳаҷми умумии кортҳои бонкии бароварда шуда 74%-и онҳо ба БДА ҶТ «Амонатбонк» рост меояд [4,с.89].

Аз ин рӯ, зикр намудан ба маврид аст, ки БДА ҶТ «Амонатбонк» бо дастраси ба маблағҳои буҷети харҷи бештар кӯшиш намуда истодааст, то ба аҳолӣ махсусан ба

соҳибкории хурду миёна қарзҳои имтиёзнок пешниҳод намояд, ки дар маҷмуъ ин боиси рушди иқтисодиёт мегардад.

Ин ҷо метавон қайд намудан, ки омили муҳим барои инкишофёбии ин бонк ин боварии аҳолӣ дониста мешавад. Яъне, бо дастгирии мақоми давлатӣ, БДА ҶТ «Амонатбонк» тавонистааст ба боварии аҳолӣ сазовор гардад. Ин омил дар рушди минбаъдаи ин бонк ба ақидаи мо таъсири калидӣ дорад.

Дигар омиле, ки ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бевосита таъсиррасонанда, ба фикри мо, ин боварии аҳолӣ ба бонкҳо ва низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Барои ташкилотҳои қарзӣ ҷалби маблағҳои озоди аҳолӣ ҳамчун амонату пасандоз омили калидӣ дониста шуда, дар шароити муосир ҳаҷми маблағҳои ҷалбкардашуда дар аксари кишварҳо то ба 80–90%-и кулли дороиҳои бонкҳо баробар аст. Агар аҳолӣ маблағҳои худро барои нигоҳдори ба бонкҳо пешниҳод намояд, ин заминаи мусбие барои идома ёфтани фаъолияти бонк дар оянда мебошад. Боварии аҳолӣ имрӯз на танҳо барои ташкилотҳои қарзӣ, балки барои тамоми иктисодиёти кишвари мо муҳим арзёбӣ мегардад. Масъалаи боварии аҳолӣ ба сохтори бонкӣ метавонад аз нуқтаи назари фалсафӣ, психологӣ, иҷтимоӣ, иқтисоди таққиқ карда шавад. Ҷабҳаи психологии боварӣ ба сохтори бонкӣ бениҳоят аҳамиятнок дониста мешавад. Боварӣ ҳамчун вазъи психологии инсон ба ахлоқи ӯ вобаста аст. Масалан, агар муносибат бо бонк барои муштарӣ натиҷаи мусбат дода бошад, дар ин ҳолат муштарӣ метавонд дар оянда низ бо ин бонк ҳамкорӣ намояд, агар натиҷа дилхоҳ набошад, муштарӣ дигар бо ин бонк ҳамкорӣ наменамояд. Аз ин лиҳоз, ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки баҳри ба даст овардани боварии аҳолӣ ин нуқтаро фаромӯш насозанд.

Ба назари мо барои ба даст овардани боварӣ муҳлати зиёд лозим аст, то аҳолӣ хулосаи худро нисбати бонк барорад. Яъне фаъолияти софдилонаи бонк аз ҷониби аҳолӣ баҳогузорӣ карда мешавад ва баъдан аҳолӣ нисбати ин бонк боварӣ ҳосил менамояд. Агар фаъолияти бонк ғаразнок бошад, ин бонк метавонад дар як муддати кӯтоҳ муфлис гардад.

Масъалаи муҳим имрӯз, пеш аз ҳама, ин боварии аҳолӣ барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин сохтор дониста мешавад. Махсусан, фаъолияти баъзе ташкилотҳои қарзӣ тайи солҳои 2014-2016 боиси кам гардидани боварии аҳолӣ нисбати сохтори бонкӣ гардид.

Тибқи нишондоди Ушакова Д.И., боварӣ ин бузургие ба ҳисоб меравад, ки баҳодиҳии он мушкил аст [6,с.101]. Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки боварӣ ба низоми бонкии мо имрӯз аз якчанд омилҳои асосӣ иборат мебошад, ба монанди:

- сатҳи дастрасии муштариён ба иттилоот дар бораи фаъолияти бонк;
- дараҷаи танзим ва назорати низоми бонкӣ аз ҷониби давлат;
- дараҷаи муносибати бонк бо муштарӣ ва ҳалли одилонаи мушкилиҳое, ки миёни муштарӣ ва бонк ба амал меояд;
- ҷой надоштани низоми махсусе, ки барои бозпас гирифтани амонат ва пасандозҳое, ки муштариён дар бонк гузоштаанд, мусоидат намояд;
- фаъолият намудан тибқи шартномае, ки миёни муштарӣ ва бонк ба имзо расидааст;
- ҷой доштани коррупсия дар ташкилотҳои қарзӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, яке аз омили асосие, ки имрӯз ба ақидаи коршиносон муҳим аст, ин дастрасии мизоҷон ба иттилоот дар бораи фаъолияти ташкилоти қарзӣ мебошад. Яъне, таъмини мизоҷон бо маълумотҳои бонкӣ шаффофияти фаъолияти бонкро нишон дода, дараҷаи боварии мизоҷро нисбати бонк меафзояд.

Ҳангоми вусъат ёфтани муносибатҳо ва баланд гардидани сатҳи хавфҳо дар фаъолияти ташкилотҳои қарзи талабот ба маълумот зиёд мегардад. Имрӯз муштариён маълумотро оид ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ танҳо ба воситаи интернет ва ё ВАО мегиранд, ки ин онҳоро қаноатманд намегардонад. Воқеан, чи тавре бонкҳо ҳангоми пешниҳоди қарз муштарии худро ҳамаҷиҳата таҳлил менамоянд ва маълумотҳои зиёдеро оиди фаъолияти ӯ ҷамъоварӣ, муштарӣ низ ҳангоми пешниҳоди маблағ ба бонк ҳамчун пасандоз бояд аз маълумоти зиёд оиди фаъолияти бонк бархӯрдор бошад.

Воқеан, имрӯз талабот ба информатсия на танҳо барои муштариён, балки барои ташкилотҳои қарзӣ низ муҳим дониста мешавад. Бо пешниҳоди қарз ташкилотҳои қарзӣ кӯшиш менамоянд дар мавриди қарзгиранда маълумоти бештар дошта бошанд. Имрӯз дар

низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста ба он ки аксари муштариён нисбати бонкҳо муносибати беғаразона доранд, вале хавфи барнагаштани қарзҳо бениҳоят баланд аст. Ин омил метавонад ба ноустувории вазъи ташкилоти қарзӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, ташкилотҳои қарзӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то маълумоти дақиқ ба даст оварда бошанд. Дар кишварҳои хориҷӣ аслан ҷамъоварии маълумот дар мавриди муштариён ба дӯши бюроҳои қарзӣ вогузор карда шудааст. Бюрои қарзӣ метавонад муштариро дақиқ омӯзад ва ба вазъи молиявии он дуруст баҳо диҳад, ки ин болоравии хавфҳои бонкиро коҳиш медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи таърихи қарз» 26-уми марти соли 2009 қабул гардидааст. Тибқи нишондоди қонуни мазкур, таърихи қарз ин иттилооти мусбат ё манфии иҷрои уҳдадориҳои субъекти таърихи қарз аз руйи шартномае, ки дар Бюрои таърихи қарз нигоҳ дошта мешавад, ба ҳисоб меравад. Худи иттилоот бошад, ҳамчун маълумот дар бораи субъекти таърихи қарз, ки дар воситаҳои алоқаи электронӣ ва сабтҳои коғазӣ, ки иштирокчиёни системаи ташаккули таърихи қарз пешниҳод мекунанд ва истифодаи он ки дар мавриди зарурӣ бо имзои электронии рақами тасдиқ карда мешавад, дар қонуни мазкур шарҳ дода шудааст. Инчунин, дар Қонуни Бюрои қарзи шахсони ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур барои ташкилу коркард, нигоҳдошти таърихи қарз, пешниҳоди ҳисоботи қарз ва дигар иттилоот ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ хизмат мерасонад.

Ҳамин тариқ, мебояд зикр намуд, ки Қонуни мазкур фарогири ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти бюроҳои қарзӣ мебошад. Вале имрӯз аксари филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Бюрои мазкур кор намегиранд ва ин боиси барнагаштани қарзҳо ва фоизи онҳо мегардад.

Ҳамин тавр метавон қайд намуд, ки бонкҳо ҳангоми фаъолияти худ ба хавфҳои гуногун дучор мегарданд. Аз ин рӯ, фаъолияти бонкӣ ин шакли соҳибкориест, ки аз болои он танзим ва назорати доимӣ бурда мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки фаъолияти бонкӣ бо тамоми самтҳои муҳимми иқтисодиёт алоқамандӣ дошта, ба амонат ва пасандозҳои аҳолӣ вобастагии беандоза дорад. Дар аксари кишварҳои олам, инчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои қарзӣ қисми зиёди амалиётҳои худро аз ҳисоби маблағҳои пасандоз ба роҳ мемонанд. Ин омил имрӯз барои бонкҳо муҳиммияти зиёдеро касб намудааст. Яъне, вақте қисми зиёди муштариён маблағҳои худро аз ҳисобҳои бонкҳо гирифтанӣ мешаванд, дар ин ҳолат бонкҳо метавонанд пардохтпазирии худро аз даст диҳанд.

Аз ин лиҳоз, фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон баҳри беҳдошти муносибати ташкилотҳои қарзӣ бо муштариён дар самти зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Инчунин БМТ ҷиҳати ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва истифодаи самараноки онҳо барои ташкилотҳои қарзӣ бояд аз сиёсати пулию қарзии созгор истифода намояд, то боварии амонатгузорон нисбати ташкилотҳои қарзӣ махсусан дар минтақаҳои кишвар афзояд.

Имрӯз барои рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар минтақаҳо мо бояд, пеш аз ҳама, технологияҳои иттилоотӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳо тариқи интернетро дар низоми бонкӣ инкишоф диҳем. Аслан, хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи интернет, телефон, телефонҳои мобилӣ ва дигар дастгоҳҳои худхизматрасонии бонкӣ ба муштариён пешниҳод мегарданд. Бояд қайд намуд, ки мутаассифона ин гуна хизматрасониҳо танҳо дар марказҳои шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ дастраси аҳолӣ ҳастанду халос. Бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ имрӯз бояд ба муштариёне, ки дар минтақаҳои дурдастанд, ин гуна хизматрасониҳоро дастрас намоянд.

Яке аз самтҳои дигари рушди хизматрасониҳои бонкӣ ин инфрасохтори бонкӣ ба ҳисоб меравад. Рушди инфрасохтори бонкӣ метавонад хизматрасониҳои бонкиро, чи дар минтақаҳо ва чи дар тамоми кишвар, инкишоф диҳад. Ташкил намудан ва фаъолияти самараноки бюроҳои қарзӣ ва мақомотҳое, ки эътимоднокии ташкилотҳои қарзиро муайян мекунанд, заминаи муҳимме барои таъмини мизоҷон бо иттилоот оиди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва баландбардории саводнокии молиявии аҳолӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, чунин ташкилотҳо бояд имрӯз ташкил карда шаванд, то фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дуруст баҳогузорӣ шавад.

Бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар чорчӯбаи қонунгузориҳои бонкӣ ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии БМТ амал менамояд. Яке аз омилҳое, ки имрӯз метавонад ба рушди ин бозор монеагузорӣ кунад, ин амал накардан дар доираи қонунгузориҳо ба ҳисоб меравад. Тибқи қонунгузориҳо амал накардани ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо, бештар дар минтақаҳо ба чашм мерасад, ки ин ҳамчун омили манфӣ дар ин самт дониста мешавад.

Тибқи нишондиҳандаҳои омории БМТ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ то ҳол дар сатҳи паст қарор дорад. Дар алоҳидагӣ аз таҳлилҳо бармеояд, ки ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ ҳар як филиали бонк ба 7,4 ҳазор нафар хизматрасонии бонкӣ пешниҳод менамояд. Ин нишондиҳанда гувоҳи он аст, ки пешниҳоди хизматрсониҳо дар сатҳи паст қарор дорад.

Бояд қайд намоем, ки тамоми бонкҳои дар ҷумҳурӣ амалкунанда ҳамасола филиалҳо ва шуъбаҳои худро дар саросари мамлакат васеъ менамоянд. Дар ин замина, танҳо 10 бонк аз 17 бонки амалкунанда фаъоланду халос. Тайи чанд соли охир ҳолатҳое низ ба чашм мерасанд, ки баъзе бонкҳо ҷиҳати камгардонии хароҷоти худ фаъолияти филиал ва бахшҳои худро дар минтақаҳо қатъ менамоянд.

Имрӯз рушди сохтори бонкӣ дар шаҳрҳои нисбатан бузург масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Яъне, бонкҳои амалкунанда имрӯз на ба минтақаҳои дурдаст, балки кӯшиш намуда истодаанд, то фаъолияти худро дар шаҳрҳои бузург бештар ба роҳ монанд. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки зиёда аз 60%-и филиали бонкҳои мавҷуда дар пойтахти кишвар ҷойгиранд, ки ин метавонад сабаби рушд наёфтани хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳои кишвар гардад.

Ҳамин тавр, метавон қайд намуд, ки дар шароити имрӯза омилҳои ба бозори молиявӣ ва махсусан ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ таъсиррасонанда зиёданд. Ташкилотҳои қарзӣ бояд имрӯз ба як қатор самтҳо аҳамияти махсус диҳанд, зеро ин омилҳо барои нигоҳдории вазъи устувори онҳо ва ҷалби бештари муштариён сабаб хоҳанд гашт.

Ба назари мо ҷиҳати рушди минбаъдаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳои кишвар бояд ба самтҳои зерин аҳамият дода шавад:

1. дастгирии давлатии сохтори бонкӣ;
2. суғуртакунонии амонатҳои аҳолӣ;
3. рушди технологияҳои иттилоотӣ;
4. фаъолият накардан аз рӯи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ;
5. шароити нобаробарии рақобатнокӣ;
6. боварии аҳолӣ ба сохтори бонкӣ;
7. дар сатҳи паст қарор доштани хизматрасониҳои пешниҳодшаванда;
8. муносибати кормандони бонк бо муштариён;
9. ба таври зарурӣ рушд накардани маркетинги бонкӣ;
10. этика ва қобилияти корӣ надоштани кормандони бонкҳо;
11. рушд наёфтани инфрасохтори бонкӣ.

Дар маҷмуъ, ташкилотҳои қарзӣ барои рушди минбаъдаи хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳо бояд кӯшиши зиёд дошта бошанд, зеро қисми зиёди аҳолии кишвар дар минтақаҳо зиндагӣ доранд ва бо баланд рафтани саводнокии молиявии онҳо бонкҳо метавонанд соҳиби муштариёни зиёд гарданд.

Муқарриз: н.и.и., дотсент Сайфуров К.Ф.

АДАБИЁТ

1. Бердиев Р.Б. Институциональные факторы инвестиционного развития в постсоветских странах (на материалах Республики Таджикистан): автореф…дис. док. экон. наук / Р.Б. Бердиев. -Бишкек: КРСУ, 2012. -42 с.
2. Вострухина Т.Ю. Факторы и условия, влияющие на развитие банковских услуг в регионах / Т.Ю. Вострухина // Российское предпринимательство. - 2011. -Том 12. -№9. -С.130-135.
3. Гаюров Г.Х. Развитие инвестиционно-кредитной деятельности банков в условиях высокого риска / Г.Х. Гаюров // Вестник ТНУ. – 2015. -№2/4(169). -С.223-226.
4. Костерина, Т.М. Банковское дело / Т.М. Костерина. -2-е изд., перераб. и доп. -М.: Издательство Юрайт, 2014. -159 с.
5. Лаврушин О.И. Банковское дело: учебное пособие / О.И. Лаврушин. -2-е изд., перераб. и доп. -М.: Финансы и статистика. 2010. -672 с.

6. Одинаев С.П. Бонки миллии тоҷикистон ва нақши он дар танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ / С.П. Одинаев // Вестник ТНУ. –Душанбе, 2021. -№2. -С.179-186.
7. Ушакова Д.Н. Толковый словарь русского языка: в 4 т. / Д.Н. Ушакова. -М., 2000. -856 с.
8. Хушвахтзода К.Х. Роль банковского кредитования в развитии малого сельскохозяйственного бизнеса/ Хушвахтзода К.Х., Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. -№7. -С.35-41.
9. Хушвахтзода К.Х. Финансово-кредитные ресурсы развития сельского предпринимательства (концептуальные вопросы) / Хушвахтзода К.Х., Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. -№8. -С.5-10.
10. [Электронный ресурс]. URL: www.economy-ru.com/obraschenie-kredit-denejnoe/iii-politika gosudarstva-otnoshenii - 14422.html.
11. [Электронный ресурс]. URL: www.cyberleninka.ru/article/n/faktory-i-usloviya-vliyayuschie-na-razvitie-bankovskih-uslug-v-regionah.

ҶАРАЁНИ ИНКИШОФИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ КИШВАР ВА МУАММОҲОИ ҶОЙДОШТА ДАР ИН САМТ

Дар мақола паҳлуҳои мубрами хизматрасониҳои бонкӣ ва роҳҳои баландбардории сифати онҳо дар шароити муосири иқтисодӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Масоили назариявӣ ва амалии баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва такмили механизмҳои он таҳқиқ шуда, роҳҳои дурусти пешниҳоди маҳсулотҳои бонкӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Муаллифон ба ҷанбаҳои бисёрсамтаи хизмарасониҳои бонкӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мушкилиҳои ҷойдошта ҳангоми пешниҳоди маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкиро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Асоснок гардидааст, ки дар шароити муосири иқтисодӣ сифати пешниҳоди хизматрасониҳо яке аз нишондиҳандаҳои калидӣ дар фаъолияти бонкҳо буда, дараҷаи самаранокии фаъолияти онҳо аз ин сахт вобаста мебошад. Ҳамчунин, муаллифон ба омилҳои таъсиррасон ва боздорандаи рушду такмили хизматрасониҳои бонкӣ диққати махсус дода, ин омилҳоро гуруҳбандӣ ва таҳлил намудаанд. Қайд гардидааст, ки дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои зиёде мавҷуданд, ки метавонанд ба суръати хизматрасониҳои бонкӣ ва сифати онҳо таъсири амиқ дошта бошанд. Дар мақола омилҳои ҷойдошта ба таври дақиқ таҳқиқ шуда, роҳҳои бартарафнамоии онҳо мавриди баҳс қарор гирифтааст. Гузашта аз ин, фаъолияти самараноки бонкҳо дар бозори бонкӣ ва тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои фосилавӣ дар низоми бонкии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар асоси омӯзиши дақиқ ва таҳлилҳои ҳамаҷониба, ҷиҳати баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди онҳо, аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳо пешниҳод гардидааст, ки метавонанд заминаи мусоид фароҳам оранд.

Калидвожаҳо: бонкҳо, низоми бонкӣ, хазматрасониҳои бонкӣ, маҳсулотҳои бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, менеҷменти бонкӣ, сифати хизматрасониҳо, сармояи бонкӣ, амалиётҳои бонкӣ.

ПРОЦЕСС РАЗВИТИЯ БАНКОВСКИХ УСЛУГ В РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ И ПРОБЛЕМЫ В ДАННОЙ ОБЛАСТИ

В статье обсуждаются и анализируются ключевые аспекты банковских услуг и способы повышения их качества в современных экономических условиях. Исследованы теоретические и практические аспекты повышения качества банковских услуг и совершенствования их механизмов, а также анализированы основные способы предоставления банковских продуктов в современных условиях. Авторы исследуют многогранные аспекты банковских услуг и проблемы предоставления банковских продуктов и услуг в Республике Таджикистан. Обосновано, что в современных экономических условиях качество оказания услуг является одним из ключевых показателей деятельности банков, и от этого зависит уровень их эффективности. Авторы также уделяют особое внимание факторам, влияющим и препятствующим развитию и совершенствованию банковских услуг, классифицируя и анализируя эти факторы. Было отмечено, что в банковской системе Республики Таджикистан существует множество факторов, которые могут оказать сильное влияние на скорость и качество предоставления банковских услуг. В статье подробно рассматриваются существующие факторы и обсуждаются пути их преодоления. Кроме того, были изучены эффективность работы банков на банковском рынке и порядок предоставления дистанционных банковских услуг в банковской системе Таджикистана. На основе тщательного изучения и всестороннего анализа, авторы предлагают ряд рекомендаций по повышению качества банковских услуг в банковской системе Республики Таджикистан и по перспективам их развития, что позволяет создать благоприятную среду.

Ключевые слова: банки, банковская система, банковские продукты, кредитные организации, банковский менеджмент, качество банковских услуг, банковский капитал, банковские операции, дистанционные банковские услуги.

THE PROCESS OF DEVELOPMENT OF BANKING SERVICES IN THE REGIONS OF THE REPUBLIC AND PROBLEMS IN THIS REGION

This article discusses and analyzes the key aspects of banking services and ways to improve their quality in today's economic environment. The theoretical and practical aspects of improving the quality of banking services and improving its mechanisms are investigated, and the main ways of providing banking products in modern conditions are analyzed. The author focuses on the multifaceted aspects of banking services and explores the problems of providing banking products and services in the Republic of Tajikistan. It has been substantiated that in modern economic conditions the quality of services is one of the key indicators of banks' activities, and the level of their efficiency depends on this. The author also

pays special attention to the factors affecting and hindering the development and improvement of banking services, classifying and analyzing these factors. It was noted that there are many factors in the banking system of the Republic of Tajikistan that can have a strong impact on the speed and quality of banking services. The article examines in detail the existing factors and discusses ways to overcome them. In addition, the effectiveness of banks in the banking market and the procedure for providing remote banking services in the banking system of Tajikistan were studied. Based on a thorough study and comprehensive analysis, the author offers a number of recommendations for improving the quality of banking services in the banking system of the Republic of Tajikistan and the prospects for their development, which allows creating a favorable environment.

Keywords: banks, banking system, banking products, credit institutions, banking management, quality of banking services, banking capital, banking operations, remote banking services.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919-16-98-64**
Ғаюров Ғайрат Ҳакимович - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **gayrat-gayurov@mail.ru.** Телефон: **(+992) 904-46-68-68**
Имомназарова Тахмина Ашуровна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллимаи калони кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **timomnazarova@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-81-85-88**

Сведение об авторах: ***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, ректор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919-16-98-64**
Гаюров Гайрат Хакимович - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры банковской деятельности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **gayrat-gayurov@mail.ru**. Телефон: **(+992) 904-46-68-68**
Имомназарова Тахмина Ашуровна - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры банковской деятельности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **timomnazarova@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-81-85-88**

Information about the authors: ***Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht*** **-** Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Rector. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru.** Phone**: (+992) 919-16-98-64**
Gayurov Gairat Khakimovich - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of Banking. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **gayrat-gayurov@mail.ru.** Phon**e: (+992) 904-46-68-68**
Imomnazarova Tahmina Ashurovna - Tajik National University, Senior Lecturer, Department of Banking. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **timomnazarova@mail.ru.** Phone: **900-81-85-88**

УДК: 332:63(575.3)

САМТҲОИ АСОСИИ ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ БАХШИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

Собирзода Нуралӣ Миралӣ, Қодирзода Диловар Баҳридин
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дигаргуниҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди иқтисоди миллӣ ба назар гирифтаанд, бо мақсади дар муҳлати кутоҳ таъмин намудани рушди босуботи иқтисодӣ амалӣ карда шуда истодааст. Бо ин мақсад ҳуҷҷатҳои гуногуни меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул шудааст, ки ҳавасмандкунии истеҳсолкунандагон, ҷолибияти сармоягузорӣ ва рушди инноватсионии мамлакатро таъмин месозанд. Дар доираи чорабиниҳои пешниҳодшаванда истифодаи самараноки фишангҳои танзими давлатии иқтисодиёт дар умум ва бахши кишоварзии он ба таври махсус мавқеи муҳимро доранд, чунки омили муҳимми таъмини суботи ҷомеа ва рушди иқтисодӣ мебошанд [8,с.3; 11,с.30]. Барои ҳалли ин масъалаҳои муҳим зарур аст, ки аз неруи зеҳнии бахши кишоварзии мамлакат дуруст истифода карда шавад.

Иқтидори зеҳнӣ дар минтақаҳо ба таври кофӣ, ҳам барои ҳалли мушкилоти омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳо, ҳам ташаккули донишҳои нав ва дар амал татбиқ намудани он, истифода бурда намешавад. Муассисаҳои илмию таълимӣ ва соҳаи аграрии воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи ягонаи илмӣ ва таълимиро ташкил намекунанд. Дар айни замон, мушкилоти гуногуни истифодаи неруи зеҳнии муассисаҳои мазкур вуҷуд дорад. Яке аз онҳо тиҷоратикунонӣ ва интиқоли технологияҳо ва дигар коркардҳои инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Мушкилоти ҳамкории саноат ва хоҷагиҳои кишоварзӣ низ ба таври назаррас ҳис карда мешавад. Пеш аз ҳама, имкониятҳои иқтидори саноатӣ барои аз нав муҷаҳҳазгардонии технологии истеҳсолоти кишоварзӣ суст истифода мешаванд.

Сиёсати давлатии инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ бояд аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита бо иштироки пажуҳишгоҳҳои илмии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ташаккул ёбад ва бояд аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисми асосии барномаи рушди комплекси агросаноатии кишвар тасдиқ карда шавад.

Ҷустуҷӯи механизми таъмини зиндагӣ ва рушд бахши кишоварзиро водор сохт, ки дар реҷаи таҷрибавӣ дар тули 20 соли охир усулҳои муосири ҳалли онҳоро ҷустуҷӯ кунанд, ки ин ба идеяи ташкили инфрасохтори зеҳнӣ барои рушди комплекси агросаноатӣ, на дар атрофи истеҳсолот, балки дар атрофи як пажуҳишгоҳи илмӣ оварда расонд. Имрӯзҳо таҳияи стратегияи эҷоди сохторҳои оқилона барои татбиқи сиёсати инноватсионӣ дар бахши кишоварзӣ омили муҳим ба ҳисоб меравад.

Рушди раванди инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии минтақавӣ, ба назари мо, ташкили маркази инноватсиониро тақозо мекунад, ки муассисони он корхонаҳои истеҳсолии бахши кишоварзӣ мешаванд. Дар тули чанд соли охир, бахши кишоварзӣ ҳамчун фармоишгари давлатӣ оид ба коркард ва таҳқиқот (тадқиқотҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ) баромад мекунад. Маблағҳои пулии ба мақсадҳои мазкур ҷудошуда барои корҳои илмӣ – тадқиқотӣ дар самтҳои афзалиятноки зерин истифода мешаванд:

- сарфа намудани захираҳои энергия ва сӯзишворӣ дар тамоми марҳилаҳои технологӣ;
- такмили усулҳои агротехникии парвариши зироатҳои бахши кишоварзӣ;
- бунёди навъҳои нави зироатҳои ғалладонагӣ ва лубиёгӣ, картошка ва сабзавот, меваҳо ва буттамеваҳо ва хӯроки чорво;
- такмили корҳои зотпарварӣ дар чорводорӣ ва паррандапарварӣ;
- таҳия ва татбиқи технологияҳои ояндадори истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ;
- пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятии чорвои хонагӣ, парранда ва ғайра.

Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ таҷҳизоти махсус барои дастгоҳҳои дегхонаӣ таҳия ва дар истеҳсолот санҷида шуд, ки имкон медиҳад, то 50% сӯзишвории моеъ сарфа карда

шавад. Масъалаи насби намунаҳои шабеҳ дар муҳаррикҳои сӯзишвории дохилӣ омӯхта мешавад. Тавсияҳои илман асосёфта оид ба интихоби ротатсияи оптималии зироатҳо, технологияҳои парвариши алафҳо ва омехтаҳои алаф бо миқдори зиёди компонентҳои сафеда таҳия карда шуданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар кори ҳавасмандгардонии рушди фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз қабили Амрико, Олмон, Италия, Фаронса, Япония, Канада, Бразилия, Исроил ва Австралия дар 10-15 соли охир таҷрибаи назаррас дар ташкили раванди инноватсионӣ ҷамъоварӣ ва тадбирҳои зерин андешида шудаанд:

- маблағҳои дар доираи 20% аз фаъолияти инноватсионӣ бадастомада андозбандӣ карда намешаванд;

- маблағҳои дорои хавфи баланд аз андоз озод карда мешаванд;

- барои молҳои истеҳсолшаванда ва хатҳои истеҳсолӣ дастгирии давлатӣ (субсидия) пешниҳод карда мешавад;

- маблағҳои бебозгашти давлатӣ барои бозомӯзии кадрҳои илмию таҳқиқотӣ дар кишварҳои пешрафта, ки ба натиҷаҳои назарраси инноватсионӣ ноил шудаанд, пешниҳод карда мешаванд;

- барои дастгирии маҳдудиятҳои қарзӣ оид ба фаъолияти инноватсионӣ дар бахши кишоварзӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад;

- ҳамасола ҳаҷми маблағ аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои фаъолияти инноватсионӣ муайян карда мешавад [6,с.29].

Рушди инноватсионии ҷумҳуриро метавон чунин баррасӣ кард:

- ҳамчун як самти нави рушд барои кишвар, яъне истеҳсоли маҳсулоти нав, таҷдиди корхонаҳои мавҷуда ва бунёди корхонаҳои нав, дастрасӣ ба бозорҳои маҳсулот, тағйири симои кишвар ва сифатҳои истеъмолии он;

- ҳамчун ворид намудани дастовардҳои илм ва технология дар истеҳсолот, яъне рушди соҳаҳои технологияҳои олӣ ё татбиқи корҳои илмию техникӣ дар дигар соҳаҳо.

Дар ҳар ду ҳолат рушди инноватсионии кишвар ба бозори хориҷӣ нигаронида шудааст, чунки маҳсулоти содиротии берун аз ҷумҳурӣ ва сармоягузориҳои хориҷӣ, дар натиҷаи таъсири синергетикӣ, базаи молиявии рушди минтақаро ташкил медиҳад.

Масъалаи пешбурди рушди инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ аз камбуди захираҳои хусусии молиявӣ, дониш ва малакаи таъсиси ширкатҳои инноватсионӣ иборат аст. Дар чунин шароит барои минтақаҳо истифодаи стратегияҳои маркетингӣ дар рушди инноватсионӣ зарур аст [11,с.14; 9,с.25].

Тавре дар «Консепсияи рушди инноватсионии соҳаи аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қайд шудааст, сиёсати давлатии инноватсионӣ дар бахши кишоварзӣ бояд ба стратегияи рушди он дар ояндаи наздик ва дур асос ёбад, ки самтҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

- пурзӯр намудани фаъолияти илмию техникӣ ва дар заминаи он ташаккул додани истеҳсоли самарабахши бахши кишоварзӣ;

- таъминоти моддию техникии соҳа, кабудизоркунии бахши кишоварзӣ;

- мукаммалгардонии муносибатҳои иқтисодии замин, такмил додани сохтори истеҳсолот ва идоракунӣ, инчунин татбиқи сиёсати иҷтимоӣ [6,с.26].

Яке аз тадбирҳои афзалиятнок пешниҳоди ташаккули низоми мутамаркази дастгирии инноватсионӣ дар дохили Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирии машваратӣ ва иттилоотӣ-таҳлилӣ, маркетингӣ, патентӣ-литсензионии рушди инноватсионии бахши кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Модели пешниҳодшудаи низоми инноватсионии зерсохтори технологӣ чунин ба назар мерасад.

Татбиқи афзалиятҳои инноватсионии ҷумҳурӣ муттаҳидсозии саъю кӯшиши соҳибкорон, мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, илм ва таҳсилоти олиро барои пешбурди маҳсулоти илмӣ, техникӣ ва инноватсионӣ ба истеъмолкунанда дар назар дорад. Ба сифати механизми ташкилии таъмини ин муттаҳидсозӣ таъсиси марказҳои байниминтақавии иттилоотӣ ва маркетингӣ, ки дастгирии иттилоотиро ба равандҳои инноватсионии ҳудуд амалӣ месозад, пешниҳод карда шуд.

Дар асоси таҳлили проблемавии ҳолати иқтидори инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қобилияти корхонаҳо дар фаъолияти навоварӣ, самтҳои стратегии рушди равандҳои инноватсионӣ дар бахши кишоварзии кишвар пешниҳод карда мешаванд.

Баланд бардоштани рақобат бояд, пеш аз ҳама, бо афзоиши самаранокии бахши кишоварзӣ ва фаъол гардидани равандҳои инноватсионӣ алоқаманд карда шавад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо татбиқи маҷмуи чорабиниҳо лозим аст [9,с.126; 8,с.46].

1. Таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ бехатар дар асоси:

- афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти бахши кишоварзӣ ба ҳаҷме, ки ба истеъмоли ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ барои намудҳои асосии озуқаворӣ ба миқдори ба талаботи стандартҳои оқилонаи ғизо мувофиқаткунанда имконият медиҳад;

- болоравии ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолшаванда бо истифода аз технологияи сарфакунанда ва инноватсионӣ ва дар ин асос таъмин намудани афзоиши ҳосилнокии меҳнат**;**

- иваз намудани воридот дар бозори истеҳсоли чорво бо назардошти рушди соҳаи чорводорӣ дар заминаи тавсеаи пойгоҳи зотпарварӣ, баланд бардоштани маҳсулнокии ҳайвонот ва парандаҳо тавассути ташкили марказҳои гибридии зотпарварӣ дар соҳаҳои чорводорӣ ва гӯшти гов, афзун намудани саршумори зотпарварӣ дар корхонаҳои зотпарварӣ ва репродуктивӣ, эҷоди репродуксияҳои тартиби дуюм дар асоси корхонаҳои паррандапарварӣ, ҳифзи генофонди чорводорӣ, занбӯри асалпарварӣ ва дигар соҳаҳои чорводорӣ, хариди хоҷагиҳои хусусӣ, афзоиши насли чорвои ҷавон аз марказҳои генетикӣ ва ғайра [12,с.231].

2. Рушди робитаҳои байниминтақавии озуқаворӣ аз ҳисоби:

- рушди кооператсия ва ҳамгироӣ дар истеҳсол, фурӯш, коркард ва истифодаи маҳсулоти кишоварзӣ;

- тамаркузи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳияҳо ва ташкилотҳое, ки дар онҳо ҳадди аксар маҳсулоти сифатӣ бо ҳадди ақали хароҷоти истеҳсол ва расонидани он ба истеъмолкунандагон таъмин карда мешавад;

- ташкили минтақаҳои махсуси истеҳсоли молҳои бахши кишоварзӣ бо назардошти истифодаи мақсадноки он;

- беҳтар намудани ташкили нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани самаранокии интиқол;

- рушди низоми савдои яклухти маҳсулоти бахши кишоварзӣ;

- муайян кардани эҳтиёҷоти дохилиминтақавӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ, иқтидори имконпазири қонеъ кардани онҳо аз ҳисоби захираҳои истеҳсолии худ, ҷудо намудани захираҳои молии маҳсулоти кишоварзӣ барои расонидани он ба бозори дохилӣ ва содирот ва ғайра.

3. Баланд бардоштани рақобатпазирии бахши кишоварзӣ ва дар маҷмуъ тамоми бахши кишоварзӣ тавассути:

- такмил додани ташкилот ва идоракунии комплекси аграрӣ;

- афзоиши сармояҳо ба фондҳои асосии маҷмуи агросаноатӣ, таҷдиди фондҳои асосӣ;

- баланд бардоштани даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ то ба сатҳе, ки такрористеҳсоли ҳосилнокии замин, захираҳои моддӣ ва меҳнатиро таъмин намояд;

- фароҳам овардани шароите, ки ҳифз ва барқароркунии ҳосилнокии заминро таъмин мекунанд ва дар ин асос ҳосилнокии зироатҳои киштро баланд мебардоранд;

- васеъ намудани майдони кишт бо тухмии навъи элита;

- рушди кооператсия ва ҳамгироӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи даромаднокии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини дастрасии онҳо ба бозори маҳсулоти озуқаворӣ ва ғ.

4. Экологикунонии истеҳсоли агросаноатӣ дар шароити:

- истифодаи технологияҳо ва ашёи хоми аз ҷиҳати экологӣ тоза ва бехатар дар истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, васеъ намудани истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории гурӯҳи «ғизои солим», хӯрокҳои кӯдакона ва хӯроки парҳезӣ;

- истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории аз ҷиҳати экологӣ тоза ва баландсифати табиӣ бо мақсади беҳтар ва зиёд кардани давомнокии умри аҳолии кишвар;

- азхудкунии системаҳои кишоварзии ба муҳити зист нигаронидашуда, мониторинги заминҳои кишоварзӣ ва ҳолатҳои агроландшафтҳо, идоракунии ландшафтҳои азхудкунии замин ва тарҳрезии технологияҳои бахши кишоварзӣ дар сатҳҳои гуногуни шиддат бо назардошти иқтидорҳои истеҳсолӣ ва табиӣ, шароити бозор;

- ҳифз ва такмили захираҳои хокии вилоят ва муҳофизати хок аз эрозия, васеъ

кардани заминҳои барқароршуда, истифодаи низоми ҳамгироишудаи ҳифзи растаниҳо ва низоми асосноки истифодаи нуриҳо ва ғ.

5. Гузариши комплекси агросаноатӣ ба роҳи инноватсионии рушд, тавассути:

- баланд бардоштани сатҳи дастгирии давлатӣ ва нақши таҳқиқоти илмӣ дар ташаккули истеҳсолоти рақобатпазири агросаноатӣ, ҳамкориҳои мақомоти идоракунии маҷмуи комплекси аграрӣ бо ташкилотҳои илмию тадқиқотӣ дар ҳалли масъалаҳои рушди агробизнес, таҳияи механизмҳои интиқоли дастовардҳои пешрафти илмию техникӣ дар истеҳсолот;

- рушди инфрасохтори барои фаъолияти инноватсионӣ зарур, ки тиҷоратикунонии инноватсияро таъмин мекунад;

- бунёди низоми дастгирии машваратӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ; ташкили низоми иттилоотӣ оид ба навовариҳо ва таҷрибаҳои беҳтарин; ташаккули иттиҳодияҳои ташкилотҳои илмӣ, таълимӣ, таҷрибавӣ ва дигар субъектҳои раванди инноватсионӣ;

- гузариши кадрии комплекси агросаноатӣ ба сатҳи сифатан нав, ки ба эҳтиёҷоти рушди инноватсионии аграрӣ, рушди тамоми сатҳҳои низоми таҳсилоти давомдори касбӣ, илм ва дигар соҳаҳо бо мақсади ташаккул додани дониш, малака ва рафтори барои кормандони бахши кишоварзӣ ва умуман аҳолии деҳот мутобиқ аст;

- рушди механизми ташкилию иқтисодии инноватсия дар бахши кишоварзӣ, ки асоси онро заминаи меъёрии танзими инноватсия, василаҳои нави молиявию иқтисодӣ барои ҳавасмандгардонӣ ва моддии давлатии фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ ташкил медиҳад ва ғайра.

Ҳамин тариқ, маҷмуи муосири агросаноатӣ бояд дар заминаи нави ташкилию иқтисодӣ ва технологӣ фаъолият кунад, ки дар худ низоми якҷояшудаи истеҳсолӣ ва технологии корхонаҳо, бахшҳо ва соҳаҳои ба ҳам алоқамандро, ки ҳадафи ягонаи умумии ниҳоӣ - таъмини аҳолиро бо миқдори зарурии хӯрока ва бо нархи дастрас муттаҳид мекунад, таҷассум менамояд.

Таъсири давлат ба рушди равандҳои инноватсионӣ маҷмуи амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатиро дар бар мегирад, ки истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазир, таҳия ва татбиқи технологияҳои пешрафтаро ҳавасманд мегардонад. Дар чунин маврид як қатор чораҳои қонунгузорӣ ва ташкилӣ оид ба ташкил ва нигоҳ доштани «фазои инноватсионӣ» дар иқтисодиёт бо истифода аз усулҳои танзими мустақим ва ғайримустақими иқтисодӣ нақши муҳим доранд [15,с.7] (расми 1).

Расми 1. Усулҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ
Figure 1. Methods of state support for innovative activities



Усулҳои мустақими батанзимдарории ҳуқуқ ба он асос ёфтаанд, ки субъектҳои хоҷагидорӣ уҳдадоранд талаботи мақомоти қонунбарор ва иҷроияро риоя кунанд.

Батанзимдарории ғайримустақим ба фароҳам овардани заминаҳои мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ равона шудааст, то онҳо ба роҳҳое, ки бо ҳадафҳои сиёсати давлатӣ ҳангоми интихоби мустақилонаи қарорҳои иқтисодӣ мувофиқат мекунанд, равона карда шаванд. Онҳо, аз як тараф, ба ҳавасмандгардонии равандҳои инноватсионӣ ва, аз тарафи дигар, ба фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ ва фазои иҷтимоӣ-сиёсӣ барои рушди илмию техникӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шудаанд [10,с.47].

Барои минбаъд суръат бахшидани азхудкунии инноватсия, таъсиси бозори махсуси инноватсияҳо тавсия дода мешавад, ки бояд маҳсулоти илмӣ ва техникиро барои пешрафти ҳам бозори дохилӣ ва ҳам хориҷӣ, инчунин, ҳавасмандгардонии ҳукумат барои соҳибкории венчурӣ бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ ба фаъолияти инноватсионӣ тарғиб кунанд. Дар ин самт ҳамкории муассисаҳои ватанӣ бо марказҳои илмии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва бо дигар давлатҳои мутараққӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад [6,с.41].

Рушди фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ ва дилхоҳ маҷмуи маҳсулоти зермаҷмуӣ танҳо бо дастгирии давлат имконпазир аст, ки бояд шароит фароҳам оварад, ки ба ҳама субъектҳои бозори инноватсия барои рушд, тарғиб ва татбиқи онҳо дар истеҳсолот шароит фароҳам оварда шавад. Дар ин замина, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №144 «Консепсияи рушди инноватсионии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд, ки дар он омадааст: «Гузариши васеъ ба технологияҳои пешрафта ва шаклҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зарур аст ва муносибати босуръат ба дастовардҳои ҷаҳонии ин соҳа зарур аст. Аммо мавҷудияти сабабҳои асоснок дар Тоҷикистон ба ташкили дастовардҳои илмӣ дар соҳаи агросаноатӣ мусоидат намекунанд ва механизмҳои дастгирии давлатии комплекси агросаноатӣ, мутаассифона, суръати кофии рушди истеҳсолотро таъмин намегардонад. Дар асоси ин, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҷорӣ намудани навовариҳо дар истеҳсолот ҳоло беш аз ҳарвақта зарур аст» [6,с.3]. Дар доираи ин консепсия зарурати истифодаи васеи дастовардҳои илмӣ дар рушди истеҳсолоти кишоварзӣ асоснок карда шуд, зеро бисёр масъалаҳо дар ин соҳа то ҳол ҳалли худро наёфтаанд ё ҷараёнҳои алоҳидаи истеҳсолӣ бо суръати пасти ҳосилнокии меҳнат амалӣ карда мешаванд, инчунин, имконнопазирии ҳалли масъалаи таъмини аҳолӣ бо ғизои дастрас ва босифати ватанӣ дар ҳаҷме, ки ба стандартҳои оқилона ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки ғизо, ки дар Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 муайян шудааст, мувофиқат мекунад.

Ҳамин тариқ, таҳлил нишон медиҳад, ки дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон барои рушди самаранок ва инноватсионии соҳаҳои алоҳида имкониятҳои васеъ мавҷуданд. Ҳамаи ин бо фарогирии 30-35% истеҳсолкунандагони фаъоли кишоварзӣ, ки дастовардҳои илму техника ва коркарди самтҳои инноватсионии рушди истеҳсолот амалӣ карда мешавад, имконпазир аст.

АДАБИЁТ

1. Барфиев К.Х. Основные напрвления система статистических показателей эффективного использования земельных ресурсов//Экономика и бизнес: теория и практика.- 2016. -№1. – С.28-32.
2. Исайнов Х.Р. Аграрная реформа и некоторые проблемы развития мелиорации / Х.Р. Исайнов // Экономический вестник. -М., 2001. -№6. -С.123-132.
3. Исайнов Х.Р. Эколого-экономические проблемы развития мелиорации в сельском хозяйстве (на примере орошаемого земледелия Республики Таджикистан) / Х.Р. Исайнов. -Душанбе: «Диловар-ДДМТ», 2005.
4. Исмаилов Ш.М. Правовое регулирование предпринимательской и налоговой деятельности в Республике Таджикистан / Ш.М. Исмаилов. -Душанбе: Конуният, 1998.
5. Каюмов Н.К. Приоритетные направления стабилизации экономики Таджикистана / Н.К. Каюмов, Х. Умаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. –Душанбе, 2005. -№4. -С.71-79.
6. Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Љумњурии Тољикистон. -Душанбе, 2014. -23 с.
7. Назаров Т.Н. Некоторые проблемы развития рыночной экономики и повышения ее эффективности / Т.Н. Назаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. –Душанбе, 2006. -№2. -С.86-95.
8. Собирзода Н. Мукаммалсозии механизми танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор / Собирзода Н. -Душанбе: ДМТ, 2020. -40 с.
9. Собирзода Н.М. Асосҳои рушди инноватсионии бахши кишоварзии Тоҷикистон / Собирзода Н.М., Қодирзода Д.Б. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. -№1. -С.44-50.

10. Собирзода Н.М. Механизми молиявии танзими давлатии хоҷагии қишлоқ дар шароити муосир / Собирзода Н.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019. -№10. -С.5-9.
11. Собирзода Н.М. Ҳолат ва имкониятҳои тараққиёти баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ / Собирзода Н.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. -Қӯрғонтеппа, 2017. -№1/3(47). -С.230-233.
12. Собирзода Н.М. Самтҳои ташкили механизми танзими давлатии рушди хоҷагии қишлоқ / Собирзода Н.М., Қодирзода Д.Б. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. -№2. -С.23-30.
13. Собирзода Н.М. Танзими давлатии бахши кишоварзӣ дар доираи мактаби институтсионалӣ / Собирзода Н.М., Қодирзода Д.Б. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. -№9. -С.28-33.
14. Собирзода Н.М. Танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор. Монография / Собирзода Н.М., Қодирзода Д.Б., Қ.Х. Барфиев. -Душанбе: ДМТ, 2019. -208 с.
15. Собирзода Н.М. Таҷрибаи рушди хоҷагии қишлоқ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ / Собирзода Н.М., Қодирзода Д.Б. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. -№2. -С.44-50.
16. Собирзода Н.М. Шаклҳо ва усулҳои дастгирии давлатии молиявии соҳаи кишоварзӣ / Собирзода Н.М., Қодирзода Д.Б. // Журнали «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз». -Душанбе, 2020. -№1(69). -С.11-20.

САМТҲОИ АСОСИИ ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ БАХШИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур самтҳои асосии рушди фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ баррасӣ гардида, таъкид карда шудааст, ки дилхоҳ маҳсулоти зермаҷмуӣ танҳо бо дастгирии давлат имконпазир аст. Бинобар ин, бояд барои ҳама субъектҳои бозори инноватсия барои рушд, тарғиб ва татбиқи онҳо дар истеҳсолот шароит фароҳам оварда шавад. Яке аз тадбирҳои афзалиятнок пешниҳоди ташаккули низоми мутамаркази дастгирии инноватсионӣ дар дохили мамлакат, дастгирии машваратӣ ва иттилоотӣ-таҳлилӣ, маркетингӣ, патентӣ-литсензионии рушди инноватсионии бахши кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Татбиқи афзалиятҳои инноватсионии ҷумҳурӣ муттаҳидсозии саъю кӯшиши соҳибкорон, мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, илм ва таҳсилоти олиро барои пешбурди маҳсулоти илмӣ, техникӣ ва инноватсионӣ ба истеъмолкунандаро дар назар дорад. Аз таҳлили баррасигардида чунин хулосабарорӣ мешавад, ки дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон барои рушди самаранок ва инноватсионии соҳаҳои алоҳида имкониятҳои васеъ мавҷуданд. Ҳамаи ин бо фарогирии 30-35% истеҳсолкунандагони фаъоли кишоварзӣ, ки дастовардҳои илму техника ва коркарди самтҳои инноватсионии рушди истеҳсолот амалӣ карда мешавад, имконпазир аст. Барои минбаъд суръат бахшидан ба азхудкунии инноватсия, таъсиси бозори махсуси инноватсияҳо тавсия дода мешавад, ки бояд маҳсулоти илмӣ ва техникиро барои пешрафти ҳам бозори дохилӣ ва ҳам хориҷӣ, инчунин, ҳавасмандгардонии ҳукумат барои соҳибкории венчурӣ бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ ба фаъолияти инноватсионӣтарғиб кунанд.

Калидвожаҳо: хоҷагии қишлоқ, фаъолияти инноватсионӣ, дастгирии давлатӣ, инноватсия, маркетинг, маҳсулоти илмӣ, техникӣ ва инноватсионӣ, сармоягузорӣ, неруи зеҳнӣ, сиёсати давлатии инноватсионӣ, стратегияи рушди инноватсионӣ.

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗРАБОТКИ СТРАТЕГИИ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА ТАДЖИКИСТАНА

В статье рассмотрены основные направления развития инновационной деятельности в агропромышленном секторе и отмечается, что производство любого подотраслевого продукта возможно при непосредственной государственной поддержке. Поэтому для всех субъектов инновационного рынка для развития, агитации и реализации их продуктов в производство необходимо создавать условия. Одним из приоритетных мероприятий являются предложения по совершенствованию централизованной системы инновационной поддержки внутри страны, а также консультативная, информационно-аналитическая, маркетинговая и патентно-лицензионная поддержка сельского хозяйства. При этом инновационным приоритетом республики является объединение усилий предпринимателей, государственных органов, местного самоуправления, науки и высшего образования для предложения научных, технических и инновационных продуктов потребителям. В результате анализа делается вывод о том, что в аграрном секторе Таджикистана имеются большие возможности для эффективного и инновационного развития отдельных отраслей. Все это возможно при охвате 30-35% активных сельскохозяйственных товаропроизводителей, что осуществляется за счет достижений науки и техники и развития инновационных направлений развития производства. Для дальнейшего ускорения развития инноваций рекомендуется создание специального рынка инноваций, который должен продвигать научно-техническую продукцию для продвижения, как на внутреннем, так и на внешнем рынках, а также государственное стимулирование венчурного предпринимательства с целью привлечения иностранных инвестиций.

Ключевые слова: сельское хозяйство, инновационная деятельность, государственная поддержка, инновация, маркетинг, научная, техническая и инновационная продукция, финансирование, интеллектуальная собственность, государственная инновационная политика, стратегия инновационного развития.

MAIN DIRECTIONS OF THE DEVELOPMENT OF THE STRATEGY FOR INNOVATIVE DEVELOPMENT OF AGRICULTURE IN TAJIKISTAN

The article considers the main directions of development of innovative activity in the agro-industrial sector and notes that the production of any sub-sectoral product is possible with direct state support. Therefore, for all subjects of the innovation market for the development, promotion and implementation of their products in production, it is necessary to

create conditions. One of the priority activities is proposals for improving the centralized system of innovation support within the country, as well as advisory, information-analytical, marketing, patent and licensing support for agriculture. At the same time, the innovative priority of the republic is to unite the efforts of entrepreneurs, government bodies, local government, science and higher education to offer scientific, technical and innovative products to consumers. As a result of the analysis, it is concluded that in the agricultural sector of Tajikistan there are great opportunities for the effective and innovative development of certain industries. All this is possible with coverage of 30-35% of active agricultural producers, which is carried out due to the achievements of science and technology and the development of innovative directions for the development of production. To further accelerate the development of innovation, it is recommended to create a special innovation market, which should promote scientific and technical products for promotion, both in the domestic and foreign markets, as well as state stimulation of venture capital in order to attract foreign investment.

Keywords: agriculture, innovation activity, state support, innovation, marketing, scientific, technical and innovative products, financing, intellectual property, state innovation policy, innovation development strategy.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Собирзода Нуралӣ Миралӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва таҳлил. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **(+992) 902-44-80-80**

Қодирзода Диловар Баҳридин **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **(+992) 902-01-18-81.** E-mail: **dilovark@mail.ru**

Сведение об авторах: ***Собирзода Нурали Мирали*** **-** Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры бухгалтерского учета и анализа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 902-44-80-80**

Кодирзода Диловар Бахридин **-** Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 903-38-81-81**. E-mail: **dilovark@mail.ru**

Information about the authors: ***Sobirzoda Nurali Mirali*** **-** Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Accounting and Analysis. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone**: (+992) 902-44-80-80**

Kodirzoda Dilovar Bakhridin **-** Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 903-38-81-81.** E-mail: **dilovark@mail.ru**

УДК:338.246(575.3)

ТАҚОЗО БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТИББӢ ВА РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪМИНОТИ ОНҲО ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Мирбобоев Р.М., Саидова Ҳ.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар тули солҳои истиқлолияти давлатӣ соҳаи тандурустӣ дар мадди назари Ҳукумат қарор гирифта, дар Паёми ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ оид ба рушди соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла соҳаи тандурустӣ, беҳтарсозии солимии аҳолӣ ва дар ин замина баланд бардоштани некуаҳволии мардум вазифаҳои мушаххас гузошта мешавад. Дар соҳаи тандурустӣ амалигардонии барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла «Барномаи ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», «Барномаи миллии пешгирӣ, ташхис ва табобати саратон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015», «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020», «Барномаи тайёр намудани кадрҳои тиббӣ барои солҳои 2010-2020», «Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва як қатор дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки дар асоси онҳо бо истифода аз роҳу равишҳои гуногун то сатҳи муайян рушди соҳаи тандурустӣ ва дастрасии хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ таъмин карда шуд.

Амалигардонии стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатии қабулгардида заминаи имкониятҳои навро барои рушди соҳаи тандурустӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои кишвар бавуҷуд овард. Гузариш ба низоми маблағгузории нав дар асоси татбиқи барномаҳо оғоз гардид, ки зарурияти ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои истифодаи оқилонаи маблағҳои пешбинишуда ва пешниҳоди ҳаҷми зарурии хизмтарасониҳои тиббиро вобаста ба тақозои ҷомеа ба миён гузошта, таъмини фаъолияти низоми тандурустиро барои мутобиқ намудан ба талаботи иқтисодиёти бозорӣ роҳандозӣ гардонид.

Дар ҷумҳурӣ «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кумаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019» амалӣ гардонида шуда, таҷрибаи дар татбиқи он андухта давра ба давра тамоми кишварро фаро гирифта истодааст. Новобаста аз бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти соҳаи тандурустӣ ҳоло низ камбудиҳо дар ин соҳа, аз ҷумла дар масъалаи расонидани кумаки аввалияи тиббии аз ҳисоби буҷет маблағгузоришаванда ба мушоҳида мерасад.

Бояд қайд кард, ки дар ин барнома ҳаҷм, шакл ва шартҳои ба аҳолӣ расонидани кумаки санитарӣ-тиббии ройгон ва дар асоси имтиёз муайян карда шудааст, ки аз инҳо иборат аст:

- кумаки таъҷилии тиббӣ;
- кумаки аввалияи тиббӣ-санитарӣ;
- кумаки махсусгардонидашудаи тиббӣ дар шароити амбулаторӣ (бунгоҳӣ);
- бо доруворӣ ва ваксинаҳо таъмин намудан дар сатҳи амбулаторӣ;
- имуннопрофилактика;
- кумаки тиббӣ дар статсионар;
- кумаки дандонпизишкӣ;
- чорабиниҳои зиддиэпидемологӣ ва санитарию гигиенӣ.

Дар асоси ин барнома шаклу ҳаҷм ва механизми танзими тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ вобаста ба шароити расонидани он низ муқаррар гардидааст.

Мутобиқи барномаи кафолати давлатӣ ёрии таъҷилӣ ва таъминоти доруворӣ ба ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ дар ҳолати ба ҳаёт хатар эҷод намудани беморӣ, ногаҳон беморшавии хислати таъҷилидошта, ҳолатҳои нохуш, захмбардорӣ ва заҳролудшавӣ то ба ҳолати муътадил омадани бемор ройгон таъмин карда мешавад. Аммо, қайд кардан зарур аст, ки на ҳама вақт ин талаботи барнома дар амал риоя мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити муосир тақозо ба хизматрасониҳои тиббии статсионарӣ аз арзаи он дар сатҳи кумакҳои аввалияи тиббӣ зиёд аст. Дар сатҳи кумакҳои аввалияи тиббӣ пардохт аз рӯйи меъёри сарикасӣ анҷом дода мешавад. Чунин хулоса намудан мумкин аст, ки новобаста аз сифати хизматрасонии тиббӣ, тибби аввалия

дар ҳама ҳолат фонди пулиро соҳиб мегардад, ки дар аввали сол вобаста ба шумораи аҳолии хизматрасонидашаванда ҳисоб карда шуда, аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ карада мешавад. Баландбардории нақшавии музди кори кормандони тиббӣ низ наметавонад ба афзоиши тақозо ба хизматрасониҳои тиббии аввалия таъсир расонад. Барои он ки тақозо ба хизматрасониҳои тиббии аввалия, пеш аз ҳама, арзаи он бояд афзоиш дода шавад, ки ҳавасмандии аҳолиро барои ин навъи хизматрасониҳо афзун намояд ва чун натиҷа тақозои онҳоро ба истифодаи чунин хизматрасонӣ зиёд карда, ба хизматрасониҳои статсионарӣ кам намояд.

Камшавии тақозо ба хизматрасониҳои статсионарӣ байни кӯдакони синни то 16-сола ва аҳолии қобили меҳнат тавассути профилактикаи беморӣ ва саривақт расонидани кумаки тиббӣ, махсусан, ба бемориҳое, ки бистарисозии онҳо дар асоси табобати хуб ва сари вақтӣ дар сатҳи амбулаторӣ бартараф карда мешавад, имконпазир мегардад.

Агар ҳолатеро ба инобат гирем, ки дар таркиби хароҷоти хонаводаҳо афзоиши хароҷоти хариди доруворӣ барои табобати амбулаторӣ аз 30 то 40%-ро ташкил диҳад, тахмин намудан мумкин аст, ки афзун намудани кумаки доруворӣ бо шартҳои ба аҳолӣ ва соҳаи тандурустӣ мувофиқ метавонанд ба афзоиши арзаи хизматрасониҳои аввалияи тиббӣ, афзоиши тақозои аҳолӣ ба онҳо ва дар ниҳоят ба кам шудани тақозо ба хизматрасониҳои статсионарҳо оварда расонад. Дар ин асос, пешниҳод намудан мумкин аст, ки зиёд шудани кумакҳо ҷиҳати дастрасӣ ба доруворий ройгон ё имтиёзнок дар сатҳи амбулаторӣ дар ҳолати беморӣ, табобати дурусти онҳо метавонад ба кам шудани тақозо ба хизматрасониҳои статсионарӣ оварда расонад.

Дар асоси таҳлили вазъи муосири хизматрасониҳои тибби аввалия тарафҳои мусбат ва манфии онро муайян намудан мумкин аст, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст (ниг.ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Тарафҳои мусбат ва манфии хизматрасониҳои тиббии аввалия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Table 1. Pros and cons of primary health care in the Republic of Tajikistan

Тарафҳои мусбат	Тарафҳои манфӣ
- афзоиши тақозои танзим-шаванда ба хизматрасониҳои тиббии аввалия ҳамчун натиҷаи кам шудани тақозо ба хизматрасониҳои статсионарҳо; - табобати дуруст ва муосир дар сатҳи амбулаторияҳо; - танзимнамоии тақозо ба маводи доруворий сифатнок, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст; - самаранок истифода намудани дорувориҳои зиддибактериявӣ; - нисбатан самаранок идора намудани табобати бемориҳо дар сатҳи тиббии аввалия.	- зиёдшавии сарбории табибон, махсусан аз ҳисоби навиштани дорухатҳо; - набудани ҳавасмандӣ барои баланд бардоштани сифати корий ҳайати кормандони тибби аввалия; - нарасидани табибони тиббӣ- санитарии аввалия, махсусан дар деҳоти кишвар; - суст инкишоф ёфтани шабакаи дорухонаҳо дар деҳот (дар аксари минтақаҳо вуҷуд надоранд).

Манбаъ: аз тарафи муаллифон таҳия гардидааст.

Аз ҷадвали мазкур мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар баробари бартариҳо, камбудиҳои соҳаи хизмтрасониҳои тиббӣ-санитарӣ ва тибби аввалия низ мавҷуд мебошад. Масалан, наздик 75%-и аҳолии ҷумҳурӣ дар деҳот зиндагӣ менамоянд ва таъмин намудани аҳолӣ бо хизматрасониҳои тиббии аввалия ва ташкил намудани дорухонаҳо дар деҳот яке аз масъалаҳои муҳим мебошад. Чунин хулоса намудан мумкин аст, ки зиёд намудани таъминоти имтиёзноки доруворӣ, яъне афзуншавии тақозо ба хизматрасониҳои тиббии аввалия, батартибдарории тақозо ба маводи доруворӣ, кам гардидани хароҷоти оилаҳо барои хариди доруворӣ таъсир расонида, барои кам намудани монеаҳо дар самти гирифтани табобати саривақтӣ ва дуруст ва кумаки доруворӣ дар сатҳи амбулаторӣ мусоидат менамояд ва мутаносибан самаранокии захираҳои гузоштаро афзун мегардонанд.

Баланд бардоштани музди кори кормандони тибби аввалия ва ҷорӣ намудани механизми ҳавасмандгардонӣ ба беҳтарсозии хизматрасониҳои тибби аввалия низ

метавонад барои диққатҷалбкунанда гардидани тибби аввалия мусоидат намояд. Таҳлили самтҳои мусбат ва манфии тибби аввалия дар ҷадвали 1 ҳолати дар боло зикргардидаро асоснок менамояд. Инчунин, таъмин будан ба кадрҳои зарурӣ дар сатҳи тибби аввалия низ тасдиққунандаи фикри дар боло дарҷгардида мебошад. Таҳлилҳои гузаронидашуда ифодагари он аст, ки то ба имрӯз дар ҷумҳурӣ таъминот бо кадрҳо дар сатҳи тибби аввалия беҳбуди металабад. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 бо кадрҳои тибби аввалия таъмин будани аҳолӣ, ҳамагӣ 21 нафар ба 10 000 нафар аҳолиро ташкил дод, ки нисбат ба қисми зиёди давлатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ин нишондиҳанда ду маротиба камтар мебошад (ниг. ба ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Шумораи табибони оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 10000 нафар аҳолӣ
Table 2. Number of family doctors in the Republic of Tajikistan per 10,000 population

	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2018	2019
Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ	20,3	20,4	20,8	20,8	20,6	21,0	20,9	20,7
ВМКБ	23,1	22,9	22,3	21,9	21,9	22,0	22,0	21,4
в.Хатлон	10,6	10,8	11,3	11,2	11,3	11,5	11,6	11,5
в.Суғд	20,0	19,5	19,3	19,0	18,9	19,3	19,3	19,5
ш.Душанбе	75,6	77,1	79,7	81,6	80,6	82,5	83,3	82,1
НТҶ	12,4	12,6	13,0	13,0	12,9	12,9	12,3	11,8

Манбаъ: Омори солона. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. -С.158.

Аз таҳлили ҷадвали мазкур мушоҳида намудан мумкин аст, ки шумораи духтурони ҳамаи ихтисосҳо ба 10000 нафар аҳолӣ дар соли 2019 ба 20,7 нафар расидааст. Дар шаҳри Душанбе гарчанде қисми зиёди беморхонаҳо дар он ҷо қарор доранд, норасоии духтурон мушоҳида карда мешавад. Агар дар соли 2012 ин нишондод дар шаҳри Душанбе ба 10000 нафар аҳолӣ 75,6 нафар рост меомад, дар соли 2019 бошад, ба 82,1 нафар расидааст, ки аз нишондоди умумиҷумҳуриявӣ чор маротиба зиёд аст. Ҳамин нишондиҳанда дар соли 2019 дар НТҶ - 11,8, вилояти Суғд - 19,5, вилояти Хатлон – 11,5 ва ВМКБ – 21,4 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба шаҳри Душанбе нишондоди паст ба ҳисоб меравад. Дар Тоҷикистон таъминоти аҳолӣ бо табибони оилавӣ ба 10000 нафар аҳолӣ нисбати соли 2012 дар соли 2019 1,9% афзоиш ёфтааст. Новобаста ба афзоиш ёфтани шумораи табибони оилавӣ ҳанӯз ҳам дар деҳоти Тоҷикистон ин масъала ҳалли худро наёфтааст. Мушкилоти асосии хизматрасониҳои тиббӣ дар деҳот бевосита набудан ё дур будани марказҳои тиббӣ, амбулаторияҳо аз маҳалҳои аҳолинишин ва норасоии кадрҳои соҳаи тандурустӣ мебошад. Аз сабаби паст будани музди кор ва набудани шароити корӣ дар муассисаҳои тиббии деҳот табибон хоҳиши кор кардан дар чунин муассисаҳоро надоранд ва пайваста кӯшиш менамоянд, ки ба хориҷи кишвар ҳиҷрат кунанд ва ё ба муассисаҳои тандурустии маркази ноҳия, вилоят ё шаҳрҳо рафта фаъолият намоянд. Бинобар ин, тавре дар боло қайд кардем, яке аз роҳҳои асосии афзун намудани тақозо ба хизматрасониҳои амбулатории тиббӣ - ин баланд бардоштани музди кори кормандони тибби аввалия, махсусан, кормандони амбулаторӣ мебошад.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ масъалаи муайяннамоӣ ва баҳисобгирии тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар иртибот бо ин дар адабиёти муосири илмӣ равишҳои гуногун барои ҳисоб кардани тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ пешниҳод карда шудааст. Масалан, Н.Г. Малахов (1998 с.) барои ҳисоби тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ формулаи зеринро пешниҳод намудааст [1,с.160]:

$$\mathbf{C=N \times П}$$

Дар ин ҷо: С – тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ; N – шумораи беморони муроҷиатнамуда; П – коэффитсиенти миёнаи муроҷиат барои хизматрасониҳои тиббӣ.

Тибқи формулаи дар боло овардашуда ҳисоби дурусти тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ ҳангоми муроҷиат намудани беморон ба муассисаҳои тандурустӣ дар фосилаи муайяни вақт (масалан барои як сол) имконпазир мебошад.

Гарчанде муассисаҳои тандурустӣ ба шумораи муроҷиаткунандагон (N), таъсир расонида наметавонанд, аммо коэффитсиенти миёнаи истифодаи хизматрасониҳои тиббиро ба воситаи ворид кардани тағйирот дар нархи хизматрасонӣ ва рекламаю тезонидани хизматрасониҳои тиббӣ тағйир додан мумкин аст.

Ҳангоми банақшагирии ҳаҷми хизматрасониҳои тиббӣ на танҳо сабабҳои тағйирёбии тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ, балки ҳаҷми онҳо диққатҷалбкунанда мебошад. Ҳаҷми тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ ҳангоми баланд бардоштани (паст намудани нарх) метавонад тағйир ёбад. Аз ин рӯ, барои муассисаи тиббӣ муайян намудани он зарур аст, ки то кадом андоза тағйирёбии нарх ба хизматрасониҳои тиббӣ ё даромади беморон таъсир мерасонад. Барои ин нишондиҳандаи чандирии тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ истифода мегардад, ки таносуби тағйирёбии ҳаҷми тақозоро ҳангоми 1% тағйир ёфтани нархи хизматрасониҳои тиббӣ нишон медиҳад.

Як қатор вариантҳои чандирии нархии тақозо мавҷуд аст, ки мо аз он се навъи асосиашро барои таҳқиқи масъала ҷудо менамоем (ниг.ба расми 1).

Расми 1. Чандирии тақозо
Figure 1. Flexibility of demand



а) б) в)

а) чандир, б) ғайричандир, в) чандирии воҳидӣ

1. Тақозо чандир аст (Ed>1), агар нисбатан тағйирёбии нарх P ба тағйирёбии назарраси ҳаҷми фурӯш таъсир расонад Q (расми 1.а). Масалан, агар пастшавии нархи хизматрасонии тиббӣ ба андозаи 2% ба афзоиши тақозо то 4% оварда расонад, пас тақозо чандир аст. Паст шудани нарх гарчанде дар маҷмуъ ба кам гардидани даромади умумӣ оварда расонад ҳам, афзоиши фурӯш на танҳо зарарро аз ҳисоби пастшавии нарх, балки даромаднокиро низ афзун мегардонад. Ҳамин тавр, тағйирёбии нарх тағйирёбии фурӯшро ба самти муқобил равона месозад.

2. Тақозо ғайричандир аст (Ed P1Q1, дар ҷое P1 – нарх то қиматшавӣ, P2 – нарх баъди қиматшавӣ, Q1 – тақозо то қиматшавӣ, Q2 – тақозо баъди қиматшавӣ. Аммо, агар дар минтақа боз ягон маркази тиббӣ, маҳсхона кушода шавад, тақозои ғайричандир қобили қабул нест. Зеро афзоиши арзаи хизматрасониҳои тиббӣ ба якбора паст гардидани нархи бозорӣ ва даромаднокӣ оварда мерасонад. Мисоли тақозои ғайричандир тақозои беморони диабети қанд ба инсулин ва дигар доруворихои ҳаётан зарур шуда метавонанд. Тамоми инсулинҳои сифати хубдошта дар хориҷа истеҳсол карда мешаванд ва вобаста ба тағйирёбии қурби асъор ва таваррум нархи онҳо афзоиш ёфта истодааст. Аммо, тақозо ба ин доруворӣ бетағйир мемонад, зеро бе ин доруворӣ ҳаёти ин беморон зери хавф қарор мегирад.

3. Чандирии воҳидии тақозо (Ed=1) дар ҳолате мешавад, ки тағйирёбии фоизии нарх бо тағйирёбии ҳаҷми фурӯш баробар аст (расми. 1.(в)).

Аҳамияти амалии назарияи тақозо дар бештари ҳолатҳо дар соҳаи тандурустӣ низ истифодашаванда аст. Дар солҳои охир дар тамоми дунё тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ афзоиш ёфта истодааст, ки зери таъсири нишондодҳои поён мебошад:

1. Ҳаҷми хизматрасониҳои истифодашавандаи тиббӣ аз дараҷаи нархашон кам вобастагӣ доранд. Чунин ҳисобида мешавад, ки тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ мутаносибан ғайричандир аст (EdP≈0,2). Афзоиши 10%-и нарх ҳамагӣ ба 2% паст гардидани тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ оварда мерасонад. Чунин ғайриэҳсосии харочот ба тандурустӣ оид ба нарх ба ҳолатҳои зер алоқаманд аст:

а) одамон чунин меҳисобанд, ки истифодаи хизматрасониҳои тандурустӣ ин зарурат аст ва тақрибан ивазкунандаи самараноки хизматрасониҳои тиббӣ мавҷуд нест;

б) хизматрасониҳои тиббӣ дар як қатор ҳолатҳо ҳангоми рух додани ҳодисаҳои нохуш расонида мешавад, ки дар ин вақт нарх ба инобат гирифта намешавад;

в) қисми зиёди аҳолӣ кӯшиш менамоянд, ки бо табибон робитаи дарозмуддат дошта бошанд ва кам дар ками онҳо ҳангоми афзоиши нарх ба ҷустуҷӯйи табиби нав мешаванд;

г) дар давлатҳои хориҷӣ қисми зиёди истифодабарандагони хизматрасониҳои тиббӣ суғуртаи тиббӣ доранд ва онҳо ба нархи хизматрасонӣ он қадар аҳамият намедиҳанд.

2. Афзоиши даромади миллӣ ба афзоиши тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ оварда мерасонад. Хизматрасониҳои тиббӣ барои ҳамаи гурӯҳи аҳолӣ зарур аст ва ҳамчун моли доимо ба он эҳтиёҷдошта коэффитсиенти чандирии он вобаста ба даромад (EdR) барои аҳолӣ ба 1% баробар аст.

3. Пиршавии аҳолӣ, ки ба афзоиши тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ оварда мерасонад, зеро пиронсолон зиёдтар бемор мешаванд ва аз маводи дорувории бештар истифода мебаранд.

4. Тарзи ҳаёти носолим. Зиёд истифода намудани нӯшокиҳои спиртӣ, тамокукашӣ ба саломатии инсон таъсири бад мерасонад ва яке аз омили асосии афзоиши тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ мегардад.

Дар ин иртибот, зарурияти гурӯҳбандии тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ ба миён меояд. Вобаста ба соҳаи тандурустӣ В.Ф. Шарапов [2,с.118] гурӯҳбандии зерини тақозоро ба хизматрасониҳои тиббӣ пешниҳод менамояд:

- тақозои нақшавӣ - ин тақозо ба хизматрасониҳои тиббии ҳудуди маъмурӣ мебошад, ки дар асоси нишондиҳандаи беморшавии умумӣ ва нишондоди ин ё он намуди хизматрасонии тиббӣ дар гурӯҳи муайяни аҳолӣ ҳисоб карда мешавад;
- тақозои воқеӣ - ин миқдор ва сифати хизматрасониҳои тиббии дар воқеъ талаботи зиёддошта аз ҷониби заруратдоштагон ва истифодабарандагони хизматрасониҳои тиббӣ вобаста ба вазъияти баамаломадаи беморӣ дар марҳилаи мушаххаси вақт мебошад.

Фарқияти байни тақозои нақшавӣ ва воқеӣ аз рӯйи ҳар гуна хизматрасониҳои тиббӣ нишондиҳандаи тақозои камталаботро нишон медиҳад, ки сатҳи рушди иқтисодии соҳаи тандурустиро дар минтақа ифода намуда, муносибати худи аҳолии ҳудуди маъмуриро ба саломатиашон нишон медиҳад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ сатҳу сифати хизматрасониҳои тиббӣ ва қонеъ гардонидани тақозои аҳолӣ ба онҳо аз мавҷудияти захираҳои молию пулӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, дар ҳолати маҳдудияти захираҳо масъалаи истифодаи оқилона ва самараноки захираҳо аҳамияти махсус касб мекунад. Дар кишвари мо, ки то андозае маҳдудияти захираҳо ҷой дорад, истифодабарии ғайриоқилонаи захираҳо барои ин ё он хизматрасониҳои тиббӣ ба он оварда мерасонад, ки барои иҷрои хизматрасониҳои дигари тиббӣ маблағ камтар мемонад, ё тамоман дастнорас мегардад.

Мувофиқи ақидаи Шарипова Б.Б. маҳдудияти захираҳо тақозо менамояд, ки ҳамеша аз интихоби алтернативии ташкил ва пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ ва қабули қарор барои рушди ояндаи низоми тандурустӣ бояд амал намуд [3,с.118]. Унсурҳои асосии таҳлил ва қабули қарорҳоро, ба ақидаи мо, дар шакли схемаи дар расми 2 овардашуда пешниҳод намудан мумкин аст, ки аз чунин марҳилаҳо иборат мебошад:

1. Муайян намудани мақсад. Мақсад аз он иборат аст, ки дар натиҷаи қабули қарор чӣ ба даст оварда мешавад.
2. Муайян намудани алтернативаи расидан ба ҳадаф.
3. Муайян намудани оқибати амалисозии алтернатива.
4. Муайян намудани меъёрҳо барои тақсимоти интихоби алтернативӣ аз рӯйи нишондиҳандаи дастоварди мақсад. Меъёрҳо барои алоқаманд намудани мақсад, интихоби алтернативӣ ва оқибатҳо хизмат менамоянд.
5. Коркарди модел (амсила). Асоси таҳлили қабули қарор ташкил намудани раванде мебошад, ки барои пешгӯйӣ намудан, ё ҳадди ақал нишон додани оқибати истифодаи алтернатива мусоидат намояд.

Агар самтҳои фаъолият дуруст муайян карда шуда бошад, пас модел бояд муайян созад, ки оқибатҳои истифодабарӣ чӣ гуна мешавад ва то чӣ андоза мақсади гузошташуда амалӣ мегардад. Расидан ба мақсад метавонад ба гузоштани мақсадҳои нав мусоидат намояд. Ҳамзамон, арзёбии иқтисодии самаранокии хизматрасониҳои тиббӣ тавассути муқоиса намудани харочот бо натиҷаҳо амалӣ мегардад.

Расми. 2. Схемаи интихоби варианти самараноки хизматрасониҳои тиббӣ
Official. 2. The scheme of selection of the most effective option of medical services



Манбаъ: коркарди муаллифон

Дар баъзе мавридҳо барномаҳои ҷудогона бо роҳи муттаҳидсозии хароҷоти истеҳсолӣ ва натиҷаи бадастомада таҳлил карда мешавад. Ин шакли таҳлилро шартан ҳамчун таҳлили қисмӣ баррасӣ намудан мумкин аст, ки барои муайян кардани самаранокии барномаҳои ивазшаванда истифода карда мешаванд. Агар мақсади арзёбии иқтисодӣ тақсимоти барнома бошад, дар ин мавриди усули пурраи арзёбии иқтисодӣ истифода карда мешавад.

Аз коркарди схемаи мазкур мушоҳида намудан, мумкин аст, ки барои интихоби варианти самараноки хизматрасонии тиббӣ, пеш аз ҳама, бояд проблема муайян ва асоснок карда шавад. Баъдан мақсад ва меъёрҳои хизматрасонии тиббӣ муайян карда шуда, самти фаъолият вобаста ба мақсади гузошта пешбинӣ карда мешавад. Дар ин асос, роҳҳои алтернативии хизматрасониҳои тиббӣ тавассути ҷамъоварии иттилооти зарурӣ муайян карда шуда, модели хизматрасонии тиббӣ коркард ва аз санҷиш гузаронида мешавад.

Таҳлили имконпазири вариантҳои алтернативӣ барои хизматрасониҳои тиббӣ гузаронида шуда, то чӣ андоза истифодашавандагии вариантҳои пешниҳодгардида муайян карда мешавад. Арзёбии арзиш ва самаранокии хизматрасониҳои тиббӣ вобаста ба фоиданокӣ (судмандӣ)-и он гузаронида мешавад. Ҳамин тариқ, ин схема метавонад барои интихоби самараноки хизматрасонии тиббӣ дар коркарди модели муносиби хизматрасониҳои иҷтимоӣ истифода карда шавад.

Дар ҷумҳурӣ барои дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ “Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020” қабул гардидааст, ки дар доираи он меъёри самарабахши иҷтимоӣ ва ченаки аз нигоҳи иҷтимоӣ асоснок будани тандурустӣ дар қаламрави кишвар муайян карда шудааст. Мувофиқи он тамоми захираҳои тандурустӣ барои ҳамаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар дастрас мебошанд [3,с.34]. Аз нигоҳи ҳуқуқӣ баробар дастрас будани хизматрасониҳои тиббӣ кафолати конститутсионӣ, ҳам барои шаҳрвандони Тоҷикистон ва ҳам шаҳрвандони хориҷие, ки барои зисти муваққатӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, мебошад.

Дар Стратегияи мазкур фарогирии ҳудудии хизматрасониҳои тиббӣ низ аз мадди назар дур намондааст. Вобаста ба маҳалли зисти аҳолӣ, яъне нуқтаҳои аҳолинишини хурд, миёна ва калон тибқи ҷадвали штатӣ хизматрасониҳои тиббӣ (тибби оилавӣ, табиби оилавӣ) таъмин карда мешавад. Тибқи Стратегия кафолатҳои кумаки ройгон ва имтиёзнок дар соҳаи тандурустӣ пешбинӣ гардидааст. Аммо, монеаи ҷиддие дар раванди дастрасии баробар ба кумаки ройгон ва имтиёзнок ба миён омадааст. Моҳияти ин монеа аз он иборат аст, ки пардохти ғайрирасмии мустақиме, ки кормандони тиббӣ аз

муроҷиаткунандаҳо ва аъзои оилаи онҳо талаб мекунанд аз ҳаҷми кумаки пешбинишуда бештар мебошад.

Аз ин рӯ, кафолати давлатии ройгон ё қисман пардохтшаванда будани кумаки тиббӣ бояд дар асоси муносибатҳои зерин ба танзим дароварда шавад:

• кумаки ройгон бояд пурра аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ гардад ва бо захираҳои зарурӣ таъмин бошад;

• баробар кардани сарбории молиявӣ вобаста ба гурӯҳҳои даромади баланддоштаи аҳолӣ ва паст кардани сатҳи хизматрасониҳои пулакии тиббӣ ба аҳолии камбизоат. Ба ақидаи мо, бояд зина ба зина барои оилаҳои камбизоат низоми ҳампардохт ҷорӣ гардад;

• дар асоси барномаи кафолати давлатӣ бояд на танҳо дар доираи ноҳияҳои пилотӣ, балки тамоми минтақаҳои Тоҷикистон дастрасӣ ба хизматҳои тиббии ройгон ё имтиёзнок таъмин гардад.

Ҳамин тавр, дар ҷамъбаст хулоса намудан мумкин аст, ки тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ дар шароити муосир на ҳамеша чандир мебошад. Зеро дар ҳолати пайдо шудани тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ (ба садама ва ё бемории вазнин дучор гардидан, ки ба ҳаёти шахс хавф дорад) нархи хизматрасониҳо бемор ё оилаҳои беморонро кам ташвиш медиҳад, яъне дар ин гуна ҳолатҳо нарх он қадар таъсир надорад. Муайян карда шуд, ки яке аз ҳуҷҷатҳои зарурии танзими хизматрасониҳои тиббӣ «Барномаи кафолати давлатӣ» мебошад, ки ҳаҷм, шакл ва тарзи расонидани хизматҳои тиббиро ба аҳолӣ муайян менамояд.

Муқарриз: н.и.и., дотсент Икромов Ф.Н.

АДАБИЁТ

1. Бурменко, Т.Д. Состояние сферы социально значимых услуг в мире (на примере здравоохранения и образования) [Текст] / Т.Д. Бурменко, Е.Г. Тарханова // Изв. Иркутс. гос. экон. акад. Сер.: Экономика и экономические науки. - 2013. -№5. -С109-115.
2. Джаббаров, А.Дж. Социальная защита населения как фактор общественного развития [Текст] / А.Дж. Джаббаров. –Душанбе: Маориф, 1997. -С.99-105.
3. Здравоохранение в Республике Таджикистан: 25-лет государственной независимости [Текст] //Статистический сборник. –Душанбе: АСПРТ, 2016. -С.6-9.
4. Кадыров, Д.Б. Развитие медицинских услуг в условиях переходной экономики [Текст] / Д.Б. Кадыров. - Душанбе: Ирфон, 2007. -112 с.
5. Малахова Н.Г. Маркетинг медицинских услуг / Н.Г. Малахова. –М., 1998. -160 с.
6. Омори солона. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2018.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018.
8. Салтман Р. Реформы системы здравоохранения в Европе. Анализ современных стратегий / Р. Салтман, Дж. Фигейрас; пер. с англ. –М.: ГЭОТАР Медицина, 2000. -С.65-67.
9. Столяров С.А. Рынок медицинских услуг: Некоторые его характеристики, проблемы и аспекты управления / С.А. Столяров. -3-е изд. испр. и дополн. -Барнаул: Аз Бука,2005. -269 с.
10. Шарипова Б.Б. Экономические основы формирования и развития рынка медицинских услуг в Республике Таджикистан: автореферат кандидатской диссертации / Б.Б. Шарипова. -Душанбе, 2004. -С.18-19.
11. Critical challenges for health care reform in Europe / State of health. Подред. Салтман Р., ФигейрасДж, Сакелларидес К., Open University Press, Buckingham, Philadelphia. - 2000. -С.70.
12. World Development Report. The International Bank for Reconstruction and Development / The World Bank Oxford University Press. - 1993. -С.7.

ТАҚОЗО БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТИББӢ ВА РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪМИНОТИ ОНҲО ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур шароити махсуси ташаккул ва қонеъ гардонидани тақозо ба хизматрасониҳо дар соҳаи тандурустӣ ва роҳҳои босифат таъмини намудани онҳо, инчунин, ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ташкилӣ-технологии пешниҳоди хизматҳои тиббӣ бо дарназардошти аҳамияти иҷтимоӣ, номуайянӣ дар эҳтиёҷот, самти инфиродӣ доштани онҳо, мураккабӣ барои даркнамоӣ ва хусусиятҳои хосси зуҳуроти натиҷаи хизматрасониҳои тиббӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шудааст. Дар асоси таҳлил шакл ва шартҳои расонидани кумаки санитарӣ-тиббии ройгон ва дар асоси имтиёз муайян карда шуда, пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ, шакл, ҳаҷм ва механизми танзими тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ вобаста ба шароити расонидани онҳо асоснок карда шудааст. Муаллифон ташакукулёбии тақозоро ба хизматрасониҳои тиббӣ дар сатҳи статсионарҳо ва сатҳи тибби аввалия таҳқиқ намуда, тағйирёбандаҳои мусоидаткунанда ба афзоиши тақозо ба хизматрасониҳои тиббиро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ҳамзамон, дар мақола хусусиятҳои хосси қонеъ гардонидани тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ дар шароити муосир нишон дода шуда, зарурияти гурӯҳбандии тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ асоснок карда шудааст. Дар иртибот бо ин схемаи интихоби варианти самараноки хизматрасониҳои тиббӣ коркард ва пешниҳод

гардидааст, ки метавонад арзёбии арзиш ва самаранокии хизматрасониҳои тиббиро вобаста ба фоиданокӣ (судмандӣ)-и онҳо имконпазир гардонад ва барои интихоби усули самараноки хизматрасониҳои тиббӣ ва дар маҷмуъ коркарди модели муносиби хизматрасониҳои иҷтимоӣ истифода шавад.

Калидвожаҳо: хизматрасонӣ, хизматрасонии тиббӣ, тандурустӣ, нигоҳдории тандурустӣ, тибби аввалия, тақозо, тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ, тақозои чандирӣ, тақозои ғайричандирӣ, хизматрасонии ройгон, кафолати давлатӣ ва ғайра.

СПРОС НА МЕДИЦИНСКИЕ УСЛУГИ И СПОСОБЫ УЛУЧШЕНИЯ КАЧЕСТВА ИХ ОБЕСПЕЧЕНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье рассматриваются особые условия формирования и удовлетворения спроса на услуги здравоохранения и способы качественного их обеспечения, а также экономические, организационно-технологические аспекты оказания медицинских услуг с учетом социальной значимости, неопределенности спроса, индивидуальной направленности, сложности и специфики проявления результатов услуг медицинской деятельности. На основе анализа определены формы и условия оказания бесплатной медико-санитарной помощи и на льготной основе, а также обоснована форма, объем и механизм регулирования спроса на оказание медицинских услуг. Авторы показывают формирование спроса на медицинские услуги на уровне стационара и первичной медико-санитарной помощи, а также исследуют переменные, способствующие увеличению спроса на услуги здравоохранения. Вместе с тем, в статье освещена специфика удовлетворения спроса на медицинские услуги в современных условиях и обоснована необходимость классификации спроса на услуги здравоохранения. В этой связи разработана и предложена схема выбора эффективного варианта оказания медицинских услуг, который позволит оценивать стоимость и эффективность медицинских услуг с точки зрения их необходимости (полезности) и использовать их для выбора эффективного метода оказания медицинских услуг и в целом в разработке соответствующих моделей социальных услуг.

Ключевые слова: услуги, медицинские услуги, здравоохранение, первичная медицинская помощь, спрос, спрос на медицинские услуги, гибкий спрос, негибкий спрос, бесплатные услуги, государственная гарантия.

DEMAND FOR MEDICAL SERVICES AND WAYS TO IMPROVE THE QUALITY OF THEIR PROVISION IN MODERN CONDITIONS

This article discusses the special conditions for the formation and satisfaction of demand for health services and ways to provide them with high-quality, as well as economic, organizational and technological aspects of the provision of medical services, taking into account the social significance, uncertainty of demand, individual orientation, complexity and specifics of the manifestation of the results of medical services. Based on the analysis, the forms and conditions of providing free medical and sanitary care and on a preferential basis are determined, as well as the form, volume and mechanism of regulating the demand for the provision of medical services are justified. The authors show the formation of demand for medical services at the hospital and primary health care levels, and also investigate the variables that contribute to an increase in demand for health services. At the same time, the article highlights the specifics of meeting the demand for medical services in modern conditions and justifies the need to classify the demand for health services. In this regard, a scheme for choosing an effective option for providing medical services has been developed and proposed, which will allow assessing the cost and effectiveness of medical services from the point of view of their necessity (usefulness) and using them to choose an effective method of providing medical services and, in general, in developing appropriate models of social services.

Keywords: services, medical services, healthcare, primary medical care, demand, demand for medical services, flexible demand, inflexible demand, free services, state guarantee.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Мирбобоев Раҳматуло Мадаюбович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **903-44-70-00**

Саидова Ҳисния Маҳмадулоевна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи умумидошигоҳии назарияи иқтисод. **Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **934-53-33-55**

Сведение об авторах: ***Мирбобоев Рахматуло Мадаюбович*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телелефон: **903-44-70-00**

Саидова Хисния Махмадулоевна – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры экономической теории. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телелефон: **934-53-33-55**

Information about the authors: ***Mirboboev Rahmatulo Madayubovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **903-44-70-00**

Saidova Khisnia Makhmaduloevna - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the University-wide Department of Economic Theory. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **934-53-33-55**

УДК 336.71(575.3)

ҲОЛАТИ МУОСИРИ ЗАХИРАҲОИ ҶАЛБШУДА ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ТАШАККУЛИ ЗАХИРАҲОИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шарифзода Н.Ш., Ғаюров Ғ.Ҳ., Раҳимзода Ш.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Дар амалия, собит гардидааст, ки фаъолияти субъектони иқтисодӣ, аз ҷумла савдо, саноат, сохтмон ва ғайра бидуни сармояи бонкӣ роҳандозӣ намегардад. Дар ин раванд иштироки ташкилотҳои қарзӣ ҳатмӣ дониста мешавад. Зеро ташкилотҳои қарзӣ дар шароити муосир таъмингари иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ ва сармоя мебошанд. Бинобар ин, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ баҳри таъмини талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо хизматрасониҳои худ ба захираҳои молиявӣ эҳтиёҷ доранд. Захираҳои молиявии бонкҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногун ташкил карда мешаванд.

Вобаста ба ин, қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз сарчашмаҳои асосӣ, ин захираҳои худии бонк ба ҳисоб рафта, ҳангоми ташкилшавии бонк аз ҳисоби саҳмгузорон ташкил гардида, барои амалигардонии мақсадҳои гузошташуда истифода мешавад. Гуфтан мумкин аст, ки бонк ба воситаи захираҳои худӣ фаъолияташро оғоз намуда, бо истифода аз он ба ҷомеа хизматрасонӣ менамояд. Яке аз сарчашмаҳои дигари захираҳои бонкӣ ин захираҳои ҷалбшуда ба ҳисоб меравад, ки ба воситаи ҷалби муштриён дониста мешавад. Ҳадафи асосии ҷалби мизоҷон ба бонк ин ба вуҷуд овардани муносибатҳои молиявӣ, таъмини иқтисодиёт бо пул ва баланд бардоштани вазъи иқтисодии мамлакат мебошад. Барои ниол гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда бонкҳоро зарур аст, ки тамоми самтҳои вазъи иқтисодию иҷтимоиро омӯзад ва баррасӣ намояд.

Дар шароити имрӯза барои пурра таъмин намудани иқтисодиёти мамлакат бо пул захираҳои бонкӣ қаноаткунанда набуда “чунин гуфтан мумкин аст, ки захираҳои бонки тиҷоратӣ таъсири худро ба бонк, дорандагони амонату пасандозҳо, қарзгирандагону қарздиҳандагон ва ҳатто ба давлат мерасонад” [13,с.149] ва ин яке аз мушкилотҳои асосӣ ба ҳисоб меравад ва дар ин замина низ Шоасалов Н.Қ., қайд менамояд, ки “пасандозҳо яке аз сарчашмаҳои асосии маблағузории дохилӣ ва афзудани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ мебошад, лекин, мутаассифона, низоми бонкии кишвар солҳои охир бо мушкилот ва монеаҳои зиёд дучор гардид, ки, албатта, натиҷаи таъсири омилҳои гуногун мебошад” [15,с.157]. Дар баробари ин, омилҳои зиёди дигаре низ мавҷуданд, ки ба сатҳи афзоиши захираҳои ҷалбгардидаи бонкҳо таъсир мерасонанд (расми 1).

Расми 1. Омилҳои таъсиррасонанда ба захираҳои ҷалбкардашудаи бонкҳо
Figure 1. Factors influencing the attracted reserves of banks

Сарчашма: Таҳияи муаллифон.

Аз маълумотҳои расми 1 ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар маҷмуъ, омилҳои таъсиррасонанда ба захираҳои ҷалбкардашудаи бонкиро ба омилҳои беруна ва дохила ҷудо намудан мумкин аст. Омилҳои мазкур дар навбати худ ба зеркисмҳои дигар низ ҷудо мешаванд. Омилҳои беруна аз бонкҳо вобаста намебошанд, зеро онҳо дар заминаи қарорҳои қабулнамудаи мақомотҳо, сатҳи зиндагии аҳолӣ, қобилияти кории

онҳо, инчунин, аз муносибатҳои дипломатӣ вобастагӣ доранд. Омилҳои дохила бошад, дар заминаи сиёсати низоми бонкдории кишвар, инчунин, аз сиёсати дохилии бонкҳои амалкунанда вобаста мебошад ва он барои бонк идорашаванда ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, бонкҳоро зарур аст, ки омилҳои мазкурро ба назар гирифта, фаъолияти худро идома диҳанд. “Имрӯз барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо аз фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ, сиёсати фискалӣ ва дигар сиёсатҳои доимамалкунандаву муваққатӣ истифода мебаранд ва мавқеи онҳо дар рушди иқтисод, инчунин, беҳбудбахшии захираҳои молиявии соҳаҳои гуногуни аҳамияти иқтисодидошта зиёд мебошанд” [14,с.29].

Маълум аст, ки бонк ҳамчун институти махсуси пулию қарзӣ фаъолият менамояд ва баҳри гирифтани фоида захираҳои худию ҷалбгардидаро гурӯҳбандӣ менамояд. Ҳикматов У.С. ба чунин хулоса омадааст, ки “тибқи анъанае, ки дар амалияи бонкдории ҷаҳонӣ муқаррар шудааст, вобаста ба усули ҷамъкунӣ тамоми захираҳои ҷалбшуда ба пасандозҳо ва маблағҳои ғайрипасандозӣ ҷудо карда мешаванд” [12,с.48]. Инчунин, Хашиева Л.Х. ҳангоми таҳлилҳо собит намудааст, ки “сохтори захираҳои ҷалбкардашудаи бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисобҳо, пасандозҳо, қарзҳои байнибонкӣ ва монандӣ онҳо иборат аст” [11,с.21]. Ҳамзамон, Файзуллоев М.К. сохтори воситаҳои ҷалбкардаи бонкҳоро ба “пулгузориҳо, уҳдадориҳои молиявӣ дар назди мизоҷон, гирифтани қарзҳо аз ҷониби БМТ ва дигар бонкҳои тиҷоратӣ, коғазҳои қиматноки бонк ва дигар ташкилотҳои хурди қарзӣ” гурӯҳбандӣ намудааст [10,с.30].

Бо назардошти гуфтаҳои боло қайд намудан мумкин аст, ки гурӯҳбандии аниқи захираҳои ҷалбнамудаи бонкҳо вуҷуд надорад ва вобаста ба қарорҳои қабулнамудаи саҳмдорон, сохтори таркибии захираҳои ҷалбгардида дар бонк муайян карда мешавад. Инчунин, Омонов А.А. низ қайд менамояд, ки “дар раванди таҳлил собит гардидааст, ки равиши ягонаи гурӯҳбандии захираҳо дар ҳуҷҷатҳо ва адабиёти иқтисодӣ вуҷуд надорад” [8,с.12]. Аз ин лиҳоз, сохтори таркибии захираҳои ҷалбшудаи бонкии нисбатан мукаммалро метавонем мавриди таҳлил қарор диҳем.

Аз ин лиҳоз, дар шароити имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои ҷалбгардидаи бонкҳоро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст (расми 2).

Аз расми 2 дидан мумкин аст, ки сохтори таркибии захираҳои ҷалбгардидаи бонкҳо аз пасандозҳо, уҳдадориҳои худӣ, ҳисобҳо, қарзҳои байнибонкӣ ва маблағҳои дар суратҳисобҳобуда иборат аст. Ҳар яке аз қисмҳои номбаргардида дорои зерқисмҳо ва нишондиҳандаҳои молиявии худ мебошад.

Дар шароити имрӯза пурра дастрас намудани маълумотҳои мазкур аз имкон берун аст. Зеро, маълумотҳои мазкур ҳамчун сирри бонкӣ ҳисобида шуда, мутобиқи банди 7 моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” “барои ғайриқонунӣ ошкор намудани сирри бонкӣ шахсони гунаҳкор бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд” [6,с.38].

Бояд тазаккур дод, ки захираҳои ҷалбгардидаи бонкҳо яке аз механизмҳои асосии идоракунии тамоми фаъолияти бонкӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин сабаб, ҳар як бонкро зарур аст, ки бештар ба ташаккули сандуқи захираҳои ҷалбшуда таваҷҷуҳ диҳад. Зеро ҳаҷми васеи захираҳои молиявӣ ба бонкҳо имкон медиҳад, ки талаботҳо ба қарзро қонеъ намуда, бо ин роҳ ба вазъи иқтисодии мамлакат таъсири мусбӣ расонад.

Маҳз дар шароити имрӯза яке аз вазифаҳои муҳимми бонкҳо ин ҷалби маблағҳои озод, муҳайё сохтани шароити мусоид, ҷойгиркунии онҳо, таъмини ҳимояи манфиатҳои мизоҷон, кумак намудан ба пешрафти иҷтимоию иқтисодии кишвар ва иҷрои барномаҳои ба нақшагирифташуда дониста мешавад.

Дар шароити имрӯза яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккули захираҳои ҷалбгардидаи бонкҳо, ин ҷалби пасандозҳо мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки бонкҳо дар баробари ҷалби пасандозҳо ба таҳлил ва гурӯҳбандии онҳо низ машғул мебошанд. Махсусан,
Афғонов Н.А. қайд менамояд, ки “нозукиҳои намуди пасандозҳо аз қонунгузории ҳар як давлат вобаста буда, гуногун ба роҳ монда мешавад. Масалан, намудҳои пасандоз дар давлатҳои исломӣ, аз ҷумла, Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Покистон ва ғайра, инчунин, дар мамлакатҳое, ки бонкҳои исломӣ фаъолият менамоянд ва мутобиқи қонунҳои шариат ба танзим дароварда мешаванд, аз шартҳои пасандозҳои дигар кишварҳо фарқияти куллӣ доранд” [1,с.23].

Расми 2. Сохтори захираҳои ҷалбкардашудаи бонкҳо
Figure 2. Structure of attracted banks' reserves



Сарчашма: Таҳияи муаллифон

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, пасандозҳои бонкиро вобаста ба хусусиятҳояшон чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст (расми 3).

Аз расми 3 ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сохтори пасандозҳо гуногун аст ва ҳар як бонк метавонад тибқи сиёсати молиявии худ таҳия намояд.

Дар баробари гурӯҳбанди намудани пасандозҳо, яке аз мушкилотҳои дигар барои ҷалби захираҳои озод ин таъминоти бехатарии онҳо мебошад. Доир ба ин масъала Раҳимова А.В. ва Дембегиев М.С. қайд менамоянд, ки “ҳангоми гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ яке аз шартҳои асосӣ, ки ба ташаккул ва ё коҳиши ҳаҷми пасандозҳои ҷалбгардидаи аҳолӣ таъсир мерасонад, ин таъмини бехатарии иқтисодии пасандозҳо мебошад” [9,с.131]. Қайд намудан ба маврид аст, ки яке аз мушкилотҳои асосӣ дар раванди

ҷалби захираҳои озод, ин таъмини бехатарии онҳо мебошад. Дар ҳолати таъмин набудани бехатарии ҳуқуқӣ ва иқтисодии захираҳои ҷалбшаванда, мизоҷон эътимоди худро ба давлат ва низоми бонкии он аз даст медиҳанд ва ё истифодаи муваққатии захираҳои молиявии худро ба бонкҳо вогузор намесозанд.

Расми 3. Гурӯҳбандии пасандозҳои бонкӣ
Figure 3. Classification of bank deposits



Сарчашма: Таҳияи муаллифон

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза, дар мамлакат таъмини бехатарии захираҳои ҷалбгардида хуб ба роҳ монда шудааст. Махсусан доир ба ин масъала дар банди 2 моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” оварда шудааст, ки “мақсади асосии танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ нигоҳдории суботи низоми бонкӣ ва низоми пардохт, ҳимояи манфиатҳои пасандозгузорон ва қарздеҳон мебошад” [4].

Инчунин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» муқаррар шудааст, ки “асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявии низоми суғуртаи ҳатмии пасандозҳои шахсони воқеӣ, аз ҷумла тартиби таъсис ва фаъолияти хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро муқаррар карда, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолиро ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд” [5]. Аз меъёрҳои пешбинишуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар шароити имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини бехатарии иқтисодӣ ва ҳуқуқии пасандозҳо ва пасандозгузорон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шудааст ва кафолати амнияти молиявии онҳо таъмин аст. Аз ин лиҳоз, аҳолии кишвар метавонанд бе мамоният маблағҳои худро дар бонкҳо пасандоз намоянд ва фоидаи худро аз ҳисоби он ба даст оранд.

Дар баробари нишондиҳандаҳои таҳлилшуда, яке аз мушкилотҳои дигар ин дуруст ҷо ба ҷо намудани пасандозҳои ҷалбгардида ва таҳлили нишондиҳандаҳои он, дар назди бонк истодааст. Аз нишондиҳандаҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки амонатҳоро ба амонатҳои шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, ғайр аз ин, вобаста ба намуд, амонатҳоро ба амонатҳои дархостшаванда, амонатҳои пасандозӣ, амонатҳои муҳлатдор ва дигар амонатҳо ҷудо намудаанд. Инчунин, вобаста ба намуди асъор, амонатҳоро ба асъори миллӣ ва асъори хориҷӣ тасниф намудан мумкин аст.

Тавре дар боло зикр гардид, солҳои охир назорати раванди ҷалби пасандозҳо ва баҳодии сифати онҳо, назари олимони ватанию хориҷиро ҷалб намудааст. Айни замон, яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ барои баҳо додани захираҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ – тамоюли ҳаҷми умумии пасандозҳо ба ҳисоб меравад (ҷадвали 1).

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки тамоюли ҳаҷми пасандозҳои ҷалбгардида дар маҷмуъ ҳамасола афзоиш ёфта истодаанд. Мувофиқи маълумотҳои ҷадвали 1, дар соли 2020 ҳаҷми умумии пасандозҳои ҷалбгардидаи ташкилотҳои қарзӣ ба 11 414,2 млн. сомонӣ расидааст, ки ин нисбати соли 2014 дар ҳаҷми 4 713,6 млн. сомонӣ ва ё 70,5% афзоиш ёфтааст. Инчунин, роҳу усулҳои гуногуни таҳлили маълумотҳои оморӣ мавҷуд, ки суръати афзоиши миёнасолонаи бақияи пасандозҳоро муайян мекунад (фор. 1).

$$X = \sqrt[n-1]{\frac{Пn}{П1}} = \sqrt[7-1]{\frac{11\ 414{,}2}{6\ 690{,}6}} = \sqrt[6]{1{,}706005} = 1{,}0931 \qquad (1)$$

$$X = \sqrt[n]{П\,(X)} = \sqrt[6]{1{,}706005} = 1{,}0931$$

Ҷад.1. Сохтори бақияи амонатҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ
Tab.1. Outstanding of savings (deposits) deposits in banks

Нишондиҳандаҳо	Солҳо (бо млн. сомонӣ, дар интиҳои давра)							
	2014	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2020/14 (+/-, %)**
Ҳамаи амонатҳо	6 690,6	8 613,5	9 243,2	9 283,5	9 723,8	9 742,2	11 414,2	+70,5
бо фоиз аз ММД	14.67	17.80	16.98	15.20	14.12	12.60	13,50	-7,97
- бо пули миллӣ	2 308,4	2 624,0	3 474,6	4 143,3	4 769,5	5 174,0	6 368,3	+175,9
- бо асъори хориҷӣ	4 382,2	5 984,5	5 768,7	5 140,7	4 954,3	4 568,2	5 045,9	+15,4
- амонатҳои дархостшаванда	851,6	706,1	1 232,1	1 451,9	1 460,6	61,7	2 112,5	+149,2
- амонатҳои пасандозӣ	330,7	462,6	651,2	875,8	918,2	118,7	29,9	-90,9
- амонатҳои муҳлатдор	822,2	989,0	1 024,8	1 118,1	1 268,4	380,3	146,2	-82,2
- амонатҳои дигар	303,9	466,3	566,5	697,5	1 122,2	0	1 345,8	+342,8
амонатҳои бонкҳои тиҷоратӣ	6 446,4	8 172,4	8 848,7	8 720,5	9 041,1	8 975,3	9 370,8*	+45,4
- амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ дар бонкҳо	2 383,6	3 060,8	3 571,8	4 376,1	4 933,2	4 736,0	-	
- амонатҳои шахсони воқеӣ дар бонкҳо	4 062,9	5 111,6	5 276,9	4 344,4	4 107,9	4 239,3	-	

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар заминаи Бюллетени омори бонкӣ. – 2018. - №12(281). -С.25-28, 2019. - №12 (293). -С.26-28, 2020. - №12 (305). -С.31-34. Маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон «Бонкдорӣ, Тараққиёт, Ҷаҳонишавӣ». Январ-Марти 2021. -С.30

Яъне, бо истифода аз усули мазкур муайян гардид, ки суръати миёнасолонаи афзоиши бақияи пасандозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 7 соли охир 1,0931 маротиба зиёд гардидааст. Инчунин, афзоиши мутлақи бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар солҳои 2014-2020 тамоюли зиёдшавӣ дошта, ба ҳисоби миёна дар як сол 787,3 ҳазор сомониро ташкил додааст (фор. 2).

$$X = \frac{Xn - Xn-1}{n-1} = \frac{11414,2 - 6690,6}{7-1} = 787,3 \qquad (2)$$

Ҳамзамон, амонатҳо бо асъори миллӣ дар сатҳи 175,9%, амонатҳо бо асъори хориҷӣ дар сатҳи 15,4% афзоиш ёфтаанд. Амонатҳо бо асъори миллӣ нисбати амонатҳо бо асъори хориҷӣ бештар ҷалб гардидаанд. Сабаби асосии афзоиши амонатҳо бо пули миллӣ, ин баланд будани меъёри фоизи амонатҳо бо пули миллӣ нисбати амонатҳо бо асъори хориҷӣ мебошад, ки инро дар диаграммаи 1 дида мебароем. То ҳамон андозае, ки меъёри фоизи амонат баланд бошад, таваҷҷуҳи мизоҷон ба ҳамон намуди амонат зиёд мегардад. Ғайр аз ин, боварии аҳолӣ нисбат ба пули миллӣ зиёд гардидааст.

Инчунин, амонатҳои дархостшавандаи соли 2020 ба ҳаҷми 2 112,5 млн. сомонӣ афзоиш ёфтаанд, ки нисбати соли 2018 ба андозаи 661,9 млн. сомонӣ, нисбати соли 2014 бошад, ба андозаи 1 260,9 млн. сомонӣ ва ё 149,2% афзоиш ёфтааст. Аммо сатҳи фоизии амонатҳои пасандозии соли 2020 нисбати соли 2014 дар сатҳи 90,9% ва амонатҳои муҳлатдор бошад, дар сатҳи 82,2% кам гардидаанд. Чунин сатҳи пасти нишондиҳанда барои ташкилотҳои қарзӣ нигаронкунанда ба ҳисоб меравад. Зеро, дар баробари рушди як қисмати амонатҳо, набояд қисми дигари он фалаҷ гардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои асосии коҳишёбии амонатҳо, ин фаъолияти ғайрисамараноки кормандони ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Бинобар баррасии ин масъала, бояд аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба таври зарурӣ роҳандозӣ гардад.

Дар маҷмуъ, ҳаҷми бештари пасандозҳои ҷалбгардида ба бонкҳои тиҷоратӣ рост меоянд. Дар соли 2019 ҳаҷми амонатҳои ҷалбгардидаи бонкҳо ба маблағи 8 975,3 млн. сомонӣ расонида шуда буд, ки нисбати соли 2020 дар сатҳи 4,2% камтар мебошад. Инчунин, ҳаҷми амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ ба 4 736 млн. сомонӣ ва амонатҳои шахсони воқеӣ ба 4 239,3 млн. сомонӣ дар соли 2019 баробар гардид. Дар соли мазкур ҳаҷми

умумии маблағҳои ҷалбгардидаи бонкҳо 92,1%-и ҳаҷми маблағҳои ҷалбнамудаи ташкилотҳои қарзиро ташкил намудааст.

Дар ин самт бояд тазаккур дод, ки дар сохтори низоми бонкии кишвар, махсусан дар ҷалби захираҳои муваққатан озод мавқеи бонкҳо баланд аст ва таваҷҷуҳи бештари аҳолиро ба худ ҷалб намудаанд (диаграммаи 1).

Аз маълумотҳои диаграммаи 1 бар меояд, ки дар соли 2019 ҳаҷми маблағҳои ҷалбгардидаи бонкҳо ба 159655 ҳазор сомонӣ расидааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2014 ба андозаи 113080 ҳазор сомонӣ баробар буд. Яъне, дар даврaҳои таҳлилшаванда ҳаҷми амонатҳои ҷалбгардида дар сатҳи 41,2% зиёд гардидааст. Инчунин, дар солҳои 2014-2019 ҳаҷми амонатҳои пардохтгардида дар сатҳи 42,7% зиёд гардидааст.

Диаг.1. Ҷалб ва пардохти пасандозҳо (амонатҳо) аз тарафи бонкҳо
Diag.4. Savings (deposits) attracted and repaid by banks



Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар заминаи Бюллетени омори бонкӣ. – 2018. -№12(281). -С.31, 2019. -№12(293). -С.33

Аз таҳлилҳо, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки вазъи пардохтпазирии бонкҳо нисбат ба солҳои қаблӣ хубтар гардидааст ва таъсири худро ба сатҳи иқтисодиёти мамлакат мерасонад. Гуфтан мумкин аст, ки солҳои минбаъда бонкҳо ҳаҷми бештари маблағҳои муваққатан озодро ҷалб намуда, аз ин ҳисоб ҳаҷми захираҳои молиявии худро зиёд ва ба аҳолӣ намудҳои нави хизматрасонии бонкиро пешниҳод менамоянд.

Дар фарҷом зикр намудан зарур аст, ки захираҳои бонкӣ ва истифодаи самараноки онҳо яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти ҳар як бонк аст ва бонкҳоро зарур аст, ки чиҳати ноилгардӣ ба ин ҳадаф чораҳои заруриро андешанд.

Муқарриз: д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р.

АДАБИЁТ

1. Афғонов Н.А. Мукаммалгардонии равандҳои ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ҳамчун иқтидори захираҳои сармоягузорӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия / Н.А. Афғонов. -Душанбе, 2021. -193 с.
2. Буевич С.Ю. Анализ финансовых результатов банковской деятельности / С.Ю. Буевич, О.Г. Королев. -М.: КНОРУС, 2004. -160 с.
3. Гаюров Г.Х. Совершенствование и развитие банковских услуг в условиях Республики Таджикистан / Г.Х. Гаюров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2017. -№2/2. -С.32-35.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, ки 28 июни соли 2011, №722.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», ки аз 2 августи соли 2011, №758.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», ки аз 19 майи соли 2009, №524.
7. Копченко Ю.Е. Финансовое обеспечение деятельности коммерческого банка: методология и механизмы финансирования: автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономических наук: специальность: 08.00.10 - Финансы, денежное обращение и кредит / Ю.Е. Копченко. -Саратов, 2009. -40 с.

8. Омонов А.А. Проблемы эффективного управления банковскими ресурсами: диссертация на соискание ученой степени д.э.н: специальность: 08.00.07 - Финансы, денежное обращение и кредит / А.А. Омонов. -Ташкент, 2008. -19 с.
9. Рахимова А.В. Роль коммерческих банков в привлечении сбережения населения и регулировании денежного обращения / А.В. Рахимова, М.С. Дембегиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№1. -С.131.
10. Файзуллоев М.К. Масоили назариявӣ ва амалии таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – молия, муомилоти пул ва қарз / М.К. Файзуллоев. -Душанбе, 2019. -183 с.
11. Хашиева Л.Х-М. Тенденции и перспективы развития методов управления привлеченными ресурсами коммерческого банка: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук: специальность 08.00.10 - Финансы, денежное обращение и кредит / Л.Х-М. Хашиева. –М., 2005. -249 с.
12. Хикматов У.С. Анализ развития основных показателей банковской системы Республики Таджикистан / У.С. Хикматов // Вестник (Российско-Таджикский (славянский) университет). - 2019. -№3(67). -С.41-52.
13. Шарифзода Н.Ш. Захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун заминаи устувор дар баландбардории иқтидори молиявӣ-инвеститсионии кишвар [манбаи электронӣ] URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=46618754 (санаи истифодабарӣ: 04.01.2022).
14. Шарифзода Н.Ш. Таҳлили вазъи сиёсати пулию қарзӣ ва нақши он дар рушди захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ [манбаи электронӣ] URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=47398680 (санаи истифодабарӣ: 20.04.2022).
15. Шоасалов Н.Қ. Афзалияти пасандоз ҳамчун сарчашмаи асосии захираҳои қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ / Н.Қ. Шоасалов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2018. -№10. -С.157.

ҲОЛАТИ МУОСИРИ ЗАХИРАҲОИ ҶАЛБШУДА ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ТАШАККУЛИ ЗАХИРАҲОИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муаллифон дар мақола қайд менамоянд, ки тамоми фаъолиятҳо, аз ҷумла савдо, саноат, сохтмон ва монанди онҳо новобаста аз шакли фаъолияташон барои амалигардонидани мақсадҳои худ ба хизматрасониҳои бонкӣ эҳтиёҷ доранд. Бинобар ин, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ баҳри таъмин намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо хизматрасониҳои худ ба захираҳои молиявӣ эҳтиёҷ доранд. Дар шароити имрӯза барои пурра таъмин намудани иқтисодиёти мамлакат бо пул захираҳои бонкӣ қаноаткунанда набуда ва ин яке аз мушкилотҳои асосӣ ба ҳисоб меравад.

Баҳри ҳалли мушкилотҳои мазкур, бонк бояд ба таҳлил, тасниф ва гурӯҳбандии захираҳои ҷалбкардашуда машғул гардад. Дар заминаи таҳлилҳо муаллифон ба чунин хулоса омадаанд, ки гурӯҳбандии ягонаи захираҳои ҷалбшудаи бонкӣ вуҷуд надорад ва вобаста ба қарори Шурои саҳомон метавон сохтори онро омода сохт. Ҳамзамон, пурра дастрас намудани нишондиҳандаҳои молиявии бонкӣ ғайриимкон аст, зеро як қисмати онҳо ҳамчун сирри бонкӣ ҳисобида мешавад. Танҳо дар доираи нишондодҳои воқеӣ муаллифон ба таҳлили онҳо машғул гардидаанд. Дар давраи таҳлилшаванда (2014-2020) тамоюли ҳаҷми пасандозҳои ҷалбгардида дар маҷмуъ 70,5% афзоиш ёфтааст ва афзоиши миёнасолона ба 1,0931 маротиба баробар гардидааст. Яъне, дар маҷмуъ захираҳои ҷалбгардидаи бонкҳо дар Тоҷикистон афзоиш ёфтааст, аммо баҳри рушди комили иқисодиёт қаноаткунанда нест. Аз ин лиҳоз, баҳри бартараф намудани мушкилотҳои мазкур бонкҳоро зарур меояд, ки таҳлили муфассалтари захираҳои ҷалбгардидаро ба роҳ монанд.

Калидвожаҳо: захираҳои ҷалбшуда, гурӯҳбандии захираҳои ҷалбшуда, пасандоз, амонат, суратҳисоб, қарз, қарзҳои байнибонкӣ, уҳдадориҳои худӣ, самаранокии захираҳои ҷалбшуда.

СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ ПРИВЛЕЧЕННЫХ РЕРСУРСОВ И ИХ РОЛЬ В СТАНОВЛЕНИИ БАНКОВСКИХ РЕСУРСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Авторы статьи отмечают, что любая деятельность, включая торговлю, промышленность, строительство и тому подобное, независимо от формы деятельности, требует банковских услуг для достижения своих целей. Следовательно, банкам и другим кредитным организациям необходимы финансовые ресурсы для оказания своих услуг физическим и юридическим лицам. В нынешней ситуации ресурсов банка недостаточно для полноценного финансирования экономики страны, и это одна из основных проблем.

Для решения этих проблем банку необходимо проанализировать, и классифицировать задействованные ресурсы. На основании анализа автор пришел к выводу, что единой классификации заемных ресурсов банка не существует, и в зависимости от решения акционерного совета может быть составлена ее структура. В то же время получить полный доступ к финансовым показателям банка невозможно, так как некоторые из них считаются банковской тайной. Авторы анализировали их только в контексте реальных данных. За анализируемый период (2014-2020 гг.) тенденция объема привлеченных депозитов увеличилась в целом на 70,5%, а среднегодовой рост составил 1,0931 раза. Другими словами, в целом привлеченные резервы банков Таджикистана увеличились, но они не являются удовлетворительными для полноценного развития экономики. Следовательно, чтобы преодолеть эти проблемы, банкам необходимо провести более детальный анализ задействованных ресурсов.

Ключевые слова: привлечённын ресурсы, группировка привлечённых ресурсов, сбережения, депозит, расчётный счёт, долг, межбанковский долг, собственные обязательства, эффективность привлечённых ресурсов.

ANALYSIS OF MONETARY POLICY AND ITS ROLE IN THE RESOURCE DEVELOPMENT OF COMMERCIAL BANKS

The authors of the article note that any activity, including trade, industry, construction, and the like, regardless of the form of activity, requires banking services to achieve its goals. Consequently, banks and other credit institutions need financial resources to provide their services to individuals and legal entities. In the current situation, the bank's resources are insufficient to fully finance the country's economy, and this is one of the main problems.

To solve these problems, the bank needs to analyze, classify and classify the resources involved. Based on the analysis, the author concluded that there is no single classification of the bank's borrowed resources, and depending on the decision of the shareholder council, its structure can be drawn up. At the same time, it is impossible to get full access to the financial indicators of the bank, since some of them are considered bank secrets. The authors analyzed them only in the context of real data. During the analyzed period (2014-2020), the tendency in the volume of attracted deposits increased by 70.5% in general, and the average annual growth was 1.0931 times. In other words, on the whole, the attracted reserves of the banks of Tajikistan have increased, but they are not satisfactory for the full development of the economy. Therefore, in order to overcome these problems, banks need to conduct a more detailed analysis of the resources involved.

Keywords: attracted resources, grouping attracted resources, savings, deposit, current account, debt, interbank debt, own liabilities, efficiency of attracted resources.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Раҳимзода Шариф Махсум*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **shama100@msn.com**. Телефон: **(+992) 901-06-66-52**
Шарифзода Нурулло Шариф – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Nurullo_sharifzoda@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-71-76-76**
Ғаюров Ғайрат Ҳакимович **-** ДонишгоҳиМиллииТоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **gayrat-gayurov@mail.ru**. Телефон: **(+992) 904-46-68-68**

Сведение об авторах: ***Рахимзода Шариф Махсум*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **shama100@msn.com.** Телефон: **(+992) 901-06-66-52**
Шарифзода Нурулло Шариф - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Nurullo_sharifzoda@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-71-76-76**
Гаюров Гайрат Хакимович - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры банковской деятельности. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **gayrat-gayurov@mail.ru.** Телефон: **(+992) 904-46-68-68**

Information about the author: ***Rahimzoda Sharif Makhsum*** **-** Tajik State Financial and Economic University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Banking. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. E-mail: **shama100@msn.com.** Phone: **(+992) 901-06-66-52**
Sharifzoda Nurullo Sharif **-** Tajik National University, Assistant of the Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Nurullo_sharifzoda@mail.ru.** Phone: **(+992) 988-71-76-76**
Gayurov Gairat Khakimovich **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of Banking. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **gayrat-gayurov@mail.ru.** Phone**: (+992) 904-46-68-68**

УДК 68.1:61

РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ ХАРОҶОТ АЗ РӮИ БИЗНЕС-РАВАНДҲО ДАР ШИРКАТҲОИ ТИҶОРАТИИ ФАРМАТСЕВТӢ

Хушвахтзода Қ.Х., Болтуева Р.К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳқиқи асосҳои назариявии рушди баҳисобгирии муҳосибӣ татбиқи муносибати даврии таъминоти ягонаи ташкилӣ, иттилоотӣ ва методиро бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти ҳамаи шохаҳои амалкунандаи баҳисобгирӣ – баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз дар назар дорад. Низоми муосири баҳисобгирии идоракунӣ – як ҷузъи муттаҳидаи идоракунӣ мебошад. Инчунин, дорои олот ва усулҳои васеъ буда, имкон медиҳад ба таври муносиб ва самаранок вазифаҳоро дар соҳаҳои зерин ҳал намояд: ташкили нақшаҳои ҷорӣ ва стратегӣ; қарорҳо оид ба ҷобаҷогузории захираҳо ва нархгузорӣ; буҷетсозӣ ва назорати харочот; тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ ва ҳисоботи андозӣ. Ҳамчунин, баҳисобгирии идоракунӣ ба рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт заминаи иттилоотӣ фароҳам меорад. «…дар ин маврид методология ва амалияи баҳисобгирӣ дар навбати аввал бояд ба рушди саросарии иқтисодиёт нигаронида шавад» [14,с.389].

Дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ, ки шакли асосии фаъолият – фурӯши чаканаи молҳои фарматсевтӣ мебошад, системаи баҳисобгирии идоракунӣ, пеш аз ҳама, ба идоракунии захираҳо, харочот, даромадҳо ва натиҷаҳои молиявӣ равона карда шудааст.

Барои ташкили дурусти баҳисобгирии харочот таснифи нисбатан самаранок ва асоснок зарур аст. Мақсади асосии таснифи интихобшуда қонеъкунонии талаботи истифодабарандагони беруна ва дохилӣ мебошад. Илова бар ин, талаботи истифодабарандагони берунаро баҳисобгирии молиявӣ (иттилоот дар бораи бузургии умумии харочот) таъмин менамояд. Дар баҳисобгирии идоракунӣ бошад, ҳадафҳои таснифи харочот аз ҳадафҳо ва вазифаҳои менеҷмент бармеояд [2].

Дар адабиёти таълимӣ ва илмӣ усулҳои гунонуни ченкунӣ ва гурӯҳбандии харочот оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Меъёрҳои таснифи харочот
Table 1. Cost classification criteria

Аломати тасниф	Намуди харочот
Мазмуни иқтисодӣ	аз рӯи унсурҳои иқтисодӣ ва моддаҳои харочот
Муносибат ба раванди истеҳсолӣ	асосӣ, барилова
Аз рӯи усули соқиткунӣ ба арзиши аслӣ	бевосита, нисбӣ (ғайримустақим)
Вобаста аз ҳаҷми истеҳсолот	тағйирёбанда, доимӣ
Аз рӯи дарияти пайдоиш	ҷорӣ, якмаротиба
Аз рӯи таркиб	якунсурӣ, маҷмуӣ
Аз рӯи мақсаднокӣ	самаранок, бесамар
Аз рӯи таъинот	Харочоти истеҳсолӣ, идоракунӣ ва фурӯш
Аз рӯи муҳлати воридкунӣ ба арзиши аслӣ	Ҷорӣ, давраҳои оянда
Барои мақсадҳои андозбандӣ	ҳудудӣ, беҳудуд, эътирофшуда, эътирофнашуда
Барои мақсадҳои қабули қарорҳои идоракунӣ: - аз рӯи дараҷаи моҳият -аз рӯи дараҷаи татбиқшавандагӣ	харочоти асосӣ ва ғайриасосӣ, татбиқшаванда

Сарчашма: коркарди муаллиф дар асоси адабиёти мавҷуда

Баҳисобгирии дурусти харочот ва арзиши аслӣ дар шароити рушди инноватсионии ширкатҳо нақши ҳалкунанда мебозад. Моҳияти он дар низоми идоракунии корхонаҳо бараъло намоён мегардад 45,с.14]. Баҳисобгирии харочот дар ташкилотҳои тиҷоратӣ, инъикоси пурра ва боэътимоди харочоти воқеӣ ва назоратро аз болои истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ таъмин намуда, тибқи ҳуҷҷатҳои асосии меъёрӣ амалӣ гардонида мешавад.

Қоидаҳои баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуаянкунӣ дар Низомнома оид ба калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматҳо) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 1999, №210 тасдиқ гардидааст, муайян карда шудааст ва ширкатхои тиҷоратӣ низ зимни баҳисобгирии хароҷот аз он истифода мебаранд [11].

Аз рӯи мазмуни иқтисодӣ тибқи талаботи ҳуҷҷати мазкур хароҷоти ташкилот аз рӯи шаклҳои муқаррарии фаъолият ба унсурҳои зерин ҷудо карда мешаванд: хароҷоти моддӣ; хароҷоти меҳнатӣ; хароҷот барои зарурати иҷтимоӣ; фарсудашавии воситаҳои асосӣ; дигар хароҷот.

Тавсияҳои методии дар ҳуҷҷат овардашуда феҳрасти зерини моддаҳои калкулятсионии хароҷотро муайян мекунанд: Хароҷоти ашёҳои модӣ; хароҷот барои пардохти меҳнат; хароҷот барои зарурати иҷтимоӣ; хароҷот барои иҷора ва нигоҳдории биноҳо, иншоотҳо, таҷҳизот ва ашёҳо; фарсудашавии воситаҳои асосӣ; хароҷот барои таъмири воситаҳои асосӣ; хароҷот барои либосҳои санитарӣ ва махсус; хароҷот барои нигоҳдорӣ, таҳия, банавъҳо ҷудокунӣ ва борпечкунии молҳо; хароҷот барои тарғибот; хароҷот аз рӯи пардохти фоизҳо барои истифодаи қарзҳо (вомбаргҳо); талафоти молҳо ва партовҳои технологӣ; дигар хароҷот.

Гурӯҳбандии хароҷот аз рӯи унсурҳои иқтисодӣ барои ҳамаи муассисаҳо ягона аст, номгӯи моддаҳои хароҷот бошад, дорои хусусияти соҳавӣ мебошад [3].

Яке аз самтҳои муҳимми такмили баҳисобгирии хароҷот коркарди номгӯи моддаҳои калкулятсионӣ дар шароити мушаххас бо назардошти хусусиятҳои субъективии объект ва хусусиятҳои хоси фаъолияти онҳо мебошад. Он имкон медиҳад, ки таъинот ва нақши хароҷот муайян карда шуда, назорат аз болои онҳо ташкил, нишондиҳандаҳои сифати фаъолияти хоҷагидории ҳам ширкат ва ҳам ҷузъҳои он ошкор карда шавад, ки дар кадом самтҳо роҳҳои паст кардани хароҷотро ҷустуҷӯ бояд кард. Дар асоси чунин гурӯҳбандӣ баҳисобгирии таҳлилии хароҷоти муомилот ба роҳ монда шуда, калкулятсияи нақшавӣ ва ҳақиқии арзиши аслии намудҳои алоҳидаи молҳо, корҳо, хизматҳои амалигашта тартиб дода мешавад.

Дар таҷрибаи хориҷӣ ба истифодаи усули калкулятсия афзалият дода мешавад, аммо дар амалияи ширкатҳои ватанӣ ба ин масъала на он қадар таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Баҳисобгирии идоракунӣ усулҳои таъинотӣ ва вазифавии баҳисобгирии хароҷотро пешниҳод мекунад (намояндагони ватанӣ: Д.У. Уроқов, С.Ф. Низомов, Қ.Х. Хушвахтзода, М.В. Калемуллоев, М.У. Бобоев ва диг.). Таҳлили усулҳо ба таснифи хароҷот нишон дод, ки гурӯҳҳои хароҷотро бояд аз рӯи се самт вобаста аз вазифаҳои асосии идоракунӣ муттаҳид кард: ҳисобкунии арзиши аслӣ; қабули қарорҳои идоракунӣ ва банақшагирӣ; назорат ва танзимкунӣ [1,с.44].

Дар адабиёти илмии ватанӣ вобаста ба самтҳои фаъолият хароҷот аз ҷониби муаллифони гуногун, тибқи нишонаҳои зиёди таснифӣ, гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Равиши пешниҳодкардаи таснифи хароҷот аз ҷониби Қ.Х. Хушвахтзода ва диг. [1,с.40,45], ба ақидаи мо, нисбатан муносиб ва мубрам аст, ки тибқи он самтҳои баҳисобгирии идоракуниии хароҷот муфассал муайян гардидааст, муаллифон ҳам шаклҳои маъмулӣ ва ҳам муосири гурӯҳи хароҷотро ҷудо карда, таваҷҷуҳро ба моҳияти мутобиқатии онҳо дар таҷрибаи ватанӣ равона мекунанд.

Новобаста ба он ки кадом самти баҳисобгирӣ интихоб карда шудааст, таснифи хароҷот ва номгӯи моддаҳои калкулятсионӣ бояд ба принсип ва талаботи махсус мувофиқ буда, таҳлилшавандагии баҳисобгирии хароҷотро таъмин намояд.

Самтҳои нисбатан муҳимми баҳисобгирии хароҷот ва намуна (модел)-ҳои маъмул ва муосири татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ ва заминаҳои онҳоро дида мебароем.

Баҳисобгирии идоракунии маъмулӣ дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ – нишондодҳои мувофиқи молиявӣ: даромадҳо ва хароҷот ё воридот ва пардохтҳое, ки тибқи маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои ҳисоботи мувофиқи идоракунӣ ташаккул меёбанд, амалӣ мегардад [8,с.4].

Усули фармоишии калкулятсияи арзиши аслӣ ҳангоми тайёр намудани маҳсулоти ягона ё фармоиши мизоҷон истифода бурда мешавад. Объекти баҳисобгирии хароҷот ҳар як фармоиш ҳисоб ёфта хароҷоти мустақим пурра ба арзиши фармоишҳо соқит карда шуда, хароҷоти ғайримустақим аввал дар объектҳои ибтидоӣ ҷамъ сипас байни

фармоишҳо тақсим карда мешавад.

Усули ҳудудии калкулятсияи арзиши аслиро ташкилотҳое истифода мебаранд, ки маҳсулоти якхеларо ба таври силсилавӣ истеҳсол мекунанд ва равандҳои бефосилаи истеҳсолӣ доранд. Арзиши аслии маҳсулот бо роҳи тақсимкунии маблағи умумии хароҷоти истеҳсолӣ ба миқдори воҳиди маҳсулоти тайёр ва нимтайёри дар марҳилаи муайян истеҳсолшуда ҳисоб карда мешавад. Ба интихоби ин ё он системаи калкулятсионӣ, пеш аз ҳама, омилҳои ташкилӣ-техникӣ таъсир мекунанд. Ҷ.Т. Хорнгрен ва Ҷ. Фостер менависанд, ки раванди истеҳсолӣ ин калиди коркарди системаи баҳисобгирии хароҷот мебошад [13,с.416].

Усули ABC ё «ABC-костинг» барои баҳисобгирии ватанӣ самти нисбатан нав мебошад. Ин системаи калкулятсионӣ амалиётро ҳамчун объектҳои асосии баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсия бо мақсади ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва муайянкунии самаранокии бизнес-равандҳо пешниҳод менамояд ва усули тақисмкунии хароҷоти нисбӣ (ғайримустақим)-ро дар марҳилаҳо ба арзиши аслӣ дар назар дорад.

Аз рӯи пуррагии воридкуни хароҷот ба арзиши аслӣ усулҳои калкулятсия бо арзиши пурра («Абзорпшен-костинг») ва нопурра («Директ-костинг»)-ро ҷудо мекунанд. Айни замон, маҳз усулҳои мазкур барои идоракунии хароҷот комилтар ҳисоб меёбанд. «Абзорпшен-костинг» ҳисобкунии арзиши аслиро аз рӯи тамоми хароҷоти истеҳсолӣ (ҳам доимӣ ва ҳам тағирёбанда) дар назар дорад, усули директ-костинг танҳо баҳисобгирии арзиши аслиро аз рӯи хароҷоти тағирёбанда ба роҳ мемонад. Истифодаи ин усул ҳангоми идоракунии хароҷот фаврияти таъмини иттилоотро таъмин намуда, зимни қабули қарорҳои идоракунӣ ба менеҷерон кумак мерасонад.

Дар амалияи байналмилалӣ усули «Стандарт-кост» ва дар низоми ватании баҳисобгирӣ усули меъёрӣ кор карда баромада шудааст, ки баҳисобгирии хароҷотро аз рӯи меъёрҳои муайяншуда ва аз рӯи хароҷоти воқеӣ пас аз истеҳсоли маҳсулот (корҳо, хизматҳо) амалӣ менамояд. Системаи баҳисобгирии меъёрӣ, ки дар назарияи баҳисобгирии ватанӣ тартиб дода шудааст, аз бисёр ҷиҳат бо системаи ғарбии «Стандарт-кост» шабоҳат дорад. Натиҷаи ҳисобкунии хароҷот ва арзишмуайянкунӣ ин ошкоркунии майлкунии хароҷоти ҳақиқӣ аз хароҷоти меъёрӣ ва сабабҳои он мебошад.

Моҳияти ин системаҳо муфассал аз ҷониби М.А. Бахрушина, шабоҳат ва фарқияти онҳо бошад, аз ҷониби О.Д. Каверина нишон дода шудааст. Аз сабаби набудани фаврият дар интиқоли иттилоот (баъд аз анҷоми давраи ҳисоботӣ) системаи мазкур, мисли баҳисобгирии меъёрӣ, он қадар таҳлилӣ ҳисоб намеёбад [12,с.206].

Дар замони ҳозира воситаи машҳури идоракунӣ дар кишвари мо буҷетсозӣ мебошад. Буҷетсозӣ ё банақшагирии маъмулии сметавӣ қисми асосии яке аз вазифаҳои асосии идоракунӣ – банақшагирӣ мебошад ва барои мушаххасгардонии ҳадафҳои банақшагирӣ дар дилхоҳ системаи самараноки идоракунӣ хизмат мерасонад. Каверина О.Д. қайд мекунад, ки раванди буҷетсозӣ бояд бо ёрии намунаҳои буҷавӣ, дастурамалҳо ва равандҳои стандартикунонидашуда ба роҳ монда шавад. Илова бар ин, таҳлили иҷрои буҷетҳо барои муайянкунии раванди иҷроиш ва қабули қарорҳои идоракунӣ ниҳоят муҳим аст [9,с.352].

Усули баҳисобгирии хароҷот «дар муҳлати додашуда» (JustinTime ё JIT) дар таҷрибаи маъмулии ватанӣ дида намешавад. Вай се ҷузъиётро дар бар мегирад: идоракунӣ, ташкили бизнес-равандҳо ва калкулятсия. К. Друри барои системаи ташкил ва идораи истеҳсолот «дар муҳлати додашуда» бузургиҳои муносибро мисол меорад: бартарафкунии шаклҳои фаъолияте, ки арзиши иловагӣ, набудани маҳсулоти корношоям, вайроншавӣ, захираҳои амалан сифрӣ, андозаи силсилаҳо – як воҳиди маҳсулот, таҳвили садфоизаи саривақтӣ [7,с.419].

Усулҳои асосии баҳисобгирии хароҷот ва технологияҳои идоракунии ҳам маъмулӣ ва ҳам муосирро таҳлил намуда, метавон хулоса бароварда, ки имрӯзҳо усулҳои хоси мақсадноки идоракунии стратегии хароҷот, баландшавии сифати технологияҳои интихобшуда, ки ба баҳисобгирии нисбатан саҳеҳ ва муносиб ва тақсимшавии хароҷот муосидат мекунанд, мубрам аст.

Ба назар гирифтан лозим аст, ки таҷрибаи истифодаи усулҳои баҳисобгирии идоракунии ҳам маъмулӣ ва ҳам муосир, асосан дар фаъолияти муассисаҳои истеҳсолӣ ҷой дорад ва барои истифодабарӣ дар муассисаҳои тиҷоратӣ ба таври нокифоя коркард

шудаанд.

Қисмати даромади буҷаи ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ, амалан ба истифодаи самараноки воситаҳо, захираҳо ва фурӯши молҳо алоқаманд аст. Кам кардани хароҷот барои нигоҳ доштани захираҳои молӣ, баланд бардоштани дараҷаи муомилот ва даромаднокии воситаҳои сарфшуда фаъолияти асосии бомуваффақияти муассисаҳои дорухонавӣ мебошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки барои ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ қабули яккаратаи иттилоот равиши мувофиқи ҳамбастагии баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ мебошад. Ҳамин тариқ, дар раванди рушди таъминоти таҳлилии баҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯи шаклҳои фаъолият зарур аст:

-бурдани баҳисобгирии алоҳида аз рӯи шаклҳои фаъолият;

-таснифи моддаҳои хароҷот тибқи нишондодҳои методии соҳавӣ;

-тақсимкунии хароҷоти нисбӣ (ғайримустақим) аз рӯи шаклҳои фаъолият, намудҳои маҳсулот сарфи назар аз ҳар як шакли фаъолият мутаносибан ба манбаи интихобшуда (шумора, вақти сарфшуда, шумораи фармоишҳои иҷрошуда ва ғ.);

-мураттабсозии маълумотҳо (таснифкунандагон);

-автоматикунонии амалиётҳои баҳисобгирӣ дар асоси манбаи умумии иттилоотӣ.

Тибқи ақидаи мутахасисон, дар дилхоҳ бизнес-равандҳо метавон се хусусияти асосиро ҷудо намуд:

Табадулот. Маҳсулоти ибтидоиро тавассути якчанд амал тағйир дода, маҳсулоте ба даст меорем, ки аз рӯи нарх аз маҳсулоти ибтидоӣ қиматтар аст. Табадулот мумкин аст ҳам табдилёбии як иттилоотро ба дигараш (натиҷа ғайримоддист: барои чунин бизнес-равандҳо, мисли идоракунӣ, баҳисобгирӣ, аудити дохилӣ хос аст) ва ҳам табдилёбии як шакли захираҳоро ба дигараш ифода намояд (натиҷаҳо моддист: масалан, пулҳо ва иттилоот оид ба талабот ба захираҳо дар анборҳо табдил дода мешаванд ва ғ.).

Назорат ва алоқаи баръакс: табодулот тибқи меъёрҳо ва қоидаҳои муқарраршудае иҷро карда мешавад, ки баҳри таъмини бузургиҳои муайяни маҳсулоти интиҳоӣ равона карда шудааст.

Такроршавандагӣ: бизнес-равандҳо бо ҳамон як шакл якчанд маротиба иҷро карда мешаванд.

Ин се хосият барои дилхоҳ бизнес-раванд, новобаста ба он ки маҳз кадом шакли фаъолиятро дар бар мегирад ва кадом маҳсулотро барои истеъмолкунанда офарида мешавад, хос аст.

Стандартҳои муайяни мавҷудбударо далел оварда, дар бизнес равандҳо метавон унсур ва алоқаҳои зеринро ҷудо намуд (расми 1):

- *раванд* – маҷмуи мақсадноки шаклҳои фаъолият, ки аз рӯи технологияи муайян ба роҳ монда шуда, даромад ва хароҷотро барои корхона ба миён меорад.

соҳиби раванд – шахси мансабдор ё идоракунандаест, ки дар ихтиёри худ захираҳои барои иҷрои раванд муҳимро дорад ва барои натиҷаҳои раванд масъул аст.

даромади раванд – маҳсулотест, ки дар рафти иҷрои раванд ба баромад табдил меёбад;

- *баромад (маҳсулот)-и раванд* – объекти моддӣ ё хизматрасоние, ки натиҷаи иҷрои раванд мебошад ва аз ҷониби муштариёни беруна истифода бурда мешаванд;

- *захираҳои бизнес-раванд* – объектҳои моддӣ ё хизматҳое, ки барои иҷрои раванд доимо истифода бурда мешаванд, аммо даромади раванд ҳисоб намеёбанд.

Зимни таснифот се гурӯҳи равандҳо ҷудо карда мешавад. Гурӯҳи якумро равандҳои асосие ташкил медиҳанд, ки равандҳои «таҳвилдиҳанда-истеъмолкунанда» ва «равандҳои муҳандисӣ (коркард ва ҳамроҳикунӣ)» номида мешаванд. Гурӯҳи дуюм – равандҳои ёрирасон ва гурӯҳи сеюмро – равандҳои ташкилӣ-идоракунӣ ташкил медиҳанд.

Бизнес-равандҳои асосӣ бевосита ба миқдор ва сифати арзишҳои барои истеъмолкунанда ташкилкардашуда мусоидат карда, асоси рақобатпазирии ширкатро ташкил медиҳанд.

Бизнес-равандҳои идоракунӣ (ташкилӣ) пешбурди бизнес-равандҳои асосиро таъмин мекунанд ва қаноатмандии умумии истеъмолкунандагонро дар алоқа бо ширкат кафолат медиҳанд. Равандҳои идоракунӣ қобилияти умумии ширкатро доир ба ташкили маҳсулоти босифат ва аз ҷиҳати иқтисодӣ барои истеъмолкунанда муфид тавсиф медиҳанд.

Расми 1. Намуна (модел)-и умумии бизнес-раванд
Figure 1. General business process model



Бизнес-равандҳои ёрирасон. Ба инҳо одатан равандҳои идоракунии ҳайати коргарон, технологияҳои иттилоотӣ, таҳқиқотҳо ва коркардҳо, қаноатмандии талаботи (контрагент) ғайритиҷоратӣ (масалан, идораҳои қонунгузор) дохил карда мешаванд.

Фаъолияти ташкилотро метавон дар шакли шабакаи равандҳои баҳамалоқаманде тасаввур намуд, ки вобаста аз сохтори ташкилӣ ва технологӣ, ҳудуди тиҷорат, миқдор ва намуди контрагентҳо ва дигар омилҳо фарқ намуд.

Системаи иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ дар системаи идоракунии ташкилот бо мақсади ташкили ҳисобот (дохилӣ ва берунӣ), қабули қарорҳои идоракунӣ, инчунин, дар раванди аудит ҳамчун далели асосноки хулосаҳои аудит истифода бурда мешавад.

Муносибати амалиётӣ ба ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ талаб мекунад, ки дар системаи идоракунии ташкилот иттилоот дар бораи рафти раванд, таҳвилдиҳандагони он, истеъмолкунандагон ва дигар унсурҳое ташкил карда шаванд, ки аз ҷониби соҳиби раванд ва роҳбар истифода бурда мешавад. Аз тарафи мо намуна (модел)-и иттилоотии мантиқии таъмини идоракунии бизнес-раванд истифода бурда шуд [6,с.228] (расми 2).

Расми 2. Модели мантиқии таъминоти иттилоотии идораи бизнес-раванд
Figure 2. Logical model of business process information support

Дар нақша ҷараёнҳои амудӣ ва уфуқии иттилоот ҷудо карда шудааст. Ҷараёнҳои амудии иттилоотӣ ҳамбастагии роҳбари ташкилот ва соҳиби равандро таъмин мекунанд. Дилхоҳ равандро (асосӣ ва ёрирасон) метавон ҳамчун як қисми ташкилот дида баромад.

Барои кор роҳбари ташкилот (раёсат) бояд дар назди соҳиби раванд вазифа гузорад ва нишондодҳои нақшавии самаранокии равандҳо, захираҳоро муайян, ҳуқуқ ва ваколатҳоеро, ки ба ӯ барои мустақилона қабул намудани қарорҳои идоракунӣ муҳим аст, муқаррар намояд.

Ба фикри мо, бунёд кардани модели бизнес-равандҳо барои равандҳои асосӣ, ёрирасон ва равандҳои идоракунӣ дар асоси расми зерин, ки модели оммавӣ ҳисоб меёбад, ба мақсад мувофиқ аст ва мумкин аст дар ташкилотҳои гуногун истифода бурда шавад (расми 3).

Расми 3. Сохтори ташкилӣ-идоракунии ширкатҳои фарматсевтӣ
Figure 3. Organizational and management structure of pharmaceutical companies



Барои санҷиши самаранокии идораҳои сохтории ширкат, назорат ва танзими хароҷот аз рӯи мавқеъҳои пайдоиш идораҳои сохтории ширкат ё марказҳои масъулиятро ҷудо кардан зарур аст. Ҳамон гуна ки маълумоти ҳисоботи берунаи молиявӣ барои таҳлили вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои фаъолияти ширкат истифода бурда мешавад, маълумоти марказҳои масъулият ҳамчун як ҷузъи низоми идоракунӣ имкон медиҳанд сифати кори ҳар як қитъаи тиҷорат баҳо дода шавад.

Фаъолияти хуби марказҳои масъулият низоми баҳисобгирии идоракунӣ, назорат, ҳисоботи дохилиро талаб мекунад. Ҳисобот оид ба фаъолияти ҳар як маркази масъулият (сегмент) бояд нишондиҳандаҳои зеринро дар бар гиранд: фоида ва зарари ҳар як сегмент; маблағи дороиҳо; даромад аз муштариёни беруна; даромад аз фурӯши дохила; даромад ва хароҷоти фоизӣ; андозҳо; хароҷот ва зарарҳои ғайричашмдошт; ҳиссаи даромад ва дороиҳои софи объекти сармоягузоришуда [5,с.79].

Ғайр аз ҷудокунии маъмулии марказҳои масъулият, вобаста ба ҳудуди салоҳиятҳо ва масъулияти молиявӣ (марказҳои сармоягузорӣ, фоида, хароҷот ва даромад), боз дигар нишондиҳандаҳои гурӯҳбандиро ҷудо мекунанд: аз рӯи сатҳи идоракунӣ (иттиҳодиявӣ, муассиса, идораҳо ва ғайра), аз рӯи ҳадафгузории идоракунӣ (стратегӣ, тактикӣ, фаврӣ), аз рӯи мавқеъ дар ташкили дохилии меҳнат (истеҳсолоти асосӣ, ёрирасон, шуъбаҳои функсионалӣ ва ғ.), аз рӯи дараҷаи мувофиқат бо мавқеи пайдоиши хароҷот (мувофиқ, номувофиқ) ва амсоли инҳо. Дар фаъолияти на он қадар калони ширкат чунин ҳолат, вақте ба ҳар як мавқеи пайдоиши хароҷот соҳаи худи фаъолият мувофиқ меояд, хеле муносиб ҳисобида мешавад. Ивази воқеии байниҳамдигарии коргарон, хоса равандҳои ёрирасон, имконоти амалии тақсимкуниро тибқи вазифаҳои иҷрокунанда дар марказҳои масъулияти молиявӣ намедиҳад. Аз ин рӯ, роҳбарияти ширкат худ ҳал мекунад, ки дар кадом самт хароҷотро тансиф, то кадом андоза мавқеи пайдоиши хароҷотро муайян ва чи гуна онҳоро ба марказҳои масъулият вобаста кардан лозим аст.

Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки ба сифати бизнес-равандҳои асосӣ марказҳои даромад хизмат мекунанд ва марказҳои хароҷот бошанд – бизнес-равандҳои ёрирасонро таъмин мекунанд. Аз рӯи марказҳои масъулият, баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат амалӣ карда мешавад.

Дар асоси сохтори идоракунии ширкатҳои фарматсевтӣ дар таҳқиқот маркази масъулияти молиявӣ ҷудо карда шуда салоҳиятҳои онҳо муайян гардидаанд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Матритсаи алоқаи байниҳамдигарии марказҳои масъулияти молиявӣ ва идоракунии сохтории ширкатҳои фарматсевтӣ

Table 2. Interrelationship matrix of centers of financial responsibility and structural management of pharmaceutical companies

Нишондиҳандаҳо	МММ			Рамзи ҷузъиёт
	Марказҳои фоида	Марказҳои даромад	Марказҳои харочот	
Идора	----------			
Муҳосибот			----------	
Шуъбаи маъмурӣ-хоҷагидорӣ			----------	
Шуъбаи харид ва фурӯш		----------		
Дорухона			----------	
Нуқтаи дорухонавӣ			----------	
Машқгоҳ			----------	

Ин ба мо имконият медиҳад, ки бизнес-модели зерин сохта шавад (расми 4).

Расми 4. Бизнес-модели фаъолияти ширкатҳои фармасевтӣ

Figure 4. Business model of pharmaceutical companies



Фаъолияти тиҷоратиро амалӣ гардонида ширкатҳои фарматсевтӣ харочотро на танҳо дар шакли нархи хариди мол – маводи доруворӣ ва молҳои таъиноти тиббӣ бар дӯш дорад, балки дигар харочотҳоеро низ амалӣ мегардонад, ки бевосита бо хизмарасониҳои тиҷоратӣ алоқаманданд: таъмини биноҳои тиҷоратӣ ва нақлиёти автомобилӣ, пардохти хизматҳои коммуналӣ, харочоти тарғиботӣ ва ғайра. Дар фаъолияти тиҷоратӣ чунин шаклҳои харочотро маъмулан харочоти муомилот меноманд ва нишондодҳои муҳимми санҷиши фаъолияти ширкатҳои тиҷоратӣ мебошанд. Маҳз аз рӯи бузургии харочоти муомилот самаранокӣ ва сифати кори ширкатҳои тиҷоратӣ муайян карда мешавад. Таҳлили харочоти муомилот имкон медиҳад усулҳо, имконот ва захираҳо доир ба кам кардани харочот саривақт ошкор карда шуда, самаранокии кор баланд, мувофиқан натиҷаҳои баланди молиявӣ ба даст оварда шавад. Вобаста ба ин, барои ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ ташкили дурусти баҳисобгирии харочот аҳамияти муайянкунанда дорад, зеро маҳз ҳамин ҷо ҳамон қисмати иттилоот оид ба харочот ба миён меояд, ки имрӯзҳо барои қабули саривақтии қарорҳои идоракунӣ муҳим мебошад.

Муқарриз: н.и.и., дотсент Тоҳирова Р.С.

АДАБИЁТ

1. Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ: китоби дарсӣ / П.Ҷ. Орзуев, С.Қ. Шоймардонов, Қ.Х. Барфиев, И.А. Бобиев. -Душанбе: Балоғат, 2019. -540 с.
2. Барфиев К.Х. Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация. на материалах Республики Таджикистан / К.Х. Барфиев //Кыргызский национальный университет им. Ж. Баласагына, Кыргызско-Российский (славянский) университет им. Б.Н. Ельцина. -Бишкек, 2019.
3. Бахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет: учеб. для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям / М.А. Бахрушина. -7-е изд. -М.: Омега-Л, 2008. -570 с.
4. Бобиев И.А. Проблемы учета затрат по статьям калькулирования в условиях инновационного развития энергетических компаний / И.А. Бобиев, Х.А. Акрамова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. -№4. -С.14-18.
5. Бобиев И.А. Таҷрибаи байналмилалии ташаккулёбӣ ва пешниҳоди ҳисоботи сегментӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхона / И.А. Бобиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2021. -№1. -С.78-86.
6. Веркеева Е.В. Методика внутреннего аудита в организациях: монография / Е.В. Веркеева. -Йошкар-Ола: Марийский государственный технический университет, 2011. -228 с.
7. Друри К. Основы управленческого учета и производственного учета / К. Друри. -М.: Аудит, ЮНИТИ. 1998. -419 с.
8. Иванов В.В. Формирование системы управленческого учета на основе процессных методов управления компанией / В.В. Иванов, П.В. Богаченко, О.К. Хан // Управленческий учет. - 2006. -№1. -С.4-16.
9. Каверина О.Д. Управленческий учет; системы, методы, процедуры / О.Д. Каверина. -М.: Финансы и статистика, 2008. -352 с.
10. Кондраков Н.П. Бухгалтерский управленческий учет: учебн. пособие / Н.П. Кондраков, М.А. Иванова. -М.: ИНФРА-М, 2008. -368 с.
11. Низомнома оид ба калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматҳо) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 1999, №210. [Манбаи электронӣ]. http://minfin.tj
12. Низомов С.Ф. Формирование элементов управленческого контроля в системе управленческого учета / С.Ф. Низомов, Хушвахтзода К.Х. // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. - 2020. -№3(30). -С.206-210.
13. Хорнгрен Ч.Т. Бухгалтерский учет; управленческий аспект / Ч.Т. Хорнгрен, Дж. Фостер; пер. с англ. под ред. Я.В. Соколова. -М.: Финансы и статистика, 1995. -416 с.
14. Хушвахтзода К.Х. Подготовка специалистов бухгалтерского учета в Республике Таджикистан в условиях цифровой экономики / Хушвахтзода К.Х., И.А. Бобиев // Архитектура финансов: вызовы новой реальности: сборник материалов XI Международной научно-практической конференции 22-26 марта 2021 г. под научной редакцией И.А. Максимцева, Е.А. Горбашко, В.Г. Шубаевой. -СПб.: Изд. СПбГЭУ, 2021. -С.387-391.

РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ ХАРОҶОТ АЗ РӮИ БИЗНЕС-РАВАНДҲО ДАР ШИРКАТҲОИ ТИҶОРАТИИ ФАРМАТСЕВТӢ

Дар мақола ба масъалаи назарияи таснифи харочот, ки таҳқиқи он дар асарҳои олимони соҳаи баҳисобгирӣ вомехурад, таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида нақши баҳисобгирии идоракунӣ дар таъмини инъикоси пурра ва боэътимоди иттилоот оид ба истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ барои идоракунандагон муайян карда шудааст.

Дар мақола муайян карда шудааст, ки дар раванди рушди таъминоти таҳлилии баҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯи шаклҳои фаъолият зарур аст: бурдани баҳисобгирии алоҳида аз рӯи шаклҳои фаъолият; таснифи моддаҳои харочот тибқи нишондодҳои методии соҳавӣ; тақсимкунии харочоти ғайримустақим байни намудҳои маҳсулот; мураттабсозии маълумотҳо (таснифкунӣ); автоматикунонии амалиётҳои баҳисобгирӣ дар асоси манбаи умумии иттилоот.

Тибқи ақидаи муталлифон, дар дилхоҳ бизнес-равандҳо метавон се хусусияти асосиро чудо намуд: табдилдиҳӣ; назорат ва алоқаи баръакс: ва такроршавандагӣ.

Дар мақола, ҳамчунин ба масъалаи самаранокии фаъолияти бизнес-равандҳо (марказҳои масъулият) таваҷҷуҳ зоҳир карда шуда, қайд гардидааст, ки оид ба фаъолияти онҳо бояд ҳисоботи дохилӣ тартиб дода шавад. Ҳисобот оид ба фаъолияти хар як маркази масъулият (сегмент) бояд нишондиҳандаҳои зеринро дар бар гирад: фоида ва зарари ҳар як сегмент; маблағи дороиҳо; даромад аз муштариёни беруна; даромад аз фурӯши дохила; даромад ва харочоти фоизӣ; андозҳо; харочот ва зарарҳои ғайричашмдошт; ҳиссаи даромад ва дороиҳои софи объекти сармоягузоришуда ва ғ.

Калидвожаҳо: баҳисобгирии идоракунӣ; усулҳои баҳисобгирии харочот; таснифи харочот; ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ; бизнес-равандҳо; марказҳои масъулият.

РАЗВИТИЕ УЧЕТА ЗАТРАТ ПО БИЗНЕС-ПРОЦЕССАМ В ФАРМАЦЕВТИЧЕСКИХ КОММЕРЧЕСКИХ КОМПАНИЯХ

В статье основное внимание уделяется теории классификации затрат, изучение которой нашло отражение в работах ученых-бухгалтеров, и роли управленческого учета в обеспечении полного и достоверного отражения информации об использовании материальных, трудовых и финансовых ресурсов.

В статье определено, что в процессе развития аналитического обеспечения учета по видам деятельности

необходимо: вести раздельный учет по видам деятельности; проводить классификацию статей затрат по отраслевым методическим признакам; распределение косвенных затрат между отдельными видами продукции; классификацию учетной информации; автоматизацию учетных операций на основе единого источника информации.

По мнению авторов в любом бизнес-процессе можно выделить три основных признака: трансформация; контроль и обратная связь и воспроизводимость.

В статье также акцентируется внимание на эффективности бизнес-процессов (центров ответственности) и отмечается, что для выяснения результатов их деятельности должен быть подготовлен внутренний отчет. Отчет о деятельности каждого центра ответственности (сегмента) должен включать следующие показатели: прибыль и убыток каждого сегмента; сумма активов; доход от внешних клиентов; доход от продаж на внутреннем рынке; процентные доходы и расходы; налоги; непредвиденные расходы и убытки; доля дохода и чистых активов объекта инвестирования и т.д.

Ключевые слова: управленческий учет; методы учета затрат; классификация затрат; фармацевтические торговые компании; бизнес- процессы; центры ответственности.

DEVELOPMENT OF COST ACCOUNTING FOR BUSINESS PROCESSES IN PHARMACEUTICAL COMMERCIAL COMPANIES

The article focuses on the theory of cost classification, the study of which is reflected in the works of accountants, and the role of management accounting in ensuring a complete and reliable reflection of information on the use of material, labor and financial resources.

The article determines that in the process of developing analytical support for accounting by type of activity, it is necessary to: keep separate accounting by type of activity; classification of cost items according to industry methodological features; distribution of indirect costs between individual types of products; classification of accounting information; automation of convenient operations based on a single source of information.

According to the authors, there are three main features in any business process: transformation; control and feedback and reproducibility.

The article also focuses on the effectiveness of business processes (responsibility centers) and notes that an internal report should be prepared to clarify the results of their activities. The report on the activities of each responsibility center (segment) should include the following indicators: profit and loss of each segment; the amount of assets; income from external customers; income from sales in the domestic market; interest income and expenses; taxes; unforeseen expenses and losses; share of income and net assets of the investment object, etc.

Keywords: management accounting; cost accounting methods; cost classification; pharmaceutical trading companies; business processes; responsibility centers.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми иқтисодӣ, профессор, ректор. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru.** Телефон: **(+992) 919-16-98-64**
Болтуева Рухсора Камоловна **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ruhsora@ gmail.com.** Телефон: **(+992) 927-79-05-09**

Сведение об авторах: ***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, ректор. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919-16-98-64.**
Болтуева Рухсора Камоловна - Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **ruhsora@ gmail.com.** Телефон: **(+992) 927-79-05-09**

Information about the authors: ***Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Rector. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Phone: **919-16-98-64**
Boltueva Rukhsora Kamolovna **-** Tajik National University, Applicant. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **ruhsora@gmail.com**. Phone: **(+992) 927-79-05-09**

УДК: 330.5:312(575.3)

ИМКОНИЯТҲОИ ИНТЕРНЕТ-БАНКИНГ ДАР КОҲИШДИҲИИ ХАВФҲО

Алимардонов Т.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Айни замон рақобати бонкӣ дар соҳаи хизматрасониҳои бонкии фосилавӣ тавассути истифодабарии дастгоҳҳои мобилӣ, компютерҳои фардӣ, интернет-банкинг ва дигар воситаҳои алоқа марказонида шудааст. Рақамикунонии тиҷорат ба вазифаи афзалиятноки бонкӣ табдил меёбад. Ташкилотҳои қарзӣ ба муштарӣ намудҳои гуногуни хизматрасониҳои фосилавиро пешниҳод менамоянд, ки маъмултарини онҳо интернет-банкинг мебошад. Дар ин раванд иқтисоди рақамӣ низ метавонад амаликунандаи тамоми омилҳо ва нишондиҳандаҳо бошад.Инқилоби рақамӣ ба муколамаи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои марбут бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои рушд ва амалинамоӣ мусоидат менамояд [1,с.19-22].

Муборизаи рақобатӣ барои муштарӣ боиси пайваста ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва такмили технологияҳои мавҷудбудаи бонкӣ мегардад. Рақамикунонии тиҷорат асоси стратегияи рушди бонкҳоро ташкил медиҳад. Сарфи назар аз истифодаи густурдаи интернет-банкинг, таваҷҷуҳи бештари бонкҳо нисбат ба муштариён зиёд гардидааст. Методологияи таҳлили самаранокии интернет-банкинг вуҷуд надорад ва то ҳол мушкилоти марбут ба бонк, камбудиҳои техникӣ системаро ба вуҷуд меорад. Истифодаи методологияи пешниҳодшудаи таҳлили самаранокии интернет-банкинг имкон медиҳад, ки то чӣ андоза дуруст, таҳия ва татбиқ намудани маҳсулоти бонкӣ, самаранокии фаъолият ва васеъ намудани доираи муштарӣ муайян карда шавад.

Табарзода О.С. дар мақолаи худ дуруст қайд мекунад, ки “Дар замони муосир системаҳои пардохтии бо иштироки системаҳои муосири бонкӣ, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон танзим карда мешавад, дар сатҳи такмилёбии технологӣ ва мобилӣ аст” [11,с.39-49]. Рушди интернет-банкинг ва технологияҳои электронӣ барои истеъмолкунандагон, инчунин, пешниҳоди намудҳои нави хизматрасонӣ аз ҷониби бонкҳо, дар асоси рақобат на танҳо бо ба даст овардани афзалиятҳо, балки бо хатарҳо низ алоқаманд аст. Интернет-банкинг хусусияти хавфҳои молиявиро тағир медиҳад. Ҳамзамон, интернет-банкинг, чун қоида, дар сатҳи муосири технологӣ, дучоршавӣ ба таваккалро кам намуда, ба сохтори он гуногунрангӣ меорад, ки он бо чунин сабабҳо муайян карда мешавад:

Расми 1. Сабабҳои дучоршавӣ ба хавфҳои бонкӣ
Figure 1. Reasons for exposure to banking risks

Ҳангоми муайян ва таҳлили хатарҳои интернет-банкинг бояд ҳамаи амалиётҳо, ташкилоти қарзӣ ва маълумоти муштариёни онҳо тавассути бонкҳо мегузорад, ба назар гирифта шавад, зеро ҳар яке аз ин амалиётҳо то як дараҷа, метавонад манбаи хатар бошад. Дар Интернет-банкинг чунин хавфҳое мавҷуд ҳастанд, ки онҳо метавонанд ба дараҷаҳои гуногун таъсир расонанд инҳо: қарз, фоизҳо, асъорӣ саҳомӣ, амалиёти стратегӣ, эътибори ҳуқуқӣ ва инчунин, хавфи пардохтпазирӣ мебошад. Дар баробари маълумотҳои овардашуда, намуди хавфҳо пурра нестанд. Хавфи қарзӣ дар ҳама

фаъолиятҳо пайдо мешавад, ки муваффақият аз амали шарик, эмитент ё қарзгир вобаста аст.

Худойназаров Д.А., Исупов А.К., дар мақолаи худ дуруст қайд намудаанд, ки «Интернет-банкинг барои ташкилотҳои қарзӣ манфиати хуберо бартараф месозад, зеро интернет-банкинг барои ҳар як бонк имкониятҳои муфидеро ба бор меорад» [14,с.31-34].

Аз ин хотир барои бехатар гардонидани амалиётҳои бонкӣ мо чунин хавфҳои бонкиро пешгӯӣ менамоем, то ки бонк бо воситаи интернет-банкинг ба ин гуна хавфҳо дучор нагардад. Ҳар як истифодабарандаро зарур аст, ки барои беҳтар гардидани ин ё он кор, аз рақамсозӣ ва ё криптография истифода намоянд. Криптография яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа дар замонҳои қадим ба шумор мерафт ва ин то ҳол дар асри ххI -низ амалӣ гардида истодааст, ки он ба иқтисодиёти рақамӣ вобастагии амиқ дорад [3,с.61-69].

Қобили зикр аст, ки хавфи қарзӣ барои ташкилотҳои қарзӣ, ки сатҳи интернет-банкинги онҳо баланданд, муҳим аст қонунгузорӣ ва вазъи макроиқтисодии кишварҳое, ки ин бонкҳо фаъолият мекунанд, имкон медиҳанд, ки тавассути интернет қарз диҳанд.

Интернет-банкинг ба бонк имконият медиҳад, ки доираи фаъолияти худро васеъ намояд. Мизоҷон метавонанд бо ин муассиса аз ҳар гӯшаи ҷаҳон кор кунанд. Ҳангоми муошират бо мизоҷон, вақте ки тамоси шахсӣ тавассути интернет вуҷуд надорад, муассисаҳо бо мушкилоти тасдиқи шахсияти мизоҷони худ рӯбарӯ мешаванд, ки ҷузъи муҳимми қабули қарорҳо оид ба қарз мебошад. Тасдиқи гарав ва иҷрои созишномаҳои амниятӣ низ, ҳангоми кор бо қарзгирандагони дурдаст метавонад мушкил бошад. Дар сурати набудани идоракунии дуруст, интернет-банкинг метавонад боиси қарзҳои марказонидашудаи чунин қарзгирандагон ё қарзҳо дар соҳаи алоҳида гардад.

Бонкҳо метавонанд талаботи қарзро дар зери фишори рақобат кам кунанд. Ҳамзамон, нигоҳдории иттилоот дар шакли электронӣ ба бонкҳои алоҳида ва иттиҳодияҳои бонкӣ имкон медиҳад, ки самаранокии нигоҳдорӣ ва истифодаи парвандаҳои қарзии муштариёнро беҳтар созанд, ки ин дар навбати худ техникаи арзёбии хавфи қарзиро такмил медиҳад. Вобаста ба таҳлили вазъи бозори қарзӣ ва амалиёти қарзӣ хавфҳои қарзиро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

Хавфи фоизӣ: фоиз дар ҷараёни савдои онлайн ба миён меояд, зеро дар ин ҳолат муомилот аз ҷониби тоҷирон, ки ба системаи идоракунии бонкӣ мустақил нестанд, инчунин, ҳангоми пешниҳоди маҳсулоти амонатӣ ва қарзӣ, мизоҷон тавассути интернет идора карда метавонанд. Бояд қайд кард, ки интернет-банкинг метавонад ба ташаккули муносибатҳои амонатӣ, қарзӣ ва дигар муносибатҳо бо доираи васеътари муштариёни эҳтимолӣ мусоидат кунад, назар ба он ки ин муносибатҳо офлайн, тавассути офисҳои анъанавии бонкӣ, бо истифода аз маркетинги «шабакавӣ» амалӣ карда мешаванд.

Хавфи пардохтпазирӣ. Афзоиши хавфи пардохтпазирӣ метавонад бо фароҳам овардани имкони интиқоли маблағҳои зуд ва шабонарӯзӣ тавассути суратҳисобҳои дар бонкҳои гуногун кушодашуда алоқаманд бошад. Афзоиши ҳаракати сармоя боиси афзоиши ноустувории суратҳисобҳои амонатӣ мегардад. Ҳамзамон, хавфи пардохтпазирӣ аз ҳаҷм ва хусусияти амалиётҳо бо суратҳисобҳое, ки аз ҷониби мизоҷон тавассути интернет назорат карда мешаванд, вобаста аст, ки мутаносибан ба системаи мониторинги пардохтпазирӣ ва тағйирёбии пасандозҳо ва қарзҳое, ки бонк бунёд мекунад, таъсир мерасонад. Хавфи бонк метавонад ба пардохтпазирӣ таъсири ҷиддӣ расонад.

Хавфи саҳомӣ. Бонкҳо метавонанд ба хавфи саҳомӣ дучор шаванд, агар онҳо пасандозҳо, тиҷорати қарзӣ ё барномаи суғуртаи хавфро дар натиҷаи фаъолияти интернет-банкинг оғоз ё густариш диҳанд. Хавфи воситаҳои молиявие, ки бонк бо онҳо амалиёт анҷом медиҳад, метавонад зери таъсири рушди як соҳаи дигари фаъолият дар бозори молиявӣ, савдои интернетӣ афзоиш ёбад. Аз тарафи дигар, савдои интернетӣ имкон медиҳад, ки маблағҳои асосан ночизи шахсони ҷудогона ба бозори молиявӣ ҷалб карда шаванд, то дар аксари ҳолатҳо амалиёти ба мақсадҳои муқобил равонашуда ҳамдигарро ҷуброн кунад ва ба хатари умумии саҳомии бонк таъсири ҷиддӣ нарасонад.

Хавфи мубодилаи асъор вақте ба вуҷуд меояд, ки қарз ё сандуқи қарзӣ бо асъор ё бо роҳи гирифтани қарз бо асъори дигар маблағгузорӣ карда мешавад. Дар баъзе мавридҳо, бонкҳо дар уҳдадориҳои қарзи ҷалб карда мешаванд, ки ба қарзгирандагон имкон медиҳанд, асъореро дар ҳар давраи гардиш истифода баранд, ё ин ки интихоб кунанд. Хавфи асъор метавонад аз таъсири омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ё иқтисодӣ афзоиш ёбад.

Хавфи амалиётӣ. Хавфи амалиётӣ барои бонк ҳангоми пешниҳоди хизматрасонӣ ба онҳо тавассути интернет хатари бештар дорад. Дар баробари ин, сатҳи рушди интернет-банкинг дар кишвар ва ё дар дохили як бонки алоҳида комилан муҳим нест, хатари амалиётӣ барои хизматрасонӣ ин намуди доимӣ аст. Хавфи амалиётӣ дар ҳар як хизматрасонӣ интернетӣ зоҳир шуда, ба ташкили хадамот ва пешниҳоди онҳо, коркарди ташкилотҳо, таҳияи система, системаҳои компютерӣ, мураккабии хизматрасонӣ, нигоҳдорӣ ва шароити амалисозии назорати дохилӣ паҳн мешавад. Дараҷаи хавфи амалиётӣ, ки ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои интернет-банкинг ба вуҷуд меояд, махсусан баланд аст, агар ин хизматрасониҳо ба таври нокифоя ба нақша гирифта, амалӣ карда шаванд.

Пешниҳоди хизматрасониҳои интернет-банкинг бо истифода аз шабакаи мустаҳками алоқа метавонад воқеан ин вазифаро осонтар кунад, зеро имкониятҳои захиравӣ метавонанд дар як минтақаи васеи ҷуғрофӣ паҳн шаванд. Масалан, агар сервери ибтидоӣ ном шавад, шабакаи алоқа бояд ба таври худкор ҷараёни маълумотро ба сервери эҳтиётии дар ҷои дигар ҷойгиршуда равона кунад. Масъалаҳои амният ва назорати дохилӣ бояд ҳангоми таҳияи нақшаҳои муттасили тиҷорат ва барқарорсозии бонкҳо баррасӣ карда шаванд, ки системаҳои онҳо дар ҳолати интизорӣ бояд мисли системаҳои коркарди аввалия мураккаб бошанд. Мавҷудияти баланди системаҳо талаботи асосии муштариён мебошад. Бояд фаҳмидан зарур аст, ки хатогиҳои клиринг метавонад хавфи обрӯи бонк, хавфи пардохтпазирӣ ва хавфи қарзиро зиёд кунад. Ҳангоми баррасии хатари амалиётӣ, амният дар маҷмуъ муҳимтарин ташкилот аст. Масъалаҳои амниятӣ барои бонкҳо нав нестанд. Дар байни мутахассисон ҳатто чунин таъриф вуҷуд дорад: бонк ташкилотест, ки дар ҳамаи шуъбаҳои он дуздӣ кардан мумкин аст. Аммо, вақте ки интернет барои анҷом додани ташкилотҳо истифода мешавад, ҷанбаҳои нави ин хатари марбут ба амнияти компютерӣ ва иттилоотӣ ба миён меоянд. Бонкҳо барои ноил шудан ба сатҳи мувофиқи амният аз системаҳои муосири криптографӣ, криптоасъор, барномаҳои мувофиқи компютерӣ ва дигар воситаҳо истифода мебаранд. Вобаста ба ин мафҳум олимони ватанӣ Мирзоев Н.Ҳ., дар мақолаи худ ин мафҳумро чунин қайд менамоянд “Криптоасъор бо эътимод ва сохтакорӣ тавссути алгоритми хешинг, ҳифз карда мешавад, ки кушодан, фошкунӣ ё гардонидани он то имрӯз имконпазир нест” [5,с.131-134].

Расми 2. Намунаи кафолатҳои бонк ба муштарӣ
Figure 2. Example of bank guarantees to the client



Ба ақидаи олимони ватанӣ Сатторов А.Ҷ., Саъдуллозода О.З., мафҳуми иқтисоди рақамӣ ва криптоасъор чунин арзёби гардидаасат. Криптоасъор комилан ғайримарказонидашуда ташкил шудаанд, яъне онҳо ягон мақомоти роҳбарикунанда надоранд ва аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ ба танзим дароварда намешаванд [7,с.138-145]. Аммо бояд қайд кард, ки ин унсурҳои амнияти иттилоотӣ танҳо дар сурате самаранок хоҳанд буд, ки меъёрҳо ва расмиёти дахлдори дохилии бонкӣ, системаи назорати дохилӣ, қатъиян риоя кардани ин дастурҳо, тартиби истифодаи онҳоро дақиқ муайян намуда, тартиби амалҳоро дар ҳолатҳои ғайричашмдошт пешбинӣ намояд. Бонкҳо бояд асбобҳои боэътимоди амниятӣ ва ошкоркуниро дошта бошанд, то системаҳои бонкии онлайни худро аз ҳамлаҳои дохилӣ ва берунӣ эмин нигоҳ доранд. Дар доираи

идоракунии хавфи амалиётӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои интернет-банкинг, бонк бояд ба муштарӣ кафолатҳои зеринро пешниҳод намояд:

Усулҳои стандартии сохтани системаи амният, дар баъзе мавридҳо, санҷиши технологияҳои дар бонк истифодашаванда аз ҷониби шахси сеюм самаранок аст, ки дар асоси шартномаи мувофиқ ҳамлаи ҳакерҳоро тақлид мекунад ва ба ин васила камбудиҳоро дар системаи амният муайян мекунад. Илова бар ин, тағйир додани усулҳои ҳамлаҳои ҳакерӣ зарурати аз нав дида баромадани мунтазами унсурҳои системаи амнияти иттилоотии аз ҷониби бонк истифодашаванда, дастурҳои дохилии бонкӣ ва тартиби татбиқи онҳо муайян карда мешавад.

Ҷузъи дигари хавфи амалиётӣ, ин таҳдиди густариши амалиёти пулӣ дар бонк мебошад. Ин намуди таваккал аз ҳисоби анҷом додани амалиёти бонкӣ аз ҳар гӯшаи ҷаҳон, новобаста аз вақти шабонарӯзӣ, бидуни тағҳизоти махсус, афзоиши суръати ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ ва автоматикунонии раванди амалиёти бонкӣ меафзояд. Хизматрасонӣ ба таври фосилавиро тавассути интернет, барои бонкҳо муайян кардани муштариён душвор аст, тамоси шахсӣ ва назорати кормандони бонк ҳам, ҳангоми кушодани суратҳисоб ва ҳам ҳангоми амалиёти минбаъда вуҷуд надорад.

Ба мисли худи бонкҳо, мақомоти танзимкунанда бояд ҷорӣ намудани интернет-банкингро аз нуқтаи назари таъсири технологияҳои иттилоотии истифодашаванда ба профили хавфи бонк ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти он омӯзонанд ва эҳтимолан дар ин марҳилаи рушд технологияҳоро ҳамчун омили асосии бонкӣ, объекти мустақили назорат баррасӣ намоянд.

Хавфи ҳуқуқӣ. Дараҷаи хавфи ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, аз дараҷаи таҳияи қонунгузорӣ оид ба масъалаи интернет-банкинг вобаста аст. Дар бисёр кишварҳо қонунҳо оид ба имзои электронӣ мавҷуданд, ки барои татбиқи тиҷорати электронӣ дар маҷмуъ ва бахусус интернет-банкинг заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меоранд. Тавре зикр карда мешавад, дар татбиқи интернет-банкинг сарҳадҳои миллӣ норавшананд. Ин ба он оварда мерасонад, ки хавфи ҳуқуқӣ на танҳо қонунгузории кишваре, ки бонк дар он ҷойгир аст, балки кишваре, ки дар он муштариён ҷойгир ҳастанд, таъсир мерасонад.

Хавфи иловагӣ, аз сабаби зарурати роҳнамоии қонунҳои кишварҳои гуногун ба миён меояд. Бонк, ки ба интернет-банкинг машғул аст, инчунин, дар сурати паҳнкунии беиҷозат ё ифшои маълумоти хусусии муштариён ба хатари ҳуқуқӣ дучор мешавад. Аксарияти муштариёни интернет-банкинг барои пешниҳоди хизматҳои бонкӣ аз дигар каналҳо истифода хоҳанд кард. Бинобар ин, бонкҳо бояд муштариёни худро омӯзонанд, маълумотҳое, ки онҳо тавассути каналҳои интернет-банкинг, аз ҷумла вебсайтҳо пешниҳод мегарданд, бо иттилооти каналҳои дигар огоҳӣ дошта бошанд, то ки ба хавфҳо дучор нагарданд.

Интернет-банкинг қонеъ кардани ин талаботро душвор месозад. Бонкҳое, ки нақшаи кушодани суратҳисобҳои навро тавассути интернет доранд, бояд дар ин самт стандартҳои қатъӣ дошта бошанд. Инчунин, бонк вазифадор аст системаи назоратро барои муайян кардани амалҳои ғайриодӣ ё шубҳанок таъсис диҳад ва дар ҳолати зарурӣ оид ба фаъолияти шубҳанок ҳисобот диҳад. Қоидаҳои интиқоли маблағҳои муқаррарнамудаи қонун, инчунин, нисбат ба интиқол ё интиқоли маблағҳо тавассути интернет дар ҳолатҳое татбиқ мешаванд, ки маблағи амалиёт аз меъёри муқарраршуда зиёд бошад, он ба яке аз истисноҳои пешбининамудаи қоидаҳо татбиқ намегардад. Бонкҳо бояд кафолат диҳанд, ки муштариён пеш аз интиқоли маблағ тамоми маълумоти заруриро пешниҳод кунанд. Бонкҳо бояд архиви маълумоти дахлдорро ташкил намоянд.

Хавфи стратегӣ таъсири ҷорӣ ва ояндаро ба даромад ё сармояи қарорҳои нодурусти тиҷоратӣ, татбиқи номуносиб ё набудани вокуниш ба тағйирот дар соҳа инъикос мекунад. Ин хатар аз мутобиқати ҳадафҳои стратегии созмон, стратегияҳои тиҷоратие, ки барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо таҳия шудаанд, захираҳои барои ин ҳадафҳо ҷудошуда ва сифати татбиқи стратегияҳо вобаста аст. Захираҳои зарурӣ барои татбиқи стратегияҳои тиҷоратӣ дар соҳаи интернет-банкинг ба моддӣ ва ғайримоддӣ тақсим мешаванд. Ба инҳо каналҳои иртиботӣ, системаҳои амалиётӣ, шабакаҳои хизматрасонӣ, қобилиятҳои роҳбарӣ ва кормандон дохил мешаванд.

Пеш аз ҷорӣ намудани хизматрасонии интернет-банкинг, роҳбарият бояд андеша кунад, ки чӣ гуна хадамот ва технологияи татбиқи он бо ҳадафҳои тиҷоратии «моддӣ» дар

нақшаи стратегии бонк мувофиқат мекунад. Бонк бояд арзёбӣ кунад, ки оё он дорои малака ва захираҳо, барои муайян кардан, назорат кардан ва назорати хавфҳо, дар тиҷорати онлайнии худ мебошад ё не.

Коршиносони технологияҳои бонкӣ дар якҷоягӣ бо кормандони маркетинг ва амалиёт бояд дар ин раванди банақшагирӣ ва қабули қарорҳо ҷалб карда шаванд. Онҳо бояд боварӣ ҳосил кунанд, ки нақша бо ҳадафҳои умумии тиҷоратии бонк мувофиқат кунад ва аз доираи устувории бонк ба хатар ворид нагардад.

Бархе аз олимони ватанӣ чунин ақида доранд, ки «Технологияҳои нав, махсусан муҳити интернет, қодиранд, ки ҷолибияти рақобатпазирии бонкро зуд тағйир диҳанд» [8,с.167-171]. Мутаносибан, ғояи стратегии роҳбарияти бонк бояд тарзи тиҷорат тавассути интернетро муайян кунад, ки тавассути он таҳия, татбиқ, назорат ва хавфҳои бонк муайян карда мешавад. Агар бонк ба талаботи бозор ҷавобгӯ набошад ва ба мизоҷон сари вақт хизмат нарасонад, пас хатари обрӯю эътибори ӯ қарор дорад.

Омилҳои хавф инҳоянд: қобилияти вокуниши мувофиқ ба ниёзҳои муштариён, истифодаи системаҳои беэътимод ё бесамар барои расонидани хизмат ба муштарӣ, таъхир дар посух додан ба дархостҳои муштариён ё риоя накардани стандартҳои махфият, амалӣ гардонида мешавад. Агар хизматрасонӣ дар доираи интернет-банкинг, дер ташкил карда шавад ё ба таври дигар вокуниши манфии муштариёнро ба вуҷуд орад, он гоҳ бонк метавонад осеб бинад.

Бонкҳои миллӣ набояд системаи интернет-банкингии худро дар асоси хусусиятҳо ё параметрҳое, ки ин система надорад, таблиғ кунанд. Барномаи маркетинг бояд маҳсулотро ростқавлона ва дақиқ пешниҳод кунад. Бонкҳои миллӣ бояд пешниҳоди истинод ба шахсони сеюмро дар вебсайтҳои худ бодиққат баррасӣ кунанд. Истинодҳои гиперматнӣ аксар вақт барои имкон додани пайвастшавӣ ба муштарӣ бо созмонҳои дигар истифода мешаванд.

Бонкҳои тиҷоратӣ бояд итминон дошта бошанд, ки нақшаҳои идомаи фаъолияти онҳо инчунин, амалиётҳоеро, ки дар доираи интернет-банкинг анҷом дода мешаванд, ба назар мегиранд. Баррасии мунтазами ин нақшаи муттасилии тиҷорат, аз ҷумла стратегияҳои матбуот ва робита бо ҷомеа, ба бонк кумак мекунад, то боварӣ ҳосил кунад, ки вай метавонад ба ҳама гуна таҳрибаи манфии муштариён ва васоити ахбори омма (ВАО) вокуниши муассир ва мувофиқ дошта бошад.

Барои беҳтар гардидани натиҷаи кори бонкҳо, ҳар як бонк бояд бештар ба хавфҳои дар мақола овардашуда диққати аввалиндараҷа диҳад, то ки сатҳу сифати кори бонкҳо натиҷаи назаррасро ба бор оранд. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳар як бонк барои ба хавфҳо дучор нагардидан бояд интернет-банкинги худро ба тавре омода созанд, ки он барои истифодабарандагон ва муштариён равшан ва возеҳ бошад. Интернет-банкинг ба бонк имконият фароҳам меорад, ки фаъолияти худро густурда ба роҳ монад ва доираи муштариёни худро зиёд намояд. Ин натиҷаро бояд ҳар як бонк ба инобат гирад, то ки дараҷаи сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ ба мизоҷон дар як сатҳи такмилёфта пешкаш гардад.

Муқарриз: н.и.и., муаллими калон Ғаюров Ғ.Ҳ.

АДАБИЁТ

1. Алимардонов Т.А. Иқтисоди рақамӣ ҳамчун воситаи идорашаванда / Т.А. Алимардонов // «Фаъолияти инноватсия ҳамчун омили рушди босуръати иҷтимоию иқтисодӣ дар саноат». Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба «30–солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». -Бустон, 2021. -С.19-22.
2. Алимардонов Т.А. Моҳияти иқтисоди рақамӣ ва равандҳои асосии ташаккулёбии он / Т.А. Алимардонов, А.Қ. Ҷобиров // Тоҷикистон: Иқтисод ва идора. Илмҳои иқтисодӣ. –Душанбе, 2021. -№2. -С.55-61.
3. Алимардонов Т.А. Криптография ва нақши он дар рушди иқтисоди рақамӣ / Т.А. Алимардонов, А.Қ. Сатторов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба «30 –солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавзуи «Рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар даврони истиқлолият: дастовард ва дурнамо». –Ваҳдат, 2021. -С.61-69.
4. Алимардонов Т.А. Рушди иқтисоди рақамӣ ва мафҳумҳои асосии он / Т.А. Алимардонов, Р.М. Бобоева // Тоҷикистон: Иқтисод ва идора. Илмҳои иқтисодӣ. –Душанбе, 2021. -№3. –С.55-61.
5. Мирзоев Н. Нақши криптоасъор дар замони муосир / Н. Мирзоев // Маводи мизи гирди умумидонишгоҳии илмию назариявӣ дар мавзуи «масоили мубрами менеҷмент дар шароити муосир». –Душанбе, 2020. -С.131-134.

6. Мирзоев Н. Ҳукумати электронӣ дастоварди муҳимтарини ҷаҳони муосир / Н. Мирзоев // Маводи конференсияи байналмиллалии илмию амали дар мавзуи “Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт”. –Душанбе, 2020. -С.175-180.
7. Сатторов А.Ҷ. Иқтисоди рақамӣ ва криптоасъор / А.Ҷ. Сатторов, Саъдуллозода О.З., Ф.С. Камолов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи “Иқтисоди рақамӣ ва зарурияти ҷорӣ намудани низоми нави ҳисобҳои миллӣ”. –Душанбе, 2021. -С.138-145.
8. Саттаров А.Ҷ., Иттилоот ҳамчун захираи иқтисодӣ / А.Ҷ. Саттаров, Н. Муминова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Баъзе муаммоҳои моделсозӣ дар илмҳои иқтисодӣ ва табиӣ». –Душанбе, 2018. –С.167-171.
9. Саттаров А.Ҷ. Иқтисоди рақамӣ вазъи кунунӣ ва дурнамо / А.Ҷ. Саттаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500–солагии Саразми бостонӣ», «700 солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ». –Душанбе, 2020. –С.356-357.
10. Скачихин Н.О. Электронный банкинг и его роль в развитии банковских услуг // Экономика современной России сборник материалов межрегиональной студенческой научной конференции по итогам НИР за 2016 год. - 2017. -С.152-153. [Электронный ресурс]. URL: https:// elibrary.ru/item.asp?id=32645925
11. Табарзода О.С. Современное развитие мобильных платежей в системе электронных платежей / Табарзода О.С., А.Р. Расулов // Научный журнал. Таджикистан: Экономика и управление. –Душанбе, 2021. -№3. –С.39-49.
12. Функционал существующей системы "Интернет–банкинг" [Электронный ресурс]. URL: http://www.rbcard.com/ finance/finance8. htm. – (дата обращения: 10.11.2021).
13. Характерные особенности развития интернет-банкинга. [Электронный ресурс]. URL: http://www.finance.ru. – (дата обращения: 30.10.2021).
14. Худойназаров Д.А. Муаммоҳои рушди низоми бонкии исломӣ дар шароити имрӯза / Д.А. Худойназаров, А.К. Исупов // Паёми Донишгоҳи миллии тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. -№2. -С.31-34.
15. Хушвахтзода К.Х. Роль банковского кредитования в развитии малого сельскохозяйственного бизнеса / Хушвахтзода К.Х., Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2020. -№7. -С.35-41.
16. Хушвахтзода К.Х. Финансово-кредитные ресурсы развития сельского предпринимательства (концептуальные вопросы) / Хушвахтзода К.Х., Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2020. -№8. -С.5-10.
17. Юсупова О.А. Инновационные технологии в подготовке бакалавров финансового профиля / О.А. Юсупова // Инновации в образовании. - 2015. -№7. -С.79-90.
18. Юсупова О.А. Трансформация мониторинга в банковском кредитовании / О.А. Юсупова // Инновационная экономика и общество. - 2014. -№3. -С.87-95.

ИМКОНИЯТҲОИ ИНТЕРНЕТ-БАНКИНГ ДАР КОҲИШДИҲИИ ХАВФҲО

Дар мақаола доир ба хавфҳои асосии интернет-банкинг таҳлилҳо гузаронида шудааст, ки натиҷаи он барои бонкҳо тавсияҳои судмандро пешниҳод менамояд. Дар натиҷаи омоданамоии мақола оид ба таҳлили нишондиҳандаҳои ҷории хизматрасониҳои бонкии фосилавӣ, алалхусус интернет-банкинг, мураттабсозии бартариҳои он, муайян кардани мушкилот дар марҳилаи кунунӣ, таҳияи методологияи таҳлили самаранокии истифодаи интернет-банкинг, амалӣ гардонида шудааст.

Вобастба ба ин баҳодиҳии нишондиҳандаҳои интернет-банкинг гузаронида шуда, дар асоси тафсири натиҷаҳои он мушкилот, дурнамо ва самтҳои рушди соҳа муайян карда шудааст. Бартариҳои интернет-банкинг имкониятҳои он барои бонк ва муштарӣ таҳия шудаанд. Методологияи таҳлили самаранокии системаи интернет-банкинг барои ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод карда шудааст. Нисбат ба интернет-банкинг ва хавфҳои асосие, ки имрӯз метавонад бонкҳоро дар ҳолати ногувор қарор диҳад, маълумот оварда шудааст. Агар ҳар як субъектҳои иқтисодӣ ҳангоми иҷрои амалиётҳои бонкӣ бештар ба ин гуна хавфҳо диққат диҳад, бо чорачӯӣ метавонад сатҳи хавфро кам намояд. Агар чунин категорияҳои хавфҳоро ба монанди хавфҳои қарзӣ, асъорӣ, хавфи саҳомӣ, хавфи амалиётӣ, хавфи ҳуқуқӣ, нархҳо, инчунин, хавфи фоизӣ ва хавфи пардохтпазириро баррасӣ кунем, пас дар заминаи интернет-банкинг нишондиҳандаҳои асосии онҳо каме тағйир меёбанд. Дар ин ҳолат, интернет-банкинг маҳз ҳамчун платформаи нави пешбурди хизматрасониҳои бонкии анъанавӣ амал мекунад ва ба сабабҳои пайдоиши ин хатарҳо таъсир мерасонад. Ҳангоми арзёбии эҳтимолияти ин намуди хатарҳо бояд дар назар дошта шавад, ки интернет-банкинг ба мо имкон медиҳад, ки бештари муштариёни навро ба бонк ҷалб намоем ва он метавонанд аз категорияҳои муштариёни маъмулии бонк аз ҷиҳати ҷойгиршавии ҳудудӣ, соҳаи фаъолият ва ғайраҳо фарқ кунанд. Интернет-банкинг аслан як роҳи нави пешниҳоди хизматрасониҳои анъанавии бонкӣ буда, тамоми хатарҳое, ки ба фаъолияти бонкӣ хос аст, дучор меояд, вале айни замон муҳтаво ва аҳамияти категорияҳои муайяни хавфҳо, инчунин, профили умумии хавфҳоро дар бонкҳо ба таври назаррас тағйир медиҳад.

Калидвожаҳо: хизматрасониҳои бонкӣ, ташкилотҳои бонкӣ, интернет-банкинг, рақамсозии тиҷорат, самаранокии интернет-банкинг, рушди интернет-банкинг, хусусияти хавфҳои молиявӣ.

ВОЗМОЖНОСТИ ИНТЕРНЕТ-БАНКИНГА В СНИЖЕНИИ РИСКОВ

В статье проанализированы основные риски интернет-банкинга, по результатам которого даны полезные рекомендации для банков. По результатам подготовки статьи проведен анализ текущей эффективности дистанционного банковского обслуживания, в частности Интернет-банкинга, перечень его преимуществ, выявление проблем на текущем этапе, разработка методики анализа эффективности Интернет-банкинга.

В связи с этим была проведена оценка показателей интернет-банкинга, по результатам которой были определены проблемы, перспективы и направления его развития. Преимущества интернет-банкинга и его возможности рассчитаны на банк и клиента. Предлагается методика анализа эффективности системы Интернет-банкинг для кредитной организации. Предоставляется информация об интернет-банкинге и основные риски, которые могут сегодня поставить банк в затруднительное положение. Если каждый экономический субъект будет уделять больше внимания таким банковским рискам при проведении банковских операций, он может принять меры по снижению уровня риска. Если рассматривать такие категории рисков, как кредитный риск, валютный риск, фондовый риск, операционный риск, правовой риск, ценовой риск, а также процентный риск и риск ликвидности, то в контексте интернет-банкинга их основные показатели изменятся незначительно. В этом случае интернет-банкинг выступает как новая платформа для продвижения традиционных банковских услуг и влияет на причины этих рисков. При оценке вероятности данного вида риска следует иметь в виду, что интернет-банкинг позволяет нам привлекать в банк больше новых клиентов, которые могут отличаться от обычных категорий клиентов, с точки зрения местонахождения, сферы деятельности и себя. Интернет-банкинг - это, по сути, новый способ предоставления традиционных банковских услуг, который сталкивается со всеми рисками, присущими банковскому делу, но в то же время значительно меняет содержание и важность определенных категорий рисков, а также общий профиль рисков в банках.

Ключевые слова: банковские сервисы, банковские учреждения, интернет-банкинг, нумерация предприятий, эффективность интернет-банкинг, разработка интернет-банкинга, характер финансовых рисков.

IMKONIYATHOI INTERNET BANKING DAR KOIKISHDII HAVFO

The article analyzes the main risks of Internet banking, the results of which provide useful recommendations for banks. Based on the results of the preparation of the article, an analysis was made of the current effectiveness of remote banking services, in particular Internet banking, a list of its advantages, identification of problems at the current stage, development of a methodology for analyzing the effectiveness of Internet banking.

In this regard, an assessment of the indicators of Internet banking was carried out, according to the results of which problems, prospects and directions for its development were identified. The advantages of Internet banking, its capabilities are designed for the bank and the client. A technique for analyzing the effectiveness of the Internet banking system for a credit institution is proposed. Provides information about Internet banking and the main risks that can put the bank in a difficult position today. If each economic entity pays more attention to such banking risks when conducting banking operations, it can take measures to reduce the level of risk. If we consider such categories of risks as credit risk, currency risk, equity risk, operational risk, legal risk, price risk, as well as interest rate risk and liquidity risk, then in the context of Internet banking, their main indicators will change slightly. In this case, Internet banking acts as a new platform for promoting traditional banking services and influences the causes of these risks. When assessing the likelihood of this type of risk, it should be borne in mind that Internet banking allows us to attract more new customers to the bank, who may differ from the usual categories of customers in terms of location, scope of activity and themselves. Internet banking is, in essence, a new way of providing traditional banking services, which faces all the risks inherent in banking, but at the same time significantly changes the content and importance of certain categories of risks, as well as the overall risk profile in banks.

Keywords: banking services, banking organizations, internet banking, business digitalization, internet banking efficiency, internet banking development, nature of financial risks.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Алимардонов Тохирджон Ашуралиевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru**. Телефон: **207-56-56-44**

Сведение об авторе: ***Алимардонов Тохирджон Ашуралиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономический наук, старший преподаватель кафедры кибернетики и цифровой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru.** Телефон: **207-56-56-44**

Information about author: ***Alimardonov Tohirjon Ashuralievich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior lecturer of the Department of Cybernetics and Digital Economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru**. Phone: **207-56-56-44**

УДК:332.72(575.3)

ИСЛОҲОТИ МУНОСИБАТҲОИ ЗАМИНДОРӢ ВА ТАШАККУЛИ АСОСҲОИ ИҚТИСОДИИ ГУЗАРИШ БА МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРИИ ЗАМИНДОРӢ

Камолов Д.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ба хусус дар раванди муносибатҳои заминдорӣ таъсири худро расонида, зарурати ислоҳотро пеш оварда. Зеро ташаккули марҳилаи муосири рушди ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ на танҳо тағйиротҳои дахлдорро дар сохтори сифатии он, балки мукамалсозии низоми иҷтимоиву иқтисодӣ, баланд гардидани сатҳи некуаҳволӣ ва таъмини амнияти озуқаворию мамлакат мегардад.

Аз ин лиҳоз, танзими давлатии муносибатҳои заминдорӣ дар давраи ташаккул ёфтани муносибатҳои нави иқтисодӣ яке аз ҷузъҳои асосии ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ дониста мешавад. Дар шароити муосир зарур аст, ки омезиши мутаносиби усулҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва иқтисодии заминсозӣ таъмин карда шавад, ки он метавонад мустақилияти иқтисодии субъектҳои муносибатҳои заминдорӣ ва мақоми махсуси заминҳои кишоварзиро ҳамчун объекти идоракунӣ ба ҳисоб гирад.

Ҷанбаҳои муҳимми методологии ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ, ки дар раванди омӯзиш коркард мегарданд, масъалаҳои зеринро дар бар мегиранд:

- муайянсозии моҳияти ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ ва хусусиятҳои он;
- тавсифи ҷараёнҳои ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ дар шароити иқтисодӣ бозорӣ;
- асосноккунии принсипҳо ва омилҳои раванди ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ.

Таҳқиқотҳои илмие, ки солҳои охир гузаронида шудаанд, саҳми назарасро дар омӯзиши ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ ва муайян кардани қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташаккули он ба даст оварданд. Бинобар мубраму муҳим будани ин падида зарур аст, ки таҳқиқотҳоро доир ба ҷанбаҳои гуногуни раванди ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ идома диҳем.

Тавре Н.П. Радугин қайд менамояд, ислоҳоти замин тақсимоти замин нест, балки ҷузъи таркибии маҷмуи тағйиротҳоест, ки ҷараёни гузариш ба шаклҳои нави заминдорӣ, заминшиносӣ ва истифодаи заминро таъмин мекунад. Тақсимоти замин аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ асосан ин:

- фароҳам овардани шароити баробар барои ҳама шаклҳои идоракунӣ;
- ташкили механизми иқтисодии танзими муносибатҳои заминдорӣ;
- ҳавасмандгардонии истифодаи оқилона ва ҳифзи замин;
- қатъ гардидани равандҳои таназзули замин ва дигар захираҳои табиӣ ва такрористеҳсоли васеи онҳо [10].

Тавре Барфиев Қ.Х. қайд менамояд солҳои охир дар адабиёти илмӣ дар баробари самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои замин, инчунин, захираҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ истифода бурда мешавад [17,с.32].

Барои дақиқтар фаҳмидани ин раванд, мафҳуми ислоҳотро дар луғатҳо таҳлил менамоем. Масалан, дар луғати забони русии С.И. Ожегов, 1978, ислоҳот ҳамчун тағйирот, азнавташкилдиҳии чизе, таъриф дода шудааст. Инчунин, дар луғати энсиклопедии соли 1955, Б.А. Введенский (ҷ. 3) бошад, ислоҳот ин:

а) тағйирот, азнавташкилдиҳӣ;

б) тағйироти сиёсӣ, ки ба пояҳои низоми мавҷудаи давлат таъсир намерасонад.

Агар ба сарчашмаҳои ҳуқуқӣ назар андозем ба чунин маънидодкунии мафҳуми ислоҳоти замин дучор омадан мумкин аст. Масалан, тибқи моддаи 2-юми Қонуни ҶТ дар бораи ислоҳоти замин, мундариҷаи ислоҳоти замин чунин маънидод карда шудааст:

«Ислоҳоти замин маҷмуи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилию техникӣ мебошад, ки ба муносибатҳои сифатан нави заминистифодабарӣ гузаштанро таъмин менамояд.

Дар ҷараёни гузаронидани ислоҳоти замин ҳуқуқи ҳар як шахрванд ва коллективи меҳнатӣ дар интихоби ихтиёрии шакли заминдорӣ, заминистифодабарӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ дар замин таъмин мегардад» [8].

Яъне, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳадафи ислоҳот, ин маҷмуи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва ташкилие мебошад, ки ба беҳбуди муносибатҳои заминдорӣ, гузариш ба системаи нави заминистифодабарӣ, ки ба хусусияти иқтисодиёти бозаргонии танзимшавандаи иҷтимоӣ мутобиқанд, равона карда шудааст.

Давраи оғози ислоҳотро дар мамлакати мо пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Бо мақсади бартараф кардани мушкилиҳо дар самти амнияти озуқаворӣ, ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби ҳарчи бештари бахши хусусӣ ба соҳаи кишоварзӣ зарур буд, зеро бо ин мақсад аз бахши хусусӣ ба ҳама соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ сармоягузориҳо ҷалб карда шуда, дар натиҷа, як ҷузъи бунёди эътимодноки байни маблағгузориҳои субъектҳои бахши хусусӣ ва кафолати сармоягузории давлатӣ ба миён меояд.

Тавре Ш.М. Исмоилов қайд намудааст, гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ ва ислоҳоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули шаклҳои мухталифи хоҷагидории кишоварзӣ, дигаргунсозиҳои ҷиддии муносибатҳои заминистифодабарӣ, бунёди иқтисодиёти рақобатнок ва дар ин замина, бунёди бозори озоди кишоварзӣ ва хадамоти кишоварзиро дар назар дорад. Раванди гузариш дар шароите пурсамар мегардад, ки агар гуногунрангӣ ва баробарии тамоми шаклҳои моликият ва шаклҳои ташкилӣ-хоҷагидорӣ, аз ҷумла шаклҳои барои деҳот анъанавии онҳо воқеан эътироф ва таъмин гарданд [16].

Чуноне маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан давлати кишоварзӣ мебошад. Замин дар баробари сарватҳои зеризаминӣ, об, фазо, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигариҳои табии моликияти истисноии давлат ба шумор меравад.

Бинобар ин, ислоҳоти замин дар ҷумҳурии мо ба масъалаҳои зерин нигаронида шудааст:

- ба руйхатгирии тамоми заминҳо аз рӯи гурӯҳҳо, тарзҳои заминдорӣ, заминистифодабарӣ ва намудҳои замин;
- муайян кардани заминҳои истифоданашаванда ва ғайриоқилона истифодашаванда барои ташкили фонди махсуси замини мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳалли (ҳукумати ноҳия) бо мақсади азнавтақсимкунии он баҳри самаранок истифода бурдани замин;
- додани замин ба истифодаи якумраи меросӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва касбҳои анъанавии мардумӣ, инчунин, қитъаи замини назди ҳавлигӣ;
- аз нав тақсимкунии замин дар ҳолатҳои таҷдиди сохтори ташкилоту корхонаҳои кишоварзӣ;
- муқаррар ва аниқ кардани сарҳади воҳидҳои маъмурию ҳудуди маҳалҳои, аҳолинишин ва сохтори замину хоҷагидории онҳо;
- ба расмият даровардан ва аз нав ба қайд гирифтан ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи истифодабарии қитъаи заминро муайян менамоянд.

Дар масъалаи нақшаи ислоҳоти замин андешаҳои гуногун мавҷуданд. Масалан, ба андешаи профессор Т.Б. Ғаниев, ислоҳоти заминро дар Тоҷикистон дар се марҳила метавон ҷудо кард [6]:

а) омодагӣ;

б) давраи татбиқи барномаи ислоҳоти замин;

в) марҳилаи рушди устувори иқтисодиёти кишоварзӣ.

Дар марҳилаи аввали ислоҳот давлат қадамҳои устувори аввалияро барои гузариши соҳаи кишоварзӣ аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ фароҳам овард. Дар ин марҳила, хусусигардонии соҳаи кишоварзӣ оғоз гардид. Дар заминаи колхозу совхозҳо ташкили шаклҳои нави бисёрсохтории хоҷагидорӣ (кооперативҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои ёрирасони корхонаҳо ва ташкилотҳо, фирмаҳои кишоварзӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, хоҷагиҳои хусусӣ дар асоси пудрати оилавӣ шартнома ва ғ.) гузаронида шуд.

Дар марҳилаи аз нав ташкилдиҳии иқтисодиёт, ҳар касе, ки ба ҳиссаи замин ва ҳиссаи амвол ҳуқуқ дорад, метавонад онро дар шакли натуравӣ гирад, хоҷагии деҳқонӣ ё

дигар шакли истеҳсолоти кишоварзиро ташкил диҳад, онҳоро ҳамчун саҳми таркибӣ, иҷора, хайрия ё мерос гузорад.

Гузариш аз шакли сотсиалистӣ ба иқтисоди бозорӣ барои он зарур буд, ки ташкили шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва идора намудани ҳамаи шаклҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар асоси қонунҳои бозорӣ ва ба меъёрҳо ҷавобгӯ будандро дар асоси рақобати озод талаб мекард. Аз ин рӯ, бо мақсади танзими ин муносибатҳо дар ҷумҳурии Тоҷикистон 5 марти соли 1992 Шурои Олии ҷумҳурӣ Қонун "Дар бораи ислоҳоти замин"-ро қабул кард. Қонуни мазкур раванди муҳайё намудани шароит барои тараққиёти баробарҳуқуқӣ, шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар соҳаи заминистифодабарӣ, ташаккули иқтисодиёти бисёрсоҳа, истифодаи оқилона ва ҳифзи замин бо мақсади зиёд намудани маҳсулоти кишоварзиро талаб мекард.

Дар марҳилаи дуввум, ислоҳот дар бахши кишоварзӣ талаботҳои зеринро дар бар мегирифт:

- тақвияти фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав;
- ташкили заминаи мустаҳками моддию техникӣ;
- ташкили бахшҳои саноатии марбут ба соҳаи кишоварзӣ;
- таъсиси бахшҳое, ки ба соҳаи кишоварзӣ бевосита хидмат мерасонанд.

Яъне, дар марҳилаи дуюм, корҳои фаҳмондадиҳӣ, дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо барои истифодаи замин ва моликиятдорӣ, инчунин, ташкили хоҷагиҳои коллективӣ бо мақсади рушди иқтисодиёти мамлакат ва расидан ба амнияти озуқаворӣ гузаронида мешуд.

Дар марҳилаи сеюми ислоҳот, раванди хусусигардонӣ дар бахши кишоварзӣ идома ёфта, афзоиши шумораи деҳқонон (хоҷагиҳо), фермаҳо ба назар мерасид, ки дар ин замина барои беҳтар намудани фаъолият дар ин самт аз ҷониби Ҳукумати мамлакат қабули қонунҳо ва барномаҳои нави рушди соҳаи кишоварзӣ қабул карда шуданд.

Инчунин, дар ин давра барои рафъи ақибмонии саноати коркард ва нигоҳдорӣ маҳсулоти комплекси агросаноатӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд, ки асоси онро дигаргуниҳои иҷтимоӣ дар бахши кишоварзӣ ташкил дода, диққатӣ асосӣ ба рушди захираҳои меҳнатӣ, некуаҳволии моддии коргарон, мунтазам беҳтар кардани шароити маданию маишии онҳо равона шуда буд.

Бояд қайд кард, ки мақсади асосии ислоҳот дар солҳои 90-уми асри XX, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва таъмини амнияти озуқавории мамлакат буд. Зеро бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 1995 №342 ва аз 1 декабри соли 1997 №874, 75 ҳазор гектар замин барои истифода ба аҳолии деҳот тақсим карда шуд, ки ин амал барои таъмин намудани аҳолӣ бо озуқа мусоидат намуд [12].

Бо мақсади истифодаи пурсамар ва оқилонаи захираҳои замину об, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1996, №522, «Дар бораи таҷдиди корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ» қабул гардид. Дар ин раванд супориши давлатӣ ва нархи маҳсулоти кишоварзӣ озод эълон карда шуд, ки ин ба соҳибихтиёрии деҳқон барои парвариши маҳсулот мусоидат намуд.

Инчунин, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи ба аҳоли деҳот ҷудо намудани замин, "андозаи ниҳоии қитъаҳои замин барои хоҷагии ёрирасони шахсӣ: то 0,15 гектар - дар заминҳои обӣ ва 0,50 гектар - дар заминҳои лалмӣ". Дар фармон махсус таъкид шудааст, ки дар сурати истифодаи қитъаҳои замин "барои як сол на аз руи таъинот онҳо бояд мусодира карда шаванд" [1].

Фармони Президенти ҷумҳурӣ Э. Раҳмон «Дар бораи ҷудо кардани 25 ҳазор гектар замин барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон» аз 1 декабри соли 1997 ба имзо расидааст. Дар асоси ин фармон «Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ҳукуматҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо тибқи тартиби муқарраршуда ба шаҳрвандон то 1 феврали соли 1998 25 ҳазор гектар замини обӣ ва лалмии корам барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ» ҷудо намоянд. Дар ин фармон, ҳудуди қитъаҳои замин, ба мисли қарори қаблӣ, "то 0,15 гектар - дар заминҳои обёришаванда ва 0,50 гектар дар заминҳои лалмӣ" нишон дода шуда буд. Заминҳое, ки дар асоси ин фармон

ба аҳолӣ тақсим карда шуданд, баъдтар номи "заминҳои президентӣ"-ро гирифтанд [4,с.30].

Тақсимоти заминҳои Президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақвияти татбиқи ислоҳоти замин ба тағйироти хоҷагиҳои кишоварзӣ ва афзоиши бахши хусусӣ дар деҳот мусоидат карда, боиси афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ гардида, барои қисман бартараф кардани оқибатҳои вазнини ҷанги шаҳрвандӣ замина гузошт.

Дигар санади асосии меъёрии ҳуқуқии танзими истифодаи замин, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, ин "Дар бораи Консепсияи истифодаи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 31 августи соли 2004, № 349, мебошад. Ин фармон дар асоси стратегияи давлатии истифодаи замин барои гузариши бахши кишоварзӣ ба муносибатҳои бозорӣ дар давраи ислоҳоти замин пешниҳод карда шудааст.

Дар байни санадҳои меъёрӣ, метавон махсусан Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қайд кард, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №658 тасдиқ шудааст.

Мақсади асосии ин Консепсия баланд бардоштан самаранокии истифодабарии захираҳо, оқилона ҷойгир сохтани истеҳсолоти кишоварзӣ, беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо озуқа ва бо ашёи хом таъмин намудани саноати коркарди маҳсулоти соҳа, муътадил гардонидани бозорҳо бо маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ, дастгирӣ ва ҳимоя намудани молистеҳсолкунандагони комплекси агросаноатӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳотро дар назар дорад.

Таҷрибаи таърихӣ нишон дод, ки хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ (хусусӣ) наметавонанд ба дараҷаҳои баланди истеҳсолот расанд, зеро кам будани заминҳои хоҷагиҳо ва набудани техникаи баландсифати кишоварзӣ барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ монеаҳоро ба миён меоранд. Ин монеаҳо ҳам дар назди давлат ва ҳам дар назди ҷомеа вазифаҳои навро ба миён гузошт. Дар ин замина, бо мақсади тезонидани раванди ислоҳоти замин дар соли 2013, ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ва иловаҳо ворид карда шуд. Лаҳзаи таҳияи тағйирот ва иловаҳоро метавон муқаррароти меъёре шумурд, чунки дар асоси он «Ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он объекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ буда, метавонад предмети хариду фурӯш, туҳфа, иваз, иҷора, гарав ва дигар аҳдҳо бошад, инчунин, ба тариқи мерос ва бо тартиби умумии ба даст овардани ҳуқуқ, ки Кодекси мазкур ва қонунгузории шаҳрвандӣ муқаррар намудааст, ба дигар шахс гузарад» [18]. Ин меъёр шарти зарурӣ ва заминаи муассири ҳуқуқӣ барои тезонидани муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи истифодаи замин ба вуҷуд меорад ва метавонад дар роҳи расидан ба ҳадафҳои ислоҳот хидмат кунад.

Масъалаи дигаре, ки дар раванди гузаронидани ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ бояд ба назар гирифта шавад, ин шароитҳои деҳот ва минтақаҳои кӯҳии малакат ба ҳисоб меравад. Чуноне, ки ба мо маълум аст, 93% қаламрави мамлакати моро кӯҳҳо ташкил менамоянд, инчунин, зиёда аз 70% аҳолии мамлакатамон дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои муҳим дар ҷараёни ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ, ин ба назар гирифтани омилҳои бунёдии зерин мебошад:

- дар муқоиса бо минтақаҳои водии ҷумҳурӣ, дар аксарияти минтақаҳои кӯҳӣ шароити табиӣ камтар мусоид мебошанд;
- кишоварзӣ дар минтақаҳои кӯҳистон қариб, ки заминаи моддию техникии ба хусусиятҳои кӯҳӣ мувофиқро надорад, аз қабили воситаҳои “механиконии хурд”, нуриҳои махсусе, ки ба хусусиятҳои минтақаҳои кӯҳӣ ҷавобгӯ мебошанд ва ғайра, ки ҳаллӣ онҳо дар шароитӣ бозор, гарчанде хеле мушкил аст, аммо дар якҷоягӣ ба таври объективӣ зарур аст;
- дараҷаи ниҳоят пасти дастгирии молиявии давлат барои рушди истеҳсолоти кишоварзии кӯҳӣ;
- дар ҷумҳурӣ инфрасохтори дахлдори бозорӣ барои ба истеъмолкунанда баровардани маҳсулоти кӯҳӣ ва ғайра мавҷуд нест.

Ҳамин тавр, барои фаъолияти самараноки бахши кишоварзии мамлакат усулу воситаҳо бояд ба ҳадаф ва вазифаҳои инкишофи бахши аграрии иқтисодиёт мувофиқа карда шаванд. Дар ин маврид манфиатҳои иштирокчиён – шарикон бояд ба назар гирифта шавад.

Дар ин замина, бо мақсади ҳавасмандгардонии ҷалби бештари бахши хусусӣ ба соҳаи кишоварзӣ Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 оид ба масъалаҳои таҳияи стратегияи ҳамкории давлатию хусусӣ таҳия карда шудааст. Мақсади асосии барномаи мазкур, таҳияи стратегияҳоро барои интенсификатсия ва диверсификатсияи соҳа, ки ба принсипҳои идоракунии устувор ва истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ асос ёфтааст, пешбинӣ менамояд. Ин имкон медиҳад, ки рушди устувори бахши кишоварзӣ таъмин карда шавад.

Зарур мешуморем, ки баъзе принсипҳои стратегияи ба нақша гирифташударо пешниҳод намоем:

- такмили идоракунии бахши пахтакорӣ дар асоси таъмини дастрасии дарозмуҳлат ба ҳамин, навъҳои мукаммали тухми пахта, технологияҳои сарфаи об, инчунин, кам кардани истифодаи нурӣ ва заҳрхимикатҳо;

- иваз кардани кишти пахта дар баъзе ноҳияҳо ба зироатҳои равғандор, ғалладонагӣ ва хӯроки чорво дар асоси таҷрибаи мавҷудаи солҳои охир дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон бо мақсади баланд бардоштани сифати хоку замин. Ба ғайр аз ин, офтобпараст, лубиё, рапс ва юнучқа зироатҳои равғандор ва хӯроки чорво ба ҳисоб рафта, сифати хоки заминро беҳтар мегардонад;

- иқлими Тоҷикистон барои парвариши меваю сабзавоти хушсифат ва содир намудани онҳо ба бозорҳои минтақавӣ имкониятҳои хуб медиҳад;

- додани диққати махсус ба рушди чорводорӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи амнияти озуқаворӣ ва додани имконият ба деҳқонону хоҷагиҳои хонаводагии деҳот ҷиҳати зиёд намудани даромади худ;

- бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва даромаднокӣ дастрасии васеи хоҷагиҳои леҳқонӣ (фермерӣ) ба иттилооти бозорӣ талаб карда мешавад. Дар ин маврид, давлат ба танзими бозорҳо диққати махсус хоҳод дод [7,с.12-13].

Ҳамин тавр муайян намудан мумкин аст, ки мақсади асосии ислоҳоти замин, ин ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин, таҳкими ҳуқуқҳои субъектҳо ба замин, ташкили механизми самарабахши танзими муносибатҳои заминдорӣ, фароҳам овардани шароит барои афзоиши иқтидори иҷтимоӣ, сармоягузорӣ ба қобилияти истеҳсолии замин, табдил додани он ба омили тавонои мустақили рушди иқтисодӣ мебошад.

Муқарриз: н.и.и., дотсент Комилов А.Қ.

АДАБИЁТ

1. Абдурашитов Ф.М.. Земельно-водная реформа в Таджикистане в конце XX-начале XXI вв / Ф.М. Абдурашидов. -Душанбе, 2016. -107 с.
2. Азизов Б.М. Усулҳои самаранок истифодабарии замин дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.М. Азизов, Б.Қ. Абдулҳақов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. -№10. –С.68-71.
3. Барфиев К.Х. Основные направления система статистических показателей эффективного использования земельных ресурсов / К.Х. Барфиев // Экономика и бизнес: теория и практика. - 2016. -№1. -С.28-37.
4. Бобоев А.А. Вижагиҳо ва раванди ислоҳоти обу замин дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охирҳои асрҳои XX ва аввалҳои асри XXI / А.А. Бобоев // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. - 2019. -№1(58). –С.27-34.
5. Вазиров А.К. Теоретические подходы к пониманию экологического развития сельского хозяйства региона / А.К. Вазиров, Ф.А. Вазиров, Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2020. -№2. -С.153-158.
6. Ганиев, Т.Б. Аграрная реформа и устойчивое развитие сельского хозяйства Таджикистана [Текст]: монография / Т.Б. Ганиев. -М.: ДиалогМГУ, 1997. -116 с.
7. Қодирзода Д.Б. Стратегияи инкишофи бахши кишоварзӣ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ / Қодирзода Д.Б., Собирзода Н.М., И.С. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2020. -№10. –С.9-13.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» 5 марти соли 1992, №594.
9. Пиризода Д.С. Теоретические и методологические аспекты функционирования кластеров в экономике аграрного сектора / Пиризода Д.С., Махмадизода Ф.Б., Ш.Н. Джалилов // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. - 2020. -№1(63). -С.89-97.
10. Радугин Н.П. Проблемы экономической реформы в стране / Н.П. Радугин. -М.: Палея, 1995.
11. Салимов, Ю.Ш. Развитие методов экономической оценки земельных ресурсов в сельском хозяйстве [Текст] / Ю.Ш. Салимов // Известия АН РТ. Серия: Экономика. - 2006. -№1-2. -С.28-35.

12. Статистический сборник Согдийской области. Р.Таджикистан: 25 лет государственной независимости. - Худжанд, 2016. -420 с.
13. Строкова О.Г. Земельные реформы и земельные отношения в зарубежных странах.- М.: Диалог-МГУ, 1998. - 128 с.
14. Умаров, Д.М. Вопросы совершенствования платного землепользования в сельском хозяйстве Республики Таджикистан [Текст] / Д.М. Умаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2006. -№4. -С.40-47.
15. Федюнина, Е.Н. Особенности развития системы земельных отношений в региональной экономике / Е.Н. Федюнина // Землеустройство, кадастр и мониторинг земель. -М., 2012. -№5. -С.6-12.
16. Ҳуқуқи кишоварзӣ / Зери таҳрири Ш.М. Исмоилов. -Душанбе: Қонуният, 2000.
17. Экономические проблемы природопользования на рубеже XXI века [Текст]. -М., 2003. -460 с.
18. The Code of Laws and other Regulatory Acts on Land. -Dushanbe, 2014. -495 p.

ИСЛОҲОТИ МУНОСИБАТҲОИ ЗАМИНДОРӢ ВА ТАШАККУЛИ АСОСҲОИ ИҚТИСОДИИ ГУЗАРИШ БА МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРИИ ЗАМИНДОРӢ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии ҷараёни гузаронидашудаи ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ дида баромада шудааст. Ба ғайр аз ин, дар мақола, нишондиҳандаҳо ва омилҳои ба раванди ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ таъсиркунанда таҳлил гардидаанд, ки ҷанбаҳои муҳимми методологӣ, назариявӣ ва амалии ҷараёни ислоҳоти муносибатҳои заминдориро равшан менамоянд. Аз ин рӯ, дар мақола ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ муайян карда шудааст, ки алоқаро байни қисматҳои қонунҳои обективии иқтисодӣ ба миён меоранд ва яке аз паҳлуҳои муҳимми самаранок истифодабари захираҳои замин дар мамлакат мегарданд. Дар баробари ин, қайд гардидааст, ки дар шароити муосир муҳим аст, ки мақсад, самт ва механизмҳои тағйир додани муносибатҳои заминдорӣ дуруст муайян карда шаванд, чунки дар давраи ислоҳот, шаклҳои моликиятдории замин, сохтори истифодаи замин дар соҳаи кишоварзӣ ва тафовути иҷтимоӣ ба таври назаррас тағйир меёбанд. Аксар вақт чунин тағйиротҳо манфӣ мебошанд, чунки ба пайдоиши муноқишаҳои иҷтимоӣ оварда мерасонанд. Бинобар ин, ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ бе танзими давлатӣ, бе таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба рушди шаклҳои самарабахши моликият ва идораи замин ва татбиқи дурусти ислоҳоти замин ғайри имкон аст. Инчунин, ҳангоми танзими муносибатҳои заминдорӣ, давлат бояд шароити иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилиро ҷиҳати дастгирӣ истифодаи оқилона ва самарабахши захираҳои замин, ҳифз ва беҳтар кардани сифат, таъмини устувории ҳудудӣ ва экологии истифодаи замин фароҳам оварад. Аз ин рӯ, дар мақола вазифаҳои асосии раванди ислоҳоти замин муайян гардиданд, ки ба самтҳои зерин нигаронида шудаанд. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин, таҳкими ҳуқуқҳои субъектҳо ба замин, ташкили механизми самарабахши танзими муносибатҳои заминдорӣ, фароҳам овардани шароит барои афзоиши иқтидори иҷтимоӣ, сармоягузорӣ ба қобилияти истеҳсолии замин ва табдил додани он ба омили тавонои мустақили рушди иқтисодӣ ва ғайра.

Калидвожаҳо: ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ, захираҳои замин, муносибатҳои заминдорӣ, заминҳои кишоварзӣ, самаранокӣ, сохтори замин, ҳосилнокии замин, танзими давлатии муносибатҳои заминдорӣ, ҳавасмангардонии иқтисодию ҳуқуқӣ.

РЕФОРМА ЗЕМЕЛЬНЫХ ОТНОШЕНИЙ И ФОРМИРОВАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОСНОВ ПЕРЕХОДА К ЗЕМЕЛЬНО-РЫНОЧНЫМ ОТНОШЕНИЯМ

В данной статье рассматриваются теоретические аспекты происходящего процесса земельной реформы. Кроме того, в статье анализируются показатели и факторы, влияющие на процесс реформирования земельных отношений, которые проясняют важные методологические, теоретические и практические аспекты процесса реформирования земельных отношений. Поэтому в статье реформа земельных отношений определяется как экономическая категория, которая создает связь между частями объективных экономических законов и становится одним из важнейших аспектов эффективного использования земельных ресурсов в стране. При этом отмечено, что в современных условиях важно определить цель, направление и механизмы изменения земельных отношений, так как в период реформ меняются формы собственности на землю, структура землепользования в сельском хозяйстве и социальные различия. Часто такие изменения носят негативный характер, поскольку приводят к социальным конфликтам. Поэтому реформа земельных отношений невозможна без государственного регулирования, без разработки и реализации мер по развитию эффективных форм собственности и управления землей и надлежащего проведения земельной реформы. Также при регулировании земельных отношений государство должно создавать экономические, правовые и организационные условия для обеспечения рационального и эффективного использования земельных ресурсов, охраны и улучшения качества, обеспечения территориальной и экологической устойчивости землепользования. Поэтому в статье обозначены основные задачи процесса земельной реформы, которые направлены на повышение эффективности землепользования, усиление прав субъектов земельных отношений, создание действенного механизма регулирования земельных отношений, создание условий для повышения социального потенциала, инвестирование в способность производить землю и превращать ее в мощный самостоятельный фактор экономического развития и т.д.

Ключевые слова: реформа земельных отношений, земельные ресурсы, земельные отношения, земли сельскохозяйственного назначения, эффективность, структура земель, продуктивность земель, государственное регулирование земельных отношений, правовое и экономическое стимулирование.

REFORM OF LAND RELATIONS AND FORMATION OF ECONOMIC FOUNDATIONS TRANSITION TO LAND AND MARKET RELATIONS

This article discusses the theoretical aspects of the ongoing process of land reform. In addition, the article analyzes the indicators and factors influencing the process of land reform, which clarifies important methodological, theoretical and practical aspects of the land reform process. Therefore, the article identifies the reform of land relations as an economic category, which creates a link between the parts of the objective economic laws and becomes one of the most important aspects of the effective use of land resources in the country. At the same time, it was noted that in modern conditions it is important to define the purpose, direction and mechanisms for changing land relations, as during the reform period, land ownership patterns, the structure of land use in agriculture and social differences change. Often such changes are negative because they lead to social conflicts. Therefore, the reform of land relations is impossible without government regulation, without the development and implementation of measures for the development of effective forms of land ownership and management and the proper implementation of land reform. Also, in the regulation of land relations, the state must create the economic, legal and organizational conditions to support the rational and efficient use of land resources, protection and improvement of quality, ensuring territorial and environmental sustainability of land use. Therefore, the article identifies the main objectives of the land reform process, which are aimed at increasing the efficiency of land use, strengthening the rights of land entities, creating an effective mechanism for regulating land relations, creating conditions for increasing social capacity, investment in the ability to produce land and turn it into a powerful independent factor of economic development and so on.

Keywords: reform of land relations, land resources, land relations, agricultural lands, efficiency, land structure, land productivity, state regulation of land relations, economic and legal incentives.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Камолов Давлатҷон Достович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи умумидонишгоҳи назарияи иқтисод. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **938-99-11-00**

Сведение об авторе: ***Камолов Давлатжон Достович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры экономической теории. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **938-99-11-00**

Information about the author: ***Kamolov Davlatjon Dostovich*** - Tajik National University, doctoral Ph.D student of the Department of Economic Theory. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **938-99-11-00**

УДК 336.14 (575.3)

ТАҲЛИЛИ ИҶРОИШИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОЛҲОИ 2016-2019 ВА БАЪЗЕ МУАММОҲОИ ОН

Ҳикматов С., Маҳмадризоиён С.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ дар ҳаёти иқтисодии ҷумҳурӣ ворид намудани дигаргуниҳои ҷиддии назаррасро ба миён овард, махсусан дар рушди молияи давлатӣ, ки қисми муҳимми онро буҷети давлатӣ ташкил медиҳад. Дар чунин шароит рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар то андозаи муайян аз ташаккул ва рушди низоми молиявию буҷетӣ вобаста мебошад, ки он дар навбати худ бо баробари рушди муносибатҳои иқтисодии ҷамъият инкишоф ёфта, зарурати давра ба давра ислоҳоти буҷетиро ба миён меорад [6,с.8].

Қайд кардан зарур аст, ки буҷети давлатӣ категорияи иқтисодиест, ки танҳо дар шароити муносибатҳои молию пулӣ бо ташаккули давлат алоқаманд буда, аз ҳисоби фондҳои пулии марказонидашуда амалӣ мегардад. Бинобар ин, нақш ва аҳамияти буҷети давлатӣ аз он иборат аст, ки ин муносибатҳо дар механизми идоракунии иқтисодиёти кишвар ва танзими маблағи марказонидашудаи давлат вобаста аз шароити иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба роҳ монда мешавад. Дар баробари ин, барои расидан ба ҳадафҳои стратегии кишварамон ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагонии аҳолии кишвар буҷети давлат нақши калидиро мебозад. Аз ин рӯ, зарурати такмили низоми буҷет дар кишвар ба амал меояд.

Дар мулоқот худ Асосгузори сулҳу ваҳдати милли – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо дар таърихи 10 майи соли 2019, тадбирҳои дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2016-2020 пешбинишударо дар самти боло бурдани рақобатнокии низоми молиявӣ, таъмин намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, тақвияти имкониятҳои кадрӣ ва такмили минбаъдаи заминаи меъёрии ҳуқуқии бахши молиявӣ ёдрас шуда, зикр намуданд, ки ноил шудан ба ин ҳадафҳо аз роҳбарону мутахассисони бахшҳои иқтисодиёт, молия ва бонк маҳорати хуби касбӣ ва масъулияти баландро талаб менамояд [9,с.19].

Аз гуфтаҳои Сарвари давлат маълум мешавад, ки дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, махсусан афзоиши даромади буҷети давлатӣ, нақши кадрҳои замонавӣ ва такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқии бахшҳои молиявӣ назаррас мебошад. Аз ин рӯ, давра ба давра зарурати такмили сиёсати молиявии давлат, махсусан сиёсати буҷети давлат ба миён меояд.

Вазифаҳои асосии сиёсати буҷетӣ, ки дар Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати милли – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки ин таъмини суботи макроиқтисодӣ, мунтазам коҳиш додани сатҳи таваррум, тавозунӣ ва устувории низоми буҷавӣ, беҳтар намудани механизмҳои татбиқи усулҳои барномавӣ – мақсаднокӣ, банақшагирии буҷетӣ, баланд бардоштани самаранокӣ, харољоти буҷетӣ, ислоҳоти андоз ва ғайра мебошад [7,с.28]. Ҳамин тавр, буҷети давлатӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар нақши калидиро мебозад. Инак, дар соли 2017 аз буҷети давлатӣ (ҷумҳуриявӣ) барои рушди соҳаҳои саноат (саноати истеҳсоли маъдани кӯҳӣ ва кор кардани канданиҳои фоиданок) ба маблағи 114343,6 ҳазор сомонӣ, дар соли 2019 – 156092 ҳазор сомонӣ, ки нисбат ба соли 2017 қариб 1,5 баробар зиёд мебошад [8,с.79].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мафҳуми “низоми буҷетӣ” ба таври зайл шаҳр дода шудааст: низоми буҷетӣ – маҷмуи буҷетҳои ҳама сатҳ, инчунин, тартиби таҳия, ташаккул, қабул ва иҷрои буҷети давлатӣ, ки ба муносибатҳои молиявӣ асос ёфта, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад [2,с.2].

Қайд кардан ба мавриди аст, ки яке аз механизмҳои такмили низоми буҷети давлатӣ, ин таҳияи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба ҳисоб меравад, ки он дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамои давлатӣ, консепсия, стратегия ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва мутобиқи ҳадаҳои дарозмуҳлат ва аҳамияти рушди кишвар, ки дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати милли – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён шудаанд, таҳия мегардад ва таҳия гардида истодааст.

Бояд гуфт, ки яке аз самтҳои муҳимми такмили низоми буҷетӣ, ин банақшагирии буҷети раванди таҳия, баррасӣ ва тасдиқи лоиҳаи буҷети давлатӣ буда, ки он бо афзоиши харақоти буҷетӣ ва зиёд шудани ҳиссаи он дар сохтори ММД, бартараф кардани нобаробарии ҷойдошта дар низоми буҷетӣ дар ҳолатҳои ба вуҷуд омадани буҳрони молиявию иҳтисодӣ, ҳолати фавқулода ва касалиҳои сирояткунанда ба монанди COVID-19 ва ғайра алоқаманд мебошад, ба эътибор гирифта мешавад. Вале дар ин самт, ба ақидаи мо, баъзе норасогиҳо ва камбудиҳо низ ҷой дорад ба монандӣ: амал накардани таҳлили комплекси иҷроиши буҷетӣ соли гузашта (шояд таҳлили нишондиҳандаҳои даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ аз тарафи мақомоти молияи давлатӣ гузаронида шавад, вале нопурраю нокифоя – рӯякӣ амалӣ мегардад, ки он сабаби паст будани сифати лоиҳаи нақшаи молиявии давлат мегардад), ки бо мақсади пайдо кардани нобаробариҳои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ ва дар асоси он қабули қарори дахлдор оид ба бартараф кардани ноҷуриҳои нақшаи молиявӣ (буҷети давлатӣ дар соли навбатии молиявӣ) мебошад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки баъди қабули Қонуни ҶТ "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои соли навбатии молиявӣ, ки амалии он аз 1-уми январи соли навбатии молиявӣ оғоз мегардад, ки алакай дар давоми соли молиявӣ зарурати тағйироту иловаҳои буҷети тасдиқшуда ба миён меояд, ки он шаҳодати паст будани сифати нақшаи молиявии давлат ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, зарурати такмили банақшагирии буҷети давлатӣ вобаста ба талаботи давру замон ба миён меояд. Яъне, нақшаи молиявии давлат (буҷети давлат) аз нуқтаи назари илмӣ асоснок ва иҷрошаванда хоҳад буд.

Таҳлили иҷроиши буҷети давлатиро дар солҳои 2016-2020, ки дар ҷадвали 1 акс ёфта аст, истифода менамоем [12; 17].

Ҷадвали 1. Таҳлили иҷроиши буҷети давлатӣ дар солҳои 2016-2019 аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии он (млн сомонӣ)

Table 1. Analysis of the state budget execution for 2016-2019 on its main indicators (million somoni)

	Соли 2016				Соли 2017			
	Буҷети аниқшуда	Иҷроиши аслӣ	Буҷети аниқшуда	Ба ҳисоби % нисбат ба МУД	Буҷети аниқшуда	Иҷроиши аслӣ	Буҷети аниқшуда	Ба ҳисоби % нисбат ба МУД
Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ	18777,9	18405,2	98,0	33,6	20772,6	19955,5	96,1	31,0
Даромадҳои умумӣ ва грантҳо аз ҷумла:	13553,6	12636,4	93,2	23,1	14804,0	14694,9	99,3	22,8
Воридоти андозҳо	12150,5	11188,4	92,1	20,4	13296,2	13099,7	98,5	20,3
Воридоти ғайриандозӣ	1055,1	1448,0	137,2	2,6	1141,4	1425,6	124,9	2,2
Грантҳо	348,0	-	-	-	366,4	169,6	46,3	0,3
Хароҷот - ҳамагӣ	20234,0	18294,3	90,4	33,4	25425,1	22264,2	87,6	34,0
Аз ҷумла ба:	1873,5	1556,8	83,1	2,8	2158,1	1657,2	76,5	2,6

Секторҳои ҳокимият ва идоракунии давлатӣ								
Маориф	3388,7	3093,8	91,3	5,6	3879,6	3572,6	92,1	5,5
Тандурустӣ	1254,6	1159,5	92,4	2,1	1470,3	1385,2	94,2	2,1
Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ	3101,5	2734,0	88,1	5,0	3288,9	3057,6	93,0	4,7
ХМК, муҳити зист ва х/з	1340,6	1286,4	95,9	2,3	1165,7	922,5	79,1	1,4
Чорабиниҳои фарҳангӣ, оммавӣ ва солимгардонӣ	734,9	591,6	80,5	1,1	988,6	753,4	76,2	1,2
Ком. сӯзишворию энергетикӣ	4099,0	3722,6	90,8	6,8	6897,6	6280,4	91,0	9,7
Кишоварзӣ, х/з, моҳипарварӣ	481,1	451,0	93,7	0,8	637,7	689,4	108,1	1,1
Истеҳсолоти роз ва коркарди к/ф. Саноати истеҳсоли маъдани куҳӣ, сохтмонӣ	217,0	217,6	100,3	0,4	187,8	158,0	84,1	0,2
Нақлиёт ва коммуникатсия	926,6	948,3	102,3	1,7	1268,1	1074,9	84,8	1,7
Дигар корҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ	28,0	23,9	85,1	0,0	1829,3	1098,8	75,1	1,7

Манбаъ: Молияи Тоҷикистон: Маҷмуаи оморӣ солҳои 2020-2021. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -С.17,23.

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 маълум аст, ки дар солҳои 2016-2017 буҷети давлатӣ иҷро нагардидааст, яъне дар соли 2016 ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ 98%, ё нисбати МУД – 33,6% ва дар соли 2017, 96,1% ё нисбати МУД – 31%-ро ташкил дод, яъне 2,0% ва 3,9% нисбати нақшаи тасдиқгардида кам мебошад. Инчунин, даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ дар солҳои 2016-2017 таъмин нагаштааст, яъне, иҷроиши қисми даромад 93,2%, ё нисбати МУД – 23,1% ва қисми хароҷот 90,4%, ё 33,4% ва дар соли 2017 мутаносибан 99,3%, ё 22,8% ва қисми хароҷоти буҷет – 87,6%, ё 34,0%-и МУД-ро ташкил дод, ки он нисбати буҷети тасдиқшуда 0,7% ва 12,4% камтар мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин давра ба ғайр аз воридоти ғайриандозӣ дигар манбаҳои даромад (воридоти андозҳо-92,1% ва 98,5% ва грантҳо 46,3%) таъмин гаштааст, ки нисбати буҷети тасдиқшуда хеле кам мебошанд.

Ба андешаи мо, сабабаи иҷро нагардидани қисми даромади буҷети давлатӣ дар солҳои 2016-2017 кам шудани миқдори андозсупорандагон ва пастравии ҳолати молиявии субъектҳои иқтисодии кишвар дар натиҷаи тоб оварда натавонистани рақобати озоди бозор, зиёд гаштани қарзи андозӣ дар назди буҷет, ки ин ҳолат, албатта, таъсири худро ба иқтисодиёт ва даромади буҷети давлатӣ расонид. Сабаби дигаре, ки ба иҷроиши қисми даромади буҷети давлатӣ таъсири манфӣ расонида бошад, ин бемасъулиятии андозсупорандагон ва кормандони мақомоти андоз, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ташфиқотро оид ба нақши андоз дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвару аҳолӣ, махсусан нафақахурон, камбизоатон ва ғайра, ки аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мешаванд, пурзур кардан лозим аст.

Дар соли 2016 умуман маблағи грантҳои пешбинишуда амалӣ нагаштааст, ки он ба фикри мо, ҳолати хуб нест, чунин маблағи ҷудошударо аз худ карда натавонистан ба мақсад мувофиқ нест ва ҳатто гуноҳ мебошад.

Дар соли 2017 иҷроиши нақшаи грантҳо 46,3%-ро ташкил додаст, ки нисбати соли 2016 дар ин самт беҳбудиро ҳис кардан мумкин аст, вале иҷроиш 53,7% кам нисбати нақша мебошад, ки барои таъмини иҷроиши ин самт давлат чораҳои аниқу равшани

ҳавасмандгардонии субъектҳои иқтисодӣ барои амалисозии маблағҳои грантӣ ва самарабахш истифода бурдани онро пурзӯр ва такмил бояд дод.

Дар ин давра қисми хароҷоти буҷети давлатӣ низ иҷро нагардид, ки иҷроиши он дар соли 2016 90,1% ва дар соли 2017 87,6% таъмин гаштааст, ки он нисбати нақшаи тасдиқшуда ба 9,6% ва 12,4% кам мебошад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии ҷадвали 1, қисми харақоти буҷети давлатӣ аз рӯи самти хароҷот дар соли 2016 ба ғайр аз истеҳроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, саноати истеҳсоли маъдани кӯҳӣ, сохтмон – 100,3%, нақлиёт ва комсуникатсия – 102,3% ва боқимонда самтҳои хароҷоти буҷети давлатӣ нақшаи тасдиқшударо таъмин карда натавонист, ки дар натиҷа, шояд бисёр баркамиҳои иқтисодию иҷтимоии давлатие, ки дар соли 2016 ба нақша гирифта шуда буд, амалӣ нагаштааст. Ба ақидаи мо, маблағҳое, ки аз буҷети давлатӣ барои маблағгузории иқтисодиёти кишвар барои солҳои мазкур пешбиншударо бо пуррагӣ аз худ карда натавонистан, ин гуноҳ ва бемасъулиятии роҳбарони сохторҳои иқтисодиёти кишвар ва сохторҳои молиявии онҳо мебошанд, бояд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ин масъала андеша намояд. Барои таҳлили иҷроиши нишондиҳандаҳои асосӣ иҷроиши буҷети давлатӣ маълумотҳои ҷадвали 2-ро истифода менамоем [12,с.21].

Ҷадвали 2. Таҳлили иҷроиши буҷети давлатӣ дар солҳои 2018-2019 аз рӯи нишондаҳандаҳои асосии он (млн сомонӣ)

Table 2. Analysis of the state budget execution for 2018-2019 on its main indicators (million Somoni)

Нишондиҳандаҳо	Соли 2018				Соли 2019			
	Буҷети аниқшуда	Иҷроиши аслӣ	Ба ҳисоби % нисбат ба		Буҷети аниқшуда	Иҷроиши аслӣ	Ба ҳисоби % нисбат ба	
			Буҷети аниқшуда	ММД			Буҷети аниқшуда	ММД
Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ	22850,5	23925,5	104,7	33,7	23929,1	23469,4	98,1	30,3
Даромади умумӣ ва грантҳо, аз ҷумла:	16963,6	16684,4	98,4	23,5	17934,5	17800,8	99,2	23,0
Воридоти андозҳо	14740,2	14564,5	98,8	20,5	16121,5	15775,4	97,8	20,4
Воридоти ғайриандозӣ	1818,4	2019,2	111,0	2,8	1813,0	2025,4	111,7	2,6
Грантҳо	405,0	100,7	4,9	0,1	-	-	-	-
Харақот – ҳамагӣ	26755,0	24187,4	90,4	34,0	26062,2	23806,6	91,3	30,8
Аз ҷумла ба бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ	1803,6	1647,0	91,3	2,3	1714,9	1423,2	83,0	1,8
Маориф	4131,2	3702,6	89,6	5,2	4688,3	4338,6	92,5	5,6
Тандурустӣ	1642,3	1538,1	93,6	2,2	1800,9	1793,4	99,6	2,3
Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ	3366,0	3156,8	93,8	4,4	3637,1	3515,0	99,6	4,5
ХМК, м/з ва х/з	1371,7	2154,9	84,2	1,6	1410,1	1255,2	89,0	1,6
Фарҳанг ва варзиш	866,9	744,1	85,8	1,0	1023,4	945,9	92,4	1,2
Комп. сӯзишворию энергетикӣ	7342,0	6471,6	88,1	9,1	5073,3	4674,3	92,1	6,0
Кишоварзӣ, моҳипарварӣ ва шикор	679,1	571,5	84,2	0,8	935,8	632,4	67,6	0,8
Саноат ва сохтмон	187,8	141,8	75,5	0,2	198,0	193,0	97,5	0,2

Нақлиёт ва коммуникатсия	1145,0	1292,0	112,8	1,8	1154,5	1196,0	103,6	1,5
Фаъолияти дигари корҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ	68,0	53,4	79,3	0,1	74,0	71,1	96,1	0,1

Манбаъ: Молияи Тоҷикистон: Маҷмуаи оморӣ солҳои 2020-2021. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -С.17,23.

Дар соли 2018 ҳаҷми умумии буҷетӣ давлатӣ 104,7%, ё нисбати МУД 33,7% таъмин гаштааст, ки нисбати соли 2017 8,6% зиёд мебошад. Вале дар ин сол нақшаи даромади умумӣ ва грантҳо иҷро нагардидааст, яъне иҷроиши даромади умумӣ 98,4%, ки нисбат буҷети тасдиқшуда 1,6% кам мебошад ва грантҳо ҳамагӣ 4,2% таъмин гашт, ки он нисбат ба нақша 95,8% кам мебошад, ки оид ба ин масъала андеша кардан лозим аст. Воридоти андозӣ бошад 98,8%, ё ин ки нисбати нақша 1,2% кам иҷро гардидааст.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 маълум гардид, ки иҷроиши ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ дар соли 2018 танҳо аз ҳисоби воридоти ғайриандозӣ (иҷроиш 111,0%) таъмин гаштааст.

Дар соли 2018 қисми хароҷоти буҷети давлатӣ низ иҷро нагардид, ки он 90,4%, ё 34%-и МУД –ро ташкил дод, ки он нисбати буҷети тасдиқшуда 9,6% кам мебошад. Аз маълумоти ҷадвали 2 равшан гашт, ки дар соли мазкур ба ғайр аз хароҷоти нақлиёт ва коммуникатсия дигар самтҳои хароҷоти буҷет иҷро нагардид. Яъне, нақшаи маблағгузории давлатӣ дар ин сол ба соҳаҳои иқтисодиёти кишвар таъмин нагашт.

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 дар соли 2019 маълум гашт, ки ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ 98,1%, ё нисбати МУД 30,3% таъмин гаштааст, ки нисбати аниқшуда 1,9% кам мебошад. Нақшаи даромади умумӣ ва грантҳо низ иҷро нагардидааст, яъне иҷроиши даромади умумӣ 99,2%, ки он нисбати буҷети аниқшуда 0,8% кам мебошад. Аз ҷумла, воридоти андозҳо 92,1%, ки нисбати буҷети аниқшуда 7,9% кам мебошад, вале воридоти ғайриандозӣ 137,2%, ки нисбати буҷети аниқшуда 37,2% зиёд мебошад, инчунин, грантҳо низ амалӣ нагашт.

Дар ин сол қисми хараҷоти буҷет 91,3%, ё нисбати МУД 30,8% таъмин гаштааст, ки нисбати нақшаи тасдиқшудаи буҷет 8,7% кам мебошад. Аз рӯи самтҳои хараҷоти маблағгузорӣ, ин сол ҳам ба монанди соли 2018, ба ғайр аз соҳаҳои нақлиёт ва коммуникатсия (иҷроиши он 103,6) дигар самтҳои хараҷоти маблағгузории иқтисодиёти кишвар нақшаи хараҷотҳоро иҷро карда натавонистааст [12,с.23].

Ба ақидаи мо дар соли 2019 иҷро намудани ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ, аз ҷумла даромади умумӣ ва қисми хараҷоти буҷети давлатӣ шояд бо сарзадани COVID-19, ки ба саросар кишварҳои ҷаҳонро паҳн гашт, ки он албатта ба иқтисодиёти кишвари мо, махсусан буҷети давлатӣ таъсири худро расонид ва расонида истодааст. Аллакай, дар охирҳои соли 2019 камшавии ҳаҷми воридоту содирот, интиқоли маблағҳо, эълон намудани “карантин”, яъне баста намудани сарҳадҳои давлатҳои ҳамсоя ва шарикони рушд ва ғайра бараъло эҳсос мешуд, ки он яке аз сабабҳои асосии иҷро нагардидани нақшаи буҷети давлатӣ гардида истодааст.

Асосан, оғози паҳншавии COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аввалҳои соли 2020 рост омад, ки он ба иқтисодиёти кишвар ва буҷети давлатӣ зарари хеле зиёдеро расонид ва сабаби пастравии сатҳи иҷтимоию иқтисодии кишвар гашт.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо баробари пастравии иқтисодиёти кишвар, инчунин, афзоиши хараҷоти буҷети давлатӣ гашта, ки он зарурати сегвестери буҷетро ба миён оварда, яъне, аз нав дида баромадани буҷети тасдиқгардидаи соли 2020 ба миён омад, ки дар натиҷа қисми хараҷоти буҷет тағйир ёфт, ки он сабаби зиёд гаштани касри буҷети давлатӣ гашт.

Бояд гуфт, ки дар натиҷаи паҳн шудани бемории сироятии короновирус ва вобаста ба он, босуръат паст рафтани фаъолнокии иқтисодӣ ва афзиоши бесобиқаи бекорӣ вазъияти мамлакатҳои сайёра боз ҳам печида гардида, ба буҳрони бисёр шадиди

иқтисодию молиявӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ омад. Бо мақсади паст кардани сатҳи мушкилоти пешомада, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чораҳои фавриро роҳандозӣ намуданд, яъне, дар навбати аввал, бо дарназардошти коҳиш ёфтани даромади буҷет, афзоиши талаботи маблағгузорӣ, пеш аз ҳама, соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла тандурустӣ ва дигар харақотҳои пешбининамудаи буҷети давлатиро барои соли 2020 бознигарӣ карда, ба нишондиҳандаҳои қисми даромад, харақот ва касри он тағйироти назаррас ворид карда шуд. Аз ҷумла, ба соҳаи тандурустӣ барои хариди доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ, бунёди беморхонаҳои муваққатӣ ва дастгирии кормандони тиб аз буҷети давлатӣ 1 миллиарду 600 миллион сомонӣ маблағи иловагӣ равона карда шуданд [5,с.1].

Илова бар ин, дар соли 2020 аз ҷониби ташкилотҳои қарзии кишвар ҷиҳати коҳиш додани таъсири пандемия ба зиёда аз 260 ҳазор нафар муштариён ба маблағи 2 миллиарду 300 миллион сомонӣ имтиёзҳои вобаста ба қарздорӣ пешниҳод гардида ба соли 2019, 2% зиёд мебошад. Гуфтан ба маврид аст, ки бо мақсади дастгирии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ва соҳибкорони ватанӣ тибқи фармони Президенти кишвар аз 5 июни соли 2020 сабукиҳои зиёди андозиву қарзӣ ва имтиёзу ҷубронпулиҳо ба маблағи беш аз 450 миллион сомонӣ пешниҳод карда шуда буд, инчунин чораҳои дигаре барои беҳтар кардани шароити иҷтимоии аҳолӣ андешида шуданд.

Қайд кардан зарур аст, ки бо таъсири манфии омилҳои дар боло зикршуда, дар натиҷаи амалӣ гардонидани тадбирҳои таъхирнопазир аз ҷониби Ҳукумати мамлакат устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардида, дар самти беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардуми кишвар, тамоюлҳои мусбӣ нигоҳ дошта шудаанд.

Чи тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати милли – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ (аз 26.01.2021) ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, қайд намуданд, ки дар ҳафт соли охир ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ аз 14,6 миллиард сомонӣ соли 2014, то 23,6 миллиард сомонӣ дар соли 2020 афзоиш ёфт [5; 2] ва дар солҳои минбаъда зиёд хоҳад гашт, яъне дар соли 2021 зиёда аз 27 миллиард ва дар соли 2022 зиёда аз 33 миллиард сомониро бояд ташкил дод, яъне динамикаи афзоиши буҷети давлатӣ давра ба давра таъмин хоҳад гашт, ки онро аз ҷадвали 3 дидан мумкин аст.

Ҷадвали 3. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии буҷети давлатӣ дар солҳои 2016-2019 (млн сомонӣ)

Table 3. Dynamics of the main indicators of the state budget for 2016-2019 (million somoni)

Нишондиҳандаҳо	Буҷети аниқшуда				Иҷроиши аслӣ			
	Солҳо				Солҳо			
	2016	2017	2018	2019	2016	2017	2018	2019
Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ	18719,4	20772,6	22850,5	23929,1	18451,2	1995,5	23925,5	23469,4
Аз ҷумла: даромади умумӣ ва грантҳо	13553,6	14884,0	16963,6	17934,5	12636,4	14694,9	16684,4	17800,8
Воридоти андозӣ	12150,5	13296,2	14740,2	16121,5	11188,5	13099,7	14564,5	15775,4
Воридоти ғайриандозӣ	1055,1	1141,4	1818,4	1813,0	1448,0	1425,6	2019,3	2025,4
Грантҳо	348,0	366,4	405,0	618,5	-	169,6	100,7	621,1
Харақот – ҳамагӣ	20234,0	25425,1	26755,0	26062,5	18244,3	22264,2	24187,4	23506,6
Аз ҷумла: Соҳаҳои ҳокимият ва идоракунии давлатӣ	1873,5	2158,1	1803,6	1714,9	1556,8	1657,2	1647,0	1423,2
Маориф	3388,5	1879,6	4131,2	4688,3	3093,8	1572,6	3702,6	4338,6
Тандурустӣ	1254,6	1470,3	1642,3	1800,9	1159,5	1385,2	1518,1	1793,4
Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ	9101,5	1288,9	3366,0	3671,1	2734,1	3057,6	3156,8	3515,0
ХМК	1340,6	1165,7	1371,7	1410,1	1286,4	922,5	1154,9	1255,2

Чорабиниҳои фарҳангӣ. Солимгардонӣ ва динӣ	734,9	988,6	866,9	1023,4	591,6	753,4	744,1	945,9
Комп. сӯзишворӣ ва энергетикӣ	4099,0	6897,6	7342,0	5073,3	3722,6	6280,4	6471,6	4674,3
Кишоварзӣ, х/з, моҳипарварӣ ва шикор	481,1	637,7	679,1	935,8	451,0	689,4	571,5	632,4
Истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, саноати маъдани кӯҳӣ, сохтмон	217,0	187,8	187,8	198,0	217,6	158,0	141,8	193,0
Нақлиёт ва коммуникатсия	926,6	1268,1	1145,0	1154,5	948,3	1074,0	1292,0	1196,0
Дигар корҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ	28,0	1829,7	68,0	74,0	23,9	1098,8	53,9	71,1

Манбаъ: Молияи Тоҷикистон: Маҷмуаи оморӣ солҳои 2020-2021. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –С.17,23.

Қайд кардан зарур аст, ки аз таҳлили иҷроиши нишондиҳандаҳои асосии буҷети давлатӣ дар солҳои 2016-2020 маълум гашт, ки ба ғайр аз соли 2018, ки ҳаҷми умумии иҷроиши даромади буҷети давлатӣ 104,7%, ё нисбати МУД 33,7% ташкил дод, ё ин ки нисбати буҷети аниқшуда 4,7% зиёд мебошад, дар солҳои 2016, 2017, 2019 ва 2020 иҷрои буҷети давлатӣ таъмин нагаштанд, ки сабабҳои онро дар боло қайд карда гузаштем.

Дар ин давра қисми хараҷоти буҷети давлатӣ иҷро нагардиданд, онҳо дар сатҳи паст қарор доранд, ки ба ҳисоби миёна иҷроиши хараҷоти буҷети давлатӣ дар ин давра 90,0-91,0%-ро ташкил додааст.

Аз ин рӯ, дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои иҷроиши буҷети давлатӣ дар солҳои 2016-2020 барои беҳтар намудани сатҳи иҷроиши даромаду хараҷоти буҷети давлатӣ ва беҳтар намудани сатҳи маблағгузории буҷет барои соҳаҳои иқтисодиёти кишвар пешниҳодҳои илмии зеринро тавсия карда мешавад:

1. Такмили банақшагирии даромаду хараҷоти буҷети давлатӣ бо назардошти ғайричашмдошт (ба монанди авҷ гирифтани бемориҳои гуногуни сирояткунанда, ба монанди COVID-19 дар ҷаҳон ва таъсири он ба сатҳи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар).
2. Такмил додани усулу услубҳои ҷамъоварии андозҳо бо назардошти таъмини ҳавасмандии андозсупорандагону кормандони мақомоти андоз.
3. Пурзур кардани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ нисбати истифодабарандагони маблағҳои буҷетӣ оид ба пуррагӣ таъмин нагаштани нақшаи хараҷоти буҷети давлатӣ.
4. Пурзур кардани назорати давлатӣ оид ба таъмини иҷроиши низоми буҷети давлатӣ.

Ба андешаи мо, агар пешниҳодҳои дар боло зикргардида дар амал тадбиқ карда шавад, гуфтан мумкин аст, ки таъмини иҷроиши буҷет, рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ва устувории молияи давлат таъмин хоҳад гашт.

Муқарриз: н.и.и, муаллими калон Турсунов И.Х.

АДАБИЁТ

1. Афанасев М.П. Бюджет и бюджетная система / М.П. Афанасев. -М.: Юрий, 2016. -325 с.
2. Қонуни ҶТ “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011”. -Душанбе, 2010. -С.11.
3. Қонуни ҶТ “Дар бораи буҷети давлатии ҶТ барои солҳои 2020”. -Душанбе, 2019. -С.14
4. Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар ҶТ”. -Душанбе, 2008.
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати милли – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 26.01.2021.
6. Ҳикматов С.С. Буҷет ва низоми буҷетӣ. Воситаи таълимӣ / С.С. Ҳикматов, Ҷаҳоншоҳ С. -Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2021. -343 с.

7. Ҳикматов С.С. Низоми бонки дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ва камбудиҳои онҳо / С.С. Ҳикматов, Маҳмадризоиён Суҳроб Ҳабибулло // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2020. -№4 (330). -С.78.
8. Бонки миллии Тоҷикистон: Бонкдорӣ, тараққиёт, ҷаҳонишавӣ (июл-сентябри соли 2021).- С.19.
9. Бонки миллии Тоҷикистон: Бонкдорӣ, тараққиёт, ҷаҳонишавӣ (октябр-декабри соли 2020).- С.42-48.
10. Қарори Ҳукумати ҶТ “Дар бораи тасдиқи Стратегияи рушди назорати давлатии молияи дохилӣ” аз 3.03.2007, №87. -С.93.
11. Стратегияи миллии рушди иқтисодиёти ҶТ то соли 2030. -Душанбе, 2016.
12. Молияи Тоҷикистон: Маҷмуаи оморӣ солҳои 2020-2021. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -С.17-49.

ТАҲЛИЛИ ИҶРОИШИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОЛҲОИ 2016-2019 ВА БАЪЗЕ МУАММОҲОИ ОН

Гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ дар ҳаёти иқтисодии ҷумҳурӣ ворид намудани дигаргуниҳои ҷиддиро ба миён оварда, махсусан дар рушди молияи давлатӣ, ки қисми муҳими онро буҷети давлатӣ ташкил медиҳад. Дар чунин шароит рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар то андозаи муайян аз ташаккул ва рушди низоми молиявию буҷетӣ вобаста мебошад ва зарурати давра ба давра ислоҳоти буҷетиро ба миён меорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар на фақат аз нақшаи афзоиши даромаду хараҷоти буҷети давлатӣ вобаста мебошад, балки аз таъмини иҷроиши буҷети тасдиқшуда низ вобаста мебошад, яъне аз сатҳу сифати банақшагирии буҷетӣ, иҷроиши он вобаста мебошад.

Аз маълумотҳои молияи Тоҷикистон: маҷмуаи омори солҳои 2020-2021 маълум гардид, ки нақшаи буҷети давлатӣ қариб таъмин намешавад. Аз ин рӯ, барои равшан сохтан ва сабабҳои амалӣ нагардидани буҷети тасдиқшударо фаҳмидан ва муайян кардани муаммоҳои иҷро нагардидани буҷети давлатӣ ва роҳҳои ҳалли ин муаммоҳоро пайдо намудан, зарурати таҳлили иҷроиши буҷети давлатиро дар солҳои 2016-2020 қарор дода шуд. Натиҷаи таҳлили иҷроиши нишондиҳандаҳои асосии қисми даромаду хараҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо пешниҳодҳои илмӣ оид ба бартараф кардани муаммоҳои ҷойдоштаи иҷрои буҷетӣ ва такмили банақшагирии он мақолаи мазкур бахшида шудааст.

Калидвожаҳо: иқтисодӣ, буҷет, низоми буҷетӣ, даромад, хараҷот, нишондиҳандаҳои буҷетӣ, маблағгузорӣ, самтҳои хараҷот, иҷроиш, динамика, МУД, секвестори буҷетӣ, андоз, назорат.

АНАЛИЗ ИСПОЛНЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА ЗА 2016-2020 ГОДЫ И ЕГО НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ

Переход стран на новые экономические отношения требуют осуществления серьёзных изменений в экономической жизни Республики Таджикистан, особенно в развитии государственных финансов, составная часть которых является государственным бюджетом.

В этих условиях социально-экономическое развитие страны в определенной степени зависит от формирования и развития налогово-бюджетной системы и требует поэтапного проведения бюджетных реформ.

Необходимо отметить, что развитие социально-экономической деятельности страны, зависит не только от планового роста доходов и расходов государственного бюджета, но и от обеспечения исполнения государственного уточненного бюджета, т.е. зависит от уровня и качества планирования доходов и расходов бюджета и его исполнения.

Основные показатели финансов Таджикистана: статический сборник за 2020-2021 годы показал, что утвержденный план государственного бюджета, т.е. его доходная и расходная части за последние годы (2016-2020 гг.) почти не обеспечивается. Поэтому для выявления причин этих проблем, т.е. неисполнения основного показателя доходного и расходного частей государственного бюджета и путей ее решения, нами произведен анализ основных показателей исполнения государственного бюджета за 2016-2020 гг.

По результатам анализа основных показателей исполнения государственного бюджета в указанные годы (периоды) выявлены и сделаны научные предложения по решению данных проблем, связанных с исполнением государственного бюджета и совершенствования планирования доходной и расходной частей бюджета. Данная статья посвящена решению данных проблем, имеющих место в исполнении государственного бюджета страны.

Ключевые слова: экономика, бюджет, бюджетная система, доходы, расходы, показатели бюджета, финансирование, направления расходов, исполнение, динамика, ВВП, бюджетный секвестр, налоги, контроль.

ANALYSIS OF THE IMPLEMENTATION OF THE STATE BUDGET FOR 2016-2020 AND SOME OF ITS PROBLEMS

The transition of countries to new economic relations will require serious changes in the economic life of the Republic of Tajikistan, especially in the development of public finances, an integral part of which is the state budget.

Under these conditions, the socio-economic development of the country to a certain extent depends on the formation and development of the fiscal system and requires a gradual implementation of budget reforms.

It should be noted that the development of the country's socio-economic activity not only depends on the planned growth of revenues and expenditures of the state budget, but also depends on ensuring the implementation of the state revised budget, i.e. depend on the level and quality of budget revenue and expenditure planning and its execution.

The main indicators of the finances of Tajikistan: a static compilation for 2020-2021 showed that the state budget plan was approved, i.e. its revenue and expenditure parts in recent years (2016-2020) are almost not provided. Therefore, in order to identify the causes of these problems, i.e. non-fulfillment of the main indicator of the revenue and expenditure

parts of the state budget and ways to solve it, we have analyzed the main indicators of the state budget execution for 2016-2020.

Based on the results of the analysis of the main indicators of the execution of the state budget in the indicated years (periods), scientific proposals were identified and made to solve these problems related to the execution of the state budget and improve the planning of the revenue and expenditure parts of the budget. This article is hung precisely to solve these problems, which have a place in the execution of the state budget of the country.

Keywords: economy, budget, budget system, revenues, expenditures, budget indicators, financing, spending directions, execution, dynamics, GDP, budget sequestration, taxes, control.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ҳикматов Сафарали*** – Донишгоҳи милиии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **(+992) 935-05-55-99**. E-mail: **ilm-tj@mail.ru**
Маҳмадризоиён Сухроб Ҳабибулло - Донишгоҳи милиии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: (**+992) 555-55-57-37**. E-mail: **soba_95.1@mail.ru**

Сведение об авторах: ***Хикматов Сафарали*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры управления государственными финансами. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935-05-55-99**. E-mail: **ilm-tj@mail.ru**
Махмадризойон Сухроб Хабибулло – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры управления государственными финансами. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 555-55-57-37**. E-mail: **soba_95.1@mail.ru**

Information about the authors: ***Hikmatov Safarali*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Public Finance Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 935-05-55-99**. E-mail: **ilm-tj@mail.ru**
Mahmadrizoyon Sukhrob Khabibullo - Tajik National University, Assistant of the Department of Public Finance Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 555-55-57-37.** E-mail: **soba_95.1@mail.ru**

УДК: 339.1(575.3)

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МУҲИТИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ИНКИШОФИ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАК

Маҳмадуллоев А.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар асри XXI, яке аз шаклҳои пешбарандаи ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ корхонаҳои муштарак ба ҳисоб меравад. Он робитаҳои гуногуни кооперативии корхонаҳои ба кишварҳои гуногун тааллуқдоштаро дар бар мегирад.

Сабаби асосии пайдоиши чунин корхонаҳо раванди объективии рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, амиқтар шудани тақсимоти байналмилалии меҳнат, махсусгардонӣ ва интернатсионализатсияи истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳо мебошад, ки дар иқтисоди ҷаҳонӣ бо мароми хос идома доранд ва як шакли шарикии стратегиро ифода менамояд.

Зарурати рушду инкишофи минбаъдаи корхонаҳои муштарак моро водор менамояд, ки муҳити мусоиди институтсионалии танзими фаъолияти онҳоро мавриди таҳлил қарор диҳем.

Калимаи шарикӣ дар асри XIX ба раванди ҷахонишавии иқтисодиёт ворид гардидааст ва маънои он муносибатҳои иштирокчиён дар намоишҳои муштарак, бозӣ ва ё рақс буд. Дар асри XXI шарикӣ аллакай фарогири фаъолияти иқтисодӣ дар шакли шарикии стратегӣ, тиҷорати муштарак, ҳамгироӣ ва ё корхонаҳои муштарак гардид [8,с.406].

Шарикии стратегӣ шароит фароҳам меоварад, ки тарафҳо аз технологияҳои муосир баҳраманд гарданд, ба бозорҳои нав аз тариқи нуқтаҳои фурӯши муштарак роҳ пайдо кунанд. Он имкон медиҳад, ки мубодилаи молу хадамот дар асоси ба роҳ мондани муносибатҳои барои тарафайн судманд ва бо ба кор гирифтани фановариҳои муосир ташкил карда шавад. Илова бар ин, шарикии стратегӣ имкон медиҳад, ки ширкатҳои ватанӣ аз таҷрибаи бою ғании ширкатҳои хориҷӣ ҷиҳати истеҳсоли молу хизматҳои рақобатпазир истифодаи босамар ба амал биёваранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикисон то ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ ягон корхонаи муштарак фаъолият надошт ва бо шарофати истқлолияти давлатӣ имконияти ташкил намудани корхонаҳои муштарак фароҳам оварда шуд. Аввалин корхонаҳои муштарак дар ҷумҳурӣ, ки бо ҷалби сармояи хориҷӣ бунёд гардидаанд – "...ин корхонҳои Зарафшон, Абрешим, Джавонӣ, Ришта ва ғайра мебошанд, ки то ҳол мунтазам фаъолият дорад" [5,с.114-117].

Иқтидори бузурги бозор, захираҳои гуногуни табиӣ ва қувваи кории баландихтисос, омилҳои ҷолиб барои сармоягузории хориҷӣ ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки боиси таъсиси корхонаҳои муштарак шудааст. Тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои муштарак метавонанд дар шакли шарикии тиҷортӣ ва ширкатҳо таъсис дода шаванд. Шакли ниҳоят созмонёфтаи идоракунӣ, ки ба истифодаи таҷриба ва захираҳои ширкатҳои кишварҳои мухталиф имкон медиҳад, як навъ бунёди шаклҳои нави корхонаҳои муштарак таъсис ёбад. Мутобиқати институтҳои байналхалқӣ, миллӣ ва дохилии ширкатҳо омили калидии фаъолияти босамар корхонаҳои муштарак ба ҳисоб мераванд.

Айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои мухталифи минтақа ва ҷаҳон равобити хуби иқтисодиву тиҷоратӣ ба роҳ мондааст. Новобаста ба ин пешбурди шарикии стратегӣ байни ширкатҳои ватанӣ ва ширкатҳои хориҷӣ ҳанӯз дар сатҳу сифати ҷавобгӯ ба талаботи рӯз ба роҳ монда нашудааст [8,с.407-411].

Лозим ба ёдоварист, ки шарикии стратегӣ байни ширкатҳои мухталиф, пеш аз ҳама, дар асоси боварӣ ва ба назар гирифтани шартҳои барои тарафайн судманд ба роҳ монда мешавад, ки коркарди механизми махсус ва аз ҷиҳати илмӣ асоснокшударо тақозо менамояд. Дар робита ба ин ва бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои хосси инкишофи равандҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар фазои пасошуравӣ коркарди механизми пешбурди шарикии стратегии ширкатҳои ватаниву хориҷӣ аз масоили муҳим ва мубрами рӯз ба шумор мераванд. Солҳои охир ба хотири рушди минбаъдаи фаъолияти шарикии стратегӣ дар ҷумҳурӣ як силсила ислоҳотҳои муҳим ва ҷиддӣ амалӣ шуданд, ки мақсади асосии онҳо,

пеш аз ҳама, афзоиши мунтазами тавлиди маҳсулоти ватанӣ, муҳайё сохтани ҷойҳои нави корӣ, истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мебошад.

Раванди ҷаҳонишавӣ иқтисодиёт ва пайдо гаштани рақобати шадид дар муносибатҳои нави бозоргонӣ моро водор месозад, ки ҷузъҳои таркибии ин бахши муҳимми иқтисодиётро мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор диҳем. Тавре ки маълум аст, яке аз ҷузъиёти асосии ин раванд, фаъолияти корхонаҳои муштарак мебошад.

Самтҳои асосии фаъолияти корхонаҳои муштарак ин истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук ва молҳои истеъмолӣ, амалиётҳои тиҷоратӣ, содироту воридоти молҳо, коркарди маҳсулоти хоҷагии халқ, телекамуникатсия ва истихроҷу коркарди канданиҳои фоиданок ба ҳисоб мераванд. “Инчунин, таҳлили соҳавии онҳо нишон медиҳад, ки аксарияти корхонаҳои муштарак дар соҳаи тиҷорату истеҳсоли металургияи ранга, коркарди пахта, каданиҳои фоиданок ва истеҳсоли нушобаҳо фаъолият менамоянд” [9,с.64-78].

Баҳри ошкорсозии мавқеъ ва нақши корхонаҳои муштарак фаъолияткунанда ва саҳми онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ зарур шуморидем, ки дар асоси маълумотҳои оморӣ фаъолияти онҳоро таҳлил намоем. Тибқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 649 корхонаҳои муштарак бо сармояи хориҷӣ ба қайд гирифта шудааст [13,с.94].

Ҳамкории шарикон дар доираи ниҳодҳои муайян сурат мегирад. Чӣ тавре ки Ҷ. Хоҷсон қайд мекунад: “...институтҳо метавонанд ба қобилият ва амали намояндагон ба таври принсипӣ таъсир расонанд ва онҳо метавонанд на танҳо фаъолияти корхонҳои муштаракро маҳдуд кунанд, балки метавонанд барномаҳоро тағйир диҳанд ва ё тадбиқи онро осон кунанд” [16,с.34-48].

Дар ҷараёни рушд - инситутҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ташаккул меёбанд, ки ҳаёти иқтисодиро дар маҷмуъ ва унсурҳои инфиродии онро ба танзим медароранд. Хусусияти муҳимми ташаккул ва рушди институтҳо дар маҷмуъ аз он иборат аст, ки институтҳои ғайрирасмӣ ба андозаи бештар аз институтҳои расмӣ таъсири рушди қаблиро эҳсос мекунанд [19,с.11].

Ҳангоми ташкили фаъолияти корхонаҳои муштарак бунёди муҳити мусоиди институтсионалӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро асосҳои институтсионалии кишварҳои шарик мақоми чунин корхонаҳоро муайян карда, ҷиҳатҳои объективӣ ва субъективии фаъолияти корхонаҳои муштаракро таъмин мекунанд. Аз ин рӯ, барои таъмини сатҳи баланди рақобат, имконияти ҷалби манбаъҳои иловагии молиявӣ дар шакли сармоягузории хориҷӣ ва таъсиси корхонаҳои муштарак масоили марбут ба ташкили фазои муосиди институтсионалӣ набояд аз мадди назар дур бошад.

Ба андешаи мо се сатҳи сохтории ташаккули корхонаҳои муштаракро ҷудо кардан мумкин аст:

1) Сатҳи мега - сатҳи ҳамкориҳои байналмилалӣ. Воҳиди асосии институтсионалии ин ҷо СММ ва воҳидҳои сохтории он (муассисаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ) мебошанд, ки муқаррароту равишҳои умумиро ташкил ва муайян мекунанд. Мафҳум ва моҳияти корхонаҳои муштаракро ҳамчун шакли муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ тавсиф мекунанд. Инчунин, институтҳои корхонаҳои муштарак дар ин сатҳ мавқеи махсусро ба худ касб мекунанд;

2) Сатҳи макро - сатҳи як кишвари алоҳида. Дар он институтҳои расмӣ ва ғайрирасмии танзими фаъолияти корхонаҳои муштарак тавассути бозори хадамоти институтсионалӣ ва иттиҳодияҳои институтсионалии минтақавии иқтисодӣ ташкил карда мешаванд;

3) Сатҳи микро - сатҳи корхонаи инфиродӣ. Дар он маҷмуи меъёрҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, ки дар сатҳҳои боло таҳия шудаанд ва барои фаъолияти корхонаҳои муштарак амалӣ карда мешаванд.

Ҳамкории зерсистемаҳои макро ва сатҳи микро ба ташаккул ва фаъолияти корхонаҳои муштарак таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Самтгирии стратегии кишварҳо, ки дар сатҳи макро муайян карда мешавад, ба ҳавасмандии шарикони тиҷорӣ таъсир мерасонад. Аз тарафи дигар, рушди илмии иқтисодиёт ва идоракунии корхонаҳо дар сатҳи микро амал мекунанд. Дар баробари ин, шароити ташкилӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқии менеҷмент ва вазъи институтсионалии фаъолияти корхонаҳои муштаракро муайян мекунад.

Муҳити институтсионалии фаъолияти корхонаҳои муштарак дар расми 1 оварда шудааст.

Расми 1. Муҳити институтсионалӣ барои фаъолияти корхонаҳои муштарак
Figure 1. Institutional environment for activities of joint ventures)

Дар байни институтҳои расмӣ, ду иттифоқи калони ба ҳамдигар пуриқтидорро ҷудо кардан мумкин аст. Инҳо ташкилотҳои байналмилалӣ, қоидаҳо ва меъёрҳои қонунгузорӣ мебошанд, ки дар доираи онҳо сохта шудаанд.

Дар арсаи ҷаҳонӣ як қатор институтҳои бартаридоштаеро муайян кардан мумкин аст, ки заминаи меъёрии фаъолияти корхонаҳои муштаракро фароҳам меоранд. Инҳо СММ ва созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ мебошанд. Инчунин, ташкилотҳои бисёрҷонибаи иқтисодии Аврупои ғарбӣ (Иттиҳоди Аврупо, Ассотсиатсияи Аврупои Тиҷорати Озод, Иттиҳоди иқтисодии Аврупо, Бонки таҷдид ва рушд), ташкилотҳои иқтисодии минтақавии Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ва Осиё (ИДМ, Созмон барои ҳамкории иқтисодӣ, Бонки байналмилалии сармоягузорӣ) ба ҳисоб мераванд.

Қоида ва меъёрҳои сатҳи мега, ки дар боло ишора кардем, пеш аз ҳама, сохтори иерархии давлатро ислоҳ мекунад ва баъдан, сохтори қабули қарорро муайян мекунанд ва дар ниҳоят, ба таври возеҳ собит мекунанд, ки чӣ гуна назорат аз болои масъалаҳо мавриди муҳокима қарор гиранд. Ҳамин тавр, дар баробари ин ҳуқуқ ва боҷҳо маҳсули қоидаҳо мебошанд, зеро сухан дар бораи ҳамкории одамон меравад, ки дар доираи он баъзе намояндаҳои иқтисодӣ бояд ҳуқуқҳои дигаронро эҳтиром кунанд. Онҳо муносибатҳои таҳримшуда (аз ҷиҳати иқтисодӣ, қонунӣ) ва дар ҷомеа қабулшуда (расмӣ ва ғайрирасмӣ)-ро байни намояндаҳои иқтисодӣ муаррифӣ мекунанд, ки роҳҳои имконпазири истифодаи онҳоро ҳамчун салоҳияти истисноии шахсони алоҳида ё гурӯҳҳо муайян мекунанд. Тақсимоти муфассали ваколатҳоро олими англис Ҷ. Хоҷсон дар таҳқиқоти худ анҷом дод, ки мувофиқи он қоидаҳои шартномавиро қоидаҳое ҳисобидан мумкин аст, ки мубодилаи байни ду намояндаи иқтисодиро дар асоси мушаххас кардани ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои табодули бадастомада ташкил медиҳанд [16,с.48].

Институтҳои ғайрирасмӣ унсури зарурӣ ва ҷудонашавандаи қоидаҳо ва меъёрҳои расмӣ мебошанд, зеро онҳо шароити фаъолияти воҳидҳои иқтисодиро дар доираи маҳдуд муайян мекунанд. Ғайр аз он, қоидаҳо ва меъёрҳои ғайрирасмӣ сарчашмаи баъзе тағйирот дар қоидаҳои расмӣ мебошанд, вақте ки низоми иқтисодӣ тавассути интихоб ва таҳкими меъёрии ҳуқуқии унсурҳои муҳимтарини он рушд мекунад. Аммо дар баъзе ҳолатҳо, қоидаҳои ғайрирасмӣ метавонанд бо қоидаҳои расмӣ мухолифат кунанд, ки ин бештар дар мавриди корхонаҳои муштарак маъмул аст [12,с.956-963]. Бо сабаби фарқияти тафаккури субъектҳои иқтисодии кишварҳои гуногун, баъзе мушкилот дар фаҳмиш ва дарки институтҳои расмии кишварҳои шарик имконпазир аст. Дар ин ҳолат, зарур аст, ки манфиатҳои соҳибони корхонаҳои муштарак бо назардошти муқаррароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати муайянкунанда, қонунӣ карда шаванд. Институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ дар маҷмуъ истеҳсоли иттилооти заруриро барои

ҳамоҳангсозии амалҳои намояндаҳои инфиродии иқтисодӣ таъмин мекунанд. Маҳз, ин маълумот моли ҷамъиятӣ мешавад, ки барои фаъолияти бомуваффақият ва даромаднокии корхонаҳои муштарак истифода мешавад. Институтҳое, ки шариконро бо иттилооти зарурӣ таъмин мекунанд, дар ташаккули манфиатҳои ба ҳам мувофиқ саҳм мегиранд, ки ҳамоҳангсозии амалҳои онҳо ва ба даст овардани натиҷаҳои ба ҳамдигар муфидро таъмин мекунанд.

Ҳангоми фаъолияти корхонаҳои муштарак, манфиатҳои иқтисодии ҷонибҳои иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд, ки дар байни онҳо манфиатҳои ширкатҳои шарики Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкатҳои хориҷӣ аз хамдирар фарқ карда мешаваннд. Ширкатҳои хориҷӣ имтиёзҳои зеринро пешниҳод мекунанд:

- коҳиш додани хавфи фаъолияти соҳибкорӣ ҳангоми таъсис ва истифодаи иншооти нав;
- тавсеаи каналҳои тиҷоратӣ ва иншооти истеҳсолӣ;
- ба даст овардани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва манбаъҳои ашёи хом;
- ҳифзи захираҳо;
- воридшавӣ ва муттаҳидшавӣ ба бозори нав;
- гардиши пардохтҳои тарифӣ ва монеаҳои протексионистӣ;
- ба даст овардани имтиёзҳо дар андозбандӣ.

Инчунин, аз ҷониби корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили корхонаҳои муштарак ҳавасмандии муайяни иқтисодӣ мавҷуд аст. Аз ҷумлаи онҳо:

- дастрасӣ ба технологияҳои навтарин ва усулҳои идоракунӣ;
- истифодаи шабакаи дистрибютории шарик ва брендҳои машҳури ҷаҳонӣ;
- сафарбар намудани захираҳои иловагии молиявӣ;
- диверсификатсияи истеҳсолот;
- кам кардани арзиши таҳқиқот ва рушд;
- ба даст овардани фоидаи молиявӣ нисбат ба воридоти молҳо ва қарзҳои хориҷӣ.

Дар байни бартариҳои асосӣ муайян кардани мақоми институтсионалии корхонаҳои муштарак, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, истифодаи комплексии саъю кӯшиши тарафайни шарикони ҳамкорро дар ҳама даврaҳо коркард, истеҳсол ва фурӯш, созишномаҳои дарозмуддат ва таъмини назорати мутақобилаи шариконро метавон зикр кард.

Зикр кардан ба маврид аст, ки ҳангоми бунёди муҳити институтсионалии рушди корхонаҳои муштарак давлат ба ҳадафи стратегияҳои миллии рушд дар давраи дарозмуддат низ таваҷҷуҳ хоҳад кард. Тоҷикистон айни ҳол дар садади татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ мебошад, аз ин рӯ, зарур аст, ки барои корхонаҳои муштараке, ки ҷиҳати дар амал воқеъ гардидани ҳадафи мазкур мусоидат мекунанд, имтиёзҳои махсус пешниҳод шаванд.

Илова бар ин, бо мақсади рушди институтсионалии корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтани низоми интегралии институтсионалӣ, аз ҷумла иттифоқҳои иқтисодӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва техникӣ ба мақсад мувофиқ аст. Барои ин:

Аввал зарур аст, ки заминаи мустақили меъёрӣ-ҳуқуқӣ таъсис дода шавад, ки вазъи ҳуқуқии корхонаҳои муштаракро муайян кунад;

Дувум, таъмини ҳамкории муассири сохторҳои институтсионалӣ оид ба дастгирӣ ва таъмини фаъолияти корхонаҳои муштарак дар сатҳи микро, макро ва мега;

Севум, таҳияи барномаҳои давлатӣ оид ба дастгирӣ ва рушди корхонаҳои муштарак, ки дар оянда ба рафъи монеаҳои бюрократӣ ва зуҳуроти номукаммалии бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон, имкон медиҳанд.

Тадбирҳои дар боло зикршуда ба рушди корхонаҳои муштарак замина мегузорад, ки бешубҳа ба сатҳи рақобатпазирии мамлакати мо дар бозорҳои ҷаҳонӣ таъсири мусбӣ хоҳад дошт.

Ҳамин тавр, метавон натиҷагирӣ намуд, ки асосҳои назариявии мукамалгардонии муҳити мусоиди институтсионалии инкишофи корхонаҳои муштарак собит менамояд, ки институтҳо омили муҳимтарини таъмини фаъолияти босамари субъектҳои иқтисодӣ мебошанд. Барои он, ки муҳити институтсионалии фаъолияти корхонаҳои муштарак ба

таври мусоид тарҳрезӣ шавад, зарур аст, ки давлат дар қабули қонунҳои танзимкунандаи субъектҳои хоҷагидор таъсири омилҳои хориҷиро низ ба инобат гирад.

Муқарриз: н.и.и., дотсент Мухсинов Д.С.

АДАБИЁТ

1. Всемирный экономический форум: рейтинг глобальной конкурентоспособности 2021. Режим доступа URL: Internetresourcehttp: // gtmarket.ru / news / state / (28.03.2022).
2. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Қисми 2. –Душанбе: 2004. –С. 46-175.
3. Давлатзод У. Ташкили хамъиятҳои саҳомӣ. –Душанбе «Ирфон», 2008. –198 с.
4. Зарубежный опыт кластерного развития агропромышленного комплекса / Д.С. Пириев, М.Р. Курбонов, Н.И. Амиров, Ф.Б. Махмадиев //Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. - 2013. -№4(38). -С.59-63.
5. Маҳмадуллоев А.С. Аҳамияти шарикии стратегӣ дар таъмини рақобатпазирии ширкатҳо (Дар мисоли корхонаҳои муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон) / А.С. Маҳмадуллоев // Маводи мизи гирди умумидониҳгоҳии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами менеҷмент дар шароити муосир» (Душанбе, 20-уми декабри соли 2019). Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. –С.114-117.
6. Маслов Б.Г. Методика реализации налогового планирования на промышленном предприятии / Б.Г. Маслов // Управленческий учет. – 2021. -№7. -С.68-78.
7. Махмадиев Ф.Б. Зарубежный опыт государственного регулирования фермерской кооперации / Ф.Б. Махмадиев, И.Х. Мехроби, З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2017. -№2/6. -С.157-161.
8. Махмадуллов А.С. Основные тенденции развития совместных предприятий Республике Таджикистан / А.С. Махмадуллев // Материалы международной научно-практической конференции на тему «индустриализация страны и обеспечение устойчивого развития экономики» (Душанбе, 27 февраля 2020 года), Таджикского национального университета, - Душанбе, 2020. –С.406-411.
9. Махмадуллоев А.С. Оценка развития промышленного сектора Республики Таджикистан с акцентом на расширение стратегического партнерства / А.С. Махмадуллоев // Государственное управление, Научно-политический журнал Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2020. -№4/2(49). –С.64-78.
10. Низомова Т.Д. Иқтисодиёти саноат. Китоби дарсӣ барои донишҷуёни мактабҳои олии таҳсилоти низоми кредитӣ. –Душанбе, 2020. –458 с.
11. Низомова Т.Д. Ташкил ва банақшагирии корхонаҳои саноатӣ. –Душанбе: ДДМТ, 1999. –С. 4-56.
12. Носков, В.А. Проблемы управления развитием формальных институтов / В.А. Носков, Н.О. Михаленок // Известия Самарского научного центра Российской академии наук.– 2016. – Т. 8. –№4. –С. 956-963.
13. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе:АОПҶТ, 2019. -94 с.
14. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, 2016. –№392. – 103 с.
15. Тағоев Ҷ.Х. Иқтисод, ташкил ва идоракунии корхонаҳо. –Душанбе: Ирфон, 2012. –273 с.
16. Ходжсон Дж. Что такое институты / Дж. Ходжсон // Вопросы экономики. – 2018. – №8. –С. 28-48.
17. Ходиев Д.А. Регулирование рынка труда и занятости населения в трудоизбыточном регионе. Монография / Д.А. Ходиев, Х.У. Саидова. –Душанбе, 2018. –190 с.
18. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳлили саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ / Хушвахтзода Қ.Х., А.К. Қурбонов // Материалы международной научно-практической конференции на тему «индустриализация страны и обеспечение устойчивого развития экономики» (Душанбе, 27 февраля 2020 года), Таджикского национального университета. –Душанбе, 2020. –С. 96-99.
19. Цветкова, Г.С. Модели взаимодействия формализованных и неформализованных институтов рынка / Г.С. Цветкова // Российское предпринимательство. 2011. – №9 (1). –С. 4-11.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МУҲИТИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ИНКИШОФИ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАК

Дар мақола масоили марбут ба инкишофи муҳити институтсионалии фаъолияти корхонаҳои муштарак баррасӣ шудааст. Асосҳои назариявии муҳити институтсионалии фаъолияти корхонаҳои муштарак чун маҷмуи институтҳои расмӣ ва ғайрирасмии муассир ба фаъолияти онҳо таҳқиқ шудаанд. Институтҳо дар се сатҳ баррасӣ гардидаанд: мега, макро ва микро. Муаллиф собит намудааст, ки алоқамандии зерсистемаҳои сатҳи макро ва микро ба ташаккул ва фаъолияти корхонаҳои муштарак таъсири ҳалкунанда мерасонад. Инчунин, дар мақола таъмини манфиатҳои ҷонибҳои мухталиф, мушкилоти ташкил ва таъмини фаъолияти самараноки корхонаҳои муштарак бо таваҷҷуҳ ба тағйиротҳои институтсионалӣ ва таҳаввулоти сохторӣ инъикос ёфтааст. Ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои инкишофи корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ гардидаанд. Таъқид шудааст, ки омилҳои асосии рушду инкишофи нисбатан сусти корхонаҳои муштарак бо номусоидии муҳити институтсионалии онҳо вобаста мебошанд. Минҷумла, қавоиди таъсисдиҳӣ, додани имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ, фаъолияти самрмоягузорӣ, содиротӣ ва амсоли он ворид кардани тағйиротҳои муайянро тақозо менамоянд. Дар баробарии ин тамоюлҳои инкишофи сохтории корхонаҳои муштарак дар ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин, маҷмуи чорабиниҳое пешниҳод шудаанд, ки ҷиҳати ба тариқи эволютсионӣ ташаккул додани муҳити

муосиди инкишофи корхонаҳои муштаракро бо назардошти ба таврии муассир истифода бурдани принсипҳои асосии шарикии стратегӣ ифода менамоянд. Аз ҷумла, пешниҳод шудааст, ки ба корхонаҳои муштараке, ки дар ҷумҳурӣ ба фаъолияти воридотивазкунанда машғул мебошанд, имтиёзҳои муайян пешниҳод карда шавад. Инчунин, ҷиҳати бунёди низоми институтсионалии интегралии рушди корхонаҳои муштарак тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: корхонаҳои муштарак, институтҳои расмӣ, институтҳои ғайрирасмӣ, муҳити институтсионалӣ, манфиатҳои иқтисодӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКАЯ ОСНОВА СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНАЯ СРЕДА ДЛЯ РАЗВИТИЯ СОВМЕСТНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

В статье рассматриваются вопросы, связанные с развитием институциональной среды функционироывания совместных предприятий. Исследованы теоретические основы институциональной среды развития совместных предприятий как совокупность формальных и неформальных институтов, способствующих эффективному их функционированию. Институты рассматриваются на трех уровнях: мегауровень, макроуровень и микроуровень. Доказано, что взаимосвязь подсистем макро- и микроуровня оказывает решающее влияние на формирование и развитие совместных предприятий. В статье также отражены интересы различных сторон, проблемы организации и обеспечения эффективной работы совместных предприятий с акцентом на институциональные изменения и структурные преобразования. Анализируются и оцениваются современное состояние и тенденции развития совместных предприятий в Республике Таджикистан. Подчеркнуто, что основные факторы относительно медленного развития совместных предприятий связаны с неблагоприятной для них конъюнктурой. В частности, необходимо внести определенные изменения в учредительные правила, предоставляющие налоговые и таможенные льготы, а также инвестиционной, экспортной и иной деятельности. Наряду с этим анализированы тенденции структурного преобразования совместных предприятий в стране. В связи с этим предложен комплекс мер по созданию институциональной среды развития совместных предприятий на базе эволюционных преобразований, способствующей их развитию с учетом эффективного использования основных принципов стратегического партнерства. В частности, предлагается предоставить определенные льготы совместным предприятиям, занимающимся импортозамещающей деятельностью в стране. Также даны рекомендации по созданию интегрированной институциональной системы для развития совместных предприятий.

Ключевые слова: совместные предприятия, формальные институты, неформальные институты, институциональная среда, экономические интересы.

THEORETICAL BASIS IMPROVING THE INSTITUTIONAL ENVIRONMENT FOR THE DEVELOPMENT OF JOINT VENTURES

The article discusses issues related to the development of the institutional environment for joint ventures. The theoretical foundations of the institutional environment for joint ventures have been studied as a set of formal and informal institutions effective in their operation. Institutions are considered at three levels: mega, macro and micro. It is proved that the interconnection of macro and micro level subsystems has a decisive impact on the formation and operation of joint ventures. The article also reflects the interests of various parties, the challenges of organizing and ensuring the effective operation of joint ventures, with a focus on institutional change and structural change. The current state and trends in the development of joint ventures in the Republic of Tajikistan are analyzed and assessed. It was stressed that the main factors in the relatively slow development of joint ventures are related to the unfavorable institutional environment. In particular, it is necessary to make certain changes in the constituent rules, granting tax and customs privileges, investment, export and other activities. At the same time, these trends in the structural development of joint ventures in the country have been discussed. In this regard, a set of measures has been proposed to create an evolutionary environment conducive to the development of joint ventures, taking into account the effective use of the basic principles of strategic partnership. In particular, it is proposed to provide certain benefits to joint ventures engaged in import-substituting activities in the country. Recommendations have also been made to establish an integrated institutional system for the development of joint ventures.

Keywords: joint ventures, formal institutions, informal institutions, institutional environment, economic interests.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D, курси 3-юми кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. E-mail: **dass_ahmadjon@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-88-83-37**

Сведение об авторе: ***Махмадуллоев Ахмадджон Саидджонович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D 3-го курса кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **dass_ahmadjon@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-88-83-37**

Information about the author: ***Mahmadulloev Ahmadjon Saidjonovich*** - Tajik national university, 3-rd year doctoral student Ph.D of the Department of Management and Marketing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17. E-mail: **dass_ahmadjon@mail.ru.** Phone: **(+992) 988-88-83-37**

УДК 336.72

СИФАТИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ-ИҚТИСОДИИ БОНКҲОИ ТИҷОРАТӢ

Нуралиева Д.К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар раванди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ яке аз самтҳои муҳим ин банақшагирии амалиёти қарзӣ мебошад. Таҳлилҳои нишон медиҳанд, ки амалиёти қарзӣ ҳамчун амалиёти фаъол даромаднокии бонкҳои тиҷоратиро метавонад таъмин созад ва пардохтпазирии онро боло бардорад. Тибқи нишондоди маълумотҳои оморӣ зиёда аз 75%-и даромади бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби амалиёти қарзӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, дар ташкилотҳои қарзӣ яке аз масъалаи асосӣ ин идоракунии амалиёти қарзӣ буда, аз бонкҳо стратегияи махсус ва тартиби муайянро талаб менамояд. Дар ин радиф, мушкилоти калидӣ, ки таи солҳои охир дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии кишвар бештар ба назар мерасад, ин идоракунии сифати сандуқи қарзӣ мебошад. Дар шароити зиёдшавии хавфҳои гуногун ва болоравии рақобатнокӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ идоракунии сифати сандуқи қарзӣ ва таҳкими он боз ҳам афзалият пайдо менамояд. Аксар олимони соҳа ба он бовараанд, ки даромаднокии бонк аз идоракунии самараноки сандуқи қарзӣ вобаста аст.

Масалан И.Р. Готовчиков таъкид мекунад, ки нуқтаи муҳимми хусусиятҳои сандуқи қарзӣ дар он аст, ки интихоб ва ташаккули он бевосита ба муайян намудани сармоягузории бонк, маҷмуи қарорҳои стратегӣ барои давраи муайян вобаста аст [3,с.82]. Дар ин самт зикр намудан мумкин аст, ки сифати сандуқи қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун омилӣ муҳимми муайянкунандаи даромаднокӣ ва пардохтпазирии он баромад намуда, рақобатнокии онро боло мебардорад. Аз ин рӯ, идоракунӣ ва дар сатҳи баланд нигоҳдории сифати сандуқи қарзӣ бояд дар сиёсати молиявии бонк муайян карда шавад.

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки баъзе муаллифон ҳангоми тафсири сандуқи қарзӣ ба он тамоми дороиҳои молиявӣ ва ҳатто уҳдадориҳои бонкро ворид мекунанд, дигарон мафҳуми баррасишавандаро танҳо бо амалиёти қарзидиҳии бонк алоқаманд мекунанд ва қисми дигаре таъкид менамоянд, ки сандуқи қарзӣ маҷмуи оддии унсурҳо ва нишондиҳандаҳои гурӯҳбандишаванда нест, балки фарогири ҷанбаҳои гуногун мебошад. Ба ақидаи мо, барои дурусттар муайян кардани сифати сандуқи қарзӣ дигар омилҳо низ (масалан сатҳи даромаднокӣ ва дараҷаи пардохтпазирии сандуқи қарзӣ) ба назар гирифта шаванд. Ҳамин тавр ба хулосае омадан мумкин аст, ки сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ маҷмӯи қарзҳое ба ҳисоб меравад, ки бонк ба муштариёни худ бо шартҳои махсус ва фоизи муайян пешниҳод намудааст ва аз он даромади муайянеро интизор мебошад.

Тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, махсусан Дастурамали №186 “Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ” дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ ба ғайр аз қарзҳои пешниҳодшуда, инчунин уҳдадориҳои зерин низ ба "қарз" баробар дониста мешаванд:

- кафолатҳо ва ҳамаи дигар уҳдадориҳои ғайритавозунии ба онҳо монанд, ки ташкилотҳои қарзӣ ба шахсони дигар содир кардаанд;
- овердрафтҳо, новобаста аз сабаби пайдоиши онҳо;
- аккредитивҳо;
- аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дарёфти ҳар гуна ҳуҷҷати қарзии шахсе, ки аз рӯи он ӯ ба сифати векселдиҳанда, трассант ё кафил (ҷавобгарӣ бар дӯш дорад) баромад мекунад;
- амалиёти факторингӣ;
- амалиёти иҷораи молиявӣ (лизинг);
- маблағгузории аҳдҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла форфейтингӣ;
- қарзҳои ипотекӣ, истеъмолӣ;
- кортҳои қарзии бонкӣ;
- ҳама гуна уҳдадории қонунӣ оид ба додани қарз [4].

Дар робита ба ин, қайд намудан зарур аст, ки сандуқи қарзӣ на танҳо маҷмуи талаботи қарзии бонк, балки натиҷаи амалиёти фаъоли бонк, таносуби динамикии инкишофёбанда ва муносибатҳои идоракунандаи байни шаклҳои гуногуни қарзҳо мебошад. Аз ин рӯ, бояд сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратиро ҳамчун таҷассумгари стратегия, сиёсати молиявӣ-қарзии бонк (ки дар навбати худ як кисми стратегияи куллии рушди бонк ба шумор меравад) донист. Зеро дар натиҷаи амалиётҳои фаъол ва идоракунии самараноки захираҳои қарзии бонк ба вазъи молиявии он таъсири мусбӣ дорад.

Дар адабиёти иқтисодӣ муайян гардидааст, ки мафҳуми сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ бо сифати он алоқамандии зиёд дорад. Дар маҷмуъ, истилоҳи сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ мураккаб ва гуногунҷанба аст [1; 3; 2]. Дар таҷриба якчанд нуқтаи назар оиди меъёрҳои сифати сандуқи қарзӣ ба назар мерасад, ки таҳқиқи ҳамаҷонибаи онҳо барои баҳодиҳии сифати сандуқи қарзӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҳар як қарзи пешниҳодшуда бояд дар алоҳидагӣ мавриди мониторинг қарор дода шавад ва баҳогузорӣ гардад. Барои мониторинг ва таҳлили дурусти сандуқи қарзӣ бояд нишондиҳандаҳои муҳиме ба монандӣ: диверсификатсияи қарзҳо аз рӯи муҳлат, маблағ, соҳаҳо ва ғайра ба назар гирифта шаванд.

Як қатор коршиносон, аз он ҷумла О.И. Лаврушин сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратиро аз рӯи даромаднокӣ, дараҷаи хавфи қарзӣ ва таъминнокии қарз таъриф медиҳад [1,с.251]. Аҳамияти ин меъёрҳо вобаста ба шароит, ҷой ва хусусиятҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, инчунин мақсад, стратегияҳо ва намудҳои алоҳидаи амалиёти қарзӣ ва хавфҳои ба онҳо алоқаманд вобаста аст. Аз ин лиҳоз, ҳар қадар таъминот ва даромаднокии қарз баландтар бошад ва эҳтимоли пардохт нагардидан ё ба таъхир афтодани он камтар бошад, сифати сандуқи қарзӣ ҳамон қадар баландтар мешавад. Ба андешаи мо барои таҳлили дурусти сифати сандуқи қарзӣ бояд дар алоҳидагӣ ҳар як қарзро баҳогузорӣ намуд.

Ҳамин тариқ, истифодаи гарав барои арзёбии сифати сандуқи қарзӣ тавсия дода намешавад, зеро дараҷаи сатҳи таъминокии ҳар як қарз гуногун аст. Яъне дараҷаи хавф ва ҳаҷми захираи ташаккулёфта барои талафоти эҳтимолии қарз гуногун аст. Бонкҳои тиҷоратӣ ҳар як қарзро дар алоҳидагӣ ба ҳисоб мегиранд ва ФПТИ ташаккул мекунанд.

Қисми дигари олимон ба он ақидаанд, ки ба баҳодиҳии сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ се меъёри дигар, яъне вазъи молиявии мизоҷ, таъминнокии қарз ва хусусиятҳои хизматрасонии қарз таъсири зиёд мерасонанд [2,с.125]. Гузашта аз ин, барои тавсифи сифати сандуқи қарзӣ се меъёри асосиро ҷудо кардан лозим аст, ки бевосита ба он таъсир доранд:

1. Пардохтпазирӣ, аз ҷумла диверсификатсия қарзҳо аз рӯи муҳлат ва маблағи қарз, таносуби қарзҳои кӯтоҳмуддат, миёна ва дарозмуддат;
2. Хавфи қарзӣ, ки аз хавфҳои қарзҳои инфиродӣ ва якхела иборат аст, ки аз рӯи намудҳои қарз, хусусияти фаъолият, соҳаҳо ва қарзгирандагон диверсификатсия карда мешаванд;
3. Даромаднокӣ дар маҷмуъ ва дар заминаи муомила бо қарзгирандагон.

Гузашта аз ин, қисме аз коршиносон пешниҳод менамонд, ки сандуқи қарзӣ бояд аз ду ҷанба баррасӣ карда шавад. Дар ҷанбаи аввал, сандуқи қарзӣ муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки аз додани қарзҳо ва пардохти он иборат аст. Дар ин маврид сандуқи қарзӣ ҳамчун маҷмуи талаботҳои қарзии бонк ва дигар талаботҳои қарзӣ, инчунин маҷмуи муносибатҳои иқтисодии ба вуҷудомада муайян карда мешавад. Дар ҷанбаи дуюм бошад, сандуқи қарзӣ маҷмуи дороиҳои бонк, дар шакли қарзҳо, векселҳои дисконтӣ, қарзҳои байнибонкӣ, пасандозҳо ва дигар талаботҳои қарзӣ мебошад, ки аз рӯи меъёрҳои муайян ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд [12,с.38].

Ҳамин тариқ, тибқи таҳлилҳои анҷомёфта метавонем дарҷ намоем, ки сифати сандуқи қарзӣ пеш аз ҳама ин самаранокии ташаккули сандуқи қарзӣ аз нигоҳи пардохтпазирӣ, даромаднокӣ ва дараҷаи хавфи қарзӣ ба ҳисоб меравад, ки дар навбати худ вобаста аст, аз вазъи молиявии қарзгир ва сифати хизматрасонии қарзӣ.

Омӯзиши хусусиятҳо ва таҳлили муқоисавии мафҳумҳо ба монанди сандуқи қарзӣ ва сифати он, ки дар адабиёти илмӣ оварда шудаанд, ба мо имкон дод, ки моҳияти масоили таҳқиқотро дарк кунем ва мафҳуми худамонро оид ба сандуқи қарзӣ ва сифати он, ки дар

ин хусус мафҳумҳои иҷтимоӣ муайян карда мешаванд, таҳия намоем. Дар шароити муосир ҳадафи асосии ҳар як ташкилоти қарзӣ баҳодиҳии самараноки сифати сандуқи қарзӣ ва дар сатҳи зарурӣ нигоҳдории он ба ҳисоб рафта, коркарди роҳу усулҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори бонкӣ, вазифаи калидӣ арзёбӣ мегардад. Дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таи чанд соли охир (2014-2016) масъалаи сифати сандуқи қарзӣ ва даромаднокии фоизии бонкҳои тиҷоратӣ яке аз масоили мубрам ба ҳисоб меравад. Дар ин самт бо таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ то андозае бад шуд, ки ин бевосита ба ҳолати сифати сандуқи қарзии онҳо бетаъсир намонд. Бонки миллии Тоҷикистон бо истифода аз фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва коркарди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ кӯшиш ба харҷ дод, ки пеши роҳи ҳолати ба амаломадаро гирад, вале новобаста аз ин сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи солҳои 2014-2016 ба тадриҷ коҳиш ёфт (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2010-2020 бо млн.сомонӣ)

Table 1. Quality of loan portfolio of commercial banks of the Republic of Tajikistan (for 2010-2020 in million somoni)

Солҳо	Сандуқи қарзӣ дар маҷмӯӣ	Қарзҳои фаъол	Қарзҳои ғайрифаъол	ФПТИ	Сандуқи қарзии холис	Қарзҳои ғайрифаъоли холис	Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол (холис)
2010	**3 076,6**	2 847,3	229,3	-189,8	**2 886,8**	39,5	1,4%
2011	**3 957,2**	3 672,0	285,2	-249,7	**3 707,5**	35,5	1,0%
2012	**4 355,1**	3 941,7	413,4	-344,6	**4 010,5**	68,8	1,7%
2013	**6 021,1**	5 058,5	962,6	-477,0	**5 544,1**	485,6	8,8%
2014	**7 767,0**	5 818,3	1 948,7	-1 198,0	**6 569,0**	750,7	11,4%
2015	**9 235,7**	6 469,7	2 765,9	-1 547,0	**7 688,7**	1 218,9	15,9%
2016	**8 121,7**	3 732,5	4 389,2	-1 673,0	**6 448,7**	2 716,2	42,1%
2017	**6 811,9**	3 917,6	2 894,3	-1 696,0	**5 115,9**	1 198,3	23,4%
2018	**6 606,5**	4 085,0	2 521,5	2 027,0	4 579,5	494,5	10,8%
2019	**7 578,4**	5 168,2	2 410,3	1 834,0	5 744,4	576,3	10,0%
2020	**8 809,0**	6 365,3	2 443,7	1 790,4	7 018,6	653,3	9,3%

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори БМТ Январ 2018 (270) саҳ. 112, Декабр 2019 (293) саҳ. 91-95, Декабр 2020 (305) саҳ.101-102.

Маълумотҳои ҷадвали 2 нишон медиҳанд, ки аз соли 2010 то соли 2015 сандуқи қарзӣ дар маҷмуъ афзоиш ёфтааст, яъне дар ин давра ҳаҷми сандуқи қарзӣ аз 3 076,6 млн.сомонӣ то ба 9 235,7 млн. сомонӣ ва ё 3 маротиба афзоиш ёфтааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари бонкҳо сиёсати нодурусти қарзиро пеш гирифта буданд, ки ин ба талаботи пешниҳоди қарзҳо таъсири манфӣ мерасонид. Яъне, бонкҳо новобаста аз баррасӣ ва мониторинги самаранок қарзҳоро ба муштариён пешниҳод менамуданд, ки ин ба вазъи молиявӣ ва пардохтпазирии онҳо таъсири манфӣ расонид. Ҳолатҳое дида мешуданд, ки коршиносони қарзӣ бе таҳлили ҳамаҷониба ва санҷиш тибқи талаботи БМТ ба муштариён қарз пешниҳод менамуданд. Инчунин баҳодиҳии гарави гузошташудаи муштариён ба таври нодуруст анҷом меёфт, ки ин бевосита ба коҳишёбии сифати сандуқи қарзӣ замина мегузошт. Дар натиҷа, низоми бонкии кишвар ба буҳрони амиқи молиявӣ гирифтор гардид, ки бонкҳои низомсоз ба мисли ҶСК «Агроинвестбонк» ва ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» пардохтпазирии худро аз даст доданд. Дар баробари ин ду бонки дигар ҶСП «Фононбонк» ва ҶСП «Тоҷпромбонк» муфлис эълон гардиданд, ки ин албатта ба кулли низоми млиявии кишвар зарба расонид. Аз ин сабаб дар соли 2016 сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар маҷмуӣ ба маблағи 1 114 млн.сомонӣ коҳиш ёфт. Баъд аз чораандешиҳои пайвастаи БМТ вазъ дар низоми бонкӣ нисбатан муътадил гардид ва сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ беҳтар шуд. Аз рӯи нишондоди ҷадвали 2 дар

солҳои 2017-2018 аз сабаби баланд шудани фоизи қарзҳо бо пули миллӣ ва пурзур гардидани назорат аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар маҷмуъ ҳаҷми умумии сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ коҳиш ёфт. Вобаста ба ин, БМТ кӯшиш ба харҷ дод, ки сар карда аз соли 2018, меъёрҳои фоизи қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ коҳиш дода шавад. Ин омил сабаб гардид, ки дар соли 2020 бақияи сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ 8 809 млн. сомониро ташкил диҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 ба маблағи 1 231 млн. сомонӣ ё ин, ки 16% афзоиш ёбад. Инчунин, бо ташкилёбии ду бонки дигар ҶСК “Алиф Бонк“ ва КВД БСТ "Саноатсодиротбонк" ҳаҷми сандуқи қарзӣ дар низоми бонкӣ боз ҳам зиёд гардид. Зиёдшавии дороиҳои бонкӣ ва захираҳои қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ сабаб мегардад, ки сатҳи монетизатсия дар иқтисодиёт муътадил нигоҳ дошта шавад, дастрасии аҳолӣ ба қарзҳо бештар шавад, вале дар баробари ин истифодаи самараноки захираҳо ва нигоҳдории сифати сандуқи қарзӣ бояд дар мадди аввал қарор гирад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар соли 2016, 4 389 млн.сомонӣ расид, ки 54%-и сандуқи қарзиро ташкил дод. Дар соли 2020 бошад қарзҳои ғайрифаъол 2 444 млн.сомонӣ ё ин ки 28%-и сандуқи қарзиро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2016 ба андозаи 26 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Бояд зикр намуд, ки 28%-и сандуқи қарзӣ дар низоми бонкӣ ин нишондиҳандаи муътадил нест, вале нисбат ба соли 2016 натиҷаи нисбатан хуб арзёбӣ мегардад. Дар таҷриба андозаи қарзҳои батаъхирафтода набояд аз меъёри муайяннамудаи БМТ зиёд бошад. Ҷиҳати таъмини сифати сандуқи қарзӣ ва пешгирии талафоти имконпазир ҳар як бонк уҳдадор аст, ки Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир (ФПТИ) ташкил намояд. ФПТИ ҳамчун фонди умумӣ ва ё фонди махсус барои пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо, қоғазҳои қиматнок, гаравҳои гирифташуда барои бозфурӯш ва дигар дороиҳо мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ ташкил карда мешавад [5]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ФПТИ то соли 2017 дар бонкҳои тиҷоратӣ манфӣ арзёбӣ мегардид. Масалан дар соли 2017 ФПТИ -1 696,0-млн. сомониро ташкил дод. Яъне бонкҳои тиҷоратӣ чунин Фонд ташкил намедоданд, ки ин бо стандартҳои байналхалқӣ ва талаботҳои БМТ мувофиқ набуд. Танҳо бо андешидани чораҳои зарурӣ БМТ тавонист, ки ФПТИ-и ро дар ташкилотҳои қарзӣ ташкил ва роҳандозӣ намояд. Бо чораандешиҳои мустақим ва ғайримустақими БМТ дар соли 2018 ба маблағи 2 027 млн.сомонӣ дар низоми бонкӣ ФПТИ ташкил гардид, ки ин омил метавонад дар баландбардории сифати сандуқи қарзӣ нақши муҳим дошта бошад. Бо сабаби ташкили ФПТИ бақияи сандуқи қарзии холис (бо назардошти тарҳи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир) коҳиш ёфтааст, ки 4 580 млн.сомониро ташкил дод. Бақияи сандуқи қарзии холис аз соли 2010 то соли 2020 пайваста зиёд гардида, маблағи 7 019 млн.сомониро ташкил дод, ки, ин нишондиҳанда ба ҳаҷми 4 132 млн. сомонӣ ё 2,4 маротиба зиёд шудааст. Инчунин дар соли 2016 бақияи қарзҳои ғайрифаъоли холис (бо назардошти тарҳи ФПТИ) ба 2 716,2 млн. сомонӣ баробар гардида, дар таркиби сандуқи қарзӣ (қарзҳои ғайрифаъоли холис) 42,1% фоизро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2020 ба 32,8 банди фоизӣ кошиш ёфтааст. Ин нишодиҳанда аз беҳтаргардии сифати сандуқи қарзӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамчунин маврид ба зикр аст, ки баъд аз ташкили ФПТИ ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол низ дар таркиби сандуқи қарзии низоми бонкӣ коҳиш ёфт ва сифати сандуқи қарзӣ нисбатан афзуд (диаграммаи 1).

Аз диаграммаи 1 маълум аст, ки дар соли 2018 ФПТИ дар низоми бонкии кишвар ба таври назаррас боло рафт. Вазни қиёсии ФПТИ нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол якбора ба 80% баробар гардид, ки ин яке аз нишондаҳандаи асосии солимгардонии сифати сандуқи қарзӣ ба ҳисоб меравад. Дар соли 2020 аз рӯи қарзҳои ғайрифаъол ба маблағи 1 790 млн. сомонӣ ФПТИ ташкил карда шудааст, ки ба 73%-и қарзҳои ғайрифаъол баробар буда, ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2018 ба 7 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Бо назардошти беҳтаргардии сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ, ин мушкилӣ ҳанӯз ҳам ҳалли худро наёфтааст, ки бонкҳои тиҷоратиро зарур аст барои бартараф намудани ин чораандешӣ намоянд.

Барои нигоҳдории сифати сандуқи қарзӣ бонкҳои тиҷоратиро лозим аст, ки сатҳи пардохтпазирии худро баланд гардонанд ва барои ҳифзи манфиатҳои саҳмдорон ва муштариёни худ бояд саривақт аз рӯи бақияи сандуқи қарзӣ фонди умумӣ ва фонди махсус

Диаграммаи 1. Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба ФПТИ
Figure 1. Specific gravity of non-performing loans relative to FPTI



Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори БМТ Январ 2018 (270) саҳ. 112, Декабр 2019 (293) саҳ. 91-95, Декабр 2020 (305) саҳ.101-102.

ташкил намояд. Ташкили ФПТИ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ вобаста аз тағйирёбии ҳолати молиявии муштарӣ, ҳолатҳои фавқулода (форс-мажор) ва миқдори рӯзҳои батаъхирафтода дар алоҳидагӣ аз рӯи қарзҳои ба ҳам алоқаманд, қарзҳои шахсони вобаста, ҳамаи қарзҳои ғайрифаъол ва қарзҳои аз меъёри муайяншуда калон ба 5 гурӯҳ тасниф карда мешаванд: қолабӣ, зери назорат, ғайриқолабӣ, шубҳанок ва беэътимод. Ташкилотҳои қарзӣ уҳдадоранд, ки таснифоти қарзҳои худро ҳар моҳ гузаронанд ва вобаста аз ҳолати молиявии муштарӣ дар асоси таҳлили ҳисоботи тавозун, ҳисоботи фоида ва зарар, ҳисоботи гардиши воситаҳои пулии он, бо назардошти соҳа ва бахши фаъолияти муштарӣ бо услубу нишондиҳандаҳое, ки бо ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти қарзӣ қабул шудаанд, муайян карда ба гурӯҳи хавфи қарзӣ ФПТИ ташкил намоянд.

Ташаккул ва истифодабарии ФПТИ мувофиқи талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва қоидаҳои ҳисобдорие, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкилотҳои қарзӣ муқаррар кардааст, ба ҳисоб гирифта мешавад ва роҳандозӣ мегардад. Сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ва сохтори он дар ҷадвали 3 мариди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст.

Аз маълумотҳои ҷадвали 3 бармеояд, ки дар давраи солҳои 2012-2016 сифати сандуқи қарзӣ паст шудааст, қарзҳои қолабӣ аз 81,8% то 33% ё 48,8 банди фоизӣ коҳиш ёфта, ҳиссаи қарзҳои беэътимод аз 4% ба 39,3% ё 34,4 банди фоизӣ зиёд гардидааст. Қайд намудан зарур аст, ки ҳиссаи қарзҳои қолабӣ аз оғози соли 2017 то соли 2020 ба таври динамикӣ боло рафтааст (2017-49,9%; 2018-50%; 2019-65% ва 2020-66,7%). Дар ин давра ҳиссаи қарзҳои ғайриқолабӣ низ дар сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ коҳиш ёфтааст (2017-30%; 2018-27,9%; 2019-29,4% ва 2020-14,8%).

Таҷриба нишон медиҳад, ки коҳишёбии сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратии кишвар аз нодуруст идора кардани хавфҳо, суст будани назорат аз ҷониби менеҷерони бонк аст, ки бидуни арзёбии дурусти имкониятҳои бозгашт онҳо қарзҳои калонро ба муштариён пешниҳод намуда, боиси афзоишёбии ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол гардидаанд, ки бевосита ба сифати сандуқи қарзӣ таъсир расонидаанд.

Сарфи назар аз он, ки дар амалияи бонкӣ арзиши ашёи гарав бояд ба маблағи қарз баробар ё аз он зиёд бошад, баъзан қарзҳое пешниҳод мегарданд, ки пурра бо гарав таъмин карда нашудаанд. Баъзан қарзҳо бо вуҷуди мавҷудияти маълумот дар бораи истифодаи нодурусти онҳо дода мешаванд. Инчунин, қарзҳо бидуни мониторинга ҳамаҷониба дода шуданд, ки даромади асосии онҳо аз муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад, ки хавфи барнагардонидани чунин қарзҳо зиёд арзёбӣ мегардад. Ҳамаи ин ба он оварда мерасонад, ки қисми зиёди дороиҳои бонк бекурб шуда, барои бонк даромадовар нестанд. Бисёре аз бонкҳо, бинобар бад шудани сифати сандуқи қарзӣ, фарқияти муҳлати пардохти қарзҳо пардохтпазирии худро аз даст доданд.

Ҷадвали 2. Гурӯҳбандии сохтори сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ барои солҳои 2010-2020 (млн.сомонӣ)

Table 2. Classification of the loan portfolio of commercial banks for 2010-2020 (million Somoni)

Солҳо	Қарзҳои қолабӣ, аз ҷумла бо %	Қарзҳои зери назоратӣ, аз ҷумла бо %	Қарзҳои ғайриқолабӣ, аз ҷумла бо %	Қарзҳои шубҳанок, аз ҷумла бо %	Қарзҳои беэътимод, аз ҷумла бо %	Сандуқи қарзӣ дар маҷмуӣ
2010	2 548,1	299,2	29,2	35,3	164,8	**3 076,6**
	82,8%	**9,7%**	**1,0%**	**1,1%**	**5,4%**	
2011	3 401,3	270,7	74,3	43,9	167,0	**3 957,2**
	86,0%	**6,8%**	**1,9%**	**1,1%**	**4,2%**	
2012	3 562,8	378,9	124,3	75,6	213,6	**4 355,1**
	81,8%	**8,7%**	**2,9%**	**1,7%**	**4,9%**	
2013	4 645,0	413,5	364,7	172,9	424,9	**6 021,1**
	77,1%	**6,9%**	**6,1%**	**2,9%**	**7,1%**	
2014	5 656,0	162,4	87,4	605,8	1 255,5	**7 767,0**
	72,8%	**2,1%**	**1,1%**	**7,8%**	**16,2%**	
2015	5 248,2	1 221,5	1 093,7	183,4	1 488,9	**9 235,7**
	56,8%	**13,2%**	**11,8%**	**2,0%**	**16,1%**	
2016	2 679,2	1 053,3	994,4	205,9	3 188,9	**8 121,7**
	33,0%	**13,0%**	**12,2%**	**2,5%**	**39,3%**	
2017	3 398,4	519,2	518,2	335,8	2 040,3	**6 811,9**
	49,9%	**7,6%**	**7,6%**	**4,9%**	**30,0%**	
2018	3 301,0	784,1	231,0	449,9	1 840,6	**6 606,5**
	50,0%	**11,9%**	**3,5%**	**6,8%**	**27,9%**	
2019	4 928,9	239,2	30,7	150,4	2 229,1	**7 578,4**
	65,0%	**3,2%**	**0,4%**	**2,0%**	**29,4%**	
2020	5 878,9	486,4	209,4	929,6	1 304,7	**8 809,0**
	66,7%	**5,5%**	**2,4%**	**10,6%**	**14,8%**	

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори БМТ январ 2018 (270) саҳ. 112, декабр 2019 (293) саҳ. 91-95, декабр 2020 (305) саҳ.101-102.

Дар маҷмуъ, ташкилотҳои қарзӣ бояд қоида ва равандҳои дахлдорро барои муайян намудани сифати сандуқи қарзӣ ва идоранамоии онҳо таҳия намоянд, ки барои андешидани тадбирҳои зерин пешбинӣ шуда бошанд: -баҳодиҳӣ ва таснифи қарзҳо, -мунтазам баррасӣ намудани қарзҳои ғайрифаъол, -дар сатҳи муносиб, боэътимод ва саривақт ташкил намудани ФПТИ, -аз тавозун хориҷ намудани дороиҳои беэътимод, -инъикоси воқеии пардохти дороиҳо ва барқарорсозии интизориҳо бо назардошти шароитҳои бозорӣ ва макроиқтисодӣ.

Муқарриз: **н.и.и., муаллими калон Ғаюров Ғ.Ҳ.**

АДАБИЁТ

1. Банковское дело. Экспресс-курс / под ред. д-ра экон. наук, проф. О.И. Лаврушина. -3-е издание перераб. и доп. -М. : КноРус, 2009. -352 с.
2. Гаюров Г.Х. Развитие инвестиционно-кредитной деятельности банков в условиях высокого риска / Г.Х. Гаюров // Вестник ТНУ. – 2015. -№2/4(169). -С.223-226.
3. Готовчиков, И. Технология оценки потенциальной эффективности кредитного портфеля банка / И. Готовчиков // Банковские технологии. - 2007. -№4. -С.46-51.
4. Дастурамали №186 “Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ” аз 03.05.2016, №58.
5. Дастурамали №215 “Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо” аз 26.12.2019, №171.
6. Роҳнамо «Дар бораи восита ва усулҳои идоракунии хавфи қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ» аз 19.11.2021, №170.
7. Сайфуров К.Ф. Совершенствование финансово-кредитного механизма воспроизводства основных фондов сельского хозяйства в условиях рынка (на материалах Республики Таджикистан): диссертация, кандидата

экономических наук: 08.00.05/ К.Ф. Сайфуров. -Бишкек, 2013.
8. Соколинская, Н.Э. Кредитные риски в российском банковском секторе: факторы и менеджмент / Н.Э. Соколинская // Банковские услуги. - 2006. -№5. -С.2-28.
9. Хикматов У.С. Анализ развития основных показателей банковской системы Республики Таджикистан / У.С. Хикматов // Вестник (Российско-Таджикский (славянский) университет). - 2019. -№3(67). -С.41-52.
10. Хушвахтзода К.Х. Роль банковского кредитования в развитии малого сельскохозяйственного бизнеса / Хушвахтзода К.Х., Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2020. -№7. -С.35-41.
11. Хушвахтзода К.Х. Финансово-кредитные ресурсы развития сельского предпринимательства (концептуальные вопросы) / Хушвахтзода К.Х., Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2020. -№8. -С.5-10.
12. Щербакова, Т.А. Анализ финансового состояния корпоративного клиента и его роль в оценке кредитоспособности заемщика / Т.А. Щербакова // Финансы и кредит. - 2009. -№22. -С.47-54.

СИФАТИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ-ИҚТИСОДИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

Дар мақола яке аз масоили мубрам дар шароити муосири иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф вобаста ба рушду инкишофи иқтисодиёти миллӣ ва равандҳои инкишофёбии бахши бонкӣ сифати сандуқи қарзиро баҳогузорӣ намудааст. Дар воқеъ, сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ нишондиҳандаи асосӣ ва калидӣ дониста шудааст. Асоснок карда шудааст, ки мониторинг, баҳогузорӣ ва идоракунии сифати сандуқи қарзӣ ба самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷорат таъсири муҳим дорад. Муаллиф ба он ақидааст, ки барои нигоҳдории сатҳи зарурии сифати сандуқи қарзӣ бонкҳои тиҷорат бояд дар доираи талаботҳои гузоштаи Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро ба роҳ монанд. Инчунин қайд гардидааст, ки ташкили Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир яке аз роҳҳои самараноки нигоҳдории сифати сандуқи қарзӣ аст. Гузашта аз ин, бонкҳои тиҷоратӣ бояд тибқи стратегияи муайян ва сиёсати самараноки солиявӣ сандуқи қарзиро гурӯҳбандӣ намоянд ва сифати сандуқи қарзии худро пайваста баҳогузорӣ намоянд.

Дар асоси маводи оморӣ, муаллиф сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратии кишварро дар маҷмуъ таҳқиқ намудааст ва сифати онро муайян сохтааст. Ҳамчунин паҳлуҳои назариявӣ ва амалии сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ва сифати он ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Роҳҳои идоракунии сифати сандуқи қарзӣ дар шароити муосири иқтисодӣ муайян гардидааст. Ҳамин тавр, муаллиф вобаста ба идоракунии самаранокии сандуқи қарзӣ ва сифати он тавсияҳо пешниҳод намудааст, ки метавонад дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мавриди истифода қарор гирад.

Калидвожаҳо: низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, хавфи қарзӣ, идоракунии хавфи қарзӣ, сифати сандуқи қарзӣ, фонди пӯшонидани талафоти имконпазир, сандуқи қарзӣ, сифати сандуқи қарзӣ.

КАЧЕСТВО КРЕДИТНОГО ПОРТФЕЛЯ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ

В статье рассматривается один из важнейших вопросов в нынешних экономических условиях. Автор рассматривал качество кредитного портфеля по отношению к развитию национальной экономики и становлению банковского сектора. Фактически ссудный портфель является основным и ключевым показателем коммерческих банков. Утверждается, что мониторинг, оценка и управление качеством кредитного портфеля оказывает значительное влияние на эффективность коммерческих банков. По мнению автора, для поддержания необходимого уровня качества ссудного портфеля коммерческие банки должны действовать в рамках требований, установленных Национальным банком Таджикистана. Обосновано, что создание Фонда для покрытия возможных потерь - один из наиболее эффективных способов поддержания качества кредитного портфеля. Кроме того, коммерческим банкам необходимо классифицировать свой кредитный портфель в соответствии с четкой стратегией и эффективной финансовой политикой, а также регулярно оценивать качество кредитного портфеля.

На основе статистических данных автор изучил качество ссудного портфеля коммерческих банков страны и определил его качество. Также были тщательно изучены теоретические и практические аспекты кредитного портфеля коммерческих банков и его качество. Определены способы управления качеством кредитного портфеля в современных экономических условиях. Таким образом, в зависимости от эффективности управления кредитным портфелем и его качества автором даны рекомендации, которые могут быть использованы в деятельности кредитных организаций.

Ключевые слова: банковская система, коммерческие банки, кредитный риск, управление кредитным риском, качество ссудного портфеля, фонд покрытия возможных убытков, ссудный портфель, качество ссудного портфеля.

QUALITIES OF THE LOAN PORTFOLIO AND ITS IMPACT ON THE FINANCIAL AND ECONOMIC POSITION OF COMMERCIAL BANKS

The article discusses one of the most important issues in the current economic conditions. The author assessed the quality of the loan portfolio in relation to the development of the national economy and the development of the banking sector. In fact, the loan portfolio of commercial banks is a key and key indicator. It is argued that monitoring, evaluating and managing the quality of the loan portfolio has a significant impact on the efficiency of commercial banks. According to the author, in order to maintain the required level of quality of the loan portfolio, commercial banks must act within the framework of the requirements established by the National Bank of Tajikistan. It was also noted that the creation of a fund

to cover possible losses is one of the most effective ways to maintain the quality of the loan portfolio. In addition, commercial banks need to classify their loan portfolios in accordance with a clear strategy and effective fiscal policy, and regularly assess the quality of their loan portfolios.

On the basis of statistical data, the author studied the quality of the loan portfolio of commercial banks in the country as a whole and determined its quality. The theoretical and practical aspects of the loan portfolio of commercial banks and its quality were also thoroughly studied. The methods of managing the quality of the loan portfolio in modern economic conditions have been determined. Thus, depending on the efficiency of loan portfolio management and its quality, the authors provide recommendations that can be used in the activities of credit institutions.

Keywords: banking system, commercial banks, credit risk, credit risk management, quality of the loan portfolio, fund to cover potential losses, loan portfolio, quality of the loan portfolio.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нуралиева Дилафруз Камоловна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

Сведение об авторе: ***Нуралиева Дилафруз Камоловна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры банковского дела. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

Information about the authors: ***Nuralieva Dilafruz Kamolovna*** - Tajik National University, Applicant of the Department of Banking. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

УДК 330.34(575.3)

ТАНЗИМКУНИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Юнусов Т.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нақши муҳимми давлат дар танзимкунии рушди соҳаи сайёҳӣ дар қабул ва истифодабарии санадҳои қонунгузорӣ, меъёрҳо ва қоидаҳои фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ ифода меёбад. Қонунгузории танзимкунандаи рушди сайёҳӣ ва соҳаҳои ҳамрадифи он пояҳои ҳуқуқиро барои рушд, идоракунӣ ва амалисозии фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ бунёд менамояд. Қонунҳо, қарорҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдор қисми таркибии раванди банақшагирии ҳамаҷониба ва идоракунии рушди сайёҳӣ мебошанд. Ҳангоми дар мамлакат мавҷуд набудани ин гуна қонунҳо зарурати қабули онҳо дар раванди омодасозӣ ё бозбинии санадҳои меъёрӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Аксари мамлакатҳо қонунҳои ба сайёҳӣ дахолаткунандаеро қабул намудаанд, ки маҳз ба талаботи худи онҳо дар соҳаи рушди сайёҳӣ ҷавобгӯ мебошанд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин қатор берун нест.

Танзимкунии давлатии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин роҳҳо ба ҷо оварда мешавад:

- таҳия намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба ташаккули муносибатҳо дар соҳаи хизматрасониҳои туристӣ;
- ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои давлат дар соҳаи сайёҳӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои сайёҳон, таъмини амнияти онҳо;
- муқаррар намудани тартиб ва қоидаҳои стандартикунонӣ, сертификатсия ва иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи хизматрасониҳои туристӣ;
- ҳавасмандкунии маблағгузорӣ (дохилӣ ва хориҷӣ) барои рушди фаъолияти туристӣ;
- фароҳам овардани имкониятҳои якхела барои ҳама субъектҳои хоҷагидории дар бозори хизматрасониҳои туристӣ фаъолияткунанда, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, дастгирии рушди рақобат, таъмин намудани риояи қонунгузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- ривоҷ додани ҳамкориҳо бо мамлакатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, иштирок дар чорабиниҳо ва барномаҳои байналмилалии туристӣ, таҳия намудан ва бастани шартномаҳои байналмилалии дуҷониба ва бисёрҷониба дар соҳаи сайёҳӣ ва муайян кардани тартиби амалисозии онҳо.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушди сайёҳиро наметавон бе таъмини пояҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зарурӣ тасаввур кард. Бо ин мақсад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолияти миллӣ як қатор санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ қабул гардидаанд, ки бевосита ба рушди сайёҳӣ дар мамлакат мусоидат менамоянд. Қабул ва амалӣ намудани Консепсияи милли рушди сайёҳӣ дар давраи солҳои 2009-2019, барномаҳо ва стратегиҳои рушди сайёҳӣ барои даврaҳои муайян, қонунҳо ва дигар санадҳои қонунгузорӣ имкон додаанд, ки аксари масъалаҳои муҳимми рушди соҳаи сайёҳӣ ҳалли худро ёбанд ва умуман ба рушди ин соҳаи муҳимми иқтисодиёти мамлакат мусоидат намоянд.

Инчунин, ҷиҳати пайдо намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷудаи соҳаи сайёҳӣ, аз таҷрибаи ҷаҳонӣ маълум мегардад, ки барои ҷалб намудани сармоя ба соҳаи сайёҳӣ давлат дар аввал самтҳои афзалиятноки рушди онро муайян карда, ба он имтиёзҳо ҷудо менамояд. Агар самти афзалиятноки соҳаи сайёҳӣ нодуруст интихоб карда шавад, рушди сайёҳӣ метавонад натиҷаи дилхоҳ надиҳад. Самтҳои афзалиятноки соҳаи сайёҳӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон сайёҳии экологӣ, табобатию солимгардонӣ, саёҳати сайругаштӣ, таърихию фарҳангӣ, кӯҳнавардӣ ва шикор ба шумор мераванд. Барои рушди намудҳои мазкури сайёҳӣ мавҷуд будани захираҳои бузурги он дар мамлакат имконият медиҳад. Қуллаҳои баланд, аз ҷумла қуллаи Исмоили Сомонӣ бо баландии 7495 метр аз сатҳи баҳр ва манзараҳои кӯҳистоне, ки дар он ҷо чор фасли солро мушоҳида кардан мумкин аст, обҳои шифобахшу шаффоф, иншооти санаторию курортӣ, мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд. Яъне, аз нуқтаи назари иқтисодӣ, бо пешниҳод кардани чунин маҷмуи хизматрасонӣ бозори

сайёҳии Тоҷикистон метавонад ба сайёҳон маҳсулоти сайёҳиеро пешниҳод намояд, ки дар он рақобат вуҷуд надорад. Танҳо зарур аст, ки ин хизматрасонӣ бо сифати баланд ва нархи дастрас ба сайёҳон пешниҳод карда шавад.

Дар баробари ин, дар мамлакат дар интихоби “корти муаррификунанда”-и сайёҳӣ аз таҷрибаҳои мавзеҳои Анталияи Туркия ва Иссиққӯли Қирғизистон бо дарназардошти рақобатпазир намудани маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ бояд васеъ истифода бурда шавад. Дар робита бо ин, шаҳрҳои Норак ва Панҷакент, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон метавонанд ба сифати “корти муаррификунанда”-и Тоҷикистон интихоб карда шаванд. Инчунин, ҷиҳати рушди сайёҳии экологӣ ва шикор мамнуъгоҳи навташкили “Хуталон” дар ноҳияи Данғара ва рушди сайёҳии саноатӣ дар заминаи минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” пешниҳод карда мешавад.

Инчунин зарур аст, ки дар марҳилаи аввал давлат бахши хусусиро барои сармоягузорӣ ҳавасманд гардонида, барои обод намудани мавзеъҳои сайёҳӣ заминаҳои зарурии иқтисодӣ ва ҳуқуқиро таъмин намояд. Пас аз гузаштани фосилаи муайяни вақт (аз 3-5 сол) онҳо ба манбаи муҳимми воридоти асъори хориҷӣ табдил хоҳанд ёфт.

Меъёрҳои қонунгузорие, ки бевосита ба рушди сайёҳӣ дар мамлакат мансуб мебошанд, қонунҳои появиро дар бораи сайёҳӣ дар бар мегиранд. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду қонуни появӣ дар соҳаи танзими фаъолияти сайёҳӣ амал мекунад:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ”, аз 3 сентябри соли 1999, №825 (бо таҳриру иловаҳои охирин аз 28 декабри соли 2013, №1058).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳии дохилӣ” аз 18 июли соли 2017, №1450.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ” пояҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва тартиби амалӣ намудани фаъолияти туристиро дар ҳудуди мамлакат муайян менамояд. Дар он чунин ҳадафҳои асосии танзими давлатии фаъолияти сайёҳӣ муайян карда шудаанд:

- таъмини ҳуқуқии шаҳрвандон ба истироҳат, ҳаракати озод ва дигар ҳуқуқҳо ҳангоми саёҳат;
- ҳифзи муҳити зист;
- ҳамасола муайян намудани номгӯйи объектҳои табиӣ, таърихию фарҳангӣ, аз ҷумла мавзеъҳои табиии ба таври махсус муҳофизатшаванда, ки тамошои онҳо дар асоси квота муқаррар карда мешавад;
- равнақ додани саноати сайёҳӣ, чун қонеъкунандаи талаботи шаҳрвандон ҳангоми саёҳат;
- равнақ додани робитаҳои байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- истифодаи оқилонаи дастовардҳои табиӣ ва фарҳангӣ.

Тибқи қонуни мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои афзалиятноки танзими давлатии фаъолияти сайёҳӣ ин дастгирӣ ва рушди сайёҳии дохилӣ, воридотӣ (ташрифӣ), иҷтимоӣ ва худфаъолиятӣ мебошанд. Субъектҳои хоҷагидорӣ дар фаъолияти худ чунин намудҳои корҳо ва хизматрасониҳои сайёҳиро анҷом дода метавонанд: ташкили қабул ва хизматрасонӣ дар доираи намудҳои сайёҳии маърифатӣ, экологӣ, варзиши-кӯҳӣ, кӯҳнавардӣ, шикори байналмилалӣ, равон кардани сайёҳон ба хориҷа барои истироҳат, таҳсил, табобат, зиёрати динӣ ва тиҷорат; ташкили чорабиниҳои оммавии сайёҳӣ-солимгардонӣ, дилхушӣ ва дигар маъракаҳои бо сайёҳӣ алоқаманд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳии дохилӣ” асосҳои ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи сайёҳии дохилиро муайян намуда, чунин вазифаҳоро иҷро менамояд:

- муайян кардани пояҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳии дохилӣ;
- бунёди низоми сайёҳии дохилӣ;
- муқаррар намудани ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи сайёҳии дохилӣ;
- амалӣ намудани тадбирҳо оид ба рушди сайёҳии дохилӣ;
- ташкили хизматрасониҳо дар соҳаи сайёҳии дохилӣ;
- муайян намудани самтҳои ҳавасмандгардонии рушди сайёҳии дохилӣ;
- муқаррар намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои сайёҳони дохилӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи сайёҳии дохилӣ фаъолияткунанда;
- таъмини амнияти сайёҳони дохилӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва рушди соҳаи сайёҳиро дар дохили мамлакат дастгирӣ намуда, ҳифзи ҳуқуқ, манфиатҳои сайёҳон ва субъектҳои хоҷагидории дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияткунанда, амнияти сайёҳон, истифодаи мақсадноки сарватҳои табиӣ, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва ҳифзи муҳити зистро кафолат медиҳад. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳии дохилӣ тавассути таҳия ва амалӣ намудани барономаҳо ва стратегияҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017, ки 11 декабри соли 2014 қабул гардида буд, инчунин, нақшаи татбиқи он ба рушди сайёҳӣ дар мамлакат такони бузург бахшиданд. Дар доираи Барномаи мазкур тадбирҳои муҳим оид ба бунёдгардии саноати туристии рақобатпазир, хосса аз ҳисоби зиёд намудани ҳаҷмҳои сайёҳӣ ташрифӣ роҳандозӣ карда шуданд, ки паёмадҳои воқеии онҳо назаррас аст.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои амалисозии сиёсати давлатӣ дар бахши сайёҳӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии бозори сайёҳии мамлакат Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 қабул карда шуд, ки рушд ва такмили барномаи пешин (барои солҳои 2015-2017) буд. Барномаи мазкур самтҳои асосӣ, афзалиятҳо, вазифаҳо ва механизми татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи сайёҳӣ дар давраи миёнамуҳлат муайян намуд.

Ҳангоми таҳия намудани барномаи мазкур дар асоси натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашудаи соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти асосӣ, омилҳои бозторандаи рушди соҳа, сабабҳои рақобатпазир набудани бахши сайёҳии мамлакат муайян карда шуданд.

Мушкилоти рушди ниҳодии воридот ва содироти сайёҳон дар барнома мавқеи асосиро касб намуда, роҳҳои ҳалли онҳо дар нақшаи чорабиниҳо оид ба такмили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда, содагардонии расмиёти дастрас намудани раводиди сайёҳӣ, аз ҷумла раводиди гурӯҳӣ, содагардонии расмиёти гирифтани иҷозатнома барои амалӣ намудани фаъолияти сайёҳиву меҳмондорӣ, ба роҳ мондани муколамаи мунтазами давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва ҳамкориҳои самарабахш бо ширкатҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо ва мақомоти дигари ба фаъолияти сайёҳӣ ва сайёҳон алоқаманд, шарикони рушд, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, коркард ва интишори маводи иттилоотӣ, рушди неруи инсонӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон барои соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ инъикос ёфтаанд.

Дар доираи Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 роҳандозӣ намудани тадбирҳои муҳим ҷиҳати дастгирии давлатии рушди сайёҳӣ дар назар дошта шуда буд, ки аксари онҳо дар давоми солҳои 2018-2019 амалӣ гардиданд, чун:

- истифодаи босамараи имкониятҳои рушди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ;
- беҳтар намудани сатҳи сифати хизматрасониҳо ба сайёҳон;
- дастгирӣ намудани сайёҳии дохилӣ ва хориҷӣ, ҷалби сармоя дар ин самт;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва сохторҳои соҳибкориву хоҷагидорӣ;
- таҳия намудани маҳсулоти нави сайёҳӣ ва хатсайрҳои сайёҳии нав;
- омода намудани кормандони баландихтисос, гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ ва баландбардории сатҳи касбии кормандони соҳаи сайёҳӣ;
- ҷорӣ намудани имтиёзҳо доир ба андозбандӣ (андоз аз арзиши иловашуда) ва аз боҷи гумрукӣ озод намудани воридоти таҷҳизоти барои объектҳои туристӣ (меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо ва ғ.) таъингардида.

Яке аз ҷиҳати муҳимми дар барномаи мазкур баррасишуда ин роҳандозӣ намудани тадбирҳо барои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат ва муаррифӣ намудани симои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад.

Инчунин, тибқи барномаи мазкур такмил додани низомҳои иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи сайёҳӣ, стандартикунонии фаъолияти меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо, пойгоҳҳои туристӣ ва дигар объектҳои сайёҳӣ дар маҳалҳо, мунтазам таъмин намудани вазъи беҳдошт, санитарӣ ва экология дар объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ (меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, ошхонаҳо, ташнобхонаҳо ва ғ.) чун тадбирҳои бамаврид ва саривақтӣ муайян карда шудаанд.

Бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат лоиҳаи Стратегияи рушди сайёҳӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия карда шуда, он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, №372 тасдиқ карда шуд.

Стратегия вазъи кунунии соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат, ҳадафҳои рушди соҳа то соли 2030, самтҳои стратегии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фарогирии шаклҳои сайёҳӣ, маркетинг ва таблиғ, ба роҳ мондани фурӯш, нигоҳ доштани тамос бо мизоҷон, нақлиёту сарҳадот ва раводид, иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи сайёҳӣ, инчунин, имкониятҳои рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои мамлакатро дар бар гирифта, дар он низоми мониторинг ва арзёбии татбиқи босамари стратегия муқаррар карда шудааст.

Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар се давраи миёнамуҳлат, ки ҳар кадоми онҳо чор солиро дар бар мегирад, амалӣ карда мешавад. Дар ин давраҳо ба самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи сайёҳӣ диққати асосӣ равона карда мешавад.

Бо мақсади таъмини татбиқи пурраи Стратегияи мазкур нақшаи чорабиниҳо барои амалӣ сохтани ҳадафҳои муайянгардида таҳия карда шудааст, ки он самтҳои асосии рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла индикаторҳо, масъалаҳои тарғибу ташвиқи соҳа, ҷустуҷӯ ва пайдо намудани бозорҳои нави ҷаҳонӣ барои ҳаволакунии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, омода намудани кормандони баландихтисоси соҳа ва дигар ҷанбаҳои рушди соҳаи сайёҳиро дар мамлакат дар бар мегирад. Дар назар дошта шудааст, ки барои татбиқи бобарори Стратегияи рушди сайёҳӣ маблағгузориҳои бахши хусусӣ, шарикони рушд ва сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҷалб карда шаванд.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳимми дар Стратегияи рушди сайёҳӣ муайянгардида, ки барои рушди соҳа таъсири муҳим расонида метавонад, ин бунёд намудани пойгоҳи маълумоти оморӣ оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ мебошад, ки ҳангоми ба ҷо овардани тадқиқотҳои илмӣ оид ба омӯзиши вазъ ва пешомадҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат ба кор бурда мешавад.

Дар ҳақиқат, тадқиқотчиёни соҳаи сайёҳӣ барои пешбурди корҳои илмии худ ба маълумоти зарурӣ ва пурра оид ба вазъи соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат дастрасӣ надоранд. Дар маҷмуаҳои омории нашршавандаи расмӣ маълумоти муфассал оварда намешавад. Ба ин хотир, дар Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030 ҷамъоварӣ ва ба нашр расонидани маълумоти пурраи оморӣ, аз ҷумла доир ба чунин нишондиҳандаҳо муқаррар гардидааст: шумораи сайёҳони ба мамлакат воридшуда, саҳми соҳаи сайёҳӣ дар ММД, саҳми сайёҳӣ дар содирот, саҳми сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ дар маҷмуи сармоягузориҳо, саҳми сайёҳӣ дар бахши даромади буҷети давлатӣ, ҳаҷми хизматрасониҳо дар соҳаи сайёҳӣ, шумораи субъектҳои иқтисодии бақайдгирифташуда, ки дар соҳаи истироҳат ва табобат хизматрасонӣ менамоянд, шуғли аҳолӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии мамлакатҳои меҳмоннавоз, ки аз ҷониби Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ гузаронида мешавад.

Ҳадафи олии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъмин намудани рушди устувори соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат мебошад. Барои ноил гардидан ба ҳадафи мазкур самтҳои асосии ҳадафи стратегӣ муайян карда шудаанд, чун:

- ташаккули пояҳои асосии ниҳодии рушди соҳаи сайёҳӣ;
- бунёди инфрасохтори сайёҳии муосир;
- пурзӯр намудани иқтидорҳои сайёҳии мамлакат ва ташкили муносиби тарғиби маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳии миллӣ;
- бунёдсозӣ ва муаррифӣ намудани симои миллии мавзеъҳои сайёҳии миллӣ, амалисозии чорабиниҳо оид ба маркетинг ва ба бозор ҳаволадиҳии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, ҳифз кардан, рушд додан ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ-рекреатсионӣ ва мероси таърихиву фарҳангии кишвар;
- пурзӯр намудани неруи инсонӣ, таъминоти кормандон ва шуғли босамара дар соҳаи сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ;
- мутобиқ намудани маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, таъмини амнияти сайёҳон;
- бунёдсозӣ ва рушди кластерҳои сайёҳӣ (маҷмуи минтақаҳои алоҳидаи иқтисодии сайёҳӣ-рекреатсионӣ) ва таъмини инноватсионию сармоягузории рушди соҳаи сайёҳӣ.

Яке аз ҷиҳати муҳимми дар Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030 муайянгардида, ин ташаккули пояҳои ниҳодии рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат мебошад, ки ҷанбаҳои асосии он чунинанд:

- такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ;
- таҳия намудани санади мукаммал барои танзимкунии фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ;
- амалӣ намудани меъёрҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ;
- пурзӯр намудани заминаҳои ниҳодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

Ба таври пурра ва босамарона дар амал татбиқ намудани ҷиҳатҳои алоҳидаи дар Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030 муайянгардида ба рушди сайёҳӣ дар мамлакат мусоидат менамояд ва яке аз омилҳои муҳим барои рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад. Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии рушди сайёҳӣ роҳандозӣ намудани тадбирҳои ташкилӣ, техникӣ, моддӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, инчунин, иштироки фаъолонаи давлат, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тамоми аҳолии мамлакат зарур аст.

Баланд бардоштани рақобатнокии соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат ҳамчун омили муҳимми рушди сайёҳӣ бо амалисозии тадбирҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани намои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи стандартҳо ва талаботи байналмилалӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами барномаҳои сайёҳӣ ҷиҳати ба сайёҳон ва мизоҷон пешкаш намудани маҷмуи хизматрасониҳо таъмин карда мешавад.

Такмил додани низоми иҷозатномадиҳӣ барои ширкатҳои сайёҳӣ тибқи талаботи меъёрҳои байналмилалӣ, стандартикунонии фаъолияти осоишгоҳҳо, меҳмонхонаҳо, пансионатҳо, хонаҳои истироҳатӣ ва мавзеъҳои дигари сайёҳӣ дар маҳалҳо, ба таври доимӣ таъмин намудани вазъи хуби беҳдоштиву эпидемиологӣ ва экологӣ дар инфрасохтори минтақаҳои сайёҳӣ (меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, ошхонаҳо, ташнобхонаҳо ва ғайра) бамаврид ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин маврид, дар тамоми шоҳроҳҳои кишвар ва хатсайрҳои сайёҳӣ насб намудани аломатҳои ишоравии роҳнамо бо забонҳои давлатӣ ва англисӣ, бо нишон додани мавзеъҳои аҳолинишин, истгоҳи пешомад, меҳмонхона, нуқтаи хизматрасонии мошинҳо, нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ барои таъмини воқеии рушди сайёҳӣ замина мегузоранд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои муҳимми андозию гумрукиро ба рушди соҳаи сайёҳӣ фароҳам овардааст. Аз ҷумла, ширкатҳои сайёҳӣ дар тули панҷ соли аввали фаъолияти худ аз андоз аз фоида озод карда шуда, воридоти таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонӣ барои бунёди иншооти сайёҳӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шуданд. Инчунин, боҷи гумрукӣ ба автомашинаҳои нав 50% кам карда шуд.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2018, №189 номгӯйи объектҳои сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд, тасдиқ гардидааст (ҷадвали 1).

Тибқи қарори мазкур ва номгӯйи тасдиқгардида, номгӯй ва миқдори таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии воридшаванда бо тартиби муқарраргардида дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ пешниҳод гардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Бо қабули қарори мазкур механизми пурра ва мушаххаси амалисозии имтиёзҳои андозию гумрукӣ барои бунёди инфрасохтори сайёҳӣ муайян карда шуд.

Бо амалисозии сиёсати хирадмандона ва пайгиронаи “дарҳои кушод”-и Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мамлакат узви комилҳуқуқи UNWTO гашта, ба ҳамгироии соҳаи сайёҳии кишвар, ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ заминаи воқеӣ фароҳам оварда шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи UNWTO бо як қатор кишварҳои олам созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба имзо расонидааст.

Ҷадвали 1. Номгӯйи объектҳое, ки барои бунёди онҳо воридоти молҳо аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад

Table 1. List of objects for the construction of which the import of goods is exempt from value-added tax and customs duties.

№	Номгӯйи объектҳо
1	Меҳмонхонаҳо, аз ҷумла меҳмонхонаҳои махсус (хурд, гестҳаус, ҳостел)
2	Осоишгоҳҳои табобатӣ, истироҳатгоҳҳо, фароғатгоҳҳо
3	Марказҳои хизматрасонии маҷмуии сайёҳӣ (маҷмааи сайёҳӣ)
4	Нуқтаҳои хизматрасонии маҷмуии сариҳоҳӣ (мотел)
5	Боғҳои фарҳангию фароғатӣ
6	Мавзеъҳои фарҳангию таърихӣ ва динӣ (осорхонаҳо, зиёратгоҳҳо, иншооти таърихӣ)
7	Инфрасохтори моҳигирӣ ва шикор бо мақсади сайёҳӣ
8	Тарабхонаҳои дорои бренди байналмилалӣ
9	Марказҳои истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ
10	Пойгоҳҳои махсуси мутобиқгардонии минтақаҳои баландкӯҳ барои сайёҳон
11	Маҷмааи сайёҳию лижаронӣ
12	Марказҳои омӯзишӣ барои кӯҳнавардӣ, лижаронӣ, роҳбаладӣ

Сарчашма: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯйхати иншоотҳои сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад» аз 12 апрели соли 2018, №198

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми содакардашудаи раводид барои шаҳрвандони 112 кишвари ҷаҳон ва низоми электронии раводид ҷорӣ гардида, шабакаи ягонаи электронӣ ба кор андохта шудааст. Дар ин радиф, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба захираҳои сайёҳии мамлакат зиёд гардида, симои кишвар ҳамчун мамлакати осоишта ва дорои захираҳои бойи сайёҳӣ боз ҳам устувор гардид. Ҳамзамон, роҳандозии тартиби электронии дастрас намудани раводид ва реҷаи бераводид бо 12 мамлакат, фаъолияти зиёда аз 100 ширкати сайёҳӣ, сохтмон ва таҷдиду азнавсозии як қатор инфрасохтори сайёҳӣ барои воридшавии мамлакат ба бозорҳои ҷаҳонии сайёҳӣ ва ҷалби бештари сайёҳон заминаи мусоид мегузоранд.

Ҳама гуфтаҳои боло имкон медиҳанд, хулоса бароварда, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пояҳои ҳуқуқии танзими давлатии рушди сайёҳӣ муҳайё мебошанд. Вале барои боз ҳам беҳтар намудани вазъ ва мусоидат намудан ба рушди бештари соҳаи сайёҳӣ, зарур мешуморем, ки қонунгузорӣ дар самти танзими муносибатҳо дар дигар соҳаҳои ба сайёҳӣ ҳамрадиф низ мукаммал карда шаванд. Дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрие, ки ба ҷиҳати муайяни рушди бобарори сайёҳӣ мансуб мебошанд, бояд таҳлил карда шаванд. Онҳо бояд бо назардошти рушди соҳаи сайёҳӣ ва хосса сайёҳӣ ташрифӣ таҷдиди назар ва таҳрир карда шаванд. Дар мавриди набудани муқаррароти қонунгузории появӣ зарур аст, ки ин гуна санадҳо қабул карда шаванд. Масалан, набудани муқаррарот доир ба масъалаҳои банақшагирӣ, мавзеъҷудокунӣ, назорати истифодабарии замин ва ҷойгиркунонии объектҳои туристӣ, метавонад ба рушди бобарори сайёҳӣ дар мамлакат мусоидат намояд.

Ба хотири ҳадафҳои ҳам рушди умумии иқтисодӣ ва ҳам рушди соҳаи сайёҳӣ, зарур аст, ки санадҳои қонунгузории амалкунанда оид ба ҳифзи муҳити атроф, ки риоя намудани стандартҳои ҷаҳонии сифати экологиро танзим мекунанд, вобаста ба талаботи муосири рушди сайёҳӣ таҳрир карда шаванд. Ин гуна бозбинии қонунгузорӣ барои татбиқи лоиҳаҳои асосии рушд, аз ҷумла рушди объектҳои туристии муосир, ба ҷо овардани баҳодиҳии таъсири сайёҳӣ ба муҳити атроф ва вазъи экологӣ зарур мебошад, то ки паёмадҳои манфии иҷтимоӣ-маданӣ ва моддии фаъолияти туристӣ бартараф карда шаванд.

Ҳамин тавр, ҳангоми сохтмони объектҳои туристии нав масъалаи ҷудо кардани қитъаҳои замин барои меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо ва пойгоҳҳои туристӣ диққати заруриро талаб менамояд, чунки қитъаи замини барои сохтмони ин гуна объектҳо муносиб дар аксар маҳалҳои дорои имконоти рушди сайёҳӣ камчин мебошад. Дар аксар мавридҳо барои ба ин мақсад ҷудо кардани қитъаҳои замин, кӯчонидани манзилҳои истиқоматӣ ва дигар объектҳои ба аҳолии маҳаллӣ тааллуқдошта лозим меояд. Масъалаи таъмин намудани аҳолии кӯчонидашаванда бо қитъаҳои замини барои онҳо муносиб,

ниҳоят мураккаб ва баҳсталаб мебошад. Вобаста ба ин, бояд муқаррароти махсус вобаста ба пешниҳод кардани қитъаҳои замин ҳам барои истифодабарандагони воқеӣ ва ҳам барои истифодабарандгон – бунёдкунандагони объектҳои туристӣ қабул карда шаванд.

Меъёрҳо дар соҳаи бехатарӣ аз сухтор, тандурустӣ, беҳдошти аҳолӣ, қоидаҳои истифодабарии объектҳои туристӣ, инчунин, қонун дар бораи масъулияти ҳифзи молумулки сайёҳон, қонунгузории меҳнат ва андозбандӣ, - ҳама ба рушд ва истифодабарии объектҳои туристӣ муносибат доранд. Қоидаҳои меъёрии ба хизматрасониҳои нақлиётӣ тааллуқдошта, ба мисли назорати нархномаҳо (тарифҳо), иҷозатномадиҳӣ ба субъектҳои хоҷагидории дар соҳаи мусофиркашонӣ фаъолияткунанда, талаботи бехатарӣ ва таҳия намудани хатсайрҳои нақлиётӣ низ ба рушди сайёҳӣ таъсир мерасонанд.

Зарурат барои таҳия намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии нав ва мукаммал дар чунин самтҳо ба миён омадааст: баландбардории самараи иқтисодии хизматрасониҳои туристӣ; баландбардории сифати хизматрасониҳо ва амни сайёҳон; фаъолгардонии чорабиниҳои маркетингӣ барои дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон; беҳгардонии низоми баҳисобгирии сайёҳони хориҷӣ, дохилӣ ва баландбардории сатҳи эътимоднокии маълумоти ҷамъоваришаванда; сода гардонидани равандҳои додани раводид, расмиёти сарҳадӣ ва гумрукӣ барои воридшавии сайёҳон; ба стандартҳо ва шароитҳои ҷаҳонӣ мутобиқ намудани низоми кор дар фурудгоҳҳо.

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи таъмини молиявии рушди соҳаи хизматрасониҳои туристӣ ин такмили пояҳои қонунгузории танзимкунандаи масъалаҳои андозбандӣ ва механизми сармоягузорӣ барои бунёд намудани муҳити иқтисодии созгори устувор ва барои сармоягузорони ватанӣ ҷолиб мебошад. Дар қатори ин дар мамлакат таъсис додани ниҳоди қарзӣ-молиявии махсус (бонки туристӣ) зарур аст, ки тавонад воситаҳои молиявии давлатӣ, хусусӣ ва ҷамъиятиро ҷамъ оварда, минбаъд онҳоро барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, маркетингӣ ва дигар самтҳои рушди соҳаи хизматрасониҳои туристӣ сафарбар намояд. Ҳамчунин, таъсис додани ассотсиатсияҳои сармоягузорҳои туристӣ, ки барои беҳгардонии муҳити сармоягузорӣ ба рушди хизматрасониҳои туристӣ пешниҳодҳо таҳия намояд.

Амалияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки идоракунии соҳаи туристӣ дар мамлакат нисбатан мушаххастар, низомҳои алоқа ва иртибот – муносибтар мегарданд. Инчунин, барои рушди технологияи сайёҳӣ дар ояндаи наздик омодасозии кормандон барои корхонаҳои саноати туристӣ низ масъалаи муҳим мебошад. Аз ҷумла, рушд дар бахшҳои сайёҳии саргузаштӣ, экологӣ ва кӯҳнавардӣ ба назар мерасад, ки он ҷо нарасидани кормандони баландихтисос – роҳбаладҳо ва ташкилкунандаҳои маъракаҳои туристӣ - донандаи забонҳои хориҷӣ ва ҷуғрофияи маҳал, урфу одат, фарҳанг ва маданияти аҳолии маҳаллӣ ҳувайдо аст. Дар ин самт Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки чорабиниҳои иттилоотӣ-таҳлилиро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ оид ба омодасозии кормандон-мутахассисон барои кор дар соҳаи сайёҳӣ ба ҷо оварда, ҳаҷми талаботи ширкатҳои туристиро ба ин гуна кормандон муайян намояд.

Ба масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 диққати муҳим дода, аз ҷумла қайд намуданд:

“Зарур аст, ки дар соли 2020 ва солҳои минбаъда шароити инфрасохтори сайёҳӣ дар ҳамаи мавзеъҳои сайёҳӣ беҳтар карда, сатҳу сифати хизматрасонӣ боз ҳам баланд бардошта шавад.

Бо мақсади рақобатпазир гардонидани соҳа дар бозорҳои ҷаҳонии сайёҳӣ моро зарур аст, ки мутахассисони забондон, донандаи фарҳангу таърих ва технологияҳои муосирро омода созем, кормандони ширкатҳои сайёҳӣ, роҳбаладҳо, тарҷумонҳо ва дигар мутахассисони соҳаро мутобиқ ба талаботи бозори сайёҳӣ ба воя расонем.

Рушди сайёҳӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисос дар ин самт ба пешрафти иқтисоди миллии кишвар такони ҷиддӣ бахшида, шумораи сайёҳонро ба мамлакат зиёд менамояд ва барои таъсиси ҷойҳои корӣ имкони бештар фароҳам меорад.

Муқарриз: н.и.и. дотсент Сайфуллоев Н.Н.

АДАБИЁТ

1. Ёров, Дж.Н. Влияние туризмиа на развитие сельских территорий Республики Таджикистан. Монография / Дж.Н. Ёров. -Душанбе 2022. -147 с.
2. Ёров, Дж.Н. Перспективы кластерного подхода для повышения эффективности использования туристского потенциала (на примере Российской Федерации и Республики Таджикистан) / Дж.Н. Ёров, Н.А. Зайцева // Вестник МГУ. – 2019. -С.129.
3. Ёров, Дж.Н. Развитие туристической сферы Республики Таджикистан в условиях рынка [Матн] / Дж.Н. Ёров // Монография. –Душанбе, 2008. -110 с.
4. Қодирзода Д.Б. Мукаммалгардонии шароитҳои институтсионалии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д.Б. Қодирзода // Маводи конфронси байналмилалии илмию-амалӣ дар мавзуи «Рушди сайёҳӣ ҳамчун омили пешрафти иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи муоссир ва дурнамои он”. -Душанбе, 2018. -С.5.
5. Муҳабатов Х. Баъзе ҷанбаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии рушди сайёҳӣ / Х. Муҳабатов, Р. Диловаров // Маводи конфронси байналмилалии илмию-амалӣ дар мавзуи «Рушди сайёҳӣ ҳамчун омили пешрафти иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи муоссир ва дурнамои он». -Душанбе, 2018. -С.61.
6. Нақшбандии босуботи сайёҳӣ. СУС. -Мадрид: 2019. -С.11-13.
7. Низомномаи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "27" майи соли 2017, №258 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи истифодабарӣ: 13.12.2019).
8. Низомномаи Шӯрои байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи туризм дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 сентябри соли 2015, №564 // Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи истифодабарӣ: 13.12.2019).
9. Ҳисоботи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. –С.21.
10. Ҳисоботи омории Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2015. -С.12.
11. Омори соланаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019.
12. Омори СУС СММ. –Мадрид, 2019.
13. Саидова М. Нақши туризм дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. Саидова // Маводи конфронси байналмилалии илмию-амалӣ дар мавзуи «Рушди сайёҳӣ ҳамчун омили пешрафти иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи муосир ва дурнамои он”. -Душанбе, 2018. -С.51.
14. Ҳисоботи солонаи ширкати сайёҳии «Ориён -Адвентур». –Душанбе, 2019.
15. Ҳисоботҳои Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018.

ТАНЗИМКУНИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Танзими хисматрасониҳои сайёҳӣ яке аз омилҳои муҳимтарин барои пешбурди соҳа ба шумор меравад. Нақши муҳимми давлат дар танзимкунии рушди соҳаи сайёҳӣ дар қабул ва истифодабарии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва қоидаҳои фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ ифода меёбад.

Дар мақола қайд гардидааст, ки қонунгузории танзимкунандаи рушди сайёҳӣ ва соҳаҳои ҳамрадифи он пояҳои ҳуқуқиро барои рушд, идоракунӣ ва амалисозии фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ бунёд менамояд. Қонунҳо, қарорҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдор қисми таркибии раванди банақшагирии ҳамаҷониба ва идоракунии рушди сайёҳӣ мебошанд.

Муаллиф зикр менамояд, ки ҳангоми дар мамлакат мавҷуд набудани ин гуна қонунҳо зарурати қабули онҳо дар раванди омодасозӣ ё бозбинии санадҳои меъёрӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Аксари мамлакатҳо қонунҳои ба сайёҳӣ дахолаткунандаеро қабул намудаанд, ки маҳз ба талаботи худи онҳо дар соҳаи рушди сайёҳӣ ҷавобгӯ мебошанд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин қатор берун нест.

Муаллиф ишора бар он кардааст, ки яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи таъмини молиявии рушди соҳаи хизматрасониҳои туристӣ ин такмили пояҳои қонунгузории танзимкунандаи масъалаҳои андозбандӣ ва механизми сармоягузорӣ барои бунёд намудани муҳити иқтисодии созгори устувор ва барои сармоягузорони ватанӣ ҷолиб мебошад. Дар қатори ин, дар мамлакат таъсис додани ниҳоди қарзӣ-молиявии махсус (бонки туристӣ) зарур аст, ки тавонад воситаҳои молиявии давлатӣ, хусусӣ ва ҷамъиятиро ҷамъ оварда, минбаъд онҳоро барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, маркетингӣ ва дигар самтҳои рушди соҳаи хизматрасониҳои туристӣ сафарбар намояд.

Калидвожа: сармоягузорӣ, бонки сайёҳӣ, хизматрасониҳои сайёҳӣ, рушди сайёҳӣ, маблағгузорӣ, андозбандии сайёҳӣ, лоиҳаҳои сайёҳӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии сайёҳӣ.

ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ РАЗВИТИЯ ТУРИСТСКИХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Регулирование туристских услуг является одним из основных факторов, влияющих на развитие данного сектора. Основная роль государства в регулировании развития туристского сектора заключается в принятии и реализации нормативно-прововых актов и принципов деятельности в этой сфере.

В статье отмечается, что принятие нормативно-правовых актов в области развития туризма, а также сопуствующих отраслей благотворно влияет на организацию и реализацию туристской деятельности. Исходя из этого следует отметить, что законы, решение и другие нормативно- правовые акты являются основой для планирования и управления развитием туризма.

Автор отмечает, что если в стране не существуют соответствующие законы, то необходимо в зависимости от положение сферы принять нормативно-правовые акты, которые положительно могли бы повлиять на развитие туристской сферы.

В статье указывается, что одним из приоритетов развития туристических услуг является повышение финансирования отрасли и устойчивость инвестиционного механизма улучшения основ законодательных вопросов налогообложения, а также инвестиционный механизм построения экономической устойчивой среды и заинтересованость отечественных инвесторов. В стране необходимо создать специальное финансово- кредитное учреждение (туристический банк), что может привести к финансовым, частным и государственным средствам и будет продолжать мобилизовать их для финансирования инвестиционных проектов туристического сервиса.

Ключевые слова: инвестиция, туристский банк, туристские услуги, туристское развитие, капиталовложение, туристское налогообложение, туристские проекты, туристские нормативно-правовые акты.

STATE REGULATION OF THE DEVELOPMENT OF TOURIST SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The regulation of tourism services is one of the main factors influencing the development of this sector. The main role of the state in regulating the development of the tourism sector is to adopt and implement regulations and principles of activity in this area.

The article notes that the adoption of regulatory legal acts in the field of tourism development, as well as related industries, has a beneficial effect on the organization and implementation of tourism activities. Based on this, it should be noted that laws, decisions and other legal acts are the basis for planning and managing the development of tourism.

The author notes that if there are no relevant laws in the country, then it is necessary, depending on the situation in the sphere, to adopt regulatory legal acts that could positively affect the development of the tourism sector.

The article states that one of the priorities for the development of tourism services is to increase the financing of the industry and the sustainability of the investment mechanism for improving the foundations of legislative issues of taxation, as well as the investment mechanism for building an economic sustainable environment and the interest of domestic investors. The country needs to establish a special financial and credit institution (tourist bank), which can lead to financial, private and public funds and will continue to mobilize them to finance tourism service investment projects.

Keywords: investment, tourist bank, tourist services, tourist development, investment, tourist taxation, tourist projects, tourist regulations.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Юнусов Талабшо Абдулваҳобович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **937-02-04-05**

Сведение об авторе: ***Юнусов Талабшо Абдулвахобович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры экономическая география и туризма. **Адресс:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **937-02-04-05**

Information about the author: ***Yunusov Talabsho Abdulvakhobovich*** - Tajik National University, assistant of the Department of Economic Geography and Tourism. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. Phone: **937-02-04-05**

УДК: 339.01

ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ

Шарофова Ч.Р.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) шакли ҳамоҳангсозии ҳокимият ва тиҷорат дар он соҳаҳое ба ҳисоб меравад, ки пештар ба моликияти давлатӣ тааллуқ дошта, талабот ва рушди онҳо ба гурӯҳи масъалаҳои ҳалталаби ҳаёти иқтисодию иҷтимоии мардум дохил мешаванд. Баъзе мутахассисони соҳа дар таҷрибаи давлатҳои пешқадам механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро мақсаднок истифода намуда, бо ин роҳ кӯшиш намудаанд, ки афзалиятҳои бахши хусусиро чун имконияти хуби амалисозии ҳадафҳои сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлат истифода баранд. Бояд ёдовар шуд, ки шарикии давлат ва тиҷорат дар он ҳолат натиҷаи мусоиди иҷтимоӣ ва иқтисодиро ба бор оварда метавонад, ки ҳамоҳангии мазкур, принсип ва низоми идоракунии он дуруст ба роҳ монда шавад. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ тибқи стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба роҳ монда шуда, давлат имкони ҳалли вазифаҳои зерини ҳаётан муҳимро пайдо мекунад: ба бахши давлатии иқтисодиёт ҷалб намудани сармоягузориҳои иловагӣ, коҳиш додани муаммоҳои буҷетӣ, ба тиҷорати хусусӣ гузаронидани қисми хавфҳо, нигоҳ доштани объектҳои аз ҷониби давлат истифодашаванда [1].

Таҷрибаи хориҷии амалисозии ШДБХ бо истифодабарии механизми ҳамоҳангии давлат ва тиҷорати хусусӣ аллакай кайҳо боз ташаккул ёфта, мунтазам такмил ёфта истодааст. Чунончи, дар минтақаи Аврупо бахши хусусӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла сохтмони инфрасохтори иҷтимоӣ аз асри XIX сар карда, фаъолона ҷалб карда мешавад [15,с.42]. Дар нашрияи махсуси Комисияи аврупоӣ (соли 2004) шаклҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ, аз қабили шарикии созишномавӣ, институтсионалӣ ва дигар зикр ва таҳлил карда мешаванд [2]. Ҳамзамон, бо ин, дар мамлакатҳои хориҷӣ шаклҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо дарназардошти шароити маҳаллӣ, ҳадафҳои давлат, манфиатҳои ширкатҳои хусусӣ истифода мешаванд [9].

Тибқи маълумоти коршиносон, ду модели асосии ШДБХ – аврупоӣ ва ҷопонӣ амалӣ карда мешаванд [13]. Модели аврупоӣ ба таҷрибаи Британияи Кабир, ки аз оғози солҳои 1990-ум қонуни махсусро «Дар бораи ташаббусҳои молиявии хусусӣ» бо мақсади ҷалби бахши хусусӣ ба соҳаи хизмати ҷамъиятӣ амалӣ мекунад, такя дорад. Дар доираи ташаббуси молиявии хусусӣ ҳамасола беш аз 80 созишномаҳо баста шуда, арзиши онҳо 17% буҷети мамлакатро ташкил медиҳад [7].

Дар доираи модели ҷопонӣ ҳамаи хавфҳоро давлат ба зиммаи худ мегирад. Айни замон модели аврупоӣ шаклҳои гуногун дорад. Чунончи, модели ШДБХ дар Ирландия, Италия, кишварҳои дигари Иттиҳоди Аврупо хусусиятҳои худро дорад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки ШДБХ роҳи самарабахши ҷалби бахши хусусӣ ба маблағгузории объектҳои ҳаётан муҳимми ҷамъиятӣ, ки моликияти давлатӣ ё маҳаллиро ташкил медиҳанд, маҳсуб мешавад. Чунончи, 10 давлати Аврупо дар Ассотсиатсияи аврупоии консессионерҳои роҳҳои пулакӣ (ASECAP) муттаҳид шудаанд. Ассотсиатсияи мазкур 100 ширкатро, ки 18 ҳазор км. роҳҳои пулакиро идора мекунанд, мутаҳид месозад [4,с.3].

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ нуфузи лоиҳаҳои инфрасохторӣ баланд аст. Чунончи, дар Англия аз соли 1992 сар карда, 15%-и лоиҳаҳои инфрасохторӣ тавассути ШДБХ баста мешаванд. Дар Кореяи Ҷанубӣ дар ин давра беш аз 100 лоиҳаҳои инфрасохторӣ татбиқ шудаанд [16,с.10].

Айни замон суръати рушди амалисозии ШДБХ дар мамлакатҳои хориҷӣ хеле рушд карда, байни онҳо тафовут дар истифодаи соҳавӣ дида мешавад. Умумият байни давлатҳои ҷаҳон роҷеъ ба истифодаи ин механизм дар он аст, ки ҳамаи давлатҳо дар амалисозии стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳавасманд мебошанд.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили тамоюли рушди стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз рӯйи маълумоти илмию омории сарчашмаҳо байни давлатҳо тағйироти гуногун дида мешавад. Аниқтараш, вобаста ба соҳаи истифодабарӣ ва ҳаҷми маблағгузориҳо рейтинги давлатҳо тағйир меёбад. Бо дарназардошти мавҷудияти чунин

тамоюли тағйирёбандаи истифодабарии стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ соли 2004 нахуст шуда муҳақиқони “PPP in Europe Emeroqinq Opportunities” аз рӯйи се меъёри баҳогузорӣ (паст–амалишавии якчанд лоиҳа, миёна –татбиқи шумораи на он қадар зиёди лоиҳаҳо, баланд – татбиқи шумораи зиёди лоиҳаҳо) мавқеи давлатҳои Иттиҳоди Аврупоро роҷеъ ба истифодаи ин тарзи ҳамкорӣ муайян карданд. Комиссияи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) оид ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ қайд намудааст, ки дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон айни замон 51 институти рушди ШДБХ амал менамояд, аз ҷумла 24 адади онҳо дар Аврупо, 2 адад дар Амрикои Шимолӣ, 5 адад дар Амрикои Ҷанубӣ, 7 адад дар Африқо ва 13 адад дар Осиё. Илова бар ин, 9 ташкилоти байналхалқӣ (СММ, БАТР, Корпоратсияи байналхалқии рушд ва ғ.) вуҷуд доранд, ки ба салоҳияти онҳо, дар баробари дигар функсияҳо, ҳамчунин, рушди ШДБХ низ дахл дорад. Намунаҳои нисбатан мусоиди абарқудратҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфтаро аз назар мегузаронем, зеро ҷамъбасти таҷрибаи онҳо имкон фароҳам меорад, ки ташаккулёбии паҳлуҳои институтсионалӣ барои таъсисдиҳии заминаҳои рушди самараноки ШДБХ дар мамлакати мо таъмин карда шавад.

Айни замон ТХМ («Ташаббуси хусусии молиявӣ») ҷузъи барномаи умумии ҳукуматӣ оид ба рушди ШДБХ дар Британияи Кабир гардидааст, ки ҷараёни хусусигардонӣ ва дилхоҳ шаклҳои дигари фаъолияти муштараки давлат ва бахши хусусӣ, аз ҷумла пешниҳоди кафолатро дар бар мегирад. Илова бар ин, хусусиятҳои нисбатан хосси барномаи ТХМ, ки бартариятҳои асосии он маҳсуб меёбанд, инҳо мебошанд:

− пеш аз ҳама ТХМ-лоиҳаҳо аз он мавқеъ таҳия мегарданд, ки амалишавии онҳо ба баландравии сифати ҳаёти аҳолӣ мусоидат хоҳад кард, вале на барои бадастории дороиҳои нав аз ҷониби давлат;

− ҷониби бахши хусусӣ уҳдадориҳои дарозмуддатро оид ба хизматрасонии ягон намуди дороӣ ё расонидани хизматрасониро бар дӯш мегирад;

− ҳукумат, дар навбати худ, уҳдадориҳои дарозмуддатро оид ба таъминоти талабот аз рӯйи молҳо ё хизматрасониҳои дахлдор бар дӯш мегирад;

− қисми назарраси хавфҳоро оид ба лоиҳа бар дӯши худ ҷониби бахши хусусӣ мегирад;

− ба сифати маҳаки асосӣ, ки ҳангоми қабули қарор оид ба ташаббуси лоиҳаи ШДБХ истифода карда мешавад, арзёбии таносуби нарх ва сифат (value for money (VFM)) баромад менамояд. Зери мафҳуми арзёбии VFM низоми маҳакҳое фаҳмида мешавад, ки бо иқтисодиёт, натиҷанокӣ ва самаранокии хизматрасониҳо, маҳсулот ё ҷараён алоқамандӣ доранд, масалан, муқоисаи арзиши хароҷот ва арзиши натиҷаҳо, арзёбии усулҳои миқдорӣ ва сифатӣ оид ба ҷалб, истифодабарӣ ва идоракунии захираҳо.

Айни замон дар назди PUK ва TIFU вазифаҳои зерин бо мақсади рушди минбаъдаи методологияи ШД ва БХ қарор доранд:

1. Таъминоти рушди минбаъдаи равишҳои методологӣ нисбат ба гузаронидани харидҳои давлатӣ.

2. Такмилдиҳии сохтори ҳуқуқии базаи шартномавии ШДБХ.

3. Таъмини пешгуии азим ва шаффофият ҳангоми сохторкунонӣ ва таъминсозии лоиҳаҳои ШДБХ.

4. Коҳишдиҳии хароҷоти транзаксионӣ.

5. Такмилдиҳии ҳисоботӣ дар рафти амалисозии лоиҳаҳои ШДБХ бо мақсади баландбардории сатҳи низомнокӣ ва иттлоотии он.

6. Рушди ҳолатҳои кафолатӣ ва механизмҳои ҷалби маблағгузорӣ дар ҳолатҳое, ки давлат сараввал қарзгиранда ва баъдан, қарздиҳанда ҷониби хусусӣ ба ҳисоб меравад, ки натиҷаи он бояд коҳишдиҳии арзиши захираҳои ҷалбшаванда гардад.

Ҳамин тавр, таҷрибаи Британияи Кабир оид ба ҷорисозии низомноки равишҳои ШДБХ ба иқтисодиёти мамлакат намуна барои як қатор мамлакатҳо гардид.

17 июни соли 2004 аз ҷониби Президенти Фаронса фармони №2004-559 «Дар бораи шартномаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» қабул гардид, ки дар он равишҳои базавӣ нисбат ба ташкили лоиҳаҳои ШДБХ дар ҳудуди мамлакат муайян гардиданд. Аз ҷумла мафҳуми зерини шартномаи ШДБХ муайян гардид: ин шартномаи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки дар доираи он давлат ё ширкат, ки манфиатҳои давлатро муаррифӣ месозад, ҷониби сеюмро вазифадор месозад, то дар муддати давраи сармоягузорӣ ё даврае, ки бо

шароитҳои маблағгузорӣ муқаррар карда шудааст, корҳоро оид ба лоиҳа, ки бо сохтмон, азнавбанақшагирӣ, таъмир, хизматрасонии ҷорӣ ё идоракунии воситаҳои асосӣ ё дороиҳои ғайримоддӣ алоқаманд мебошад, ба сомон расонад. Дар баробари ин, лоиҳа бояд дорои аҳамияти баланди иҷтимоӣ бошад [9].

Ба ҳукми қонунӣ даромадани фармони мазкур ба он оварда расонид, ки Вазорати молия ба таъсисдиҳии маркази рушди ШДБХ-и Фаронса (Mission d'Appui aux PPP (MAPPP)) (MAPPP) мусоидат намуд, ки расман дар моҳи майи соли 2005 оғоз гардид. Мақсади асосии MAPPP-ро мусоидат намудан ба мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ (ташабускорони лоиҳаи ШДБХ) дар омодасозӣ ва амалисозии лоиҳаҳои ШДБХ дар марзи пурраи Фаронса ташкил медиҳад.

Маркази ШДБХ ҳамчун сохтори таркибии Вазорати молия ташкил карда шуд, ки дар он шаш нафар фаъолият менамоянд. Ҳамаи қарорҳое, ки аз марказ қабул карда мешаванд ва бо муҳлати амалнамоӣ алоқаманд мебошанд, бо Вазорат мувофиқа карда мешаванд.

Функсияҳои асосии MAPPP инҳо ба ҳисоб мераванд: коркарди методологияи гузаронидани харидҳои давлатӣ ва арзёбии лоиҳаҳои ШДБХ; санҷиши мукаммалии ҳуҷҷатҳои дар мувофиқа бо лоиҳаи ШДБХ таҳияшаванда оид ба талаботҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва сифатӣ (аз ҷумла аз рӯйи маҳаки VFM); санҷиши боэътимодӣ ва дурустии асосноксозии техникӣ-иқтисодии лоиҳаи пешниҳодшаванда; кумак дар интихоби машваратчиёни хусусӣ; гузаронидани арзёбии пурраи лоиҳа пеш аз тасдиқи ниҳоӣ дар Вазорати молия. Ба ғайр аз ин, марказ маводҳои методиро бо мақсади расонидани кумаки машваратӣ ба вазоратҳо ва идораҳои дахлдор дар ҷараёни рушди ШДБХ нашр мекуннад. Илова бар ин, дар Фаронса хадамоти махсус, аз ҷумла Хадамоти инноватсияҳои саноатӣ, Хадамоти миллии таҳқиқоти илмӣ бо мақсади маблағгузории лоиҳаҳои ШДБХ фаъолият доранд [9,с.52-53].

Инкишофи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ИМА таърихи беш аз 200-сола дорад. Ҳоло дар ҳар як шаҳри ИМА 23-65 хадамоти соҳаи хизмати иҷтимоӣ бо бахши хусусӣ робита доранд. Харақоти умумӣ ба ҷалби бахши хусусӣ ҳамасола қариб 50 млрд. доллярро ташкил медиҳад [14,с.6]. Дар ИМА қонуни ягонаи федералие, ки равишҳои ягонаро оид ба амалисозии ШДБХ муайян намояд, вуҷуд надорад. Дар баробари ин, таҳлили қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки ҳуҷҷатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаҳои мушаххас (аз рӯйи аломатҳои соҳавӣ) дар соҳаи истифодабарии равишҳои ШДБХ дар бисёрии штатҳо амал мекунанд [12].

Институти асосие, ки оид ба рушди ШДБХ дар мамлакат ҷавобгӯ мебошад, Шурои миллӣ оид ба ШДБХ (The National Council for Public-Private Partnerships, NCPPP) мебошад. Он соли 2005 таъсис дода шудааст. Шуро ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар ҳайати ҳукумати штати Колумбия ба ҳисоб меравад. Вазифаи асосии онро тарғибу ташвиқ ва пешбарии ШДБХ дар кулли сатҳи ҳокимият, дар соҳаҳои зарур, ташкили заминаҳо барои ҳамкории касбии давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади беҳтарсозии сифати молҳо ва хизматрасониҳо дар заминаи идоракунии самараноки хароҷотҳо дар соҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим барои аҳолӣ ташкил медиҳад.

Шуро чунин мафҳуми ШДБХ-ро арзёбӣ мекунад: ин шакли созишнома миёни сатҳи дилхоҳи ҳокимияти давлатӣ (федералӣ, штат ва маҳал) ва намояндагони тиҷорати хусусӣ мебошад. Дар мувофиқа бо шартҳои созишномаи мазкур, истифодабарии муштараки таҷриба ва дороиҳои ҳар яке аз ҷонибҳо бо мақсади истеҳсоли молҳо ва расонидани хизматрасониҳо, ки барои ҷамъият дар умум зарур мебошанд, пешбинӣ мегардад. Ба ғайр аз тақсимнамоии захираҳо, шартҳои созишнома инчунин, тақсими хавфҳо ва даромадҳоро оид ба лоиҳа миёни ҷонибҳои иштироккунанда пешбинӣ менамояд.

NCPPP вазифаҳои зеринро ҳал менамояд:

1. Баҳодиҳии умумиро бо мақсади таъмини нуфузи равишҳои ШДБХ ба сомон мерасонад.

2. Ба мубодилаи иттилоотӣ миёни давлат ва шарикони хусусӣ дар ҷараёни амалисозии воқеии равишҳои ШДБХ мусоидат менамояд.

3. Семинарҳои таълимӣ ва тренингҳоро оид ба ШДБХ мегузаронад.

4. Дар рафти таҳия ва амалисозии лоиҳаҳои байналхалқии ШДБХ кумаки методологӣ, аз ҷумла таҳлили базаи маъмурӣ ва қонунгузориро, ки бо ШДБХ алоқаманд мебошад, таъмин мекунад.

Ду намуди аъзогии намояндагони бахши хусусӣ дар Шуро пешбинӣ карда шудааст:

1. Иштироки маблағгузорӣ. Ба ҳайси иштирокчиёни мазкур намояндагони тиҷорат, ташкилотҳои ғайритиҷоратии ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳое, ки омодаанд ҳаққи аъзогиро пардохт намоянд, метавонанд баромад намоянд. Аъзоён-маблағгузорон ҳуқуқ доранд, ки аъзои Шурои директорон бошанд.

2. Иштироки асосӣ. Чунин иштирокчиён метавонанд ташкилотҳои дилхоҳ соҳаҳо ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ бошанд. Ин категорияи аъзоён ҳуқуқи овозро дар қабули қарорҳои идоракунӣ аз номи шуро надоранд. Чунин шакли иштирок имкон фароҳам меорад, ки ташаббусҳои шахсӣ оид ба рушди ШДБХ зимни қабули қарори ниҳоии Шурои директорон ба инобат гирифта шаванд.

Ба ғайр аз ин, дар ИМА як қатор ташкилотҳое амал менамоянд, ки бо рушди ШДБХ дар мамлакат алоқамандӣ доранд. Аз ҷумла Агентии федералии роҳҳои автомобилӣ (Federal Highway Administration (FHWA) дар бахши рушди инфрасохтори нақлиётӣ, Агентии дастгирии ташаббусҳои глобалӣ (Departmen to fState) дар бахши дастгирии лоиҳаҳои байналхалқӣ фаъолият доранд.

Дар ИМА лоиҳаҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо иштироки мақомоти ҳокимияти давлатии марказӣ, маҳаллӣ, ширкатҳои хусусӣ, муассисаҳои илму маориф амалӣ шуда, дар рушди ҷомеа саҳми муҳим мегузоранд. Чунончи, соли 1990 амалӣ гардидани лоиҳаи рушди Аризона (ASPED) бо мақсади истеҳсол ва инкишофи технологияҳои кайҳонӣ, иттилоотӣ, тиббӣ, биотиббӣ оғоз мегардад [5,с.89].

ШДБХ тибқи қонунгузории Канада ҳамчун шакли кооператсияи муштарак миёни бахши давлатӣ ва хусусӣ арзёбӣ мегардад. Он ба таҷрибаи ҳар яке аз шарикон асос ёфта, барои ҳалли беҳтарин вазифаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ барои аҳолӣ муҳим дар доираи идоракунии самараноки захираҳо, хавфҳо ва тақсимнамоии даромадҳо мусоидат менамояд.

Дар сатҳи федералӣ дар Канада ду ташкилот амал менамоянд, ки фаъолияти онҳо ба рушди ШДБХ равона карда шудааст.

Яке аз онҳо Маркази рушди лоиҳаҳои федералии ШДБХ (PPPCanada) мебошад, ки дар моҳи феврали соли 2009 таъсис дода шудааст. Он фонди идоракунии сармоягузории ШДБХ-и Канада (PPP Canada Fund) мебошад, ки дар навбати худ маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионии ШДБХ-и миқёси федералиро муаррифӣ месозад. Ба ғайр аз ин, ШДБХ-и Канада кумаки машваратиро ба ҳукумат дар масъалаҳое, ки бо амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ алоқаманд мебошанд, мерасонид. ШДБХ-и Канада фаъолона кӯшиш менамояд, ки принсипҳои ШДБХ дар дигар барномаҳои федералии сармоягузорие, ки бо рушди инфрасохтори мамлакат алоқаманд мебошанд, амалӣ гарданд.

Ташкилоти дуюм бо номи Комитети Канада оид ба рушди ШДБХ (Canadian Council for Public-Private Partnerships (CCPPP)) соли 1993 таъсис ёфтааст. Фаъолияти он ба ташаккулу ҷалби таваҷҷуҳи ҷамъиятӣ ба масъалаҳои мубрами ШДБХ дар заминаи гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, баргузории конференсияҳо, семинарҳои ҳамасола равона шудааст.

Дар Федератсияи Россия якчанд намуди шарикии давлат ва бахши хусусӣ истифода мешавад. Бештари муаллифон намудҳои зикршударо ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ мекунанд:

1. Шартномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ. Бахши давлатӣ уҳдадор аст, ки ба субъектҳои бахши хусусӣ истифодаи моликият, ҳуқуқи моликият, объектҳои моликияти зеҳниро бо мақсади ташаккул, истифодабарӣ ва таъмини техникӣ муҳайё созад, бахши хусусӣ бошад, уҳдадор аст ин фаъолиятро ташаккул диҳад.

2. Иҷора бо уҳдадориҳои сармоягузорӣ. Ин шартномаест, ки иҷорадиҳанда ба бахши хусусӣ имконияти истифодаи муваққатии сармояро ба хотири истифодаи муваққатӣ фароҳам меорад.

3. Шартномаи даврии ҳаётӣ дар доираи қонун харидорӣ намудан: хариди давлатии мол, хизматрасонӣ дар тамоми муҳлати коршоямии объекти харидашаванда барои қонеъ гардонидани талаботи давлат.

Айни замон дар Федератсияи Россия 2980 лоиҳа дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ шуда истодааст [18,с.17-23].

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамкориҳои шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ баъди Истиқлолияти давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Айни замон хусусияти фарқкунанда дар он зоҳир мегардад, ки дар онҳо институти махсус оид ба ШДБХ фаъолият мекунад. Он асосҳои иқтисодии фаъолият, созишномаҳоро оид ба фурӯши маҳсулот, ҷараёни хусусигардонӣ, ба эътидол овардани инҳисорот, рақобати бахши давлатӣ ва хусусиро муайян мекунад.

Ба ақидаи як қатор муаллифон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои ба эътидол овардани ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ зарур аст, ки базаи модию техникӣ, фишангҳои амалинамоии он ва дигар механизмҳои иқтисодӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад. Пешниҳод мешавад, ки аз моделҳои муосири ин ҳамкориҳо ба таври зарурӣ истифода шаванд. Омӯзиши таҷрибаи Ӯзбекистон нишон медиҳад, ки намуди маъмултарини шарикии давлат ва бахши хусусӣ маҳз созишнома оид ба маҳсулоти истеҳсолшаванда миёни бахши давлатӣ ва хусусӣ маҳсуб меёбад. Ҳангоми истеҳсоли ин гуна маҳсулот ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва минтақавӣ афзоиш меёбад, барои истихроҷ ва коркарди захираҳои иқтисодӣ имкониятҳои зиёд амалӣ карда мешаванд.

Дигар намуди ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ин фаъолияти минтақаҳои иқтисодии саноатӣ ба ҳисоб рафта, чораҳои ташкилӣ, кафолатдиҳӣ ва ҳавасмандии сармоягузорон, инчунин, додани имтиёзҳои махсус ба бахши хусусӣ дар назар дошта мешавад. Таҷрибаи Ӯзбекистон имконият медиҳад, ки дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳиссаи бахши давлатиро боз ҳам зиёд намуда, аз ҳисоби ворид намудани техника ва технологияи муосир фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодиро боз ҳам қувват бахшем. Афзоиши ҳиссаи бахши хусусӣ имконият медиҳад, ки дар баробари сармоягузорони хориҷӣ субъектҳои фаъолияти иқтисодии дохилӣ низ ба рақобат тоб оварда тавонанд.

Таҳқиқи таҷрибаи ташкил ва амалӣ намудани ШДБХ дар мамлакатҳои пешрафта имкон медиҳад, ки се гурӯҳи асосии марказҳои ШДБХ-ро аз рӯйи функсияҳояшон ҷудо намоем:

1. Марказҳое, ки функсияҳои онҳо бо арзёбии лоиҳаҳои ШДБХ аз ҷониби мақомоти ҳокимият алоқаманд буда, коркарди тавсияҳои методӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳои ШДБХ маҳдуд мебошад.

2. Марказҳое, ки функсияҳои васеи максималиро оид ба рушди ШДБХ иҷро намуда, ба ҳалли вазифаҳои зерин мусоидат мекунанд: пешниҳоди машваратҳои пурра ба мақомоти ҳокимияти иҷроия, мусоидат ба рушди муҳити касбӣ ва сиёсӣ барои фаъолияти бомуваффақи ШДБХ дар соҳаҳои гуногун, ҷустуҷӯ ва паҳнсозии таҷрибаҳои беҳтарин.

3. Марказҳое, ки функсияи ягонаро оид паҳнсозии таҷрибаҳои беҳтарин амалӣ мекунанд. Марказҳое, ки ба гурӯҳи сеюм, тааллуқ доранд, дер ё зуд вазифаи худро тағйир медиҳанд, ё ба гурӯҳи дуюм мегузаранд.

Илова бар ин, ҳамаи марказҳои ШДБХ-и дар мамлакатҳои пешрафта вуҷуд доштаро метавон аз рӯйи сифати ҳамоҳангӣ бо Вазорати молия ба ду гурӯҳ тақсим намуд:

1. Марказҳои ШДБХ, ки сохтори таркибии Вазорати молия мебошанд. Чунин марказҳо ҳамоҳангии нисбатан сифатнокро бо мақомотҳо, ки қарорҳои ниҳоиро аз рӯйи лоиҳаҳои ШДБХ қабул мекунанд, ба роҳ монда, эҳтимолияти сар задани муноқишаҳои манфиатҳоро коҳиш медиҳанд. Дар баробари ин, камбудии назаррасе низ вуҷуд дорад, яъне ваколати қабули мустақилонаи қарорҳо вуҷуд надорад ва ин муҳлати умумии таҳияи лоиҳаро афзоиш диҳад. Ба ғайр аз ин, марказҳо моҳиятан сохторҳои давлатӣ ба ҳисоб рафта, одатан дар онҳо имконияти сар задании бюрократия вуҷуд дорад.

2. Марказҳои ШДБХ, ки воҳидҳои мустақили институтсионалӣ ба ҳисоб мераванд. Ба афзалиятҳои чунин марказҳо метавон онро мансуб донист, ки онҳо дорои боварии калон аз ҷониби намояндагони хусусӣ буда, кормандонро дар сатҳи мукофотдиҳии меҳнатӣ кам ё маҳдуд месозанд ва ба ҷалби муттахассисони нисбатан баландтаҷриба

мусоидат менамоянд. Дар баробари ин, коҳишдиҳии суръатҳои гузаронидани ҷараёнҳои мувофиқасозӣ бо мақомтҳои ҳокимияти иҷроия имконпазир мебошад.

Боз як гурӯҳбандии марказҳои ШДБХ-ро метавон аз рӯйи маҳаки (критерия) сарчашмаҳои маблағгузорӣ пешниҳод намуд. Ҳамин тавр, метавон ҳамаи марказҳоро ба ду гурӯҳ тақсим намуд:

1. Марказҳое, ки аз буҷет маблағгузорӣ карда мешаванд. Чунин марказҳо теъдоди зиёдро ташкил медиҳанд.

2. Марказҳое, ки имкониятро оид ба пешниҳоди хизматрасониҳо соҳиб гардида, дар ҳолати худбоздеҳӣ қарор доранд;

Барои ҳамаи мамлакатҳо (ба ҷуз ИМА) умумӣ он ба ҳисоб меравад, ки дар сатҳи қонунгузорӣ ҳуҷҷатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ тасдиқ ва амалӣ карда мешаванд Дар натиҷа қоидаҳои умумии амалисозии ШДБХ муқаррар карда мешаванд.

Ҳамин тавр, шарикии давлатию хусусӣ ҳамчун низоми махсус дар даврони рушди худ чанд марҳилаи ташаккулро паси сар кардааст. Як қатор ҳолатҳое ҷой доранд, ки хусусияти ҳар яке аз ин марҳилаҳоро шарҳ медиҳанд.

Дар умум се марҳилаи ташаккули шарикии давлатию хусусиро ҷудо кардан мумкин аст. Ин даврaҳо дар афзоиши миқдори лоиҳаҳо инъикоси худро меёбанд.

Дар марҳалаи аввал ташаккули нақшҳои аввалини бозор ба вуҷуд меояд, таҷрибаҳои аввалин ҷамъ мешаванд, лоиҳаҳо дар ин марҳила ба миқдори кам амалӣ мегарданд.

Дар марҳалаи дуюм мутобиқшавӣ ва «дурустшавии» нисбатан нозуки низоми шарикии давлатию хусусӣ ба вуҷуд меояд. Ҳамчунин, барои ин давра ҷалби сарчашмаҳои нави маблағгузорӣ ва иштирокчиёни нави бозор хос аст.

Дар марҳилаи сеюм истифодаи шарикии давлатию хусусӣ доираи васеътар пайдо мекунад, пойгоҳи қоидавӣ (институтсионалӣ)-и он (ташкилотҳои махсус ва танзимкунандаи он), бозорҳои сармоя, технология ва фишангҳои маблағгузорӣ рушд меёбанд. Дар ин марҳилаи рушд ҳоло танҳо шумораи ками давлатҳои тараққикарда қарор доранд.

Ҷадвали 1. Намудҳои ШДБХ дар давлатҳои пешрафта
Table 1. Types of GDP in developed countries

№	Мамлакат	Соли истифодабарӣ	(Намудҳои ШДБХ) ШДБХ – аз рӯйи соҳаҳо
1.	Британияи Кабир	Баъди солҳои 2000-ум	Маориф, тандурустӣ, мудофиа
2.	Финляндия	Баъди солҳои 2000-ум	Консессияи роҳ, мактаб ва таҳсилоти олӣ
3.	Фаронса	Баъди солҳои 2000-ум	Консессияи роҳ, консессия барои обтаъминкунӣ
4.	Юнон	Баъди солҳои 2000-ум	Консессияи роҳ, сохтмони роҳҳои оҳан
5.	Ирландия	Баъди солҳои 2000-ум	Нақлиёт, маориф, обтаъминкунӣ, истифодаи партовҳо
6.	Италия	Баъди солҳои 2000-ум	Беморхонаҳо, нақлиёт, истифодаи партовҳо
7.	Ҳолланд	Баъди солҳои 2000-ум	Обтаъминкунӣ, паёми фаврии роҳи оҳан
8.	Португалия	Баъди солҳои 2000-ум	Фурудгоҳҳо, консессияи роҳ
9.	Испания	Баъди солҳои 2000-ум	Консессияи роҳ, консессияҳои минтақавии роҳӣ
10.	Ҷопон	Баъди солҳои 2010-ум	Тандурустӣ, хоҷагии манзилӣ, технологияҳо, нақлиёт дар сатҳи минтақавӣ
11.	Австралия	Баъди солҳои 2000-ум	Роҳҳо, беморхонаҳо, муассисаҳои ислоҳӣ
12	ҶАҶ	Баъди солҳои 2000-ум	Муассисаҳои ислоҳӣ, обтаъминкунӣ, тандурустӣ, маориф

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Бонки иқтисодии хориҷӣ (БИХ) корпоратсияи давлатие мебошад, ки вазифаи асосии он таъсисдиҳии шароитҳо барои рушди иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузориҳо мебошад.

Бо қабули Қонун «Дар бораи бонки рушд» дар соли 2007 самти асосии фаъолияти Бонки иқтисоди хориҷӣ маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ гардид, ки бо ин ё он сабабҳо наметавонанд аз ҳисоби бонкҳои тиҷоратӣ амалӣ карда шаванд. Мувофиқи эъломия дар бораи сиёсати молиявӣ, Бонки иқтисоди хориҷӣ лоиҳаҳоро дар ҳаҷми беш аз 2 млрд рубл ва бо муҳлати қарзи зиёд аз 5 сол маблағгузорӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши таҷрибаи хориҷии давлатҳои пешрафта, рӯ ба тараққӣ ва ҳамсоя имконият медиҳад, ки чунин хулоса намоем [3,с.156-161]:

1. Дар бештари давлатҳои дунё ҳамкориҳои шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ хусусияти соҳавӣ дошта, дар онҳо афзалият ва авлавият ба соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, варзиш) дода мешавад. Сабаби ин гуна ҳамкориҳо дар он аст, ки дар давлатҳои тараққикардаи дунё соҳаҳои инфрасохторӣ аллакай бо ин гуна ҳамкориҳо рӯ ба рӯ шуда, ин зинаи шарикӣ паси сар гардидааст.

2. Дар шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ механимз ва фишангҳои гуногуни иқтисодӣ истифода мегарданд, мантиқи ҳамкориҳо дар он зоҳир мегардад, ки ҳиссаи бахши хусусӣ дар раванди идоракунии объекти интихобгардидаи шарикӣ зиёд гардад. Механизм ва фишангҳои истифодагардида ҳангоми ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба қонуниятҳои иқтисоди бозорӣ, хусусиятҳои ҳамгироии воҳидҳои иқтисодӣ (корхонаҳо, ширкатҳо, корпоратсияҳо ва ғ.) асос меёбад.

3. Барои беҳтар намудани вазъи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар мисоли минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки ба таҷрибаи давлатҳои рӯ ба тараққӣ бо дарназардошти хусусиятҳои табиӣ ва миллӣ назар афканда, соҳаҳо ва бахшҳое ҳамчун объекти шарикии давлат ва бахши хусусӣ интихоб гарданд, ки вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои ҷумҳуриро беҳтар созанд.

4. Омӯзиши таҷрибаи хориҷии давлатҳои омӯхташуда ба беҳтар намудани таҳлили вазъи муосири ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ заминаҳои гуногуни мусоид, аз қабили заминаҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро фароҳам меоранд.

Муқарриз: н.и.и., дотсент Аҳмадов Р.Р.

АДАБИЁТ

1. Аверкиева Е.С. Государственно-частное партнерство как институт стимулирования предпринимательской деятельности // JER. - 2017. -№1. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/gosudarstvenno-chastnoe-partnerstvo-kak-institut-stimulirovaniya-predprinimatelskoy-deyatelnosti (дата обращения: 04.09.2020).
2. Антонова К.А. Государственно-частное партнерство: современные подходы / К.А. Антонова // Экономика и управление. – 2010. -№3. -С.49-51.
3. Бозоров Ш.Ш. Особенности возникновения и развития неформального сектора экономики услуг / Ш.Ш. Бозоров, И.У. Неъматов, А.Х. Хамидов // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе, 2016. -№2\8(215). -С.156-161.
4. Быстров С.А. О перспективах строительства платных автодорог в России / С.А. Быстров // Промышленная политика в России. - 2005. -№12. -С.3-6.
5. Валитов Ш.М. Взаимодействие власти и бизнеса: сущность, новые формы и тенденции, социальная ответственность / Ш.М. Валитов, В.А. Мальгин. -М., 2009. -207 с.
6. Варнавский В.Г. Управление государственно-частным партнерством за рубежом / В.Г. Варнавский // Вопросы государственного и муниципального управления. - 2012. -№2. -С.134-147.
7. Ефимова Л.И. Некоторые модели государственно-частного партнерства: тенденции и зарубежный опыт / Л.И. Ефимова // Материалы семинара «Государственно-частное партнерство: новые тенденции развития транспортной инфраструктуры. -М., 15 апреля 2003. -С.67-70.
8. Зарубежный опыт кластерного развития агропромышленного комплекса / Дж.С. Пириев, М.Р. Курбонов, Н.И. Амиров, Ф.Б. Махмадиев // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. - 2013. -№4(38). -С.59-63.
9. Лебедева Н.А. Управление инвестиционными процессами / Н.А. Лебедева // Проблемы экономики, финансов и управления производством: Сборник научных трудов. –Миваново: ИГХТУ, 2004. -№14. -С.88-95.
10. Ленчук Е.Б. Инвестиционные аспекты инновационного роста: мировой опыт и российские перспективы / Е.Б. Ленчук, Г.А. Власкин. -М., 2009. -288 с.
11. Махмадиев Ф.Б. Зарубежный опыт государственного регулирования фермерской кооперации / Ф.Б. Махмадиев, Мехроби И.Х., З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2017. -№2/6. -С.157-161.
12. Официальный сайт Национального совета по ГЧП США. [Электронный ресурс]. URL: http://ncppp.org (дата обращения: 30.03.2020).
13. Официальный сайт Центра развития ГЧП Франции. [Электронный ресурс]. URL: http://www.cefoppp.org (дата обращения: 30.03.2020).
14. Семенова Е.А. Партнерство государства и бизнеса в интересах инновационного развития в странах ОЭСР / Е.А. Семенова // Аналитические обзоры РИСИ. – 2007. -№4(17). -С.6-9.
15. Сильвестров С.Н. Партнерство государства и частного сектора / С.Н. Сильвестров // Экономика России. XXI век. - 2004. -№18. -С.23-29.
16. Степашин С. Модерниация: Рынок России по плану Путина / С. Степашин // Российская газета. – 2 ноября 2017. -№246(4509). -С.10.

17. Шерингер Л. Новая модель инвестиционного партнерства государства и частного сектора / Л. Шерингер // Российский экономический журнал. – 2004. -№9-10. -С.41-52.
18. Шешукова Т.Г. Методология трансформации финансовой отчетности в условиях перехода на МСФО в нефтегазовом комплексе / Т.Г. Шешукова, С.В. Пономарева // Международный бухгалтерский учет. - 2005. - №11. -С.17-23.

ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ

Дар мақола таҷрибаи ҷаҳонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун шакли ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ, асоси рушди иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ шудааст. Таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ оид ба истифодаи механизми самараноки «шарикии давлат ва бахши хусусӣ», ҷалби бахши хусусӣ ба раванди ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат таҳлил карда шудааст. Таҷрибаи ҷаҳонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар мисоли татбиқи лоиҳаҳои сохтмони инфрасохторӣ дар қитъаи Аврупо, истифодаи моделҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ, аз ҷумла шарикии шартномавӣ, институтсионалӣ ва ғайра ошкор карда шудааст. Ба хусусиятҳои ду модели шарикии давлат ва бахши хусусӣ - Аврупо ва Ҷопон диққати махсус зоҳир гардидааст. Хусусиятҳо ва умумияти давлатҳо дар татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ошкор карда шудаанд. Самтҳои стратегии рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар заминаи стандартҳои арзёбии рейтинги давлатҳо, ташаккул ва фаъолияти институтҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Аврупо, Амрикои Шимолӣ, Амрикои Ҷанубӣ, Африқо, Осиё, ҳамчун инчунин ташкилотҳои байналхалқӣ муайян карда шудаанд.

Таҷрибаи ҷаҳонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар мисоли Британияи Кабир, ИМА, Фаронса, Канада, Россия, Ӯзбекистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар натиҷаи таҳлили амалияи ҷаҳонӣ аз рӯи вазифаҳояшон се гурӯҳи марказҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ тақсим карда шудаанд. Ин марказҳо дар кишварҳои пешрафта бо назардошти сифати ҳамкории онҳо бо Вазорати молия ба ду гурӯҳ тақсим шудаанд. Илова бар ин, таснифи марказҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз рӯи меъёри манбаъҳои маблағгузорӣ пешниҳод карда мешавад. Бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ се давраи ташаккули шарикии давлат ва бахши хусусӣ фарқ карда мешавад.

Калидвожаҳо: давлат, бахши хусусӣ, шарикӣ, таҷрибаи ҷаҳонӣ, сармоягузорӣ, маблағгузорӣ, рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ.

МИРОВАЯ ПРАКТИКА ГОСУДАРСТВЕННО-ЧАСТНОГО ПАРТНЕРСТВА

В статье исследуется мировая практика государственно-частного партнерства как формы взаимодействия государства и бизнеса, основы социально-экономического развития. Анализируется практика высокоразвитых стран по использованию эффективного механизма «государственно-частного партнерства», привлечения частного сектора в процесс достижения целей социально-экономической политики государства. Мировая практика государственно-частного партнёрства раскрывается на примере реализации проектов инфраструктурного строительства на европейском континенте, применения различных моделей государственно-частного партнерства, в частности, контрактного, институционального партнерства и др. Обращается внимание на особенности двух моделей государственно-частного партнерства – европейского и японского. Выявляются особенности и общность государств в реализации механизма «государственно-частного партнерства». Определяются стратегические направления развития государственно-частного партнерства в контексте стандартов оценки рейтинга государств, формирования и функционирования институтов государственно-частного партнерства в Европе, Северной Америке, Южной Америке, Африке, Азии, а также международных организаций.

Мировая практика государственно-частного партнерства исследуется на примере Великобритании, США, Франции, Канады, России, Узбекистана. В результате анализа мировой практики разделяются три группы центров государственно-частного партнерства по их функциям. Указанные центры в развитых странах с учетом качества их взаимодействия с Министерством финансов разделяются на две группы. Помимо того, предлагается классификация центров государственно-частного партнерства по критерию источников финансирования. Различаются три периода формирования государственно-частного партнерства с учетом мировой практики.

Ключевые слова: государство, частный сектор, партнерство, мировая практика, инвестиции, финансирование, социально-экономическое развитие.

AMICABLE AGREEMENT PRACTICE STATE-QUOTIENT PARTNERSHIP

Amicable agreement practice state-quotient partnership is researched In article as the forms of the interaction state and business, bases social-economic development. It Is analysed practice developed countries on use the efficient mechanism "state-quotient partnership", attraction quotient sector in process of the achievement integer social-economic politicians state. The amicable agreement practice state-quotient partnership opens on example of the realization project construction social object on european continent, using the different models state-quotient partnership, in particular, contract, institute partnership and others Addresses attention on particularities two models state-quotient partnership - european and japanese. The particularities and generality state are revealled in realization of the mechanism "state-quotient partnership". The strategic directions of the development state-quotient partnership are defined in context standard estimations of the rating state, shaping and operation institute state-quotient partnership in Europe, North America, South America, Africa, Asia, as well as international organization.

The amicable agreement practice state-quotient partnership is researched on example of the Great Britain, USA, France, Canada, Russia, Uzbekistan. Three groups centre state-quotient partnership divide as a result of analysis world practical persons upon their function. The specified centres in developed country with provision for quality of their interaction with Ministry of finance divide on two groups. Aside from that, is offered categorization centre state-quotient

partnership on criterion of the sources of the financing. Differ three periods of the shaping state-quotient partnership with provision for world practical persons.

Keywords: state, private sector, partnership, amicable agreement practice, investments, financing, social-economic developments.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарофова Чаманоро Рустамовна*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи менеҷмент. **Суроға**:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 918-52-87-85.** E-mail: **chamanoro.sotivoldieva.89@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Шарофова Чаманоро Рустамовна*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры менеджмента. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон**: (+992) 918-52-87-85.** E-mail: **chamanoro.sotivoldieva.89@mail.ru.**

Information about the authors: ***Sharofova Chamanoro Rustamovna*** - Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Department of Management. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **(+992) 918-52-87-85.** E-mail: **chamanoro.sotivoldieva.89@mail.ru**

УДК: 330.322 (575.3)

РОҲҲОИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНӢ ВА ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сафоев А.К.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Фаъолияти сармоягузории давлатӣ қисми ҷудонашавандаи рушди ҳар як давлат мебошад. Танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ қисми фаъолияти сармоягузории давлатӣ мебошад. Дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ дар ду сатҳ: ҳуқуқӣ-миллӣ ва ҳуқуқӣ-байналмилалӣ сурат мегирад. Танзими ҳуқуқӣ-миллӣ бо роҳи ба вуҷуд овардани қонунгузории махсуси ҳуқуқи сармоягузорӣ дар дохили давлат ва танзими ҳуқуқӣ-байналмилалӣ бо роҳи ба вуҷуд овардани шартномаҳо ва созишномаҳои бисёртарафа, ки характери умумидавлатӣ доранд, сурат мегирад. Ғайр аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти сармоягузории ҷанбаҳои миллӣ ва байналмилалӣ, узви бисёр ташкилотҳои дигари байналмилалӣ мебошад.

Логинов Е.Л. ва Логинов А.Е. дар таҳқиқотҳои худ қайд менамоянд, ки «муайян намудани сармоягузории фаъолияти иқтисодӣ шарти муҳимтарини гузаштани иқтисодиёт ба принсипҳои рушди устувор мегардад. Мақсадҳои иқтисодиро дар давраи раҳоӣ аз буҳрон ва рушди баъдибуҳронӣ танҳо тавассути такмили идоракунии равандҳои сармоягузорӣ ҳамчун асос барои татбиқи дигаргуниҳои сохторӣ дар комплекси саноатӣ ба даст овардан мумкин аст» [5,с.32].

Илова бар ин, бояд қайд кард, ки ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло аҳамияти хосса пайдо кардааст, зеро сатҳи ҷамъшавии сармояи дохилӣ талаботи захираҳои сармоягузориро барои беҳбуди бахши воқеӣ ва таҷдиди сохтори иқтисодиёти кишвар қонеъ намекунад. Барои такмил додани сиёсати давлатии ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар минтақаҳои мамлакат, пеш аз ҳама, таъсиси корхонаҳои муштарак метавонад нақши муҳим бозад. Таъсиси корхонаҳои муштарак, пеш аз ҳама, ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва сармоягузории хусусии миллӣ нигаронида шудааст. Афзоиши оқилонаи шумораи корхонаҳои муштарак метавонад ҳам неруи пешбарандаи иқтисодиёти кишвар, фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассуснокӣ, рушди якхелаи минтақаҳои кишвар ва ғайра бошад.

Полянский А. ва Соловев М. дар таҳқиқотҳои худ қайд менамоянд, ки «имрӯзҳо дар таҳқиқотҳои иқтисодӣ мафҳуми «механизми молиявӣ», «механизми идоракунӣ», «механизми иқтисодӣ», «механизми рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ» ва ғайра васеъ истифода мешавад. Дар адабиёти махсуси солҳои охир механизми иқтисодӣ ҳамчун механизми бозорӣ ба назар гирифта шудааст, ки худтанзимкунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро бо вазифаҳои танзими давлат пайваст мекунад» [8,с.17].

Дар равияи иқтисодӣ мафҳуми механизм аз техника, ҳангоми зарурати тавсифи равандҳои иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ дар таъсири мутақобилаи онҳо ба миён омадааст. Дар ин таҳлил мо на танҳо механизми техникӣ, балки механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавиро баррасӣ хоҳем кард. Механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар муҳим мегардад. Зеро баъди ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири манфии давраи ҷанги шаҳрвандӣ ба иқтисодиёт, минтақаҳои ҷумҳурӣ нобаробар рушд мекунанд. Дар баробари ин, механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ як звенои муҳимми идоракунӣ мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши ин мавзуъ муҳим мебошад.

Айни замон дар адабиёт тафсири ягонаи моҳият ва мафҳуми механизми идоракунӣ мавҷуд нест, ки ин ташаккул додани заминаи илмии назарияи идоракуниро мушкил мекунад. Аз нуқтаи назари назариявӣ, механизми идоракунӣ аз ҷониби муаллифони гуногун чунин шарҳ дода шудааст:

- «механизми идоракунӣ ин ташкили таъсирот мебошад, ки ба ноил шудан ба мақсад нигаронида шудааст» [10,с.13];

- амали субъектҳои идоракунӣ: «...механизми идоракунӣ ин маҷмуи амалҳои мақсадноки роҳбар ва дастгоҳи идоракунӣ барои ҳамоҳангсозии фаъолияти муштараки одамон барои расидан ба мақсадҳо мебошад» [11,с.9];

- «...механизми идоракунӣ гуногунии робитаҳои субъекту объекти идоракуниро тавсиф менамояд» [12,с.15];

- «...механизми идоракунӣ ин маҷмуи амалҳо ва усулҳои таъсиррасонӣ ба фаъолияти одамон бо мақсади ҳавасмандгардонии онҳо барои расидан ба мақсадҳои ташкилӣ мебошад» [13,с.22].

Шедровитский П.Г. қайд менамояд, ки «фикру мулоҳизаҳои гуногун дар бораи моҳияти механизми идоракунӣ асосан ба соҳаи иҷтимоӣ нигаронида шудаанд. Пеш аз ҳама, механизми идоракунӣ бояд ба субъектҳои хоҷагидории инноватсионӣ, ки ҳамчун маҷмуи принсипҳо, усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои таъсири идоракуни муайян мегарданд, нигаронида шавад» [13,с.22]. Механизм дар сатҳи минтақавӣ ва давлатӣ бояд ба идоракунии равандҳои инноватсионӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти минтақаҳои кишвар равона карда шавад.

Баҳодиҳии самаранокии механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ, асосан, дар лоиҳаҳои инноватсионии сармоягузорӣ сурат мегирад.

Ҳангоми баҳодиҳии ҷузъи инноватсионӣ-сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, ба таври возеҳ фарқ кардани самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, минтақавӣ ва хароҷоти он то лаҳзаи ба даст овардани боздеҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ муҳим аст.

Ислоҳоти куллии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар даҳсолаи охир сурат гирифт, воқеан асоснок кардани нақш ва мавқеи сиёсати сармоягузориро дар сохтори механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ тақозо мекунад. Дарки аҳамияти таҳияи сиёсати аз ҷиҳати илмӣ асосноки сармоягузорӣ дар илми иқтисодӣ инъикос ёфта, дар фаъолияти амалии сохторҳои қудратии кишвар ва минтақаҳои он ба инобат гирифта мешавад. Дар рафти кор карда баромадан ва амалӣ гардондани сиёсати иқтисодӣ дар ин роҳ тадбирҳои муайян меандешанд, вале ин кор ҳанӯз аз анҷомёбӣ дур аст. Ба самтҳои камтарини коркарди илми иқтисодӣ, интихоби модели танзими бозорӣ, ки ба ташаккули давлати иҷтимоӣ мусоидат мекунад, муайян намудани нақш ва мақоми сиёсати сармоягузорӣ дар ин модел, пешниҳоди мунтазами тадбирҳо оид ба такмили раванди сармоягузорӣ дохил мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати мавҷуд набудани ҷалби нокифояи сармоягузорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ нишондиҳандаи ин арзиш афзоиши такрористеҳсолкуниро таъмин намекунад ва боиси камсармоягузории музмини соҳаҳои иқтисодиёт мегардад. Ин мақсаднокӣ ва зарурати ҷалби сармоягузориҳои миллӣ ва хориҷиро таъкид мекунад.

Ба андешаи мо, шарти муҳимтарини рушди иқтисодии кишвар ин пурзӯр намудани фаъолияти сармоягузории минтақавӣ, субъектҳои соҳибкорӣ ва давлат мебошад. Сабабҳои пурзӯр намудани фаъолияти сармоягузорӣ дар мамлакат дар умум, дар навбати аввал, бо тағйироти ғайриоқилона дар сохтори соҳавии фондҳои асосӣ, дуюм, бо фарсуда шудани фондҳои асосӣ шарҳ дода мешаванд.

Дар шароити муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути навсозӣ ва таҳкими соҳаи саноат роҳи худро ба сатҳи нави рушди минтақавӣ мекушояд. Аммо рушди сусти механизмҳои бозорӣ имкон намедиҳад, ки бахши воқеӣ иқтидори назарраси захираҳои пасандозии дар кишвар барои эҳтиёҷоти сармоягузории минтақавӣ тавлидшударо самаранок азхуд кунад. То ин дам тақрибан манбаъҳои барқароршавандаи афзоиши истеҳсолот амалан тамом шудаанд.

Сарфи назар аз хароҷоти буҷети давлатӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар, энергетика ҳамчун як соҳаи афзалиятнок барои сармоягузорони дохилӣ ва беруна боқӣ мемонад.

Ғайр аз ин, ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика дар минтақаҳо, ҳукумати ҷумҳурӣ қариб ба ҳамаи шарту шароити пешниҳоднамудаи сармоягузорон розӣ мешавад, зеро соҳаи энергетика яке аз вазифаҳои асосии стратегии мамлакат ба ҳисоб меравад. Соҳаи дигари иқтисодиёт аз нигоҳи талабот пас аз бахши энергетика ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ин соҳаи нақлиёт мебошад. Дар баробари ин, аллакай як қатор минтақаҳои кишвар таъсири мусбии татбиқи чунин

лоиҳаҳоро арзёбӣ кардаанд, яъне, дар бисёр минтақаҳо лоиҳаҳои сармоягузории самти нақлиёт татбиқ карда мешаванд.

Мо чунин мешуморем, ки натиҷаҳои таҳқиқот дар соҳаҳои энергетика ва нақлиёт бо набудани иттилооти мукаммал оид ба механизмҳои имконпазири татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва шумораи ками сармоягузороне, ки хусусиятҳои идоракунии инфрасохтори иҷтимоиро дарк мекунанд, шарҳ дода мешавад.

Азбаски инфрасохтори иҷтимоӣ камдаромад ва аз ҷиҳати маънавӣ куҳна шудааст, маълум аст, ки бе нигоҳдории инфрасохтор кор кардан ғайриимкон аст, аммо ин мушкилоти рушди минтақаҳои кишварро ҳал намекунад. Ин аст, ки маблағҳои асосии сармоягузории давлатӣ ба бунёди иншооти нави инфрасохторӣ, аз ҷумла ба соҳаҳои энергетика ва нақлиёт дар навбати аввал барои беҳтар намудани шароити инфрасохтори иҷтимоӣ равона карда шудаанд.

Дар иҷрои ин вазифаҳо идораи давлатии объектҳои сармоягузорӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷет кифоя нест. Давлат эҳтиёҷоти бештар дорад ва роҳҳои ҷалби манбаъҳои маблағгузории ғайрибуҷавиро ҷустуҷӯ мекунад.

Намунаи идоракунии муштараки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Барномаи давлатии сармоягузорӣ барои давраи муайян мебошад. Дар доираи Барномаи давлатии сармоягузорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ як қатор лоиҳаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддати сармоягузорӣ амалӣ мешаванд. Барномаи давлатии сармоягузорӣ кафолати давлат барои лоиҳаҳои сармоягузории амалкунанда мегардад ва илова бар ин, барои сармоягузорони ватанӣ, хусусӣ ва хориҷӣ ҷолиб аст. Ҳамин тариқ, самти асосии сиёсати саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузории ҳам минтақавӣ ва ҳам ҷумҳуриявӣ дар бахшҳои анъанавии ба содирот нигаронидашудаи иқтисодиёт хоҳад буд.

Албатта, бо саноатикунонии босуръати иқтисодиёт хусусиятҳои тараққиёти иқтисодиёт азнавсозии миқёсан васеи соҳаҳои саноат ва соҳаҳои хоҷагии халқро талаб мекунанд. Тавре олими ватани Уроқов Д. дар таҳқиқотҳои худ қайд менамояд «...барои он сармоягузороне, ки сарфи назар аз хавфи зиёд ба саноат маблағгузорӣ мекунанд, андоз ва дигар имтиёзҳо дода шаванд, ки на барои натиҷаҳои фаъолияти сармоягузорӣ, балки барои раванди гузоштани сармоя пешбини карда шудаанд, ки имконияти кам гардидани хавфи сармоягузорро ба вуҷуд меоварад» [8,с.23]. Вобаста ба ин, вазифаҳои ҳамоҳангсозии равандҳои сармоягузории минтақавӣ ба миён меоянд, ки онҳоро қувваҳои шароити муосири бозор ҳал карда наметавонанд.

Дар ин раванд аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 22% расонида шавад. «Барои расидан ба ин мақсад бояд амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дода, самаранокӣ ва сифати онҳо таъмин карда шавад» [6].

Ин, пеш аз ҳама, зарурати дастгирии мақсадноки давлатиро ба иқтисодиёт дар асоси тараққиёти бахши бе ашёи хоми иқтисодиёт ба миён мегузорад. Аз ин рӯ, дар шароити кунунии рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бидуни таъмини такмили механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ, ташаккули асосҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии фаъолияти сармоягузории минтақавӣ, афзалиятҳои сиёсати сармоягузории миллӣ, рушди босамари фаъолияти сармоягузории минтақаҳо имконнопазир аст.

Мушкилоти такмили механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ва таъмини самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа бо ҳолатҳои зерин ба миён меоянд:

- такмили механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ҳамчун омили муайянкунандаи таҷдиди сохтори иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самаранокии истифодаи онҳо дар сатҳи фаъолияти сармоягузории минтақавӣ;

-тағйир додани шароити давлатии пешбурди фаъолияти хоҷагидории сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳаи қарзию молиявии иқтисодиёт боиси самти самараноки механизми идоракунии равандҳои сармоягузории минтақавӣ мегардад;

-дар шароити иқтисодиёти давраи гузариш ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузории минтақавиро тавассути таъсири давлатии манфиатҳои иқтисодиёти миллӣ ба захираҳои сармоягузорӣ мушаххас кардан лозим аст.

Механизми танзими давлатии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ дар шакли умумӣ дар асоси мақсадҳои таҳқиқот бояд ҳамчун як низоми мураккаби бисёрсатҳа, ки маҷмуи шумораи кофии ҷузъҳои он аз нуқтаи назари итмомшавӣ иборат аст, баррасӣ карда шавад. Тавассути маҷмуи усулу восита, шакл, алоқа ва муносибатҳои мушаххас барои таъсир расонидан ба равандҳои сармоягузорие, ки дар фазои иқтисодии ҷумҳурӣ ба амал меоянд, мувофиқи мақсадҳои гузошташуда пешбинӣ шудааст.

Танзими давлатии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ бояд тавассути амалҳои гуногуне, ки дар ягонагӣ ташкил карда шудаанд, сурат гирад. Яъне, механизме, ки барои ҳалли масъалаи чӣ хел ва чӣ гуна бояд равандҳои сармоягузорӣ дар ҳолати сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ танзим карда шавад, чӣ тавр ин равандҳо ба самте, ки ба талаботу эҳтиёҷоти аҳолии кишвар мувофиқ бошад, равона карда шудааст. Механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ бояд нишон диҳад, ки равандҳои сармоягузорӣ чӣ гуна ва бо кадом роҳ бояд идора карда шаванд ва ба талаботу эҳтиёҷоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намоянд.

Дар расми зерин, механизми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ дар доираи БДС дар минтақаҳои кишвар тавассути самти татбиқ, институтҳои татбиқ ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ амалӣ мегардад.

Ба сифати пайвастшавӣ миёни самт ва сарчашмаҳои маблаггузорӣ чунин институтҳо ба монандӣ шурои машваратӣ оид ба беҳтарсозии иқлими сармоягузорӣ, институтҳои марказии идоракунанда, институтҳои маҳаллии минтақавии идоракунанда, марказҳои минтақавии идоракунандаи лоиҳаҳо, агентҳои хоҷагидории татбиққунандаи лоиҳаҳои минтақавӣ баромад мекунанд.

Аммо, ба сифати самти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ чунин самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ ба монандӣ - гидроэнергетика, саноати кӯҳӣ, ташкили хизматрасониҳои логистикӣ, саноати сабук, кишоварзӣ, бахши иҷтимоӣ ва дигар бахшҳои ҷалбкунандаи сармоя баромад мекунанд.

Аз ин рӯ, ин самти лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз ҳисоби чунин манбаҳои ҷалби сармоягузорӣ ба монанди шарикии давлат ва бахши хусусӣ ё қарзҳои имтиёзнок, корхонаҳои муштарак, грантҳо, сармоягузории мустақим ба фондҳои асосӣ тавассути буҷети минтақавӣ амалӣ карда мешаванд. Институтҳо пайвандгари байни татбиқи самт ва сарчашмаҳои механизми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ дар минтақа мебошанд. Ба сифати институти амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ **Шурои машваратии минтақавӣ оид ба рушди соҳибкорӣ,** институтҳои минтақавии идоракунанда, институтҳои зерминтақавии идоракунанда ва агентҳои хоҷагидории татбиққунандаи лоиҳа ба ҳисоб мераванд.

Тоҷикистон бояд механизми дусатҳаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавиро нигоҳ дорад, ки иерархияи ҳадафҳои рушди сармоягузорӣ ва дастгирии сармоягузориро барои минтақаҳо муттаҳид мекунад. Сармоягузории калонҳаҷм дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ бояд ба таъмини захираҳои минтақа равона карда шавад, ки ин ба беҳтар шудани бартариҳои эҳтимолии иқтисоди кишвар, таъмини шароити баланди зиндагӣ, меҳнати аҳолӣ ва истеҳсоли маҳсулоти нав мусоидат мекунад. Самаранокии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории минтақавӣ на танҳо аз ҳаҷми умумии сармоягузорӣ, балки аз он вобаста аст, ки ҷараёни сармоягузорӣ ба кадом бахшҳои иқтисодиёт равона карда мешавад.

Ин имкон медиҳад, ки низоми ягонаи меъёрҳо ҳангоми баҳодиҳӣ ва интихоби беҳтарин варианти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ дар сатҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ ба дастгирии сармоягузории минтақаҳои камрушд равона карда шавад, ки ин дар навбати худ на танҳо нобаробарии иқтисодиро миёни минтақаҳои мамлакат коҳиш медиҳад, балки бо роҳи самаранок истифода бурдани иқтидори иқтисодиёти минтақа тараққиёти хоҷагии халқро таъмин менамояд.

Дар асоси ҳадафҳои тадқиқоти мазкур, механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ, механизми ягонаест, ки бояд ба равандҳои сармоягузорӣ мувофиқи ҳадафҳои додашуда таъсир расонад.

Расми 1. Механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ
Figure 1. Mechanism for managing regional investment projects



Сарчашма: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Барои такмил додани механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат бояд на танҳо шароити қобили қабули сармоягузорӣ фароҳам оварад, балки сиёсати ташкили ҷойҳои нави корӣ низ амалӣ намояд, зеро шумораи коргарони бо кор таъминшуда бештар аз шаклҳои ташкилии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ вобаста аст.

Механизми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи давлатии сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун зарурияти объективӣ ба назар мерасад. Проблемаҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи имрӯза, ҳамчунин дар давраи ташаккули муносибатҳои бозорӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Ин барои сиёсати давлатии сармоягузорӣ замина фароҳам меорад, ки самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавиро нишон медиҳад. Сиёсати сармоягузории давлатӣ новобаста аз андоза, мансубияти бахш, шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва дигар хусусиятҳо барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ аҳамияти махсус ва ҳалкунанда дорад.

Ҳангоми мушаххас кардани мафҳум ва мазмуни иқтисодии сиёсати сармоягузории давлатӣ бояд ба он таваҷҷуҳ зоҳир намуд, ки ин мафҳумҳо бояд ба ҳадафҳои сармоягузорон, роҳҳои ноил шудан ба онҳо ва афзалиятҳоро дар таносуби даромаднокӣ, номуайянӣ ва хавф мувофиқ бошанд.

Самаранокии сармоягузориҳои давлатии дорои аҳамияти минтақавӣ бояд дар миқёси мамлакат ба назар гирифта шавад, зеро он ба бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва рушди устувори иқтисодии кишвар тамаркуз мекунад.

Сиёсати мукаммали сармоягузории минтақавӣ бояд самтро ба рушди иқтисодии ҷомеа, аз ҷумла тамоюли пешрафти илмию техникӣ ва азнавсозии истеҳсолоти саноатӣ бо таъминоти инфрасохтории шуғли аҳолӣ, ки бешубҳа, метавонад омили муътадил гардондани ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодӣ гардад, муттаҳид созад.

Ҳамин тариқ, механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ роҳи татбиқи барномаҳои стратегии рушди иқтисоди миллии мамлакат дар асоси ҷалби сармояи воқеӣ ба бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёти минтақа ва ташаккули робитаҳои уфуқӣ ва амудии идоракунии байни институтҳои миллии идоракунанда, институтҳои намояндагии захираҳои молиявӣ ва субъектҳои сатҳи минтақавии идоракунӣ мебошад.

Ба иқидаи мо, ба вазифаҳои мукаммалгардонии механизми идоракунӣ ва воситаҳои татбиқӣ лоиҳаҳои сармоягузории минтақавии таъминкунандаи самаранокии истифодаи сармояҳои давлатӣ ва минтақавӣ инҳоро шомил намудан мумкин аст:

- пешниҳоди грантҳо барои маблағгузории лоиҳаҳои интилекти сунъӣ ва ҷорисозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба истеҳсоли маҳсулот;
- таъмини амалисозии вазифаҳои стратегии давлатӣ;
- ҷойгиркунии фармоиши давлатӣ барои хариди маҳсулоте, ки дар натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба вуҷуд меояд;
- ҳавасмандгардони соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ тавассути татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ;
- таъмини баробарии рушди соҳаҳои саноат ва истеҳсоли содиротӣ;
- ташаккули заминаҳои ташкилию ҳуқуқии паст кардани хавфҳои сармоягузорӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии сармоягузории мустақим аз ҷониби сармоягузоронии дохилӣ ва хориҷӣ.

Таҳқиқот нишон дод, ки аҳамият ва мавқеи лоиҳаи сармоягузории минтақавӣ дар низоми сиёсати давлатии минтақавии ҷалби сармоягузорӣ бо мақсади паст кардани сатҳи рушди нобаробари фазоии минтақаҳо бо нишон додани афзалиятҳои соҳавӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ муайян карда мешавад.

Барои ҳалли ин масъалаҳо дар сатҳи минтақа зарур аст, ки **Шурои машваратии минтақавӣ оид ба рушди соҳибкорӣ** ҳамчун ниҳоди асосии ҳамоҳангсозӣ дар механизми идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо таъсис дода шавад. Сухан оиди он меравад, ки таҷрибаи Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ нишон медиҳад, ки муколамаи бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ метавонад василаи муассир барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бошад, вале чунин ниҳод бояд на танҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ, балки дар сатҳи минтақаҳо низ фаъолият кунад.

Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДБССТ - Алишоев Х.Ҳ.

АДАБИЁТ

1. Акрамов Ш. Привлечение зарубежных инвестиций для развития сельского хозяйства / Ш. Акрамов, Ф.Б. Махмадиев, З.М. Чабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2014. -№2/8(149). -С.273-276.
2. Бобоев Ш.К. Основные направления лизинга сельскохозяйственной техники / Ш.К. Бобоев, Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова // Кишоварз. - 2014. -№4. -С.44-45.

3. Кандиёрова Д.О. Государственное регулирование инвестиционных процессов в Республике Таджикистан: от теории к практике / Д.О. Кандиёрова // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). - 2016. -№3(54). -С.75-79.
4. Катаев А.Х. Инвестиционная привлекательность освоения минеральносырьевых ресурсов Республики Таджикистан / А.Х. Катаев, М.Н. Тошматов, К.Р. Раджабов // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). - 2011. -№5(35). -С.50-61.
5. Логинов Е.Л. Глобальный кризис как новый формат борьбы за мировое экономическое лидерство / Е.Л. Логинов, А.Е. Логинов. -М.: Финансы и кредит, 2010. -№18. -С.32-41.
6. Мирсаидов А.Б. Совершенствование механизма привлечения иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан / А.Б. Мирсаидов, Б.С. Музаффаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2015. -№2/3(165). -С.279-284.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. шаҳри Душанбе. 26.12.2018. [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/19088
8. Полянский А. Систематизация механизмов государственного регулирования на рынках недвижимости / А. Полянский, М. Соловьев // Недвижимость и инвестиции. -М.: Правовое регулирование, 2001. -№4(9). -С.17.
9. Ураков Д. Основные направления эффективности использования инвестиционных ресурсов в промышленности / Д. Ураков // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. -Душанбе: Сино, 2012. -№2/8. -С.23-28.
10. Швандар В.А. Инновационный менеджмент / В.А. Швандар, В.Я. Горфинкель. -2-е изд. -М.: Вузовский учебник, 2008. -13 с.
11. Шохина Е. Назад в СССР / Е. Шохина. -М.: Эксперт, 2007. -№39. -9 с.
12. Шукшунов В.Е. Технопарки и инкубаторы бизнеса. Методическое руководство по созданию и управлению / В.Е. Шукшунов, А.А. Сенин. -М.: Ассоциация - Технопарк, 1998. -15 с.
13. Щедровицкий П.Г. Технологии регионального планирования: от индустриальной к инновационной модели / П.Г. Щедровицкий. -М.: Компас промышленной реструктуризации, 2003. -№5(6). -22 с.

РОҲҲОИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНӢ ВА ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур роҳҳои такмили механизми идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аҳамият ва нақши давлат дар лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ аз маҷмуи омилҳо муайян карда мешавад, ки дар байни онҳо дараҷаи инкишофи муносибатҳои бозорӣ ва вазъи иқтисодӣ айни замон муҳимтарин мебошанд. Захираҳои сармоягузорӣ манбаи асосии рушди иқтисодиётро ишғол намуда, суръати афзоиши иқтисодиро таъмин мекунанд. Механизми идоракунии муштараки лоиҳаи сармоягузорӣ барои ташкили фазои ягонаи иттилоотии лоиҳаи сармоягузорӣ замина ташкил медиҳад, ки он имкон медиҳад пурра баҳодиҳӣ ва қабули қарорҳои оперативӣ гузаронида шавад.

Танзими давлатии сармоягузорӣ барои таъмини ҳадди аксари самаранокии сармоягузорӣ равона карда шудааст. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ усулҳои мустақим ва ғайримустақими танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ, инчунин, воситаҳои маъмурӣ ва иқтисодии танзими мазкур ҷудо карда мешаванд. Ба чунин воситаҳо бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ, иҷозатномадиҳӣ, муқаррар намудани квотаҳои содиротию воридотӣ, идоракунии корхонаҳои давлатӣ ва моликияти давлатӣ, расмиёти маъмурӣ ва ғайра дохил мешаванд. Таъсири мустақими иқтисодӣ аз сармоягузорӣ дар ҳудудҳои муайян, соҳаҳо, корхонаҳое иборат аст, ки аз рӯи хусусияти фаъолияти худ ба рақобати шадидӣ бозор тоб оварда наметавонанд. Масалан, дар бахшҳои дунисталабии иқтисодӣ хатари сармоягузории зиёд вуҷуд дорад, раванди сармоягузорӣ дар фосилаи фосилавӣ сурат мегирад, дар ҳоле ки лоиҳаҳо дарозмуддат ва гаронбаҳо ҳисобида мешаванд.

Калидвожаҳо: сармоя, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, сиёсати давлатии сармоягузорӣ, танзими давлатӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, сармоягузорӣ дар саноат.

ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ МЕХАНИЗМА УПРАВЛЕНИЯ И РЕАЛИЗАЦИИ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматриваются пути совершенствования механизма управления и реализации инвестиционных проектов в Республике Таджикистан. Значение и роль государства в региональных инвестиционных проектах определяется набором факторов, среди которых важнейшими являются степень развития рыночных отношений и экономическая ситуация на данный момент. Инвестиционные ресурсы занимают позиции ведущего источника развития экономики, обеспечения темпов экономического роста. Механизм совместного управления инвестиционным проектом составляет основу организации единого информационного пространства инвестиционного проекта, который дает возможность полностью оценить и принимать оперативные решения.

Государственное регулирование инвестирования направлено на обеспечение максимальной эффективности инвестиционных вложений. В условиях рыночных отношений выделяют прямые и косвенные методы государственного регулирования инвестиционной деятельности, а также административные и экономические средства данного регулирования. К таким средствам можно отнести: государственную регистрацию субъектов предпринимательской деятельности, лицензирование, установление квот на экспорт и импорт, управление государственными предприятиями и государственной собственностью, распорядительные процедуры и др. Прямое экономическое воздействие заключается в инвестировании в отдельные территории, отрасли, предприятия,

которые по роду своей деятельности не могут выдержать жесткую конкуренцию рынка. Например, в наукоемких отраслях экономики велик риск вложения инвестиций, инвестиционный процесс протекает с интервалами, при этом проекты считаются долгосрочными и дорогостоящими.

Ключевые слова: инвестиция, инвестиционный проект, государственная инвестиционная политика, государственное регулирование, инвестиционная деятельность, инвестиции в промышленности.

WAYS TO IMPROVE THE MECHANISM FOR MANAGING AND IMPLEMENTING INVESTMENT PROJECTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article discusses ways to improve the mechanism for managing and implementing investment projects in the Republic of Tajikistan. The significance and role of the state in regional investment projects is determined by a set of factors, among which the most important are the degree of development of market relations and the economic situation at the moment. Investment resources occupy the positions of the leading source of economic development, ensuring economic growth rates. The mechanism of joint management of an investment project forms the basis for organizing a single information space of an investment project, which makes it possible to fully evaluate and make operational decisions.

State regulation of investment is aimed at ensuring maximum efficiency of investment investments. In the conditions of market relations, direct and indirect methods of state regulation of investment activity, as well as administrative and economic means of this regulation, are singled out. Such means include state registration of business entities, licensing, setting export and import quotas, management of state enterprises and state property, administrative procedures, etc. The direct economic impact consists in investing in certain territories, industries, enterprises that, by the nature of their activities, cannot withstand fierce market competition. For example, in knowledge-intensive sectors of the economy, there is a high risk of investing, the investment process proceeds at intervals, while projects are considered long-term and expensive.

Keywords: investment, investment project, state investment policy, state regulation, investment activity, investments in industry.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафоев Абдумаҷид Каримович*** **–** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ. **Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. E-mail: **Safoev@list.ru.** Телефон: **(+992) 907-73-32-47**

Сведение об авторе: ***Сафоев Абдумаджид Каримович*** – Международний университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад 48/5. E-mail: **Safoev@list.ru.** Телефон: **(+992) 907-73-32-47**

Information about the author: ***Safoev Abdumajid Karimovich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad avenue 48/5. E-mail: **Safoev@list.ru**. Phone: **(+992) 907-73-32-47**

УДК 331.5

ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ БОЗОРИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ

Абдуллоев А.Х.
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ қисми таркибии сиёсати давлатии иҷтимоию иқтисодии ба рушди устувори кишоварзӣ ва деҳот нигаронидашуда мебошад.

Ҳадафҳои асосии он иборатанд аз: баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии дар бозори маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзию озуқворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини сифати маҳсулоти озуқаворию хӯроквории кишвар Тоҷикистон; таъмини рушди устувори деҳот, шуғли аҳолии деҳот, баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо, аз ҷумла музди меҳнати коргарони соҳаи кишоварзӣ; ҳифз ва такрористеҳсолии захираҳои табиӣ, ки барои эҳтиёҷоти истеҳсолоти кишоварзӣ истифода мешаванд; ташаккули бозори самарабахши коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ, ташаккули бозори маҳсулоти озуқаворӣ, самарабахшии коркарди маҳсулоти кишоварзии озуқворӣ, ашёи хом ва маҳсулоти озуқаворӣ.

Мушкилоти таъмини устувории бозори маҳсулоти озуқаворӣ дар адабиёти иқтисодӣ ба таври бояду шояд баррасӣ нашудааст ва тафсири умумии эътирофшудаи мафҳуми «таъмини устувории бозори маҳсулоти озуқаворӣ» таъмин аз нуқтаи назари татбиқи онҳо дар шароити мушаххас, яъне дар сатҳи системаҳои минтақавӣ мебошад.

Ҳолати кунунии низоми маҳсулоти озуқаворӣ ва маҷмааи иқтисодӣ, ки фаъолияти онро таъмин мекунад, бо назардошти тамоюлҳое, ки дар он як кишвари дорои иқтидори кофии захиравӣ (табиӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, моддӣ ва техникӣ) зоҳир мешавад, муҳим аст. Дар шароити иқтисоди бозорӣ қонеъ кардани талаботи бозори маҳсулоти озуқаворӣ ва аҳолӣ ба маҳсулоти хӯроквории истеҳсоли ватанӣ дар сатҳи истеъмоли зарурӣ, шароит барои рафтори самарабахши субъектҳои соҳибкорӣ; истеҳсоли маҳсулоти босифат ва рақобатпазир ва рушди иҷтимоию иқтисодии сохтори аграрӣ дар иқтисод масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад.

Ҷадвали 1. Омилҳои институтсионалии таъсир ба системаи таъминоти озуқаворӣ
Table 1. Institutional conditions affecting the food supply system

Омилҳои беруна	Омилҳои дохилӣ
Макроиқтисодӣ:	Микроиқтисодӣ:
а) сатҳи таъсири давлат ба равандҳои таъминоти кишоварзии кишвар рушди неруҳои истеҳсолкунанда дар маҷмуи агросаноатӣ	а) ҳолати системаи идоракунии корхона (мувофиқати сохтори ташкилии истеҳсолот ба параметрҳои таъсири идоракунӣ)
б) сатҳи тайёрии касбии кадрҳои истеҳсолӣ	б) ҳолати системаи ташкилии идоракунии равандҳои таъминоти кишоварзӣ; кормандони функсионалии системаи назорат
в) сатҳи рушди шаклҳои муосири нақлиёт	в) системаи шаклҳои танзими равандҳои таъминоти кишоварзии кишвар; амалҳо оид ба параметрҳои истеҳсолӣ - иқтисодии корхона
г) вазъи системаи такмили сохтории комплекси агросаноатии мамлакат	г) идоракунии рушди стратегии корхона

Омӯзиши мушкилоти ин соҳа тақсими маҳз ҳамин ҷанбаҳоро дар бар мегирад, зеро онҳо маҷмуи тамоми масъалаҳои мушкилро оид ба ташаккули сохтори самарабахши иқтисодии комплекси агросаноатии кишвар ва фароҳам овардани шароит барои рафтори таъмини устувории бозори маҳсулоти озуқаворӣ ва субъектҳои хоҷагидории ба он дохилшаванда ҳадаф қарор додаанд. Қайд кардан муҳим аст, ки устуворӣ, тавре ки дар таъмини устувории бозори маҳсулоти озуқаворӣ истифода мешавад, дорои хусусиятҳое

мебошад, ки бо шароити мушаххаси истеҳсоли захираҳои озуқаворӣ алоқаманданд, ки маҳсули ниҳоии фаъолияти тамоми системаи иқтисодӣ дар доираи ҳамкории агросаноатии унсурҳои он ва бозори маҳсулоти озуқаворӣ арзёбӣ карда мешаванд.

Айни замон, ҳалли ин мушкилот, пеш аз ҳама, ба тақсимоти омилҳои таъсири беруна ва дохилӣ алоқаманд аст.

Тафсилоти шароити таъсир тақсимоти шароитро барои фаъолияти муътадили таъмини устувории бозори маҳсулоти озуқаворӣ, ки заминаи ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии фаъолияти тамоми низом ва субъектҳои хоҷагии онро ташкил медиҳанд, пешакӣ муайян кардааст.

Ҷадвали 2. Шароити устувории низомҳои таъминоти ғизо
Table 2. Conditions for sustainability of food supply systems

Шароит барои фаъолияти устувор.	
Берунӣ	Дохилӣ (корпоративӣ)
а) институтсионалӣ (ҳуқуқӣ, сиёсӣ)	а) технологӣ
б) табиӣ (иқлимӣ, захиравӣ)	б) ташкилӣ (ба нақша гирифта шудааст);
в) иқтисодӣ (давлатӣ-сиёсӣ, молиявӣ-қарзӣ ҳамчун маҷмуи чораҳо оид ба танзими системаи таъминоти озуқавории кишвар бо назардошти афзалиятҳои давлатӣ, шаклҳо ва усулҳои ҳавасмандгардонии истеҳсоли захираҳои озуқаворӣ)	в) кадрҳо (меҳнат)
г) сохторӣ (ҳамчун маҷмӯи чораҳо оид ба ташаккули сохтори самарабахши иқтисодӣ)	г) истеҳсолот
д) инноватсионӣ	д) сохторӣ ва сармоягузорӣ (таъмини саривақтии заминаи моддӣ ва шароити иҷтимоӣ барои рафтори самараноки иқтисодӣ)
	е) молиявӣ
	ж) иҷтимоӣ

Ҳамин тариқ, устуворӣ ҳамчун категорияи низоми тадбирҳо барои фароҳам овардани шароити рафтори рақобатпазир дар як бахши мушаххаси бозори озуқаворӣ мебошад. Бо назардошти таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ, ки самарабахши иқтисодиро ташкил медиҳанд, рафтор дар бозор ва қобилияти мутобиқ шудан ба рафтори таъмини устувории бозори маҳсулоти озуқаворӣ ба тағйирёбандагии шароити берунӣ ва дохилии иқтисодӣ вобаста аст.

Дар асоси ин, аломатҳои зерини устувории низомҳои иқтисодии агроозуқаворӣ фарқ карда мешаванд:

а) рафтори рақобатпазир;

б) табиати мутобиқшавӣ;

в) навъи инноватсионии рушд;

г) кафолатҳои дастгирии давлатӣ;

д) дастурҳои стратегӣ ва технологияҳои идоракунӣ.

Арзёбии шароити ташаккули рафтори устувори субъектҳои хоҷагидорӣ дар системаи таъминоти маҳсулоти озуқавории мамлакат нишон медиҳад, ки аз ҳама муҳим омилҳое мебошанд, ки онҳоро, чи дар шароити берунӣ ва чи дар шароити дохилӣ, таъмин мекунанд. Аз ҳама муҳим онҳо омилҳои берунӣ мебошанд, зеро барои рафтори устувори субъектҳои таъмини устувории бозори маҳсулоти озуқавориро дар шароити ташкилию ҳуқуқию ва иқтисодӣ, бо назардошти афзалият дар идоракунии давлатии иқтисодиёти кишвар, фароҳам меоранд ва ҷанбаҳои институтсионалӣ (сиёсӣ, ҳуқуқӣ), табиӣ (фарқияти минтақавӣ аз рӯи хусусиятҳои иқлимӣ, таъминоти захиравӣ миқдор ва сифати захираҳои заминиқтисодӣ (сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъминоти кишоварзии кишвар, механизми молиявию қарзӣ, низоми андозбандӣ, субсидияҳо барои истеҳсоли захираҳои озуқаворӣ аз ҷониби онҳо) муайян карда мешаванд.

Муҳиммият ва зарурати ба назар гирифтани омили институтсионалӣ дар фароҳам овардани шароит барои рафтори устувори системаи кишоварзӣ аз он иборат аст, ки он бо фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ дар асоси меъёрҳо ва қоидаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ташаккул ва фаъолияти система муайян карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки дар шароити муосир кӯшиш барои эҷоди методологияи муносиби танзими таъмини устувории бозори маҳсулоти озуқаворӣ карда мешавад, аммо дар маҷмуъ онҳо ба принсипҳои систематикӣ ва таъминоти захиравӣ ҷавобгӯ нестанд.

Дар чунин шароит, нақши омили табиӣ бо назардошти ҷаҳонишавии бозори дохилии озуқаворӣ меафзояд, зеро кишвар дорои иқтидори (заминӣ ва иқлимӣ) аст, ки на танҳо талаботи кишварро бо маҳсулоти озуқаворӣ қонеъ мегардонад, балки бо содиркунандагони анъанавии захираҳои хӯрокворӣ барои чунин намудҳо, аз қабили ғалладона ва маҳсулоти коркарди он, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ, маҳсулоти зеркомплекси чарб ва равған, меваҳо ва маҳсулоти коркарди онҳо, маҳсулоти паранда (тухм ва гӯшти паранда) рақобат мекунад. Мушкилот дар ташаккули шаклҳои муассири идоракунӣ дар ин соҳаҳои фаъолияти озуқаворӣ аст, ки танҳо дар шароити истифодаи самараноки потенсиали табиӣ ва иқлимӣ, ҳосилнокии баланди меҳнат ва низоми иқтисодии самаранок, рушди инфрасохтории бозори озуқаворӣ имконпазир аст.

Масъалаи устувории ин соҳаро бо истифодаи мунтазами таъсири идоракунӣ ба вазъи тамоми системаи таъминоти озуқаворӣ ҳал кардан мумкин аст, аммо истифодаи омили табиӣ ба таври системавӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар тамоми захираҳои табиӣ дар иқтисодиёти воқеӣ истифода шаванд.

Дар айни замон, параметрҳои агротехникӣ муҳим мебошанд (ҳамчун маҷмуи чораҳо оид ба ташкили истеҳсолот дар муҳлате, ки имкон медиҳад, ки даромаднокии баландтарин аз технология ба даст оварда шавад, яъне ҳосили ҳадди аксар дар растанипарварӣ ва ҳосилнокии ҳайвонот ба даст оварда шавад).

Хусусияти ташаккули устувории системаҳои кишоварзӣ дар он аст, ки бидуни ба назар гирифтани маҷмуи омилҳо, ҳалли ин масъаларо таъмин кардан ғайриимкон аст.

Ҷадвали 3. Омилҳои табиии устувор
Table 3. Sustainable natural factors

Омилҳои табиии устувор		
Иқлимӣ	Биологӣ	Агротехникӣ
а) шумораи рӯзҳои офтобӣ дар як сол (радиатсияи офтоб); б) Миқдори боришот (режими гидротехникӣ) - миқдори боридани борон; в) Сатҳи рӯзҳо дар давраи бидуни сармо; г) Ҳарорати миёнаи солона.	а) мавҷудияти навъҳои растаниҳо ва намудҳои ҳайвонот, ки ба минтақаи муайяни фаъолияти иқтисодӣ мутобиқ карда шудаанд; б) Дастраси институтҳои инфрасохторӣ барои рушди неруи биологӣ.	а) сифат ва миқдори захираҳои замин (баҳодиҳии иқтисодӣ ва баҳодиҳии хок); б) мавҷудияти захираҳои об ва гидрография (мавҷудияти захираҳои об ва сатҳи истифодаи онҳо); в) Шудгор кардани замин (таносуби замини ҳосилхез).

Ҳамкории онҳо дар бозори маҳсулоти озуқаворӣ, аз нуқтаи назари фаъолият ва рушди устувор, асосан бо шароити иқтисодӣ муайян карда мешавад, ки дар он нақши муҳим ба давлат ҳамчун системаи идоракунии масъули таъминоти озуқавории кишвар тааллуқ дорад. Мушкилот дар он аст, ки нақши онро вазифаҳои махсус муайян мекунанд, ки тавассути ташаккули барномаи мақсадноки дастгирии соҳаи кишоварзии ватании таъмини устувории бозори маҳсулоти озуқаворӣ тавассути татбиқи сиёсати давлатии аграрӣ амалӣ карда мешаванд.

Таҷрибаи баҳодиҳии таъсири давлат ба системаи озуқавории кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар кишварҳои ҷаҳон (ИМА, Ҷопон, Аврупои Ғарбӣ ва Иттиҳоди Аврупо) сатҳи таъмини устувории бозори маҳсулоти озуқаворӣ ҳамчун нишондиҳандаи муҳимтарини амнияти миллӣ эътироф карда мешавад. Ин кишварҳо сатҳи баланди худтаъминкуниро нигоҳ медоранд (ИМА, Фаронса - 100%; Олмон - 93-94%).

Зарурати танзими системаи таъминоти озуқаворӣ собит мекунад, ки дар доираи ҳамкории Аврупо байни кишварҳо бомуваффақият татбиқ шуда истодааст ва онро Сиёсати ягонаи кишоварзӣ (САП) дар хоҷагии қишлоқи Аврупои Ғарбӣ меноманд.

Он ба назарияи зерин асос ёфтааст: сиёсати ягонаи кишоварзӣ аз он сарчашма мегирад, ки ҳамгироии иқтисодҳои миллӣ дар ниҳоят ба афзоиши бештар аз танҳо илова кардани имконоти онҳо, системаи таъминоти озуқаворӣ дар бозори ягонаи озуқаворӣ оварда мерасонад, зеро захираҳои иловагии иқтисодӣ афзоиши ҳаҷми марбут ба тақсимоти амиқи меҳнат ва афзоиши фазои ягонаи иқтисодӣ; чунин равишҳо дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бомуваффақият татбиқ карда мешаванд. Дар он ҷо, шароити мухталиф дар саросари иёлотҳо ва бо бозори ягонаи ғизо, бозори озуқаворӣ аз нуқтаи назари баҳодиҳӣ ба ташаккул, фаъолият ва рушди он як соҳаи хеле мушаххаси муносибатҳои иқтисодӣ мебошад ва аз дигар бозорҳо бо параметрҳои зерин ба куллӣ фарқ мекунад: аввалан, бозори озуқаворӣ нисбат ба дигар бозорҳо аввалиндараҷа аст, зеро он чизе, ки амалӣ мешавад вазифаи муҳимтарини қонеъ кардани талаботи аҳолӣ - таъминоти ғизо; дувум, ҳаҷми захираҳои ба бозор воридшаванда бо сабаби хусусиятҳои ташкили он маҳдуд мебошанд (табиати биологии истеҳсолоти кишоварзӣ, ки дар натиҷаи равандҳои мураккаби биохимиявӣ истеҳсоли маҳсулоти зироат ва чорводорӣ ба амал меояд; маҳдудиятҳои табиӣ, зеро истеҳсолот дар он ҷое амалӣ карда мешавад, ки барои ин қитъаи замин мавҷуд бошад, ки аз рӯи сифати хок ва арзёбии иқтисодии он параметрҳои муайяни сифатӣ дошта бошад; таъсири шароити иқлимӣ; мавсимии истеҳсолот ва ғ.)

Бо назардошти ин шароит, истеҳсолоти кишоварзӣ асосан характери эҳтимолият дорад. Дар натиҷа, ҳаҷми пешниҳоди маҳсулоти кишоварзӣ ба тағйирёбии талабот ва тағйирёбии нархҳо махсус посух медиҳад, ки инро дар назарияи иқтисод равиши пасти пешниҳод дар муқоиса бо тағйирёбандаи талабот ё нархҳо меноманд. Аз ин рӯ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ наметавонад ба тағйирёбии шароити бозор сари вақт ба таври кофӣ посух диҳад. Ин чунин маъно дорад, ки он наметавонад ба ҳар як фоизи афзоиши талабот бо ҳамон фоизи афзоиши пешниҳод ё ба ҳар як фоизи коҳиши талабот ва пастравии нарх ҷавоб диҳад.

Ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки истеъмоли ғизо на танҳо ба ниёзҳои иқтисодӣ, балки физиологӣ низ вобаста карда мешавад. Яъне, талабот ба хӯрокворӣ низ мебошад.

Муайян карда шуд, ки вақте ин нишондиҳандаҳо 1% тағйир меёбанд, талаботи истеъмолкунандагон ба хӯрок камтар аз 1% тағйир меёбад. Коэффисиенти чандирӣ барои намудҳои муайяни хӯрок (ба истиснои маҳсулоти гарон) аз як дараҷа камтар аст. Дар айни замон, як гурӯҳи молҳо мавҷуданд, ки ба истилоҳ "молҳои Гиффен" ҳастанд, ки талабот ба онҳо, бо афзоиши талаботи озуқворӣ меафзояд, яъне коэффитсиенти чандирӣ маънои муқобил дорад. Ба ин картошка ва нони сифати пастдошта дохил мешаванд.

Дар чунин шароит, зарурати ташаккули низоми муносиби танзими давлатии бозори озуқаворӣ ба ҳайси як низоми масъули таъмини озуқавории кишвар вазифаи муҳимми давлат мебошад, ки тавассути сиёсати кишоварзӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамзамон, самтҳои мушаххаси сиёсати кишоварзӣ метавонанд инҳо бошанд:

- Механизми танзими нархҳо бо роҳи муқаррар намудани ҳудуди минималӣ ва максималии нархҳо барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва истеъмолкунандагон;

- Субсидия кардани субъектҳои соҳибкорӣ;

- Хароҷоти тағйирёбии сохторӣ (масалан, навсозии сохтори истеҳсолоти кишоварзӣ, дигар намудҳои ислоҳот);

- Таъмини иҷтимоии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишварзӣ дар деҳот;

- Хароҷоти тадқиқот.

Самтҳои асосии таъсири давлатро ба равандҳои таъмини агроозуқаворӣ аз нуқтаи назари рафтори устувори субъектҳои хоҷагидорӣ баҳогузорӣ намуда, бояд қайд кард, ки он аз ҷиҳати дараҷаи фарогирии равандҳо ба самтҳо, аз ҷиҳати хусусияти таъсир ба равандҳои инноватсионӣ, аз ҷиҳати вақти мавҷудаи фаъолияти мақсаднок, афзалият аз ҷиҳати марҳилаҳои татбиқ, мураккабии мундариҷаи барнома системавӣ равона карда мешаванд.

Ҷаласаи Шурои вазирони кишоварзии Иттиҳоди Аврупо (ИА-27) моҳи январи соли 2010 дар Брюссел баргузор гардид, ки дар он пешниҳодҳои Комиссияи Аврупо оид ба беҳтар намудани фаъолияти бахши хӯрокворӣ иқтисод бо мақсади:

а) татбиқи чораҳо оид ба таъмини тақсимоти одилонаи арзиши изофа дар байни субъектҳои хоҷагие, ки дар раванди ташкили маҳсулоти хӯрокворӣ иштирок мекунанд;

б) системаҳои назорат аз болои нархи маҳсулоти кишоварзӣ. Дар баробари ин, таъин кардани таъсири давлат ба системаи ғизои кишоварзӣ амнияти озуқаворӣ бояд бо тадбирҳое, ки устувории фаъолият ва рушди тамоми сохтори иқтисодиро таъмин мекунанд, алоқаманд бошад. Он маҷмуи субъектҳои хоҷагидории вобаста ба соҳаи комплекси агросаноатӣ мебошад, ки дар раванди тайёр кардани маҳсулоти хӯрокворӣ муттаҳид карда шудаанд.

Дар асоси ин, дар шароити муосир омили муҳимми устувории низоми озуқаворӣ ташаккули сохтори иқтисодӣ ва ташкилӣ-истеҳсолии маҷмааи агросаноатии ватанӣ мебошад, ки дар шароити ҷаҳонишавии бозори дохилии озуқаворӣ амал мекунад, бо назардошти вобастагии функсионалӣ ва соҳавии субъектҳо (корхонаҳо, соҳаҳо).

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки таъмини устувории бозори маҳсулоти озуқаворӣ бо параметрҳои инфрасохтори иқтисодӣ, ҳамкории корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ва механизми ташкили муносибатҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Хусусияти марҳилаи кунунии рушди системаи таъминоти озуқавории ватанӣ аз он иборат аст, ки дар системаи идоракунии равандҳои ташаккули шаклҳои самараноки иқтисодии истеҳсолкунандагони захираҳои озуқаворӣ, истеҳсолкунандагони калон дар шакли хоҷагиҳои кишоварзӣ афзалиятнок мешаванд.

Ҳамзамон, қисми зиёди захираҳои молиявӣ ва потенсиали захиравӣ ба рушди технологӣ ва сохтории онҳо равона карда шудаанд, ки барои инҳисори бозорҳои минтақавии захираҳои озуқаворӣ ва афзоиши бахши маржиналии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ шароит фароҳам меоранд.

Ҳамаи ин мушкилот мавҷудияти захираҳои молиявиро (масалан, қарз ва ғ.), ки барои таъминоти муқаррарии равандҳои такористеҳсолот заруранд, ҳамзамон мушкилоти идоракунии устувори истеҳсолкунандагонро зиёд мекунад. Дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи ин бахш ба 30-65% мерасад, аз ин рӯ, ҳалли ин масъала назаррас буда, дахолатро аз нуқтаи назари идоракунии устувории бозори маҳсулоти озуқаворӣ ва фароҳам овардани шароит барои ҳамгироӣ талаб мекунад.

Дар раванди ҳамгироӣ манфиатҳои иқтисодӣ ва иқтисодии субъектҳои ҳамкории агросаноатӣ, ҳамкории истеҳсолӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ба амал меояд.

Шакли ташкилии татбиқи раванди ҳамгироӣ дар системаи ҳамкории иқтисодӣ ва як корхонаи интегратсионӣ, ё форматсияи иқтисодӣ мебошад, ки бояд ба принсипи иқтисодӣ ва манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ асос ёбад.

Проблема дар он аст, ки дар сурати мавҷуд будани бозори рақобатпазир барои маҳсулоти кишоварзӣ, ин соҳа ҳамчунон бесамар боқӣ мемонад, зеро ҳиссаи корхонаҳои зараровар дар соҳаи кишоварзӣ (беш аз 50%) боқӣ мондааст. Дар баробари ин, дар солҳои охир, дар пасманзари муфлисии музмини молиявии соҳа, дар маҷмуъ, раванди бифуркатсия (ҷудошавӣ) -и истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба амал омад. Аз як тараф, як бахши ташкилотҳои аз ҷиҳати моддӣ технологияҳои баландсифат, ки ба манбаъҳои берунаи дастгирии молиявӣ (сармоягузорӣ, ҳадафҳои гардиш ва ғ.), дастрасӣ доранд, ташаккул меёбанд, ки консентратсияи баланди сармояро таъмин мекунанд ва ба ҳайси вобастагии функсионалӣ корхонаҳои агро-саноатии навъи холдинг ташкил карда мешаванд. Аз тарафи дигар, ҳанӯз ҳам корхонаҳои азнавташкилёфтаи кишоварзӣ мавҷуданд, ки ба қарз ва дигар намудҳои захираҳои молиявӣ дастрасӣ надоранд, ки бахши ба истилоҳ истеҳсолкунандагони кишоварзиро ташкил медиҳанд, аммо дорои иқтидори кофии табиӣ ва меҳнатӣ мебошанд ва бо вуҷуди ин, ҳисса дар маҷмуи омилҳои истеҳсолӣ доимо коҳиш меёбанд.

Аз ин рӯ, вазъи умумии соҳаи кишоварзӣ бо назардошти ин бахш (маргиналӣ) ташаккул меёбад, ки ба зиёновар набудани соҳаи кишоварзӣ ва паст шудани даромаднокии миёнаи саноат мусоидат мекунад. Ҳангоми гузаштан ба бозор на ҳама

истеҳсолкунандагон тавонистанд истеҳсолотро мутобиқ созанд, навсозӣ кунанд, аз ин рӯ, паст кардани сатҳи хароҷоти истеҳсолӣ мушкил аст

Таъсири системавӣ ҳамчун маҷмуи тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, ташкилӣ, молиявӣ захиравӣ, сохторӣ, инноватсионӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки рушди минбаъдаи сохтори ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии системаи таъминоти кишоварзӣ ва озуқавориро таъмин мекунанд. Ин вазифаро танҳо бо дахолати ҳукумат ҳал кардан мумкин нест, зеро дар ин ҳолат маҷмуи тадбирҳои таъиноти давлатӣ ва маҳаллӣ бояд бо супориши афзалиятнок (ҳалли проблемаи озуқаворӣ дар асоси ҷалби неруи захиравӣ воҳиди мушаххаси ҳудудӣ) мутобиқи фаъолияти барнома ва системаи таъини захираҳо барои ҳалли вазифаҳои мақсаднок таъмин карда шаванд. Ҳамзамон, дар марҳилаи ҳалли ин масъала, фарқияти сатҳи идоракунӣ муҳим аст, ки рушди оптималии маҷмуи иқтисодӣ-иҷтимоии инфрасохтори воҳидҳои ҳудудӣ (шаҳрҳо ва ноҳияҳо, субъектҳои ҶТ), дар маҷмуъ кишвар, мутобиқи барномаи ташаккули системаи устувори таъминоти кишоварзии кишвар таъмин карда мешванд.

Бояд қайд кард, ки татбиқи барнома бояд ҳамаи объектҳои функционалӣ ва системаи соҳавии маҷмуи агросаноатиро новобаста аз шакли моликият ва иқтисодиёт, корхонаҳои коркард, хоҷагиҳои кишоварзӣ, қаламравҳо ҳамчун объектҳое, ки ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодиро таъмин мекунанд, дар бар гиранд. Дар баробари ин, ҳалли мушкилоти на танҳо мақсадҳои сохторӣ ва сармоягузориро дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ ва соҳаи иҷтимоӣ амалӣ мекунад, балки сохтори ташкилию ҳуқуқиро дар системаи ҳамкории иқтисодии субъектҳои агробизнес фаро мегирад. Зарурати татбиқи чунин муносибат дар шароити муосир аз он иборат аст, ки устувории системаи озуқаворӣ аз рӯи параметрҳои истеҳсолоти кишоварзӣ муайян карда мешавад, ки захираҳо дар он ташаккул меёбанд.

Тавре ки қаблан қайд карда будем, кишоварзӣ ҳамчун як соҳаи истеҳсолоти моддӣ, ки дорои хусусиятҳои ва берунӣ мебошад, дар шароити ҷаҳонишавии бозори озуқаворӣ таҳти таъсири манфиатҳои фаромиллӣ, на танҳо дар истеҳсолот, коркард ва системаи фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, балки дар хизматрасонӣ ба равандҳои истеҳсолӣ низ ташаккул меёбад. Бинобар ин, таъсири ин омилҳоро ба устувории системаи кишоварзӣ ба назар нагирифтан ғайриимкон аст.

Тибқи гуфтаи А.Г. Зелднер, «дар асоси системаи кушодаи сайёр будани кишоварзӣ дар он сармояи инсонӣ, иқтидори истеҳсолӣ ва омилҳои табиӣ нақши ҳалкунанда доранд ва устуворӣ тағйирёбии доимии муносибатҳои истеҳсолӣ ва қувваҳои истеҳсолкунандаро пешбинӣ мекунад, ки ба тағйироти ҷорӣ мувофиқанд, қодир ба нигоҳ доштани система дар мувозинат мебошад. Аз ин рӯ, ҳадди устуворӣ ба афзоиши навовариҳо ва сармоягузорӣ, истифодаи доимии дастовардҳои илм ва техника, фаъолсозии протексионистии давлатӣ дар идоракунии ин равандҳо вобаста аст».

Арзёбии вазъ дар соҳаи такмили сохторӣ, техникӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки дар тули солҳои ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ҳаҷми сармоягузории асосӣ ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ беш аз 15 маротиба коҳиш ёфтааст, ки ин тақрибан 4% ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисоди кишварро ташкил медиҳад. Дар ҳамин ҳол, тибқи ҳисобҳо, арзиши ҳадди ақалли он барои талаботи амнияти иқтисодии кишвар набояд аз 25%-и даромади умумӣ паст шавад.

Ҳоло муайян карда шудааст, ки вазъи кунунии системаи дастгирии сохторӣ ва сармоягузорӣ бо модели гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, ки дар кишвар қабул шудааст ва модели рушди бахши воқеии иқтисодиёт, ки фаъолияти сармоягузорӣ дар он набуд, дар сохтори ҳадафҳои макроиқтисодӣ баррасӣ мешаванд. Таъминоти озуқавории кишвар ва рафтори устувори ин бахши иқтисодиёт, ки дар шароити таъсири омили савдои хориҷӣ дар шароити либерализатсияи савдо ва ҷаҳонишавии бозори озуқаворӣ боиси афзоиши захираҳои озуқаворию воридотӣ ва коҳиши ҳаҷми дохилӣ гардид. Бояд қайд кард, ки набудани таҷрибаи рафтори бозор дар байни истеҳсолкунандагони ватанӣ таназзули технологӣ, техникӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дар бахши кишоварзӣ дар шароити норасоии захираҳои сармоягузорӣ ҳамроҳ буд.

Ҳамин тариқ, дар шароити муосир, барои афзоиши минбаъдаи истеҳсоли манбаъҳои озуқаворӣ равандҳои ташаккул ва такомули устувори иқтисодӣ (корхонаҳо ва

ташкилотҳо), фаъолияти онҳоро дар доираи маҷмуаҳои ҳудудии озуқаворӣ мунтазам ба танзим даровардан зарур аст.

Муқарриз: н.и.и., муаллими калон Файзуллоев Т.Т.

АДАБИЁТ

1. Аристотель. Этика; Политика; Риторика; Поэтика; Категории. -Минск, 1998. -С.505.
2. Джамшедов М.Д. Рынок потребительских товаров Республики Таджикистан / М.Д. Джамшедов, С.Х. Хабибов, Х.Н. Факеров. -Душанбе: Ирфон, 2003.
3. Зинчук Г.М. Классификация продовольственного рынка / Г.М. Зинчук // Вестник университета (Социология и управление персоналом): Теоретический и научно-методический журнал ГОУВПО «Государственный университет управления». - 2007. -№5(31). -С.232-236.
4. Зинчук Г.М. Понятие и виды продовольственного рынка / Г.М. Зинчук // Альманах современной науки и образования. - 2011. -№10(53). -С.111-113.
5. Зинчук Г.М. Развитие продовольственного рынка: теория, методология, практика: диссертация… доктора экономических наук: 08.00.05 / Г.М. Зинчук. -Йошкар-Ола, 2009. -С.345.
6. Маккоенел К.Р. Экономикс: принципы, проблемы и политика / К.Р. Маккоенел, С.Л. Брю. -14-е изд. -М.: ИНФРА – М, 2003. - С.47.
7. Нуралиев С.У. Продовольственный рынок: проблемы становления и перспективы развития / С.У. Нуралиев. - Волгоград, ВГУ, 2003.
8. Пириев Д.С. Совершенствование размещения сельскохозяйственного производства Таджикистана в рыночных условиях / Д.С. Пириев. -Душанбе, 2003. -216 с.
9. Проблемы обеспечения продовольственной безопасности в Республике Таджикистан / Д.С. Пириев [и др.]// Доклады ТАСХН. –Душанбе, 2006. -№9-10. -С.136.
10. Продовольственный рынок региона: теория и практика / С.В. Дохолян [и др.] // Наука плюс. - 2010. -С.64.
11. Махмадизода Ф.Б. Пути устойчивого развития сельхозтоваропроизводителей регионов в условиях ВТО / Махмадизода Ф.Б., Наджбудинзода Х.Ш., Махмадизода С.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2021. -№5. -С.138-145.
12. Садыкова Г.И. Формирование и развитие рынка общественного питания в условиях трансформирующейся экономики (на примере Согдийской области РТ): диссертация / Г.И. Садыкова. -Душанбе, 2016.
13. Самиев Ш.Ф. Устойчивое развитие АПК как условие обеспечения продовольственной безопасности страны / Ш.Ф. Самиев, Махмадизода Ф.Б., З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2017. -№2/10. -С.126-130.
14. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов / А. Смит. -М.: Соцэкгиз, 1962. -С.3.
15. Султонов З. Ресурсно-экономический потенциал регионов Таджикистана / З. Султонов. -Душанбе: Дониш, 1994. -256 с.
16. Факеров Х.Н. Потребительский рынок: проблемы регулирования / Х.Н. Факеров. –Душанбе: Ирфон, 2002. - 152 с.
17. [Электронный ресурс]. URL: Cable,V.WhatisInternationalEconomicSecurity?//InternationalAffairs
18. [Электронный ресурс]. URL: https://agrovesti.net/news/indst/rossiya-ne-dobilas-nuzhnogo-urovnya-samoobespechennosti-prodovolstviem.html
19. [Электронный ресурс]. URL: https://daxueconsulting.com/chinese-instant-food-market-is-changing/–1995-Vol.71,No.2-P,312-317.

ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ БОЗОРИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ

Дар мақола сухан дар бобати устувории бозори маҳсулоти озуқаворӣ меравад. Бозори маҳсулоти озуқаворӣ дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат нақши калидӣ мебозад, ба воситаи ин бозор таъминоти оҳолии мамлакат бо маҳсулоти озуқаворӣ ба ҷо оварда мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки таъмини устувории бозори маҳсулоти озуқаворӣ бо параметрҳои инфрасохтори иқтисодӣ, ҳамкории корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ва механизми ташкили муносибатҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад. Хусусияти марҳилаи кунунии рушди системаи таъминоти озуқавории ватанӣ аз он иборат аст, ки дар системаи идоракунии равандҳои ташаккули шаклҳои самараноки иқтисодии истеҳсолкунандагони захираҳои озуқаворӣ, истеҳсолкунандагони калон дар шакли хоҷагиҳои кишоварзӣ ва ширкатҳои кишоварзӣ афзалиятнок мешаванд. Таъминоти озуқавории кишвар ва рафтори устувори ин бахши иқтисодиёт, ки дар шароити таъсири омили савдои хориҷӣ дар шароити либерализатсияи савдо ва ҷаҳонишавии бозори озуқаворӣ боиси афзоиши захираҳои озуқавории воридотӣ ва коҳиши ҳаҷми дохилӣ гардид. Бояд қайд кард, ки набудани таҷрибаи рафтори бозор дар байни истеҳсолкунандагони ватанӣ таназзули технологӣ, техникӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дар бахши кишоварзӣ дар шароити норасоии захираҳои сармоягузорӣ ҳамроҳ буд.

Калидвожаҳо: бозори озуқворӣ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, омилҳои табиӣ, бозори молу маҳсулот, маҳсулоти хӯрокворӣ, ғалладона, гӯшт, сабзавот, мева.

ОБЕСПЕЧЕНИЕ УСТОЙЧИВОСТИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО РЫНКА

В статье расматривается об устойчивости продовольственного рынка. Следует отметить, что продовольственный рынок играет ключевую роль в обеспечении продовольственной безопасности в стране,

поскольку обеспечивает население продуктами питания через этот рынок. Международный опыт показывает, что обеспечение устойчивости продовольственного рынка определяется параметрами экономической инфраструктуры, кооперацией предприятий агропромышленного комплекса и механизмом установления экономических связей.
Особенность современного этапа развития отечественной системы продовольственного снабжения состоит в том, что в системе управления процессами формирования экономически эффективных форм производителей продуктов питания приоритетное внимание уделяется крупным производителям в виде фермерских хозяйств и сельскохозяйственных компаний. Продовольственная безопасность страны и устойчивость этого сектора экономики, на которую повлияла внешняя торговля в контексте либерализации торговли и глобализации продовольственного рынка, привели к увеличению запасов импортируемых продуктов питания и сокращению внутреннего производства. Следует отметить, что отсутствие опыта рыночного поведения у отечественных производителей сопровождалось технологическим, техническим и социально-экономическим спадом в аграрном секторе в условиях нехватки инвестиционных ресурсов.

Ключевые слова: продовольственный рынок, устойчивость продовольственного рынка, сельхозпроизводители, природные факторы, товарный рынок, продовольственные рынки, зерновые, мясо, овощи, фрукты.

ENSURING THE FOOD MARKET SUSTAINABILITY

The article talks about the sustainability of the food market. It should be noted that the food market plays a key role in ensuring food security in the country, since it provides the population with food through this market. International experience shows that ensuring the stability of the food market is determined by the parameters of the economic infrastructure, cooperation of enterprises in the agro-industrial complex and the mechanism for establishing economic ties.
The peculiarity of the current stage of development of the domestic food supply system is that in the system of managing the processes of forming cost-effective forms of food producers, priority attention is paid to large producers in the form of farms and agricultural companies. The country's food security and the resilience of this sector of the economy, influenced by foreign trade in the context of trade liberalization and the globalization of the food market, have led to an increase in imported food stocks and a reduction in domestic production. It should be noted that the lack of experience of market behavior among domestic producers was accompanied by a technological, technical and socio-economic decline in the agricultural sector amid a lack of investment resources.

Keywords: food market, food market sustainability, agricultural producers, natural factors, commodity market, food markets, cereals, meat, vegetables, fruits.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоев Абдурасул Халифаевич*** – Институти иқтисодиёт ва таҳлили системавии рушди кишоварзии АИКТ, унвончӯ**. Суроға:** 734020, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳаётӣ-нав, 306. Телефон: **918-59-62-62**

Сведение об авторе: ***Абдуллоев Абдурасул Халифаевич*** - Институт экономики и системного анализа развития сельского хозяйства ТАСХН, соискатель. **Адрес**: 734020, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Хаёти-Нав, 306. Телефон: **918-59-62-62**

Information about author: ***Abdulloev Abdurasul Khalifaevich*** - Institute of Economics and Systems Analysis of Agricultural Development, TASKHN, applicant. **Address**: 734020, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Hayoti-Nav street, 306. Phone: **918-59-62-62**

УДК 336.78.1

АМНИЯТИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: АРЗЁБИИ ҲОЛАТ ВА ПЕШНИҲОДИ САМТҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ОН

Изатуллои Ҳабибзод
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти фаъоли хоҷагии ҷаҳонӣ баромад намуда, пас аз аъзошави ба СУС ва озодкунии фаъолияти иқтисоди беруна дар давоми даҳсолаи охир дар шароити татбиқи ислоҳоти куллӣ дар бахши иқтисоди беруна, молия, беҳдошти иҷтимоӣ ва идоракунии давлатӣ қарор дорад. Аммо дар раванди гузаронидани чунин ислоҳотҳои бузург, ки ба мукаммалгардонии низоми иқтисоди бозорӣ ва сохтори давлати демократии ҳуқуқбунёд нигаронида шудааст, баъзе мушкилотҳо пеш меоянд, ки то дараҷаи назаррас ба амнияти иқтисодӣ ва молиявии кишвар таъсир расонида, гоҳо ихтилофотро нисбат ба татбиқи сиёсати макроиқтисодии баэтидоловаранда ба вуҷуд меорад. Яке аз сабабҳои асосие, ки алъон ба талошҳои Ҳукумати кишвар дар бунёди иқтисоди пешрафта ва таъмини рушди устувори он, ҳифзи манфиатҳои беруниқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ монеъ мешавад, ноустувории низоми молиявии кишвар ба шумор меравад, ки масъалаи мазкурро мубрам арзёбӣ мегардонад. «Дар баробари ин, масъалаи таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар шароити вусъатгирии ҳамгироии он ба хоҷагии ҷаҳонӣ ба воситаи иштирок дар созмонҳои байналмилалии савдо ва гурӯҳҳои минтақавии ҳамгироӣ боз ҳам мубрамтар мебошад» [8,с.130].

Ҳамин тавр мусаллам аст, ки иқтисодиёти ҳар як давлати ҷаҳон ва таъмини амнияти миллии он ҳамчун кафили истиқлолияти кишвар, субот ва самаранокии фаъолияти ҷомеа, пеш аз ҳама, бо вазъи молияи он ва қобилияти ҳифзи он аз таҳдидҳои беруна тавсиф карда мешавад. Масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумат қарор доранд ва кӯшишҳои олимони ватанӣ, пеш аз ҳама, барои муайян кардани ҷанбаҳои нави он равона карда шудаанд. Масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодию молиявӣ дар дилхоҳ кишвар мушкилоти дорои аҳамияти умумидавлатист, ки мунтазам таваҷҷуҳи олимон, иқтисодчиён, мутахассисони бахши молия, сиёсатмадорон, ва ғайраро ба худ ҷалб мекунад. Таваҷҷуҳ ба амнияти молиявӣ ба нақши худи молия ва низомҳои молиявии давлат дар таъмини молиявии кишвар муайян карда мешавад.

Рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равандҳои байналмилалишавӣ ва ҷаҳонишавии муосир хос аст. Яке аз шартҳои рушди раванди ҷаҳонишавӣ дар замони муосир аз байн бурдани марзҳои байни сатҳҳои низоми ҷаҳонӣ – байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ маҳсуб мешавад. Ба андешаи як қатор олимон рафти рушд ва тараққиёти кишварҳои алоҳида ба сатҳи пайвастшавиашон ба хоҷагии ҷаҳонӣ алоқаманд аст. Аз ин рӯ, барои арзёбӣ, баҳогузорӣ ва назорати тамоюлҳои имрӯзаи ҷаҳонии иқтисод, ба расмият даровардани онҳо зарур аст. Таъмини амнияти молиявии давлат шарти асосии қобилияти сиёсати мустақили молиявию иқтисодии он ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи манфиатҳои миллӣ ба амал бароварда шавад. Таъмини амнияти молиявии давлат ба як қатор омилҳо аз қабили таъмини устувории тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ ва илмию техникии кишвар, устувории низоми пардохту ҳисоббаробаркуниҳо, имконияти пешгирии таъсири буҳронҳои беруна ба иқтисодиёти миллӣ, ба ҳадди ақал расонидани иқтисодиёти соявӣ, пешгирии фирори сармоя ва ғ. алоқаманд аст.

Амнияти иқтисодӣ ҳифзи манфиатҳои миллиро таъмин намуда, ба рушди иқтисодиёт ва суботи иҷтимоию сиёсии ҷомеа мусоидат мекунад. Онро аз паҳлуҳои гуногун баррасӣ намудан мумкин аст, аз ҷумла:

– ҳамчун давлати дорои шароитҳои табиӣ, иқтисодӣ ва илмию техникӣ, инчунин, ҷамъияти бо камоли кордонӣ тайёршуда, ки самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии маҳсулотро кафолат медиҳад;

– ҳамчун дараҷа ва низоми бисёрсатҳа;

– ҳамчун раванде, ки фаъолияти воқеии ҷомеаро оид ба нигоҳ доштан ва афзун намудани шароити пешрафти пай дар пайи иқтисодиёт кафолат медиҳад [10,с.4].

Таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ дар дилхоҳ кишвар ба таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо мешаванд. Таҳдидҳои дохилӣ асосан дар натиҷаи сиёсати нокифояи молиявию иқтисодӣ, баҳисобгирии номукаммали муассисаҳои молиявӣ ва роҳбарияти онҳо, ҷой додан ба иштибоҳҳо, суиистифода аз вазифа ва дигар ихтилофҳо дар идоракунии низоми молиявии кишвар ба миён меоянд. Дар шароити муосир таҳдидҳои беруна нақши махсус мебозанд.

Ба таҳдидҳои беруна инҳо дохил мешаванд:

– таҳдидҳое, ки дар натиҷаи тағйирёбии мундариҷаи ҷараёнҳои молиявӣ бинобар ҷудо шудани онҳо аз раванди такрористеҳсолӣ ва ҳаракати онҳо ба сармояи ҳаннотӣ ба вуҷуд омадаанд;

– таҳдидҳое, ки дар натиҷаи вусъат ёфтани рақобат дар бозори ҷаҳонӣ аз сабаби шиддат ёфтани робитаҳои иқтисодию хоҷагидорӣ ба амал омадаанд;

– таҳдидҳое, ки аз сохтори ғайримантиқии содирот ва воридот ба вуҷуд омадаанд;

– таҳдидҳое, ки дар натиҷаи дахолати воридот ба бозори дохилии молҳо ва хизматрасониҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳим ба вуҷуд омадаанд [10,с.5].

Ҳамин тариқ, барои бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта кӯшишҳои иловагӣ харҷ намудан зарур аст. Мақсади асосӣ ноил шудан ба амнияти молиявии кишвар бунёди чунин ҳолати иқтисодиёт мебошад, ки устуворii комплекси иқтисодию иҷтимоии кишварро таъмин намуда, кафили некуаҳволии ҷомеа, беҳтар қонеъ намудани талаботи иқтисодии онҳо, таъмини мустақилияти иқтисодии он, ҳифзи иқтисодиёти миллӣ аз таҳдидҳои беруна мебошад.

Барои баҳогузории масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳқиқи Низоми нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ пеш меояд. Низоми нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ воситаи муҳимми муайян кардани вазъи низоми молиявии давлат ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд, нишондиҳандаи «қимати ҳадди ҳудудӣ» истифода карда мешавад, ки он дар асоси нишондодҳои макроиқтисодӣ ташаккул меёбанд, ки манфиатҳои назарраси миллиро инъикос мекунанд ва аз ҷониби вазорату муассисаҳои дахлдор тасдиқ карда мешаванд. Нишондиҳандаҳои муҳимми муаррификунандаи вазъи амнияти молиявии кишвар, ба андешаи мо, чунин мебошанд: сатҳи таваррум, нишондиҳандаи касри буҷет, ҳаҷми қарзи беруна, дороиҳои умумии низоми бонкӣ, меъёри кифоягии сармояи бонкҳо, афзоиши ҳаҷми пул ва ғ.

Гарчанде, ки сатҳи баланди таваррум ба рушди устувории иқтисодиёт таҳдид менамояд, оид ба сатҳи оптималии он дар иқтисодиёт ақидаи ягона вуҷуд надорад. Дар баробари ин, барои таъмини сатҳи муътадили инкишофи иқтисодиёт сатҳи муайяни таваррум бояд ҷой дошта бошад, ки он истеҳссолкунандагонро барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли молу хизматрасониҳо ҳавасманд гардонад. Сатҳи оптималии таваррум аз андозаи 1–3% оғоз гарида афзоиши он то 5–6% қобили қабул дониста мешавад. Агар сатҳи таваррум аз ҳудуди 6-10% қарор гирад, он баланд арзёбӣ гардида, болоравии минбаъдаи он метавонад ба иқтисодиёт оқибатҳои ногувор орад. Дар ин раванд аллакай зарурати қабули чораҳои таҳқирнопазир оид ба коҳиш додани сатҳи он пеш меояд ва давлатҳое, ки дар давоми муҳлати зиёд чунин сатҳи таваррум ҷой дорад, паст намудани он боз ҳам мушкилтар мегардад [9,с.900].

Ҳамин тариқ, сатҳи таваррум нишондиҳандаи калидии арзёбии дараҷаи амнияти молиявии кишвар ба шумор меравад, ки онро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ менамоем.

Таҳлили сатҳи индекси нархҳои истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, сатҳи таваррум дар соли 2020 8,6%-ро ташкил менамояд, ки нисбати соли 2014 2,5% баланд аст. Ин нишондиҳанда барои молҳои озуқаворӣ нисбатан баланд буда, дар соли 2020 то 12,5% расидааст. Новобаста аз оне, ки солҳои охир ҷаҳиши якбораи сатҳи нархҳо мушоҳида мешаванд, сатҳи таваррум ҳоло дар минтақаи субот қарор дорад. Дар баробари ин, қайд намудан зурур аст, ки гарчанде сатҳи таваррум нисбат ба ҳадду ҳудуди қобили қабули он дар давоми солҳои 2014-2017 аз 0,1 то 1,3% зиёд бошад, ин нишондиҳанда дар солҳои охир баландтар гардида, дар соли 2020 аз ҳадди қобили қабул 2,6% ва 2019 1,9% зиёд гардидааст. Фарқияти сатҳи таваррум нисбат ба молҳои озуқаворӣ 6,5%-ро ташкил менамояд, ки аллакай аз минтақаи субот берун гардидааст ва

эҳтимолияти таъсиррасонии он ба амнияти молиявии кишвар ва нигоҳдории сатҳи некуаҳволии мардум зиёд гардидааст.

Ҷадвали 1. Қиматҳои ҳадди ақал ва воқеии сатҳи таваррум бо фоизҳо нисбат ба соли гузашта

Table 1. Minimum and real inflation rates as a percentage of the previous year

Номгӯи молҳо	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020
Маҷмуи нархҳои истеъмолӣ	106,1	105,8	105,9	107,3	103,8	107,9	108,6
Молҳои озуқа (бе машрубот)	107,6	102,6	104,2	109,1	102,4	111,3	112,5
Молҳои ғайриозуқаворӣ	103,8	104,8	108,2	104,3	105,2	105,1	105,0
Хизматрасонии пулакӣ	104,3	103,0	104,9	106,0	105,9	102,6	104,7
Қимати ҳадду ҳудудӣ барои таваррум,%	5-6	5-6	5-6	5-6	5-6	5-6	5-6
Фарқият аз қимати ҳадду ҳудудӣ	0,1	-0,2	-0,1	1,3	-2,2	1,9	2,6

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АСПРТ, 2020. -С.143.

Нишондиҳандаи дигари муҳим дар арзёбии амнияти молиявии кишвар таносубияти касри буҷети кишвар нисбати ММД ба шумор меравад, ки ҳолати ғайриустуворро дар фаъолияти молиявӣ хоҷагидорӣ инъикос менамояд, ки ҳолати онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ менамоем.

Дар ҷадвали 2 нишондиҳандаи касри буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД оварда шудааст. Чи тавре аз ҷадвал бар меояд, дар давоми солҳои 2014-2017 тавозуни буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбӣ буда, қисми даромади он аз қисми хароҷоташ зиёд аст. Аммо шуруъ аз соли 2018 то 2020 касри буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти афзоянда дошта, он дар соли 2020 ба 337,2 млн сомонӣ расидааст, ки ба 0,41% ММД-и кишвар баробар аст. Ин нишондиҳанда нисбати қиммати ҳадди ҳудудии он 4,59% кам аст ва дар минтақаи субот қарор дорад, ки ба амнияти молиявии кишвар таҳдид нахоҳад кард.

Ҷадвали 2. Касри буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД

Table 2. Budget deficit of the Republic of Tajikistan in relation to GDP

Нишондиҳандаҳо	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020
ММД, млн. сомонӣ	45606,6	50977,8	54790,3	64434,3	71059,2	79109,8	82543,0
Зиёдатӣ; каср (-), млн. сомонӣ	252,5	1237,0	309,1	110,9	-308,7	-261,9	-337,2
Касри буҷет нисбати ММД, %					-0,43	-0,33	-0,41
Қимати ҳадди ҳудудӣ	5	5	5	5	5	5	5
Фарқият аз қамати ҳадди ҳудудӣ					-4,57	-4,67	-4,59

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АСПРТ, 2020. -С.653.

Дар баробари нишондиҳандаҳои зикргардида барои арзёбии амнияти молиявии икшвар таҳқиқи динамикаи таносубияти қарзи берунӣ нисбат ба ММД-ро зарур мешуморем.

Нишондиҳандаи тағйирёбии андозаи қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дараҷаи таъсиррасонии он дар амнияти моливии кишвар дар ҷадвали 3 оварда шудааст. Андозаи қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 3243,7 млн. доллари амрикоиро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2016 42,63% зиёд аст.

Гарчанде, ки андозаи қарзи хориҷӣ нисбати қимати ҳудудии он дар давоми солҳои 2016-2017 аз ҳудуди 7,3% то 4% камтар буд, дар соли 2020 он якбора афзоиш ёфта, 40,6%-и ММД-и кишварро ташкил дод, ки нисбат ба қимати ҳадди ҳудудии он 0,6% зиёд аст. Аз тамоюли тағйирёбии динамикаи маълумотҳои ҷадвали 1 бар меояд, ки қимати воқеии қазри хориҷӣ ба қимати ҳадди ниҳоии он наздик гардида, тамоюли афзоишёбӣ дорад.

Идомаёбии чунин тамоюл метавонад дар солҳои оянда барои таъмини амнияти моливии кишвар монеаҳои муайянеро пеш орад.

Ҷадвали 3. Нишондиҳандаи тағйирёбии андозаи қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД

Table 3. Indicator of change in the external debt of the Republic of Tajikistan in relation to GDP

	2016	2017	2018	2019	2020	2020/2016
Қарзи хориҷӣ (млн. долл. ИМА)	2274.1	2879,0	2924,2	2925,3	3243,7	142,63
Қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД (%)	32,7	40.3	38,9	36,0	40,6	124,159
Қамати ҳадди ҳудудӣ	40	40	40	40	40	-
Фарқият аз қимати ҳадди ҳудудӣ	-7,3	0,3	-1,1	-4	+0,6	-

Сарчашма: Ҳисобот дар бораи қарзи давлатии 2020. -Марти соли 2021 [Манбаи электронӣ]. URL: www.minfin.tj

Нишондиҳандаҳои дигари муаррификунандаи сатҳи амнияти молиявии кишвар - тағйирёбии ҳаҷми пул ба шумор меравад, ки дар ҷадвали 4 оварда шудаанд..

Ҷадвали 4. Динамикаи тағйирёбии ҳаҷми пул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дараҷаи таъсиррасонии он ба амнияти молиявии кишвар

Table 4. Dynamics of changes in the volume of money in the Republic of Tajikistan and the degree of its impact on the financial security of the country

	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2020/2014
Нишондиҳандаҳои васеи ҳаҷми пул, млн сомонӣ	9091	10790	14788	18018	18949	26050	26139,90	287,536
Ҳаҷми пули миллӣ, млн сомонӣ	5 566	6 721	10 025	14 093	15 172	22155	21884,09	393,1745
Афзоиши ҳаҷми пул нисбати солҳои пешина, %.	-	118,69	137,05	121,84	105,17	137,47	100,35	-
Қимати ҳадди ҳудудӣ: сатҳи таваррум +10%, %.	116,1	115,8	115,9	117,3	113,8	117,9	118,6	-
Фарқият аз қимати ҳадди ҳудудӣ	-	2,89	21,15	4,54	-8,63	19,57	-18,25	

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ 2014-2020. Бонки миллии Тоҷикистон. – 122 с.

Чи тавре аз ҷадвал бар меояд, нишондиҳандаҳои васеи ҳаҷми пул, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 26139,90 млн. сомониро ташкил менамояд, ки нисбат ба соли 2014 187,53% зиёд аст. Аз ин миқдор 21884,09 млн. сомониро ҳаҷми пули миллӣ ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2014 293,17% зиёд гардидааст. Дараҷаи баланди афзоиши ҳаҷми пул нисбати солҳои пешина дар солҳои 2016 ва 2019 ба мушоҳа мерасад, ки нисбат ба қимати ҳадди ҳудудии он 21,15% дар соли 2016 ва 19,57% дар соли 2019 зиёд аст.

Дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ нишондиҳандаи дигари арзёбикунандаи иқтидори молиявии кишвар ба шумор меравад, ки дараҷаи маблағгузорӣ ба иқтисодиёт ва таъмини сарчашмаҳои қарз ба он алоқаманд аст.

Динамикаи тағйирёбии дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ ва сандуқи қарзии муассисаҳои моливии кишвар, дар ҷадвали 5 оварда шудааст.

Дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 22643,43 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбаит ба соли 2014 52,43% зиёд аст. Ҳиссаи маҷмуи дороиҳои низоми бонкӣ нисбати ММД, дар соли 2020 27,43%-и ММД-и кишварро ташкил медод, ки он нисбат ба қимати ҳадди ҳудудии он аз 52,77 то 72,77% кам аст. Ин нишондиҳанда дар соли 2014 32,57%-и ММД-и кишварро ташкил медод.

Таҳқиқи динамикаи тағйирёбии ҳаҷми сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ нишон медиҳанд, ки дар соли 2020 ҳаҷми сандуқи қарзии муассисаҳои молиявӣ 10882,524 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2014 115,81% зиёд мебошад. Ҳиссаи сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ дар 7 соли охир

Ҷадвали 5. Динамикаи тағйирёбии дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ ва сандуқи қарзии муассисаҳои моливии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Table 5. Dynamics of changes in assets of credit institutions and loan portfolio of financial institutions of the Republic of Tajikistan

	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020
Дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ, млн сомонӣ	14854	18639	21187	20932	21201	21976	22643,43
Ҳиссаи маҷмуи дороиҳои низоми бонкӣ нисбати ММД, %.	32.57	38.51	38.86	34.28	30,80	28,41	27,43
Қимати ҳадди ҳудудӣ	80;100	80;100	80;100	80;100	80;100	80;100	80;100
Фарқият	-47,43; -67,43	38,51; 61,49	38,86; -61,14	34,28; 65,72	30,8; -69,2	28,41; -71,59	27,43; -72,57
Сандуқи қарзӣ, ҳаз. сомонӣ	9396,708	10955,296	9591,662	8307,258	8426,369	9447,978	10882,524
Ҳиссаи сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ, %.	63,26	58,78	45,27	39,69	39,75	42,99	48,06
Қимати ҳадди ҳудудӣ	45	45	45	45	45	45	45
Фарқият аз меъёр	18,26	13,78	0,27	-5,31	-5,25	-2,01	3,06

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ 2014-2020. Бонки миллии Тоҷикистон. – 122 с.

тамоюли пастравӣ дорад. Зеро, агар ин нишондиҳанда дар соли 2014 63,28%-и дороиҳои ташкилотҳои қарзиро ташкил медод, дар соли 2020 то 48,06% кам гардидааст. Аммо новобаста аз тамоюли пастравӣ нишондиҳандаи ҳиссаи сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ ягона нишондиҳандае мебошад, ки дар аксари солҳои даврaи таҳлилшаванда аз қимати ҳадди ҳудудии он зиёд аст. Мувофиқи адабиётҳои иқтисодӣ ҳиссаи сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ, на бояд аз 45% зиёд бошад. Дар соли 2014 фарқияти ҳиссаи воқеии сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ, нисбати меъёри қимати ҳадди ҳудудии он 18,26% ва нисбати соли 2020 3,06% зиёд аст.

Нишондиҳандаи муҳимми муаррификунандаи амнияти молиявии кишвар сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт ба шумор меравад, ки дараҷаи бо пул таъмин кардани иқтисодиётро ифода менамояд. Монетизатсияи баланд ба пайдоиши миқдори зиёди пул аз бонкҳо барои додани қарз мусоидат мекунад. Агар сатҳи пасти монетизатсия вуҷуд дошта бошад, пас қарзҳо гарон мешаванд ва давлат норасоии маблағро эҳсос мекунад.

Ҷадвали 6. Сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Table 6. Level of monetization of the economy of the Republic of Tajikistan

	2014	2015	2016	2017	2018	2019
Сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт	19,94	22,29	27,17	29,49	27,52	29,7
Қимати ҳадди ҳудудӣ	20-30%	20-30%	20-30%	20-30%	20-30%	20-30%
Фарқият аз қимати ҳадди ҳудудӣ	-0,06; -10,06	2,29; -7,71	7,17;-2,83	9,49; -0,51	7,52; -2,48	9,7; -0,3

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ 2014-2020. Бонки миллии Тоҷикистон. – 122 с.

Сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон дар давоми солҳои 2014-2020 аз 19,94% то 29,7%-ро ташкил медиҳад. Қимати ҳадди ҳудудии ин нишондиҳанда барои давлатҳои рӯбаинкишоф 20-30% муқаррар гардидааст, ки фарқияти таносубияти он дар соли 2020 9,7% нисбати қимати 20 ва 0,3%-ро нисбати қимати 30 ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, таҳлили нишондиҳандаҳои амнияти молиявии кишварро аз рӯи қиматашон ба 2 гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1) Нишондиҳандаҳое, ки бузургии воқеии онҳо аз қимати ҳадди ҳудудии муқарраршуда паст аст ва ба амнияти молиявии кишвар таҳдид наменамоянд. Ба ин нишондиҳандаҳо касри буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД, ҳиссаи маҷмуи дороиҳои низоми бонки нисбати ММД, сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти кишвар дохил мешаванд.

2) Нишондиҳандаҳое мебошанд, ки бузургии онҳо нисбати қимати ҳадди ҳудудии онҳо баланд аст ва зарурати коркарди чорабиниҳо оид ба дар сатҳи пасттар нигоҳ доштани онҳо аз қимати муқарраргардидаро тақозо менамояд. Ба ин нишондиҳандаҳо дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ нишондиҳандаҳои сатҳи таваррум махсусан ба молҳои озуқаворӣ, ҳиссаи қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД, афзоиши ҳаҷми пул нисбати солҳои пешина, ҳиссаи сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ дохил мешавад.

Ҳамин тариқ, новобаста аз оне, ки қимати аксари нишондиҳандаҳои макроиқтисодии баррасишаванда барои таъмини амнияти молиявии кишвар таҳдидкунанда нестанд, имрӯз барои баланд бардоштани нақши молия дар рушди иқтисодии кишвар зарурати мукаммалгардонии низоми молиявии кишвар пеш омадааст, ки метавонад динамикаи рушди нишондиҳандаҳои молиявии кишварро устувор гардонида, стратегияи пурзӯр намудани таъсири он ба тамоми соҳаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро ташаккул диҳад. Ҳамаи ин, зарурати эҷоди як механизми муассири таъмини амнияти молиявии кишварро дар шароите ба миён меорад, ки тариқи он мамлакат метавонад ба муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ бо шароитҳои беҳтар ва мусоидтар ҳамроҳ шавад. Ин амал дар навбати худ ба татбиқи як қатор барномаҳо, аз ҷумла барномаҳои ҳамгироӣ бо раванди ташаккул, тақсим ва истифодаи гардиши гуногуни пулӣ алоқаманд аст.

Дар баробари ин, «фаъолгардии ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои иқтисодиёти ҷаҳонӣ зарурати таҳия ва татбиқи чораҳои ҷадид оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии бахши молия, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти иқтисодиро тақозо менамояд» [11,с.27].

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастомада дар ниҳоят чунин самтҳои муҳимми таъмини амнияти молиявии кишварро пешниҳод менамоем:

–коркарди низоми доимоамалкунандаи баҳогузории таҳдидҳои беруна ба амнияти молиявии кишвар, муқаррар намудани субъектҳои асосии он ва коркарди механизми таъсиррасонӣ ба он;

–таҳияи методологияҳои муосири ояндабинӣ, ошкор намудан ва пешгирӣ кардани зуҳури омилҳое, ки ба амнияти молиявӣ таҳдид менамоянд;

–ҳавасмандгардонии таҳқиқотҳои илмӣ дар самти ошкор ва муайян намудани тамоюлҳои беруна ва дараҷаи таъсири он ба иқтисодиёти миллӣ;

–ташкили низоми назорати самарабахш ба таъмини амнияти молиявии кишвар;

–кам намудани вобастагии бахши иқтисоди хориҷии кишвар аз содироти ашёи хом ва коркарди стратегияи нави иқтисодие, ки ҷаҳиши босуръат ва босифати иқтисодиётро кафолат медиҳад.

–пешгирии бекурбшавии асъори миллӣ, коркарди низомҳои самарабахши назорати фирори асъор, ҷалби сармояи хориҷӣ ва муайян намудани ҳудуди иштироки сармояи хориҷӣ дар сохтори сармояи ширкатҳои ватанӣ;

–вусъат бахшидани раванди ҳамгироии иқтисодиёти кишвар ба низоми молиявии ҷаҳонӣ, ҳамчун қисми муҳими низоми муосири хоҷагии ҷаҳонӣ

Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДБССТ - Ҷумъаев Б.М.

АДАБИЁТ

1. Акрамов Ш. Привлечение зарубежных инвестиций для развития сельского хозяйства / Ш. Акрамов, Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2014. -№2/8(149). -С.273-276.
2. Архипова В. Мировая финансовая система: глобализация или деглобализация?/ В.Архипова // Мировая экономика и международные отношения. - 2016. –Том 60. –№5. –С.40–49.
3. Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. Опыт социального прогнозирования / Д. Белл; пер. с англ. - М.: Academia, 1999. -944 с.
4. Бобоев Ш.К. Основные направления лизинга сельскохозяйственной техники / Ш.К. Бобоев, Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова // Кишоварз. - 2014. -№4. -С.44-45.
5. Бюллетени омори бонкӣ 2014-2020. Бонки миллии Тоҷикистон.- 122 с.
6. Давлатов И.Х. Экономическая природа глобализации и ее влияние на банковскую систему Таджикистана/ И.Х. Давлатов // Век глобализации. –М. Учитель, 2015. -№2. -С.170-182.
7. Изатуллои Ҳабибзод. Равишҳои назариявии таҳқиқи таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ // Идоракунии давлатӣ. - 2021. -№4/2 (54). -С.338-348.
8. Кодирзода Д.Б. Вопросы обеспечения внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан в условиях интеграции в мировую экономику / Кодирзода Д.Б., Хушвахтзода К.Х, Б.М.Джумъаев // Международные отношения и безопасность. - 2022. -№1(1). -С.130-140.
9. Криворотов В.В. Пороговые значения индикативных показателей для диагностики экономической безопасности Российской Федерации на современном этапе / В.В. Криворотов, А.В. Калина, И.С. Белик // Вестник УрФУ. Серия экономика и управление. - 2019. -Том 18. -№6. -С.892–910.
10. Кудряшов В.С. Современные угрозы финансовой безопасности России / В.С. Кудряшов, В.Ю. Доберчук // Juvenis scientia. – 2018. -№6. -С.4-7.
11. Низомов С.Ф. Интеграция банковского сектора Таджикистана к мировой финансовой системе в условиях членства в ВТО / С.Ф. Низомов, Б.М. Джумьаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2013. -№2/7(123). -С.27-31.
12. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АСПРТ, 2020. -С.143.
13. Отчёт о состоянии государственного долга за 2020 год. март 2021 ГОДА
14. Трифонов Д.С. Финансовая глобализация как современный этап интернационализации мирового хозяйства / Д.С. Трифонов // Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета. –Саратов, 2014. -№5(54). –С.45-48.

АМНИЯТИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: АРЗЁБИИ ҲОЛАТ ВА ЧОРАҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ОН

Мақола ба таҳқиқи масъалаҳои таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ бахшида шудааст. Дар он таҳлили қиматҳои воқеӣ ва ҳадду ҳудудии нишондиҳандаҳои таъсиркунандаи ташхиси амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, омилҳои дохилӣ ва берунии таҳдидкунанда ба дараҷаи амнияти молиявии кишвар ошкор карда шудаанд. Муаллиф гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишварро аз рӯи қимати воқеӣ ва ҳадду ҳудудии он гурӯҳбандӣ намудааст.

Қайд мегардад, ки новобаста аз вазъи таносубияти қимматҳои воқеӣ ва ҳадду ҳудудии нишондиҳандаҳои арзёбикунандаи амнияти молиявии кишвар онҳо ба низоми молиявии кишвар таҳдид наменамоянд. Аммо, новобаста аз ин зарур шуморида мешавад, ки низоми молиявии кишвар мукаммалтар гардонида шуда, нақши он дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат баланд бардошта шавад. Муаллиф ҳамчунин коркарди механизми муассири таъмини амнияти молиявии кишварро, ки барои воридшавии мамлакат ба низоми молиявии ҷаҳонӣ мусоидат менамояд зарур шуморида, як қатор тавсияҳои илмию методиро оид ба амалисозии он ва паст гардонидани таҳдидҳо ба сатҳи амнияти молиявӣ пешниҳод менамояд.

Калидвожаҳо: ҷаҳонишавӣ, байналмилалишавӣ, ҷаҳонишавии иқтисодиёт, ҷаҳонишавии молиявӣ, молия, низоми молия, амнияти иқтисодӣ, амнияти беруниқтисодӣ, амнияти молиявӣ.

ФИНАНСОВАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ОЦЕНКА СОСТОЯНИЯ И МЕРЫ ЕЕ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ

Статья посвящена исследованию вопросов обеспечения финансовой безопасности Республики Таджикистан в условиях глобализации. Проводится анализ пороговых значений индикативных показателей для диагностики экономической безопасности Республики Таджикистан и выявляются внутренние и внешние угрозы экономической безопасности. Автором сгруппированы показатели пороговых значений для финансовой системы экономики страны.

Дар мақола ҷанбаҳои асосии ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ ва аҳамияти он ба рушди инфрасохтори соҳаи хизмат баррасӣ шудааст. Асосҳои институтсионалии рушди инфрасохтори соҳаи хизмат дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти мушкилоти технологияи муосир асоснок карда шудааст. Мушкилоти ташаккул ва рушди инфрасохтори соҳаи хизмат дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, гурӯҳбандӣ карда шудааст. Тавсияҳои мақмаавӣ оид ба ташаккули стратегии давлат ҷиҳати ташаккул ва рушди инфрасохтори соҳаи хизмат барои оянда таҳия карда шудааст. Ташкили инфрасохтори рақобатпазири рақамии рушди соҳаи хизмат барои ҷамоварӣ, интиқол ва коркарду нигоҳдории кафолатноки маълумотҳои истифодабарангон пешниҳод карда шудааст.

Калидвожаҳо: иқтисодиёти рақамӣ, инфрасохтори соҳаи хизматрасонӣ, бозори хизматрасонӣ, хизматрасонии пулакӣ, механизми танзим, бозор, технология, талабот.

ФОРМИРОВАНИЕ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА РАЗВИТИЕ ИНФРАСТРУКТУРЫ СФЕРЫ УСЛУГ

В статье рассматриваются основные аспекты формирования цифровой экономики и её влияние на развитие инфраструктуры сферы услуг. Обоснованы институциональные основы развития инфраструктуры сферы услуг в условиях формирования цифровой экономики Республики Таджикистана, с учетом современных технологических вызовов. Систематизированы и выявлены проблемы совершенствования и развития инфраструктуры сферы услуг в

условиях формирования цифровой экономики Республики Таджикистан. Разработаны комплексы научно-практических рекомендаций по совершенствованию стратегии государства в плане формирования и развития инфраструктуры сферы услуг на перспективу. Предложено создание конкурентоспособной инфраструктуры цифрового развития сферы услуг для надежного сбора, передачи, обработки и хранения данных пользователей услуг.

Ключевые слова: цифровая экономика, инфраструктура сферы услуг, рынок услуг, платные услуги, механизмы регулирования, рынок, технология, потребность.

FORMATION OF THE DIGITAL ECONOMY AND ITS IMPACT ON THE DEVELOPMENT OF SERVICE INFRASTRUCTURE

The article discusses the main aspects of the formation of the digital economy and its impact on the development of infrastructure in the service sector. The institutional framework for the development of the infrastructure of the service sector in the context of the formation of the digital economy of the Republic of Tajikistan is substantiated, taking into account modern technological challenges. Systematized and identified the problems of improving and developing the infrastructure of the service sector in the context of the formation of the digital economy of the Republic of Tajikistan. Complexes of scientific and practical recommendations have been developed to improve the state strategy in terms of the formation and development of infrastructure in the service sector for the future. It is proposed to create a competitive infrastructure for the digital development of the service sector for the reliable collection, transmission, processing and storage of data of service users.

Keywords: digital economy, service sector infrastructure, service market, paid services, regulatory mechanisms, market, technology, demand.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Гадайбаева Шахина Ҷафаровна*** - Донишкадаи иқтисод ва тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, И.Сомонӣ, 169. Телефон: **(+992) 927-72-88-22.** E-mail: **sh.gadaybaeva@mail.ru**

Гадойбоева Нилуфархон Бахромҷоновна - Донишкадаи иқтисод ва тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ассистенти кафедраи иқтисод ва соҳибкорӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, И.Сомонӣ, 169. Телефон: **(+992) 926-41-11-12.** E-mail: **nilu2205@bk.ru**

Сведение об авторах: ***Гадайбаева Шахина Джафаровна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета, анализа и аудита. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, И.Сомони, 169. Телефон: **(+992) 927-72-88-22.** E-mail: **sh.gadaybaeva@mail.ru**

Гадойбоева Нилуфархон Бахромджоновна - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, ассистент кафедры экономики и предпринимательства. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, И.Сомони, 169. Телефон: **(+992) 926-41-11-12.** E-mail: **nilu2205@bk.ru**

Information about the authors: ***Gadaibaeva Shakhina Jafarovna*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting, Analysis and Audit. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni 169. Phone: **(+992) 927-72-88-22.** E-mail: **sh.gadaybaeva@mail.ru**

Gadoyboeva Nilufarhon Bahromdzhonovna - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, assistant of the Department of Economics and Entrepreneurship. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni 169. Phone: **(+992) 926-41-11-12.** E-mail: **nilu2205@bk.ru**

УДК: 341.85

ШАРТНОМАИ КОЛЛЕКТИВӢ ҲАМЧУН НАМУДИ ШАРТНОМАИ МЕЪЁРӢ

Шарофзода Р.Ш., Алимзода Ш.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шартномаи меъёрӣ яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, (чун қоида, ҳадди ақал яке аз тарафҳои он давлат, ё ин ки як қисми он дар он амал мекунад) дар он қоидаҳои умумии рафтор (қоидаи қонун) риоя карда мешавад.

Шартномаи меъёрӣ ба ду намуди асосӣ ҷудо карда мешавад:

1. шартномаи меъёрии дохилидавлатӣ;
2. шартномаи меъёрии байналмилалӣ.

Шартномаҳои меъёрии дохилидавлатӣ асосан дар ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи маъмурӣ ва бештар дар ҳуқуқи меҳнатӣ муайян карда шудаанд.

Шартномаи меъёрии байналмилалӣ бошад, ба пуррагӣ дар ҳуқуқи байналхалқӣ ба роҳ монда шудааст.

Тамоми шартномаҳои байналмилалӣ, шартномаи меъёрӣ ба ҳисоб мераванд ва шартномаҳои байналмилалиро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба танзим медароранд.

Яке аз шартномаҳои маъмул дар ҳуқуқи меҳнатӣ, ин шартномаи коллективӣ ба ҳисоб меравад, ки дорои меъёрҳои муайяни ҳуқуқӣ аст.

Тибқи муқаррароти моддаи 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, - санади ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро дар ташкилот ё соҳибкори инфиродӣ ба танзим медарорад ва аз ҷониби намояндагони корфармо ва кормандон баста мешавад, шартномаи коллективӣ номида мешавад [7, м.307].

Инчунин, Шонасридинов Н. ва Бозоров Р.Б. чунин қайд намудаанд: «Шартномаи коллективӣ санади меъёрие мебошад, ки муносибатҳои истеҳсолӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоиро дар байни кордеҳ ва меҳнаткашон дар муассиса, ташкилот новобаста аз шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ танзим мекунад» [14,с.163].

Ҳамзамон, вобаста ба мафҳуми шартномаи коллективӣ назари муҳаққиқон гуногун аст. Масалан, М.В. Шихаев бар он ақида аст, ки мафҳуми шартномаи коллективӣ ва мафҳуми шарикии иҷтимоӣ ҳаммаъноянд [13,с.56].

Аммо, С.Ю. Чуча бар он ақида аст, ки «шартнома ва ё созишномаи коллективӣ санади бо ҳам доим алоқаманди шарикии иҷтимоӣ мебошад» [10,с.237].

Яъне, шарикии иҷтимоӣ яке аз воситаи ба имзо расонидани созишномаҳои коллективӣ ба ҳисоб меравад.

М.В. Молодсов ва С.Ю. Головин бошад, бар он ақидаанд, ки пудрати коллективӣ ва бастани шартномаи коллективӣ шакли асосии шарикии иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд, ки аз як тараф ба таъмини сулҳи иҷтимоӣ ва аз тарафи дигар бошад, муносибатҳои меҳнатиро ба танзим медароранд [8,с.116].

Шартномаи коллективӣ, шартномаи меъёрие мебошад, ки байни корфармо ва корманд ба имзо расонида мешавад.

Ба ақидаи С. Алексеев, «яке аз вазифаи асосии иҷтимоии шартномаи коллективӣ муҳофизати кормандон ба ҳисоб меравад. Шартномаи коллективӣ ҳамчун санад, пеш аз ҳама, манифиати кормандонро ҳифз менамояд, на корфарморо. Дар баробари ин, шартномаи коллективӣ як навъ воситаи таъмини адолат ва баробарии кормандон дар муносибатҳои меҳнатӣ мебошад; ҳуҷҷати асосии танзимкунандаи масъалаҳои музди меҳнат ва шуғли аҳолӣ, таъмини кафолатҳои иҷтимоии кормандон ба ҳисоб меравад» [1,с.42].

Ҳамзамон, ба ақидаи А.Л. Анисимов бояд розӣ шуд, ки гуфтааст: «Доираи васеи шартномаи коллективӣ имкон намедихад, ки он ҳамчун як аҳди одии граждани-ҳуқуқӣ баррасӣ шавад, агар он қувваи ҳуқуқии шартномаро тавсиф намуда, мувофиқи догмаҳои граждани бо ифодаи ирода танҳо иштирокчии онҳо ё шахсони муайяни дорои уҳдадорӣ ва ваколат мешаванд, амали санади шартномаи коллективӣ бошад, ҳамчунин ба он

кормандоне паҳн мегардад, ки онҳо дар таҳия ва қабул кардани он ягон муносибате надоранд. Инчунин, мақсадҳои санади мазкур умуман дигаранд [2,с.19].

Ҳамкорӣ дар системаи шарикии иҷтимоӣ бояд ихтиёран ба амал бароварда шавад. Аз ин лиҳоз, тарафҳо бояд уҳдадориҳоро тибқи шартномаи коллективӣ ба дӯш гирифта, ихтиёран амал кунанд.

Ба ақидаи В.Н. Толкунова, дар аксарияти давлатҳои хориҷӣ, ба монанди Олмон, Фаронса, Австрия ва ғайраҳо шартномаҳои коллективӣ барои тарафҳои он санади аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳатмӣ ба ҳисоб меравнад ва танҳо дар Британияи Кабир шартномаҳои коллективӣ «созишномаҳои ҷентелменӣ» ҳисобида мешаванд, ки қувваи ҳуқуқӣ надоранд [9,с.126].

Қайд кардан зарур аст, ки пайдоиш ва ташаккули бозори қувваи корӣ ва робитаҳои табиатан нави ҷамъиятӣ дар раванди татбиқи меҳнат ба мазмун ва моҳияти шартномаи коллективӣ бетаъсир намонданд.

Шартномаи коллективӣ дар ташкилот, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва намуди фаъолият, дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, инчунин дар воҳидҳои таркибии ташкилотҳо оид ба масъалаҳое, ки марбут ба салоҳияти ин воҳидҳои сохторӣ мебошанд, баста мешаванд.

Тарафҳои шартномаи коллективӣ намояндагони кормандон, корфармо (соҳибмулк) ё мақомоти аз тарафи онҳо ваколатдоршуда ба ҳисоб мераванд.

Дар сурати дар ташкилот мавҷуд будани якчанд намояндагони кормандон, бо мувофиқаи байни онҳо ба сифати тарафи шартномаи коллективӣ намояндагоне, ки аксарияти кормандони ташкилотро муттаҳид менамоянд, ё онҳо ҳамаи кормандонро намояндагӣ мекунанд, тарафи шартномаи коллективӣ шуморида мешаванд.

Тартиб ва муҳлати бастани шартномаи коллективӣ, ҳайати комиссияи барои пешбурди музокирот таъиншавандаро тарафҳо муаяйн мекунанд, ки он бо санади корфармо ба расмият дароварда мешавад. Лоиҳаи шартномаи коллективӣ бояд ба таври ҳатмӣ дар коллективҳои меҳнатӣ муҳокима карда шавад. Лоиҳаи такмилдодашуда аз тарафи маҷлиси умумии (конференсияи) коллективи меҳнатӣ тасдиқ карда мешавад. Маҷлиси умумии (конференсияи) коллективи меҳнатии ташкилот бо протокол (қарор) намояндаи худро уҳдадор менамояд, ки бо корфармо шартномаи коллективӣ бандад (имзо кунад). Намояндаи кормандон ҳуқуқ дорад, ки бо тартиб ва шартҳои барои бастани шартномаи коллективӣ муқаррарнамудаи Кодекси мазкур дар бораи ба имзо расонидани замима ба шартномаи коллективӣ, ки аз номи коллективи меҳнатӣ баста шудааст, музокирот намояд. Замима ҷузъи ҷудонашавандаи шартномаи коллективӣ буда, баробари он эътибори ҳуқуқӣ дорад.

Мазмуни шартномаи коллективӣ муқаррароти зеринро дар бар мегирад:

- дар бораи ташкили меҳнат;
- дар бораи шаклҳо, низоми пардохти музди меҳнат, мукофотпулиҳо, кумакпулиҳо, ҷубронпулиҳо ва пардохтҳои иловагӣ;
- дар бораи андозаҳои тарифии маош ва маошҳои вазифавӣ (мансабӣ) вобаста ба касб, дараҷаи тахассуси кормандон, мушкилот ва шароити корӣ, ки онҳо иҷро менамоянд;
- дар бораи давомнокии вақти корӣ ва вақти истироҳат;
- дар бораи ташкил намудани шароити бехатарии меҳнат, беҳтар намудани ҳифзи саломатӣ, кафолатҳои суғуртаи тиббии аъзои коллективи меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо, дигар намудҳои суғурта;
- дар бораи таъмини шуғл, омодасозии кадрҳо, бо кор таъминкунии кормандони аз кор озодшуда;
- дар бораи танзими тартиботи дохилии меҳнат;
- дар бораи тартиби таъсис ва фаъолияти комиссияҳои созиш оид ба баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои меҳнатии коллективӣ;
- дар бораи тартиби огоҳонидани намояндагони кормандон ва гузаронидани машварат ҳангоми ба таври оммавӣ озод намудани кормандон бо сабаби такмил додани ташкили кор, барҳам додани ташкилот, пурра ва ё қисман аз кор бозмондани истеҳсолот.

Дар шартномаи коллективӣ бо назардошти имкониятҳои иқтисодии ташкилот метавонанд шартҳои дигар, аз ҷумла шартҳои меҳнатӣ ва иҷтимоиву иқтисодии

имтиёзнок дар муқоиса бо меъёрҳо ва муқаррароти бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созишномаҳо муқаррарнамуда (рухсатиҳои иловагӣ, иловапулиҳо ба нафақа, ҷуброни хароҷоти нақлиёт ва сафарҳои хизматӣ, таъмини хӯроки ройгон ё қисман пардохтшавандаи кормандон дар истеҳсолот ва фарзандони онҳо дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои таълимии томактабӣ, имтиёзҳо ва ҷубронпулиҳои иловагии дигар) ҷой дошта бошанд. Мазмуни шартномаи коллективиро тарафҳо дар доираи салоҳияти худ муайян мекунанд.

Шартномаҳои коллективӣ бо мақсади илова ба санади қонунгузорӣ ва дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар намудани шароити меҳнат, шуғл ва кафолати иҷтимоӣ баста мешаванд. Тартиби таҳия, ба имзо расонидан ва амали шартномаҳои коллективиро Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Назорати иҷрои шартномаи коллективӣ аз ҷониби тарафҳо ва намояндагони онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси болозикр амалӣ карда мешавад.

Шартномаи коллективӣ ба яке аз намудҳои асосии санадҳои меъёрии локалӣ мубаддал гашта, тавассути он ҳамкории иҷтимоии кордиҳанда ва мақомоти намояндагии коркунони кироя дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва касбии байни кордиҳанда ва коркунон таъмин мегардад.

Шартномаи коллективӣ ҳамчун санади меъёрии локалӣ хусусиятҳои хос дорад:

1) ин меъёр муносибатҳоеро дар бар мегирад, ки иштирокчиёни он нисбат ба ҳамдигар ягон ваколат надоранд;

2) он бевосита аз ҷониби шарикони иҷтимоӣ тавассути мақомоти ваколатдори онҳо таъсис дода мешавад, ки ин имкон медиҳад, ки манфиатҳои онҳо дуруст арзёбӣ ва ба назар гирифта шаванд;

3) ҳудуди танзим бо доираи мустақилияти иҷтимоию ҳуқуқие, ки дар он меъёр қабул шудааст, маҳдуд мешавад;

4) муҳлати амали он бо мухлати амали шартномаи коллективӣ муайян карда мешавад [12,с.263].

Шартномаи коллективӣ ҳамчун институти ҳуқуқӣ-меҳнатӣ ва санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар силсилаи дигар санадҳои меъёрӣ мавқеи хосси худро ишғол менамояд. Муқаррароти шартномаи коллективӣ, ки мутобиқи муқаррароти қонунгузорӣ баста шудааст, барои корхона ҳатмӣ буда, ҳолати коркунонро дар қиёс бо муқаррароти дар қонун пешбинишуда бадтар сохта наметавонад.

Дар навбати худ ба шартномаҳои меҳнатӣ дохил намудани муқаррароте, ки ҳолати коркунонро дар қиёс ба қонунгузорӣ, шартномаи коллективӣ бадтар месозанд, манъ мебошад.

Ҳангоми бастани шартномаи коллективӣ риояи як қатор талаботҳо ҳатмист:

1. риояи қонунгузорӣ; ваколатдории мақомоти намояндагии тарафҳо; баробарҳуқуқии тарафҳо;
2. интихоб ва баррасии озодонаи масъалаҳое, ки мазмуни шартномаи коллективиро ташкил медиҳанд;
3. ихтиёрона ба дӯш гирифтани уҳдадориҳо; воқеоти таъмини уҳдадориҳои ба дӯш гирифта; назоратии мунтазам аз рафти риоя ва иҷрои шартномаи коллективӣ; ногузирии масъулият барои риоя ва иҷро накардани шартномаи коллективӣ ҳатмист.

Қонунгузорӣ тартиби таҳия ва бастани шартномаи коллективиро пешбинӣ намудааст, ки зинаи аввали онро музокироти коллективӣ ташкил медиҳад. Ташаббускори музокирот оиди таҳия, бастан ва тағйир додани шартномаи коллективӣ ҳарду ҷонибҳо шуда метавонанд.

Яке аз тарафҳо бояд 7 рӯз пеш аз оғози музокирот тарафи дигарро огоҳ созад. Агар зарурияти бастани шартномаи нави коллективӣ ба миён ояд, ҳар кадоме аз тарафҳо огоҳномаи хаттиро оиди оғози музокирот дар давоми 3 моҳ то анҷоми муҳлати амали шартномаи қаблӣ ирсол дошта метавонад.

Агар дар рафти музокирот дар байни тарафҳо ихтилофе ба миён ояд, протоколи ихтилофот тартиб дода шуда, дар давоми 3 рӯзи баъди тартиб дода шудани чунин протокол аз ҳайати худ комиссияи мусолиҳа созмон медиҳанд.

Комиссияи мусолиҳа ё миёнарав дар муҳлати 7 рӯз протоколи мухолифатро баррасӣ намуда, аз рӯйи моҳияти кор тавсия қабул менамояд.

Ба мақсади пешбурди музокироти коллективӣ ва омода намудани лоиҳаи шартномаи коллективӣ тарафҳо дар асоси баробарӣ комиссияи ваколатдор созмон медиҳанд.

Лоиҳаи шартномаи коллективӣ дар коллективҳои меҳнатии ҷузъҳои сохтории корхона муҳокима гашта, дар шакли мукаммалшудааш барои қабул манзури маҷлиси умумии коллективи меҳнатӣ мегардад [15,с.264].

Ҳангоми тағйири ҳайати идоракунии корхона, иваз шудани соҳибмулк, амали шартномаи коллективӣ то қабули шартномаи нав қатъ намегардад. Шартномаи коллективӣ, инчунин дар тамоми давраи азнавсозӣ ё барҳамхӯрии корхона эътибори худро нигоҳ медорад.

Мазмуни шартномаи коллективӣ аз маҷмуи муқаррароти дар байни тарафҳо мувофиқашуда, ки барои танзими муносибатҳои меҳнатӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва касбӣ дар корхонаи мазкур нигаронида шудаанд, иборат мебошад. Ин муқаррарот ба се намуд ҷудо карда мешавад: меъёрӣ, уҳдадоркунанда ва иттилоотӣ.

Тибқи муқаррароти моддаи 315 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон созишнома ва шартномаҳои коллективӣ дар давоми даҳ рӯзи баъд аз имзо шуданашон бо намояндаи корфармо (корфармоён) барои бақайдгирии огоҳонӣ ба мақомоти дахлдор оид ба меҳнат фиристода мешавад. Бақайдгирӣ ба эътибори қонунӣ пайдо кардани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ таъсир намерасонад. Шартҳои созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, ки ҳолати кормандонро нисбат ба санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бад мекунанд, эътибор надоранд ва татбиқ карда намешаванд [7, м.315].

Ҳадаф аз ба имзо расонидани шартномаи коллективӣ баланд бардоштани сатҳи кафолатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоии кормандон дар қиёс ба ҳадди ақали кафолатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоие мебошад, ки давлат муқаррар намудааст.

Функсияҳои шартномаи коллективӣ хеле зиёданд ва онҳо дар мазмуни шартномаи коллективӣ дарҷ мегарданд.

Аз ҷумла, С.П. Басалаева функсияҳои зерини шартномаи коллективиро ҷудо менамояд:

1. функсияи мушаххасгардонии дар соҳаи ҳуқуқи меҳнатӣ;
2. функсияи танзимкунанда, муҳофизаткунанда (ҳимоякунанда), ҳавасмандкунанда ва меъёрӣ;
3. функсияи беҳтар намудани ҳолати кормандон;
4. функсияи истеҳсолӣ ва ё иқтисодӣ;
5. функсияи шарикии иҷтимоӣ, тарбиявӣ, иттилоотӣ, ташкилӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ [3,с.9].

Функсияҳо ва шартҳои шартномаи коллективиро ба ҳам мутобиқ кардан лозим аст.

Инчунин, К.Н. Гусова, кайд менамояд, ки: «яке аз функсияҳои шартномаи коллективӣ ҳавасмандгардонӣ ва беҳтар намудани мавқеи коргарон дар шарикии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, ба шарте ки агар дар шартномаи коллективӣ танҳо кумакҳои моддӣ ва ғайримоддӣ ба кормандон бе уҳдадории зидди онҳо оид ба шарикии иҷтимоии коллективӣ дода шавад» [6,с.36].

Шартҳои шартномаи коллективиро тарафҳо таҳия ва интихоб намекунанд, балки онҳо тибқи қонунгузории амалкунандаи ҳуқуқи меҳнатӣ таҳия карда мешаванд.

Ба ақидаи М.В. Блинова, «агар дар матни шартномаи коллективӣ танҳо шартҳо мавҷуд бошанд, пас он санади басташуда эътироф карда намешавад, яъне ин гуна шартнома ба қувваи ҳуқуқии меъёри қонунгузорӣ ягон чизи нав зам намекунад ва қабули он зарурат надорад [4,с.171].

Агар ба таърих назар кунем, дар давраи Шуравӣ аз соли 1918 то соли 1932 дар ҳамаи корхонаҳо шартномаҳои коллективӣ баста мешуданд. Онҳо асосан музди меҳнатро танзим мекарданд. Бинобар ин, дар соли 1932 пас аз ҷорӣ кардани системаи мутамаркази тарифии музди меҳнат, шартномаҳои коллективӣ моҳияти худро ҳамчун танзимкунандаи музди меҳнат гум карданд ва дар оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ дигар шартномаҳои коллективӣ баста намешуданд. Баъдан пас аз тамом шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ, аз соли 1947 сар карда то инҷониб ба имзо расонидани шартномаи коллективӣ боз ба роҳ монда шудааст.

Дар Тоҷикистон оид ба меъёри танзим ва татбиқи қонунгузории меҳнат таҷрибаи муайян андухта шудааст. Ва ин гувоҳи он аст, ки истифодаи минбаъдаи ин таҷриба бе

донистани таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷумҳурӣ дар умум, аз ҷумла қонунгузории меҳнат имконнопазир аст [5,с.5].

Муқарриз: *Азизов У.А.* - д.и.ҳ, профессори ДМТ

АДАБИЁТ

1. Алексеев С.В. Актуальные вопросы регулирования трудовых отношений / С.В.Алексеев // Трудовое право в России и за рубежом. -2015. -№ 2. -С. 42.
2. Анисимов А.Л. Коллективные договоры и соглашения и их социально-правовое значение / А.Л. Анисимов // Трудовое право. -2013. -№ 13. -С. 19.
3. Басалаева С.П. Правовая природа коллективного договора: автореферат / С.П.Басалаева. -Санкт Петербург, 2014. -С. 9.
4. Блинова М.В. Условия коллективного договора в трудовом праве / М.В. Блинова // Кадровик. -2016. -№ 9 (136). -С. 171.
5. Бобокалонов Г.М. Избранные труды по трудовому праву и праву социального обеспечения / Г.М. Бобокалонов. - Душанбе: Сино, 2013. - С. 5.
6. Гусова К.Н. Комментарий к Трудовому кодексу Российской Федерации (постатейный) (7-е издание, переработанное и дополненное)/ К.Н. Гусова. - М.: Проспект, 2012. -С. 36.
7. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон// аз 23 июля 2016с., № 1329// м.307.
8. Молодцов М.В. Трудовое право России / М.В.Молодцов, С.Ю. Головина. - М.: Фасад, 2013. -С.116.
9. Толкунова В.Н. Трудовое право / В.Н. Толкунова. - М.: Эксмо, 2012. -С. 126.
10. Чуча С.Ю. Социальное партнерство в сфере труда: становление и перспективы развития правового регулирования в Российской Федерации / С.Ю. Чуча // Омский юридический вестник. -2011. -№ 19. -С. 237.
11. Шадрина Любов Юревна // Коллективный договор как инструмент социального партнерства: 12.00.08 / Л.Ю.Шадрина. -М., 2008.
12. Ширинкина Ольга Юрьевна // Коллективный договор: история вопроса и современное состояние: дис. … ном. илмҳ. ҳуқ.:12.00.05 / Ширинкина О.Ю. - М., 2006.
13. Шихаев М.В. Юридическая сущность коллективных соглашений / М.В. Шихаев // Трудовое право. -2015. -№ 9. -С. 56.
14. Шонасридинов Н. Ҳуқуқи меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Шонасридинов, Р.Б. Бозоров. – Душанбе, 2006. -С.163 (180с.)
15. Шонасридинов Н. Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Шонасридинов. – Душанбе: Маориф, 1999. -Фасли 8. - 157с. (263с.)

ШАРТНОМАИ КОЛЛЕКТИВӢ ҲАМЧУН НАМУДИ ШАРТНОМАИ МЕЪЁРӢ

Дар мақола муаллиф шартномаи коллективиро ҳамчун шартномаи меъёрӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ додааст. Шартномаҳои меъёрӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мераванд. Инчунин, шартномаи меъёрӣ яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, дар он қоидаҳои умумии рафтор (қоидаи қонун) риоя карда мешаванд. Дар мақола муаллиф қайд менамояд, ки яке аз шартномаҳои маъмул дар ҳуқуқи меҳнатӣ, шартномаи коллективӣ ба ҳисоб меравад, ки дорои меъёрҳои муайяни ҳуқуқӣ аст. Инчунин, вобаста ба масъалаи мафҳуми шартномаи коллективӣ, муаллифон дар мақола фикру ақидаҳои зиёди олимонро ҷамъоварӣ намуда, мазмуни шартномаи коллективиро дар ташкилот, шарҳ додаанд, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва намуди фаъолият, дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, инчунин дар воҳидҳои таркибии ташкилотҳо оид ба масъалаҳое, ки марбут ба салоҳияти ин воҳидҳои сохторӣ мебошанд, баста мешаванд. Ба ақидаи онҳо, тамоми муносибатҳоро оид ба шартномаи коллективӣ Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад. Инчунин, муаллиф қайд намудааст, ки Кодекси мазкур муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевосита ба онҳо алоқамандро ба танзим дароварда, барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, муқаррар намудани кафолатҳои камтарини ҳуқуқ ва озодиҳо дар соҳаи меҳнат равона карда шудааст.Шартномаҳои коллективӣ масъалаҳои ташкили меҳнат, низоми пардохти музди меҳнат, мукофотпулиҳо, кумакпулиҳо, ҷубронпулиҳо, андозҳои тарифии маош, давомнокии вақти корӣ, вақти истироҳат, ташкил намудани шароити бехатарии меҳнат, кафолатҳои суғуртаи тиббии коллективи меҳнатӣ ва оилаи онҳо, таъмини шуғл, омодасозии кадрҳо ва дигар масъалаҳои ба ин алоқамандро дар бар мегиранд.

Калидвожаҳо: шартномаи меъёрӣ, шартномаи коллективӣ, шарикии иҷтимоӣ, сарчашмаи ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, догмаи гражданӣ, корфармо, корманд.

КОЛЛЕКТИВНЫЙ ДОГОВОР КАК ВИД НОРМАТИВНОГО ДОГОВОРА

В статье автор описывает коллективный договор как нормативный договор в законодательстве Республики Таджикистан. Нормативные соглашения являются одним из важнейших вопросов в различных областях права.Нормативный договор также является одним из источников права, который следует общим правилам поведения (норме права).В статье автор отмечает, что одним из наиболее распространенных договоров в трудовом праве является коллективный договор, имеющий определенные правовые нормы.Также по понятию коллективного договора автор собрал множество мнений ученых и разъяснил содержание коллективного договора в организации, независимо от организационно-правовой формы и вида деятельности, в учреждениях начального

профессионального образования, учреждениях среднего профессионального образования и образовательных учреждениях высшего образования, а также в структурных подразделениях организаций по вопросам, отнесенным к компетенции этих структурных подразделений.По его мнению, все отношения по коллективному договору регулируются Трудовым кодексом РТ. Автор также отметил, что Кодекс регулирует трудовые отношения и иные отношения, непосредственно связанные с ними, и направлен на защиту прав и свобод участников трудовых отношений, установление минимальных гарантий прав и свобод в сфере труда.Коллективные договоры регулируют вопросы организации труда, системы оплаты труда, премий, надбавок, компенсаций, тарифных ставок, продолжительности рабочего времени, времени отдыха, создания условий безопасности труда, гарантий медицинского страхования трудовых коллективов и их семей, трудоустройства, обучения, трудоустройства и т.п. вопросы, связанные с этим.

Ключевые слова: нормативный договор; коллективный договор; социальное партнерство; источник права; нормативные правовые акты; трудовое права; гражданская догма; работодатель; работник.

COLLECTIVE AGREEMENT AS A TYPE OF NORMATIVE AGREEMENT

In the article, the author describes the collective agreement as a normative agreement in the legislation of the Republic of Tajikistan. Regulatory agreements are one of the most important issues in the field of law. A normative contract is one of the sources of law in which the general rules of conduct (rules of law) are observed.

In the article, the author notes that one of the most common contracts in labor law is a collective agreement that has certain legal norms.Also, the author collected a lot of opinions of scientists on the concept of a collective agreement in the article and explained the content of the collective agreement in an organization, regardless of the legal form and type of activity, in primary vocational education, secondary vocational education. education and educational institutions of higher education, as well as in the structural divisions of organizations on issues within the competence of these structural divisions.In his opinion, all relations under the collective agreement are regulated by the Labor Code of the Republic of Tajikistan. This Code also regulates labor relations and other relations directly related to them and is aimed at protecting the rights and freedoms of participants in labor relations, establishing minimum guarantees of rights and freedoms in the sphere of labor.

Collective agreements regulate the organization of labor, the system of remuneration, bonuses, allowances, compensations, tariff rates, working hours, rest time, creation of labor safety conditions, guarantees of medical insurance for labor collectives and their families, employment, training, employment, etc. questions related to this.

Keywords: normative agreement, collective agreement, source of law; normative legal acts; labor law; civil dogma; employer; worker.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шарофзода Рустам Шароф*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17. Телефон: **901-00-07-70.** E-mail: **www-rustam-tj@mail.ru**

Алимзода Шаҳлохон Абдусалом - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвончӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: **98-109-62-62.** E-mail:: **alimova@dip.tj**

Сведение об авторах*:* ***Шарофзода Рустам Шароф*** - Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор кафедры теории и истории государства и права. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **901-00-07-70.** E-mail:: **www-rustam-tj@mail.ru**

Алимзода Шахлохон Абдусалом - Таджкиский национальный университет, соискатель кафедры теории и истории государства и права. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **98-109-62-62.** E-mail:: **alimova@dip.tj**

Information about the authors**:** ***Sharofzoda Rustam Sharof*** - Tajik National University, Doctor of Law, Professor of the Department of Theory and History of State and Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **901-00-07-70.** E-mail**: www-rustam-tj@mail.ru**

Alimzoda Shahlokhon Abdusalom - Tajik National University, applicant for the Department of Theory and History of State and Law. . **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.

Phone: **98-109-62-62.** E-mail: **alimova@dip.tj**

УДК: 343.982

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

Назаров А.Қ., Давлатзода К.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар садаи XXI рушди назарраси технология ва густариши воситаҳои иттилоотӣ дар баробари омилҳои мусбат барои як қатор соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа мушкилот низ эҷод менамояд, ки ҳалли саривақтии онҳо ба манфиати ҳамагон аст. Ин раванд ба содиршавии ҷиноятҳо сабаб гардида, шабакаҳои компютерӣ на танҳо барои ташкил ва содир кардани ҷиноятҳо, балки барои баланд бардоштани сатҳи касбии ҷинояткорон мусоидат менамоянд. Дар камтарин фурсат миқдори зиёди иттилооти дорои хусусияти ҷиноятӣ дар шабакаи Интернет паҳн шуда, фазои иттилоотии муосир имкон фароҳам меорад, ки муҳити номусоиди созгор ба ҷиноятқорӣ дар фазои иттилоотӣ ба миён ояд.

Ба андешаи файласуфи машҳур Ҷ.Бодрияр, «дар даврони муосир доираи иттилоотӣ васеъ гардида, аммо мазмуни онҳо аз воқеият дур мебошад» [2]. Ин гуфтаи олим дар даврони пешрафти технологӣ боз ҳам аҳамияти бештарро касб намуда истодааст. Воқеан, дар зери таъсири технологияҳои иттилоотӣ бисёр паҳлуҳои ҳаёти инсон ба таври назаррас тағйир меёбанд. Афзоиши фазои иттилоотӣ ва то андозае ғайриимкон будани назорати иттилоот боиси нофаҳмоиҳо дар ҷомеаи муосир гардида, ин омили манфӣ ҳатто нобоварии шаҳрвандонро нисбати ҳодисаҳои дар қишрҳои гуногуни ҷомеа баамалоянда зиёд мегардонад.

Дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд ФОҶ) таҳлил ва танзими фазои иттилоотии ҷомеаи муосир муҳим мебошад. Дар фазои иттилоотӣ хабарҳо пайдо, интиқол ва истифода мешаванд [7]. Дар ин самт майдони иттилоотиро ҷудо метавон кард, ки он дорои иттилооти аз ҷиҳати амалиётӣ муҳим буда, қонуниятҳои ташаккул ва фаъолияти онҳо таҳти таъсири равандҳои баррасишаванда ба таври назаррас тағйир меёбанд [10].

Паҳншавии манобеи анонимӣ дар шабакаи ҷаҳонӣ, набудани масъулияти муаллифон барои эътимоднокии маълумоти интишоршуда боиси беэътимодӣ ба ҳама гуна иттилооти воридшаванда мегардад. Технологияҳои паҳншавии хабарҳои бардурӯғ (дезинформатсия) такмил меёбанд, ки бо истифода аз онҳо ҳама гуна маълумотро ба осонӣ қалбакӣ ё таҳриф метавон кард. Технологияҳои иттилоотии аввалиндараҷа, ташаккули шуури ҷамъиятӣ, дарки махсуси воқеият низ дар ин раванди мураккаб ташаккул меёбад. Ҳамаи ин омилҳоро ҳамчун субъектҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мавриди ба даст овардани маълумоти муҳим бояд мадди назар гирифт.

Раванди дастрасии иттилоотӣ ва таҳлили ҳуқуқии он дар самти ФОҶ раванди мураккаб буда, дар ин замина тавассути амалиёти муҳим метавон роҳҳои паҳншавӣ ва танзими иттилоотро зери назорат гирифт. Ҳамин тавр, иттилооти компютериро на ҳамчун як намуди махсуси иттилоот, балки ҳамчун навъи мушаххаси коркардшуда, дар шабакаҳои алоҳида паҳнгардида ва махсусгардонидашуда бояд дарк намуд [12]. Шакли компютерии иттилоот имкон медиҳад, ки маълумот тавассути нармафзор коркард карда шавад ва бо суръати баландтарин ба нуқтаи лозима фиристода шавад. Воситаи махсусе, ки ҷинояткорон ҳангоми пинҳон кардани кирдорҳои ғайриқонунӣ фаъолона истифода мебаранд, ин хусусияти анонимии маълумоти компютерӣ (набудани аломатҳои бозгӯикунандаи соҳиби маълумот ва тағйирдиҳандаи он) ва имконияти зуд нобуд кардани матни пурраи онҳо мебошад.

Иттилооти шакли компютерӣ аз ҷониби шахс мустақиман қабул карда намешавад, бинобар ин, барои танзими фаъолияти инсон бо компютер роҳандозии ду раванди ба ҳам муқобил ҳатмист, ки бо ёрии барномаҳои махсус ва дастгоҳҳои вуруду баромад анҷом дода мешаванд: рамзгузорӣ (дар таҳияи иттилооти воридотӣ) ва рамзкушоӣ (таҳияи маълумоти компютерӣ ба шакли фаҳмо). Айни замон компютерҳоро метавон чун дастгоҳҳои хеле пешрафта ҳисоб кард, ки барои коркарди автоматии додаҳои рақамӣ пешбинӣ шудаанд ва дар ин замина коркард ба маънои васеъ дар дарки амалҳое, ки мувофиқи алгоритмҳои дар нармафзор нишондодашуда барои ворид-бароварди, интиқол,

нигоҳдорӣ, нусхабардорӣ, тағйир додан, нест кардани чунин маълумот иҷро мешаванд, пешбинӣ гарданд.

Дар даврони муосир бо боварии комил метавон гуфт, ки барои ҳалли вазифаҳои мубориза бо ҷиноятқорӣ дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалҳои дорои хусусиятҳои технологияҳои навин заруранд. Мақсади асосӣ дар ин самт, пеш аз ҳама, аз дарки зарурати роҳандозии шакли рақамии таъмини фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки он дар ташкили низоми рақамии фаъолияти кормандони ҳифзи ҳуқуқ, фазои ягонаи иттилоотии рақамӣ, муҷаҳҳаз гардонидани кормандони милитсия бо воситаҳои электронӣ ва истифодаи робот замина фароҳам меорад [13]. Ҳамзамон бояд гуфт, ки роҳандозии тафаккури рақамӣ айни замон таҳия ва татбиқи қарорҳои баландтехнологиро дар назар дошта, он раванди пурраи эволютсияи инсониро фаро намегирад, инчунин тафаккури рақамӣ вазифаи шахсро пурра фаро гирифта наметавонад. Дар баробари ин, дар асоси таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи баррасишаванда, таҷрибаи сохторҳои бузурги тиҷоратӣ дар ошкор ва роҳандозии самарабахши унсурҳои технологии рақамӣ, муаллифон ба хулосае омаданд, ки дар интихоб, таълим ва тарбияи насли нав дар мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ бояд аз ин воситаҳои технологияи навин истифода намоем [8]. Маълум аст, ки дар сафи пеши мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои мансуби технологияҳои рақамӣ, корманди оперативии ҳар як воҳиди оперативӣ-ҷустуҷӯии мақомоти дахлдор қарор дорад. Дар ин мавриди шахсияти ӯ ва салоҳиятҳояш бояд мушаххас бошад. Аз таҳқиқи ин самт ба хулосае метавон омад, ки ин кормандон бо дониши васеъ ва сатҳи баланди касбият бояд фарқ кунанд ва дорои ин хусусияту аломатҳо бошанд:

♦ дониши васеъ доштан дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ, ҳамзамон, донистани қонуни ҷиноятӣ, хусусияти криминологӣ, танзими ҳуқуқии масъалаҳои рақамӣ ва албатта, усулҳои ошкор, пешгирӣ ва кушодани ҷиноятҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, риояи принсипи асосӣ дар ҳалли вазифаҳои оперативӣ дар фазои рақамӣ), дар соҳаи технологияи навин (асбобҳои рақамӣ, хизматрасонӣ), дар соҳаи равоншиносӣ (хусусан ҳангоми кор дар гурӯҳҳои дорои фаъолияти пӯшида);

♦ малакаи кор бо иттилооти рақамӣ;

♦ малакаи алгоритмсозии амалҳо оид ба ошкор, пешгирӣ ё ошкорсозии саривақтии ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, инчунин амалӣ намудани ҷустуҷӯ дар фазои рақамӣ.

Дар баробари ин, масъулияти муҳимми корманди оперативӣ эътибор ба ташаккули худшиносӣ, ҷустуҷӯи доимӣ ва омӯзиши тамоюлҳои нави ҷаҳони рақамӣ буда, дар ин замина унсури ҷиноятиро ӯ метавонад зуд ошкор созад. Илова бар ин, ҳавасмандкунии кормандон барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар ин самт муҳим арзёбӣ мегардад [14]. Асосҳои назариявии пешгирии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби олимон дар ибтидои иттилоотонии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешбинӣ шуда буданд [8]. Дар даҳсолаҳои баъдин ин бахш хеле ташаккул ёфт. Бо таҳаввулоти технологияҳо (автоматизатсия, рақамикунонӣ, трансформатсияи рақамӣ) дастрасии иттилоотӣ ва таҳлилии рӯйдодҳо дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нақши торафт муҳим бозид.

Иттилооти компютерӣ дар ин навъи фаъолият ҷойи махсусро ишғол мекунад. Дар ҷаҳони муосир иттилооти зарурӣ ва муҳим (виртуалӣ) шахсро аслан дар ҳар қадам ҳамроҳӣ мекунад. Онҳо дар системаҳои иттилоотӣ мутамарказ шуда, дар интернет ва дигар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ паҳн мешаванд. Дар илм ва амалияи тафтишоти шаклу усулҳои муносиби ҷамъоварии иттилооти компютерии бахши фаъолияти оперативӣ нақши муҳимро касб менамояд. Дар баробари ин, танзими нокифояи ҳуқуқии ба даст овардани дастрасӣ ба маълумоти компютерӣ низ мавҷуд буда, он омилҳои манфиро дар соҳаҳои гуногун ба миён меорад. Барои эҷоди фазои рақамӣ оид ба пешгирии ҷиноятҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, пеш аз ҳама, алгоритмҳои муайян кардани амали шахсоне, ки аз онҳо рафтори ғайриҷамъиятӣ, ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳоро интизор метавон шуд, бояд мавҷуд бошад. Дар илм кӯшишҳои муайян кардани ҷиноятқорони эҳтимолӣ борҳо анҷом дода шуданд. Дар марҳилаҳои аввали тадқиқоти криминологӣ онҳо кӯшиш мекарданд, ки ин ё он ҷиноятро бо хусусиятҳои антропологии шахс: пешонии танг, чашмони пӯшида, ангуштони дароз ва ғайра бозгӯӣ намоянд. Минбаъд, эҳтимолияти содир кардани ҷиноятро баҳо дода, ба муҳити тарбия, рафиқони

шубҳанок, зуҳуроти фиребгарӣ, бераҳмӣ, хархаша эҷод намудан, эҳсосоти манфии шахсони алоҳида диққати махсус равона намуданд [15].

Профессор А.Л. Осипенко мафҳуми ҷиноятҳоро дар шабакаҳои ҷаҳонии компютерӣ аз рӯйи маҷмуи кирдорҳои ҷиноятии баррасишуда бозгӯӣ менамояд, бо дарназардошти механизми бисёрҷанбаи содир намудани онҳо, ба ақидаи ӯ, ин навъи ҷиноят ҷустуҷӯи нави судиву оперативиро талаб мекунад [9]. Дар ин самт андешаҳои арзишманди коршиноси маъруфи амрикоӣ Д.Л. Шиндерро бояд қайд намуд, ки ӯ ба таври ҷиддӣ таърифҳои "норавшан"-и марбут ба мундариҷаи амалҳои ҷиноии компютерӣ [9], ҳатто Конвенсияи Аврупоро оид ба ҷиноятҳои кибериро шадидан танқид мекунад.

Олими дигар Э.Мелик дар ин маврид қайд мекунад, ки иттилооти мошинӣ дар як вақт ҳамчун объект ва ҳамчун воситаи ҷиноят ба ҳисоб рафта метавонад. Дар баробари ин, худи компютер, инчунин шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ (муҳити ҳисоббарорӣ, ки ин иттилоот дар он гардиш мекунад) ба гурӯҳи воситаҳои содир намудани чунин ҷиноятҳо дохил мешаванд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, ба ақидаи ӯ, аломатҳои зерини хосси ҷинояти компютериро ҷудо метавон кард: 1) гуногунии субъекти ҳамла; 2) хусусиятҳои иттилооти мошинӣ, ки ҳам ҳамчун субъект ва ҳам ҳамчун воситаи (асбоби) содир намудани ҷиноят ба ҳисоб мераванд; 3) гуногунии ашё ва воситаҳои ҷиноятӣ; 4) хусусиятҳои компютер ва шабакаи компютерӣ дар маҷмуъ, ки дар як маврид ҳамчун объект ва воситаи содир намудани ҷиноят ба ҳисоб мераванд [4].

Дастрасии иттилоотӣ ҳуқуқҳои конститутсионии шахс ва шаҳрвандро ба махфияти мукотиба ва дигар паёмҳои тавассути шабакаҳои компютерӣ интиқолшаванда, инчунин ҳифзи маълумотҳои бонкӣ ва дигар махзанҳо маҳдуд мекунад. Вобаста ба ин, ҳангоми дархост кардани маълумоте, ки дар ихтиёри операторони алоқа қарор дорад, бояд дар асоси қарорҳои дахлдори суд оид ба маҳдуд кардани махфияти алоқа фаъолият роҳандозӣ карда шавад [16].

Олими рус А.В. Чуркин дар ин сам ҳолати махсусеро кайд мекунад, ки маълумоти зарурии компютериро бе қарори суд ва ё бе қарори асосноки роҳбари салоҳиятдори мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавон гирифт. Масалан, дар он мавриде, ки гумонбаршуда бевосита дар ҷойи ҷиноят ва ё дар ҷойи ҷамъиятӣ дастгир карда мешавад, корманди оперативӣ ҷустуҷӯӣ метавонад бевосита асбоби техникии инфиродии ӯро (компютер, смартфон, планшет ё дигар асбоби ба ин монанд) аз назар гузаронад [13].

Профессор А.Л. Осипенко дуруст қайд мекунад, ки ба даст овардани иттилооти муҳимми компютерӣ фарогири раванди омӯзиши объектҳои иттилоотӣ дар интернет буда, дар ин самт омилҳои зеринро бояд ба инобат гирифт:

а) махзани иттилоотии пӯшида, ки дорои маълумот мебошад:

– содир намудани ҷиноятҳо ва шахсоне, ки онҳоро содир мекунанд (сайтҳои сохторҳои ҷиноятӣ, ки тавассути онҳо иттилооти барои ҷамъият хавфнок паҳн карда мешаванд, объектҳои муомилоти манъшуда фурӯхта мешаванд, тарғиби тарзи ҳаёти ҷиноятӣ, ҷалби иштирокчиёни нав ба фаъолияти ғайриқонунӣ ва ғ.);

б) ҷойҳои муошират шабакавӣ (форумҳо ва чатҳои шабакавии пӯшида, ҷомеаҳои ҷиноятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғ.) шахсони майли ҷиноятқорӣ ва саҳифаҳои шахсии онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ [9].

Маълумоти дорои аҳамияти оперативӣ оид ба ин объектҳо метавонад дар шакли санад оид ба фаъолияти ғайриқонунӣ, истинод ба маводи манъшуда, паёмҳои шахсоне, ки аз ҳолатҳои тайёрӣ ва содир намудани ҷиноят огоҳанд, ҷамъ оварда шаванд.

Дар самти дастрасӣ ба иттилооти муҳимми компютерӣ, ба ақидаи ин муаллиф, мавқеи шабакаҳои иттилоотӣ, ки ҷинояткорон барои ҳамоҳангсозии амалҳо аз почтаи электронӣ ва воситаҳои паёмнависӣ, замимаҳои паёмнависии фаврӣ ва ғайра истифода мебаранд, муҳим ба ҳисоб меравад. Муайян кардан ва назорат кардани чунин шабакаҳо аз ҷониби мақомоти оперативӣ ба онҳо афзалиятҳои назаррас медиҳад. Дар баробари ин, бояд ба инобат гирифт, ки теъдоди хидматҳои шабакавӣ, ки алоқаи матнӣ, овозӣ ва видеоиро тавассути интернет амалӣ месозанд, мунтазам меафзояд ва бисёре аз онҳо хидматҳои рамзгузориро барои додаҳои интиқолшаванда пешкаш мекунанд [7].

Воқеан, доираи манбаъҳои техникии иттилоотӣ дар ояндаи наздик аз ҳисоби «омилҳои зеҳнӣ (интеллектуалӣ)», ки бо микропротсессорҳо муҷаҳҳаз шудаанд ва барои табодули маълумот бо шабакаҳои телекоммуникатсионӣ (системаҳои навигатсионӣ барои

воситаҳои нақлиёт, системаҳои «хонаи интеллектуалӣ», техникаи маишии «интеллектуалӣ», сенсорҳои иттилоотӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ғайра) густариш хоҳад ёфт. Тағйир додани мафҳуми «интернети амвол» ба «интернети ҳама чиз» дар ҷомеаи муосир ба шабака пайваст кардани қариб ҳамаи объектҳо ва инфрасохторҳоро дар бар мегирад, ки ба манфиатҳои шаҳрвандони алоҳида ва дар маҷмуъ ҷомеа хизмат мекунанд.

Амалҳои кормандони оперативӣ ба пешгирии барои ворид шудани ашхоси дар содир кардани ҷиноят гумонбар бо истифода аз усулҳои махсуси техникӣ бо мақсади нусхабардории компютерӣ равона карда шудааст.

Чунин усулҳо омилҳои зеринро дар бар мегиранд:

♦ истифодаи махфии нармафзор ва таҷҳизоти махсус барои ҷамъоварии маълумоти махфӣ дар бораи захираҳои шабакавии пӯшида, ки метавонанд манбаи эҳтимолии амалиётӣ дошта бошанд;

♦ мониторинги оперативӣ-тафтишотии захираҳои иттилоотии шабакавии дорои манфиати оперативӣ, ки тавассути ҷустуҷӯи автоматии захираҳои дорои маълумоти махсус амалӣ карда мешавад; омӯзиши мавод марбут ба фаъолияти иттиҳодияҳои муташаккили ҷиноятӣ; назорати ҷойҳои алоқаи шабакавии намояндагони муҳити ҷиноятӣ, ки барои дастрасии омма баста шудаанд;

♦ ба таври возеҳ насб кардани нармафзори махсус дар дастгоҳҳои компютерии шахсони алоҳида, ки он имкони сабти мундариҷаи сеансҳои алоқаи аз онҳо гузаронидашударо фароҳам меорад.

Раванди танзими дастрасии гурӯҳҳои алоҳида аз ҷониби кормандони бахши оперативӣ-ҷустуҷӯӣ басо мураккаб мебошад. Асоси воқеии ба даст овардани иттилооти компютерӣ дастрасӣ ба маълумоти кофист, ки он ба мақоми амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (қисмҳои оперативӣ-техникӣ) имкони дар бораи ҷинояти омодашаванда, содиршуда ва ё содиршаванда, инчунин ашхоси алоҳида маълумот гирифтанро фароҳам меорад ва маҳз дар ҳамин асос фаъолияти танзми ҳуқуқӣ дар самти иттилооти компютерӣ самарабахш хоҳад буд [14].

Ҷараён ва натиҷаҳои дастрасии иттилооти компютерӣ, чун қоида, бо ҳисоботи корманди бахши оперативӣ ба расмият дароварда мешаванд, ки дар он вақт, ҷой ва усулҳои гирифтани (боздошти) чунин маълумот бо тавсифи маълумоти техникӣ ва суроғаҳои шабака; ашё ва дастгоҳҳои рақамӣ (дискҳои сахт, дискҳои оптикии дорои маълумот, компютерҳои фардӣ ва ё сайёр, таҷҳизоти шабакавӣ ё серверӣ, дастгоҳи рамзгузории рақамӣ ва ғ.) сабт мешаванд. Ин маводҳо мувофиқи тартиботи дар қонунгузорӣ муайяншуда ба мақомоти дахлдор, муфаттиш ё суди пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар доираи муқаррарнамудаи қонун пешниҳод карда мешаванд.

Натиҷаҳои бадастовардаи иттилооти компютерӣ дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ метавонанд тавассути мурофиа ба далел табдил дода шаванд, масалан:

– дар парвандаи ҷиноятӣ ҳамаи ҳуҷҷатҳои махфӣ замима карда мешаванд. Ҳамзамон, баъзеи онҳо метавонанд дар шакли дигар ҳуҷҷатҳо (масалан, ҳисобот ё шаҳодатномаи корманди оперативӣ) ё далелҳои шайъӣ (василаи воқеии иттилооти рақамӣ ва ғ.) пас аз тафтиш ва баҳодиҳии онҳо ба сифати далел мутобиқи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ баромад кунанд;

– пурсиши корманди бахши оперативӣ-техникӣ ба сифати шоҳид, ки ин амалро анҷом додааст ва ё дар он иштирок кардааст;

– ба сифати шоҳид пурсиши ашхоси дигаре, ки ин фаъолиятро аз номи корманди оперативӣ анҷом додаанд ва (ё) дар он иштирок кардаанд;

– пурсиши ҷабрдида, гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда;

– хулосаи мутахассис ё коршинос, нишондоди онҳо оид ба омӯзиши маводи гирифташуда;

– азназаргузаронии ашё, ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ё гирифташуда ва замима кардани онҳо ба парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла ҳамчун далели шайъии васоити иттилооти компютерӣ.

Мубориза бо ҷинояткорӣ дар шароити рақамикунонии тамоми самтҳои рӯзгор истифодаи самараноки воситаҳои муосир ва самарабахши иттилоотӣ ва равониро талаб мекунад. Ҳамин тариқ, дар танзими рақамии сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ вазифаи муҳим, яъне таъсиси на танҳо фазои пӯшидаи махсус дар роҳандозии амалиётҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ,

балки баррасии имкони эҷоди шаклҳои амлиётии технологӣ ба миён меояд, ки дар заминаи шабакаҳои иҷтимоӣ доираи муайяни шаҳрвандонро ба ҳамкорӣ дар пешгирӣ ва ошкор кардани ҷиноятҳо, мубориза бар зидди идеологияи ҷиноятӣ, муқовимат ба паҳншавии омилҳои сарзании ҷиноятҳо ва дар маҷмуъ, таъмини амнияти куллӣ дар даврони нави амалиётҳои рақамӣ равона месозад.

Татбиқи ин раванди мураккаб омӯзиши бунёдиро талаб мекунад, ки он омили бозгӯии воситаҳои асосии идоракунӣ дар ҷаҳони рақамӣ хоҳад буд. Дар ин ҷода сухан дар бораи иттилооте меравад, ки дар зеҳни шахс пайдо шуда, он ҳамчун тафсири ҳадафноки паёмҳои қабулшуда шакл мегирад ва дар ин замина аксуламал ба ангезаҳо сурат мегирад. Воқеан, ин навъи иттилоот дар доираи васеъ ва ба таври фаврӣ паҳн мешавад, ки он муносибатҳои иҷтимоиро дар ҳамаи сатҳҳо таъмин менамояд. Аз ин рӯ, танзими бахши ҳуқуқии он муҳим ба шумор рафта, мутахассисони соҳаро зарурат пеш меояд, то аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта истифода намуда, омилҳои манфии ин соҳаро бозгӯӣ намоянд ва роҳҳои самарабахши татбиқи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба таври асоснок дар раванди густариши иттилооти компютерӣ арзёбӣ намоянд.

АДАБИЁТ

1. Атаманов, Р.С. Основы методики расследования мошенничества в сети Интернет: дис. ... канд. юрид. наук / Р.С. Атаманов. - М., 2012. - 182 с.
2. Бодрийяр Ж. Симулякры и симуляции / Ж Бодрийяр. -М.: Постум, 2015.
3. Ишин А.М. Некоторые вопросы использования средств массовой информации в ходе выявления, раскрытия и расследования преступлений. Актуальные проблемы правоохранительной деятельности / А.М. Ишин – Калининград, 2011.
4. Лукашов В.А. Теоретические правовые и организационно-тактические основы ОРД органов внутренних дел. Ч.1., Сущность, предмет, задачи и структура теории ОРД внутренних дел. Уч. пособ. / В.А.Лукашов. -М., 2013.
5. Маркушин А.Г. О правовом регулировании и правоотношениях в ОРД проблемы теории и практики ОРД в современных условиях: Межвузовский сборник научных трудов. Учебное пособие/ А.Г.Маркушин. -М., 2012.
6. Мешков В.М. Оперативно-розыскная тактика и особенности легализации полученной информации в ходе предварительного следствия. Учебно-практическое пособие / В.М. Мешков, В.Л. Попов. -М., 2003.
7. Мещеряков, В. А. Преступления в сфере компьютерной информации: основы теории и практики расследования / В. А. Мещеряков. – Воронеж: Изд-во Воронеж. гос. ун-та, 2002. – 407 с. – Библиогр.: -С. 342–365.
8. Овчинский С.С. Оперативно-розыскная информация: монография. Под ред. А.С. Овчинского, В.С. Овчинского. 2-е изд., доп. -М.: ИНФРА-М, 2017.
9. Осипенко А.Л. Сетевая компьютерная преступность: теория и практика борьбы: монография / А.Л. Осипенко. - Омск: Омская академия МВД России, 2009. -С. 109-110.
10. Радевич Е.В. Глобальное информационное пространство современности: естественное vsвиртуальное / Е.В. Радевич // Проблема соотношения естественного и социального в обществе и человеке. -2020. -№11. -С.89-95.
11. Ургалкин, А. С. Допустимость результатов оперативно-розыскной деятельности в качестве доказательств / А. С. Ургалкин // Закон и право. – 2019. -№8. –С.78-81.
12. Чупилкин, Ю.Б. Уголовно-процессуальные требования, предъявляемые к оперативно-розыскной форме результатов ОРД /// Ю.Б. Чупилкин // Российская юстиция. – 2019. -№5.
13. Чуркин А.В. Некоторые правовые аспекты проведения оперативно-разыскного мероприятия «Получение компьютерной информации» / А.В. Чуркин // Оперативник (Сыщик). -М.: Издательский дом Шумиловой И.И., 2018. - №2(55). – С. 28-34.
14. Шматов М.А. Правовые основы и теоретические проблемы оперативно-розыскной деятельности / М.А. Шматов. - Волгоград, 1999.
15. Шумилов А.Ю. Оперативно-розыскная деятельность как разновидность юридической деятельности / А.Ю. Шумилов. - М., 1997.
16. Якимов И.Н. Современное розыскное искусство / И.Н Якимов // Административный вестник НКВД РСФСР. - 1925. -№ 5.

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮЙ

Дар шароити ҳозира тезондани суръати раванди илмию техникӣ тамоюли комптеркунонӣ, ба вуҷуд овардани системаҳои соҳавии коркарди маълумот, аз он ҷумла мошинаҳои ҳисоббарор, системаҳои информатсионӣ ва шабакаи ҳисоббарор, равшан зоҳир мегардад. Иттилоотсозӣ қариб ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ таъсир мерасонад, ки дар робита ба ин захираҳои иттилоотӣ, системаҳои коркарди маълумот ва шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ ҳалқаи осебпазири инфрасохтори миллии ҳар як давлат мегарданд. Инқилоби навбатии саноатӣ боиси рақамикунонии ҷаҳонии аксари соҳаҳои фаъолияти инсон ва дигаргуниҳои доимӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ мегардад. Ин барои инкишофу дигаргунсозии соҳаи иқтисодиёт, маориф, соҳаи иҷтимоӣ, тиб, саноат ва соҳаҳои гуногуни фаъолияти илмӣ имконият фароҳам меорад. Ҷониби баръакси чунин тағйирот мавҷудияти таҳдидҳо дар фазои иттилоотии рақамӣ мебошад. Яке аз мушкилоти асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои бо истифода аз технологияҳои рақамӣ содиршуда мебошад. Ин асосан ба мураккабии сохтори

модели криминалистии ҷиноятҳо вобаста аст. Ҷиноятҳое, ки бо истифода аз технологияҳои рақамӣ содир мешаванд, маҷмуи зиёди ҷиноятҳоро дар бар мегиранд, ки як ҷузъи ҷудонашавандаи усули содир намудани ҷиноятҳо истифодаи ин ё он технологияи рақамӣ ё маҷмуи онҳо мебошад.

Калидвожаҳо: технология, шабакаи интернет, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, иттилоотӣ, муборизa бар зидди ҷинояткорӣ, қонуни ҷиноятӣ, фазои рақамӣ, мафҳуми ҷиноятҳо, ҷиноятҳои киберӣ, амалҳои кормандони оперативӣ, натиҷаҳо.

ПРИМЕНЕНИЕ ЦИФРОВОЙ ТЕХНОЛОГИИ В ОПЕРАТИВНО-ПОИСКОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В современных условиях ускорения темпов научно-технического прогресса четко проявляются тенденции компьютеризации, создания разветвленных систем обработки данных, включающих в себя ЭВМ, информационные системы и компьютерные сети. Информатизация затрагивает практически все стороны государственной и общественной жизни, в связи с чем информационные ресурсы, системы обработки данных и информационно-телекоммуникационные сети становятся самым уязвимым звеном национальной инфраструктуры каждого государства. Очередная промышленная революция имеет следствием глобальную цифровизацию большинства направлений человеческой деятельности и постоянные преобразования в сфере информационных технологий. Это дает большие возможности в развитии и трансформации экономики, образования, социальной сферы, медицины, промышленности и различных направлений научной деятельности. Обратной стороной таких изменений является наличие угроз в информационном цифровом пространстве. Одной из наиболее острых проблем правоприменения является выявление и расследование преступлений, совершаемых с использованием цифровых технологий. Это во многом объясняется сложностью структуры криминалистической модели рассматриваемых преступлений. К преступлениям, совершаемым с использованием цифровых технологий, относится большой массив преступлений, которые объединяет то, что неотъемлемой частью способа совершения преступлений выступает применение той или иной цифровой технологии или их совокупности.

Ключевые слова: технология, интернет-сайты, оперативно-розыскная деятельность, информационный, борба с преступностью, уголовный закон, информационное пространство, понятие преступности, кибер-преступления, действие оперативных сотрудников, результаты.

APPLICATION OF DIGITAL TECHNOLOGIES IN THE OPERATIVE-SEARCH ACTIVITY

In modern conditions of accelerating the pace of scientific and technological progress, the trends of computerization, the creation of branched data processing systems, including computers, information systems and computer networks, are clearly manifested. Informatization affects almost all aspects of state and public life, in connection with which information resources, data processing systems and information and telecommunication networks become the most vulnerable link in the national infrastructure of each state. The next industrial revolution will lead to global digitalization of many areas of human activity and constant changes in the field of information technology. This provides great opportunities for the development and transformation of the economy, education, social sphere, medicine, industry and various spheres of scientific activity. The reverse side of such changes is the presence of threats in the digital information space. One of the most acute problems of law enforcement bodies is the detection and investigation of crimes committed using digital technologies. This is mainly due to the complexity of the structure of the forensic model of the crimes in question. Crimes committed using digital technologies include a large array of crimes that are united by the fact that an integral part of the method of committing crimes is the use of one or another digital technology or their combination.

Keywords: technology, internet sites, operational search activity, informational, combat against crime, criminal law, digital space, the concept of crime, cybercrimes, actions of operative employees, results etc.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Назаров Аваз Қуввatович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, дотсент, мудири кафедраи криминалистика ва экспертизаи судӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **avazjonn@mail**

Давлатзода Комрон Давлат. **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи криминалистика ва экспертизаи судӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

Сведение об авторах: ***Назаров Аваз Кувватович*** **-** Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, доцент, заведующий кафедрой криминалистики и судебно-экспертной деятельности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **avazjonn@mail**

Давлатзода Комрон Давлат **-** Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

Information about the authors: ***Nazarov Avaz Kuvvatovich*** - Tajik National University, Doctor of Law, Associate Professor, Head of the Department of Criminalistics and Forensic Science. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **avazjonn@mail**

Davlatzoda Komron State - Tajik National University, candidate of legal sciences, Associate Professor of the Department of Criminalistics and Forensic Science. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

УДК: 343.43

ПРОБЛЕМАҲОИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН

Раҷабзода М.Н., Зокирзода З.Х.
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт

Ҷиноятқории муташаккил, он гуна ки ба мушоҳида мерасад, имрӯз дар ҷаҳони муосир маҷмуаи васее аз хавфу хатароти дохиливу хориҷиро эҷод намудааст. Савдои одамон ҷинояти ҷиддии ташвишовар барои тамоми ҷаҳон, аз чумла Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад [3,с.95-98]. Яке аз чунин мушкилот домани васеъ паҳн намудани ташкилоти муташаккили ҷиноятист, ки ба ҷиноятҳои вобаста ба савдои одамон даст мезананд [5,с.77-83]. Ба андешаи Т.Ш. Шарипов, савдои одамон дар миқёси байналмилалӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва поймолкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон эътироф шудааст, зеро идоракунии он дар ихтиёри гурӯҳҳо ва ташкилотҳои муташаккили ҷиноятқорӣ мебошад, ки бо сарфи камтарин меҳнат ва хатари камтари фош ва муҷиби ҷазо гардидан даромади калон ба даст меоранд [16,с.3]. Падидаи савдои одамон дар дунё дорои таърихи дерина буда, он амалан дар ҳоли ҳозир тамоюли рӯ ба рушду инкишоф дорад. Мутобиқи Конвенсияи СММ зиддии ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ аз таърихи 15. 11. соли 2000, савдои одамон яке аз самтҳои асосии ҷиноятқории муташаккили байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки даромадҳои аз ҳисоби он бадастомада дар ҷаҳон миллиардҳо доллари амрикоиро ташкил медиҳад ва аз ин лиҳоз он танҳо бо тиҷорати ғайриқонунии фурӯши силоҳ ва маводи мухаддир қобили қиёсу муқоиса аст. Мутобиқи ҳисоби коршиносони байналмилалӣ, даромаду суди солонаи тиҷорати савдои одамон дар ҷаҳон дар ҳоли ҳозир ба 9,5 миллиард доллари амрикоӣ баробар мебошад. Барои мисол, дар соли 2013 дар саросари дунё ҳудуди 1.5 миллион нафар бар хилофи майли худ мавриди хариду фурӯш, интиқол ва боздошту ҳабси гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ қарор гирифтаанд [2,с.61-72].

Падидаи савдои одамон дар асри XXI амалан ба як шакли нави ғуломдорӣ табдил ёфтааст, падидае, ки ҳанӯз садсолаҳо пеш тавассути аҷдоду ниёкони мо аз байн бурда шуда буд. Ин падидаи ғайрисозандаву харобсоз ба таври пурра ҳоло ба навъи алоҳидаи тиҷорати гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ мубаддал гардида, он айни замон амнияти давлатҳои зиёди ҷаҳонро бо хатари ҷиддӣ рӯ ба рӯ сохтааст. Ҳамасола ҳаҷму андозаи савдои ғайриқонунии инсон дар ҷаҳон афзоиш меёбад. Аз рӯйи арзёбии коршиносони Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони Байналмилалии Муҳоҷират, теъдоди қурбониёни савдои одамон ҳоло на садҳо, балки миллионҳо нафарро дар дунё ташкил медиҳад (аз рӯйи омори коршиносони амрикоӣ он ҳамасола аз 600 то 800 ҳазор нафар ва тибқи арзёбии дигари алтертнативӣ наздик ба 2 миллион баробар аст) [6]. Зимнан 80% қурбониёни ин навъи тиҷорати ғайриқонуниро занону кӯдакон ташкил медиҳанд, ки бо мақсади истисмори шаҳвонӣ дар давлатҳои дигар мавриди хариду фурӯш қарор мегиранд, бо зӯр ба фоҳишагиву танфурӯшӣ водор мегарданд ва аз онҳо дар марказҳои дилхушиву истироҳат ва таҳияи филму барномаҳои порнографӣ истифода бурда мешавад. Тибқи омори расмии Созмони Байналмилалии Муҳоҷират, ҳамасола дар бозорҳои танфурӯшии давлатҳои Аврупо на камтар аз 500 ҳазор нафар зану духтар бо мақсади истисмори шаҳвонӣ мавриди хариду фурӯши гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ қарор мегиранд [7]. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бо эҳсоси нигаронӣ ва дарки мубраму ҷиддӣ будани мушкили мавҷуд, талошҳои фаровоне дар роҳи мубориза бо савдои одамон ба харҷ медиҳад [12,с.8-11]. Иқдомот ва барномаҳои асосӣ алайҳи ин падидаи хавфнок дар бархе санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ инъикос меёбанд. Яке аз чунин санадҳои муҳиму универсалӣ, ки ахиран ба тасвиб расидааст, Протокол дар бораи пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он аст, ки он дар навъи худ мукаммалкунандаи Конвенсияи СММ зидди ҷиноятқории муташаккили ҷиноятӣ маҳсуб мешавад. Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи кӯдак аз соли 1989 давлатҳои ҷаҳонро дар сатҳи давлатҳои миллӣ вазифадор мекунад, ки барои пешгирӣ аз ҳолатҳои рабудан, савдои кӯдакон бо ҳар мақсад иқдомоти лозимро амалӣ созанд [10,с.317]. Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, таъмини амнияти инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии ӯ ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки мубориза ба муқобили ҷиноятқорӣ муайян ва

мушаххас шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин, дар марҳалаи кунунӣ мавзуи ҷиноятҳои мазкур ва ҷудосозии онҳо аз дигар таркибҳои ҷиноятӣ ҳамчун масъалаи доғу актуалӣ боқӣ мемонад. Таҳлил ва баррасии таркибҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла, аломатҳои ташхисдиҳанда аз нигоҳи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи истифодаи он аҳамияти зиёди илмиро менамояд. Камбуду нуқсонҳои мавҷуд дар қонунгузории ҷиноятӣ бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003 таҳти №33 “Дар хусуси ворид сохтани тағйирот ва иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” рафъ гардиданд. Мувофиқи он моддаи ҷудогонаи 130[1]-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони “Хариду фурӯши одамон” илова гардид, ки он ба истифодаи мафҳум ва истилоҳи нав, яъне савдои одамон дар сатҳи қонунгузорӣ асосу ибтидо гузошт. Бо дарназардошти он ки Конвенсияи СММ зидди ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ аз санадҳои муҳиму калидӣ дар ин замина маҳсуб мешавад, акнун ин Конвенсия аз сӯйи беш аз 100 кишвари дунё тасдиқ ва ба имзо расидааст. Ҳадафи аслӣ ва калидии Конвенсия, пеш аз ҳама, ироаи кумак ва мусоидат дар амри пешгирии пурсамару муассири ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ дар шаклҳои мухталифи ин падидаи манфӣ эълом шудааст (м. 1). Санади мазкур чанд навъ меъёрҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар бораи расонидани кумакҳои муштараки ҳуқуқӣ, ҳамкориҳои тарафайни байналмилалӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. Аввалин бор дар сатҳи қонунгузории байналмилалӣ Конвенсия мафҳуми “гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ”-ро муайян ва мушаххас сохт ва ҳамчунин он доираи кирдорҳои ҷиноятии ташкилдиҳандаи ҷиноятқории муташаккили фаромиллиро аз лиҳози қонунӣ ба танзим даровард (манзур пулшӯии даромадҳоест, ки аз роҳи фаъолиятҳои ҷиноятӣ ва коррупсионӣ ба даст меоянд) [9,с.110]. Давлатҳои узви Конвенсия дар чорчӯбаи низомҳои ҳуқуқии дохилӣ уҳдадор шуданд, ки барои таъмини имконоти мусодираи қонунии даромадҳои бо роҳи ғайриқонунӣ бадастомада, амвол, дастгоҳу таҷҳизот ва дигар воситаҳое, ки дар содир намудани ҷиноятҳои дар Конвенсия муайянгардида истифода мешаванд, чораҳои амалии муассир биандешанд. Конвенсия тартиб ва муқаррароти супоридан ва истирдоди шахсони дар ҷиноят даст дошта ва низоми расонидани кумаку машваратҳои мутақобилаи ҳуқуқиро муайян намуд. Давлатҳои аъзои Конвенсия барои таъмини муҳофизати самаранок дар баробари қасосгирӣ ва ё истифодаи равишҳои тарсу таҳдид нисбат ба шахсони дар мурофиа ҳамчун шоҳид иштироккунанда, хешовандон ва шахсони наздики онҳо уҳдадор гардиданд чораҳои мушаххас биандешанд. Таҳлилу баррасии Конвенсияи СММ зидди ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ нишон медиҳад, ки билохира ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳар як давлати ҷаҳон дар шакли ҷудогона соҳиби базаи комплексии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии лозим барои муборизаи бо ин шакли ҷинояти хатарноки байналмилалӣ гардиданд [15,с.56-61]. Дар ин робита Протокол дар бораи пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он, ки такмилдиҳандаи Конвенсияи СММ зидди ҷиноятқории муташаккили фаромилӣ мебошад, дорои аҳамияти хос мебошад. Протоколи мазкур ҳамчун санади универсалӣ тамоми ҷанбаҳои марбут ба савдои одамон ва иқдомоти лозим барои пешгирӣ аз ин падидаро дар бар мегирад. Мақсадҳои муҳимми Протокол аз пешгирии савдои одамон ва муборизаи зидди он бо тамаркуз, махсусан рӯйи занону кӯдакон ва ҳамчунин қишрҳои нисбатан осебпазири ҷомеа, муҳофизат ва кумаки қурбониён, ташвиқ ва ҳавасмандгардонии ҳамкориҳои муштарак миёни давлатҳо дар роҳи иҷрои мақсадҳои муайянгардида иборат мебошанд (м. 2). Савдои одамон ҳамчун истилоҳ нисбат ба амалҳои бо мақсади истисмор иҷрошавандаи фирефтан, интиқол, супоридан, пинҳонкорӣ, ба даст овардани шахс бо истифода аз таҳдиду зӯрӣ, дуздӣ, фиребу найранг, суиистифода аз қудрат ва осебпазирии қурбониён ба кор бурда мешавад.

Ҳаҷми савдои ҷаҳонии занҳо ба мақсади истисмори шаҳвонии онҳо аз 7 то 12 миллиард доллар дар сол дониста мешавад. Ҳар сол то 2 миллион занон ва кӯдакон ба тиҷорати шаҳвонӣ (сексиндустрия) маҷбуран ҷалб карда мешаванд. Чор “мавҷ”-и “ғуломони сафед” номбар мешавад: якум-аз Таиланд ва Филиппин, дуввум-аз Ҷумҳурии Доминика ва Колумбия; севум-аз Гана ва Нигерия; чорум давлатҳои собиқ шуравӣ (пеш аз ҳама Россия, Украина, Белорус, инчунин Латвия).

Дар сексиндустрияи ҷаҳонӣ талабот ба занҳои славянӣ бештар мебошад. Аз ҷумла, барои тоҷирони Япония, Хитой ва Таиланд онҳо “рамзи обрӯю эътибор” маҳсуб мешаванд. Занҳои бисёре аз давлатҳои пасошуравӣ дар Аврупои Ғарбӣ ва ИМА маҳсули

танфурӯшӣ ҳастанд. Зиёда аз 10 000 зан аз Россия ва Украина тавассути ташкилоти муташаккили ҷиноятӣ ба Исроил бурда шуданд. Бояд зикр намуд, ки гардиши солонаи ин тиҷорат 450 миллион доллярро ташкил мекунад.

Истисмору баҳрабардорӣ, ҳадди ақал истисмори шаҳвонӣ, навъҳои мухталифи истисмори шаҳвонӣ, амали маҷбурӣ, хидматрасонии ҷинсӣ, ғуломӣ, фурӯши узвҳову бофтаҳои баданро ифода менамояд (м. 3). Давлатҳои аъзои Конвенсия уҳдадор шудаанд таҳқиқоту омӯзишҳои лозимро анҷом диҳанд, дар расонаҳои гурӯҳӣ ва матбуот маъракаҳои дахлдори иттиллоотиро ба роҳ монанд, бо мақсади пешгирии савдои одамон ва мубориза бо он ташаббусҳои иҷтимоиву иқтисодиро роҳандозӣ намоянд. Сиёсат ва барномаҳо бояд дар ҳамкорӣ бо созмонҳои ғайридавлатӣ ва дигар созмонҳои ҷамъиятии узви ҷомеаи шаҳрвандӣ тарҳрезӣ ва таҳия гарданд (м. 9). Фаъолиятҳои вобаста ба пешгирӣ ва рафъи падидаи савдои одамон бояд ҳамзамон бо пешбурди фаъолиятҳои вобаста ба мубориза зидди фақру камбағалӣ ва ақибмондагиву инкишофи сусту паст дар ҷомеа сурат бигирад, зеро ин омилҳо метавонанд боиси осебпазирии шахс ва пурзӯр гардидани гурӯҳҳои ҷиноятии вобаста ба савдои одамон гарданд (қ. 4. м. 9). Дар ин ҷо ба сифати омили пешгирикунанда фаъолияти мақомотҳои давлатие матраҳ мегарданд, ки ба самти мубориза бо омилҳои тавлидкунандаи истисмори инсон дар тамоми шаклҳои падида нигаронида шудаанд (қ. 5. м. 9).

Қарори мушаххас дар бораи мубориза бо савдои одамон [13,с.201-206], ки 19 июли соли 2002 аз сӯйи Шурои Иттиҳоди Аврупо пазируфта шудааст, масоили вобаста ба созмондиҳии таъқиботи ҷиноятии ҷиноятқоронро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Санади мазкур муқаррарот ва қоидаҳои пураҳамият ва аз ҷиҳати прогрессивӣ пешрафтаро инъикос менамояд. Номгӯйи ҳолатҳои вазнинкунандае дар ин санад пешбинӣ шудаанд, ки дар сурати ҷой доштани онҳо ҳадди болои ҷазои вобаста ба маҳрум сохтан аз озодӣ набояд камтар аз 8 солро ташкил диҳад (м. 3). Замина ва асосҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахси ҳуқуқӣ (м. 4) муайян гардидаанд. Он гуна ки бархе аз коршиносон қайд менамоянд, дар робита ба таъини ҷазо нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ аз Конвенсияи СММ мубориза бо ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ, ки навъҳои мушаххаси ҷазоро пешбинӣ наменамояд, фаротар меравад. Ба назари коршиносони зиёде ҷавобгарии шахсони ҳуқуқие, ки дар иҷрои нақшаҳои ҷиноятии вобаста ба интиқол, ҷобаҷосозӣ ва савдои одамон даст доранд, як иқдоми зарурӣ ва муҳим дар ростои мубориза бо савдои одамон маънидод мешавад.

Тавассути Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо қадамҳои мушаххасе дар роҳи мубориза бо савдои одамон бардошта шудаанд, ки 24 июли соли 2003 таҳти шумораи №557 тавассути Шурои доимӣ [14,с.207-233] ба тасвиб расидаанд. Асоси нақшаро меъёрҳои протоколи Палермо ва дигар санадҳои дорои самти мушобеҳи САҲА, маҷмуи тадбирҳо оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, амалисозии сиёсатҳои иҷтимоиву иҷтисодӣ, ки ба хотири рафъи мушкилот тавассути давлатҳо пайгирӣ мешаванд, ташкил медиҳанд. Тадбирҳои умумии боло бурдани сатҳи ҳифзи иҷтимоӣ, эҷоди шароити мусоиди шуғлу кор барои ҳамагон, рафъи табъиз алайҳи занон, такмили қонунгузорӣ, маориф, фарҳанг, бахшҳои иҷтимоӣ, мубориза бо омилҳои бамиёноварандаи истисмори шахсро дар бар мегиранд (қ. 3.3).

Марҳалаи муҳимми дигар эҷод ва такмили минбаъдаи низоми муассири тадбирҳои муқовимат бо савдои одамон аз роҳи ба кор бастани таҷрибаи мусбати байналмилалӣ тавассути ҳукуматҳо дар сатҳи қонунгузориҳои миллӣ ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, тавре ки Е.Ф. Евстифеева таъкид менамояд, инкорпоратсияи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ, метавонад боиси эҷоди мушкил дар тарҷумаи матнҳои хориҷӣ ба забонҳои миллӣ гардад [8,с.73]. Ҳақ ба ҷониби М.Ю Буряк аст, ки мегӯяд қонуни ҷиноятӣ ҳамчунин метавонад вобаста ба мавқеи давлати мушаххас дар низоми ҷаҳонии савдои одамон тафовут дошта бошад. Ин ба он вобаста аст, ки давлати мавриди назар кишвари қабулкунанда аст ё он давлати таъминкунанда ва ё кишвари транзитӣ барои интиқоли қурбониён дар низоми ҷаҳонии савдои одамон ба ҳисоб меравад [4,с.69].

Қонунгузорӣ оид ба мубориза бо савдои одамон дар давлатҳои хориҷӣ мустақиман ба вазъи амалии савдои одамон дар ин давлатҳо вобастагии зич дорад. Барои бархе давлатҳо ин кор сарчашмаи ба даст овардани суду даромад аст, ҳарчанд меъёрҳои

дохилии мубориза алайҳи савдои одамон дар ин давлатҳо ҷавобгӯи тамоми талаботи қонунгузории байналмилалӣ мебошад. Аммо бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ин меъёрҳо дар ин давлатҳо зери фишори ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шудаанд ва ба ҳамин далел онҳо моҳиятан ба таври шояду бояд риоя намешаванд.

Таҳлили меъёри ҳуқуқи ҷиноятии моддаи 130[1]-и КҶ ҶТ гувоҳи он аст, ки қонуни ҷиноятӣ ба андозаи лозим танзими зарурии ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бо савдои одамонро таъмин наменамояд. Чунин вазъ баёнгари он аст, ки меъёри пешбиникунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои савдои одамон ҳанӯз ҷавобгӯи ниёзҳои амалӣ ва муқаррароти байналмилалӣ нест ва он амалан ба такмилу ислоҳи бештар эҳтиёҷ дорад. Ҳамчунин, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми қурбонии савдои одамон вуҷуд надорад, ба гунаи мафҳуме, ки дар бархе аз санадҳои байналмилалӣ зикр шудааст (Эъломияи Брюсел ва ғайра). Бинобар набуди чунин мафҳум амалан таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар робита ба шинохти қурбониён бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад [11,с.122-124]. Олимону донишмандони соҳа чунин меандешанд, ки дар баробари меъёрҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ ворид намудани моддаҳои махсус ба қонунгузорӣ аз рӯйи навъҳои мухталифи ҷиноят (ҷалбкунӣ, интиқол, супоридан ё қабул намудан) метавонад ба баланд гардидани самаранокии мубориза алайҳи савдои одамон мусоидат намояд ва ин ба нафъи кор хоҳад буд [1,с.5-8].

Дар натиҷаи таҳлилу баррасии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ба мо маълум гардид, ки дар м. 127.2-и Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия, дар м. 173-и Кодекси ҷиноятии Қирғизистон, дар м. 181-и Кодекси ҷиноятии Белорус таркиби ҷиноятии истифодаи меҳнати ғуломона мавҷуд мебошад. Дар Кодекси ҷиноятии Украина м. 150 ба истимори кӯдакон, м. 151-2 маҷбур намудан ба никоҳ муқаррар гардидаанд, ки ҳамчун таркиби ҷиноят дар Кодекси ҷиноятии ҶТ вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки таркибҳои нави ҷиноят 134[1]-истифодаи меҳнати ғуломона, 134[2]-маҷбур намудан ба никоҳ дар Кодекси ҷиноятии ҶТ ворид карда шаванд, ки ба нафъи кор хоҳад буд.

Ҳамин тавр, ин ба таври воқеӣ боиси боло рафтани муассирияти муқовимат зидди ҷиноятқории алоқаманд ба савдои одамон дар марҳалаҳои мухталифи он мегардад.

Зимни таҳлилу баррасии мавзуи мавриди назар мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Таҳлили меъёри ҳуқуқи ҷиноятии моддаи 130[1]-и КҶ ҶТ гувоҳи он аст, ки қонуни ҷиноятӣ ба андозаи лозим танзими зарурии ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бо савдои одамонро таъмин наменамояд. Чунин вазъ баёнгари он аст, ки меъёри пешбиникунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои савдои одамон ҳанӯз ҷавобгӯи ниёзҳои амалӣ ва муқаррароти байналмилалӣ нест ва он амалан ба такмилу ислоҳи бештар эҳтиёҷ дорад. Ҳангоми омӯзиши қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ба мо маълум гардид, ки дар м. 127.2-и Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия, дар м. 173-и Кодекси ҷиноятии Қирғизистон, дар м. 181-и Кодекси ҷиноятии Белорус таркиби ҷиноятии истифодаи меҳнати ғуломона мавҷуд мебошад. Дар Кодекси ҷиноятии Украина м. 150 истимори кӯдакон, м. 151-2 маҷбур намудан ба никоҳ муқаррар гардидаанд, ки ҳамчун таркиби ҷиноят дар Кодекси ҷиноятии ҶТ вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки таркибҳои нави ҷиноят 134[1]-истифодаи меҳнати ғуломона, 134[2]-маҷбур намудан ба никоҳ дар Кодекси ҷиноятии ҶТ ворид карда шаванд.

2. Ҳаҷми савдои ҷаҳонии занҳо ба мақсади истисмори шаҳвонӣ аз 7 то 12 миллиард доллар дар сол дониста мешавад. Ҳар сол то 2 миллион занон ва кӯдакон ба тиҷорати шаҳвонӣ (сексиндустрия) маҷбуран ҷалб карда мешаванд. Чор “мавҷ”-и “ғуломони сафед” номбар карда мешавад: якум, аз Таиланд ва Филиппин; дувум аз Ҷумҳурии Доминика ва Колумбия; севвум, аз Гана ва Нигерия; чорум давлатҳои собиқ шуравӣ (пеш аз ҳама Россия, Украина, Белорус, инчунин Латвия).

3. Дар сексиндустрияи ҷаҳонӣ талабот ба занҳои славянӣ бештар мебошад. Аз ҷумла, барои тоҷирони Япония, Хитой ва Таиланд онҳо “рамзи обрӯю эътибор” маҳсуб мешаванд. Занҳои бисёре аз давлатҳои пасошуравӣ дар Аврупои Ғарбӣ ва ИМА маҳсули танфурӯшӣ ҳастанд. Зиёда аз 10 000 зан аз Россия ва Украина тавассути ташкилоти муташаккили ҷиноятӣ ба Исроил бурда шуданд. Бояд зикр намуд, ки гардиши солонаи ин тиҷорат 450 миллион долларро ташкил мекунад.

4. Савдои одамон ҳамчун истилоҳ нисбат ба амалҳои бо мақсади истисмор иҷрошавандаи фирефтан, интиқол, супоридан, пинҳонкорӣ, ба даст овардани шахс бо истифода аз таҳдиду зӯрӣ, дуздӣ, фиребу найранг, суиистифода аз қудрат ва осебпазирии қурбониён ба кор бурда мешавад. Дар баробари меъёрҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ ворид намудани моддаҳои махсус ба қонунгузорӣ аз рӯйи навъҳои мухталифи ҷиноят (ҷалбкунӣ, интиқол, супоридан ё қабул намудан) метавонад ба баланд гардидани самаранокии мубориза алайҳи савдои одамон мусоидат намояд ва ин ба нафъи кор хоҳад буд.

Муқарриз: Шарипов Р.И. – н.и.ҳ., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Белкова, С.О. Торговля людьми: рабство XX1 века / С.О. Белкова // Современные проблемы в деятельности правоохранительных органов. – Челябинск, 2013. – С. 5–8.
2. Боков, А.В. Организация борьбы с преступностью и ее приоритетные направления / А.В. Боков. –М., 2003.– С.8–9.
3. Бухориев, Б.Р. Предмет преступления в торговле людьми / Б. Р. Бухориев, С.С. Нарзуллоев // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2016. – № 3(31). – С. 95–98.
4. Буряк, М.Ю. Торговля людьми и борьба с ней / М.Ю. Буряк. – Владивосток, 2006. – 216 с.
5. Гасанзаде, С.Б. Вопросы борьбы с преступностью против детей в международном и национальном праве / С.Б. Гасанзаде // Журнал зарубежного законодательства и сравнительного правоведения. – 2012.– №2. – С. 77–83.
6. Ling, K.Trafficking and Human Smugglingin Europe [Text] / K. Ling // Journal of International Affairs.
7. Доклад Государственного Департамента США «Торговля людьми в мире». [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL www.sartraffic.sgap.ru (санаи мурољиат: 06. 11. 2021).
8. Евстифеева, Е.В. Организованная преступность и торговля людьми / Е.В. Евстифеева. – Саратов, 2012. – С. 73.
9. Конвенция ООН против транснациональной организованной преступности 2000 г. // Международно-правовые основы борьбы с незаконной миграцией и торговлей людьми: Сборник документов / Сост. В.С. Овчинский. – М., 2005. –110 с.
10. Международные акты о правах человека. Сборник документов. – М.,1998.– 317 с.
11. Миннебаев, Р.Х. Противодействие торговле людьми: уголовно-правовое и криминологическое взаимодействие полиции России и сотрудников криминальной полиции зарубежных стран / Р.Х. Миннебаев // Юридическая наука и практика. Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2014. – № 1 (25). – С. 122–124.
12. Олимпиев, А.Ю. Международное сотрудничество по противодействию торговле людьми / А. Ю. Олимпиев // Образование. Наука. Научные кадры. – 2009. – №1. – С. 6–7.
13. Рамочное решение Совета Европейского союза о борьбе с торговлей людьми 2002 г. // Международно-правовые основы борьбы с незаконной миграцией и торговлей людьми: Сб. документов // Сост. В.С. Овчинский. – М., 2013. – С. 201–206.
14. Решение № 557 о Плане действия ОБЕС по борьбе с торговлей людьми 2003 г. // Международно-правовые основы борьбы с незаконной миграцией и торговлей людьми: Сб. документов / Сост. В.С. Овчинский. – М., 2013. – С. 207–233.
15. Степаков, С.Д. Правовое регулирование борьбы с торговлей людьми в ЕС / С.Д. Степанков // Право и управление. XX1 век. – 2010. – № 2. – С. 56–61.
16. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон”. – Душанбе, 2017. – 476 с.

ПРОБЛЕМАҲОИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН

Дар мақола муаллифон проблемаҳои ҳуқуқи ҷиноятии муқовимат ба савдои одамонро дар асоси андешаҳои донишмандони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд. Падидаи савдои одамон дар асри XXI амалан ба як шакли нави ғуломдорӣ табдил ёфтааст, падидае, ки ҳанӯз садсолаҳо пеш тавассути аҷдоду ниёкони мо аз байн бурда шуда буд. Ба ақидаи муаллифон, падидаи ғайрисозандаву харобсоз ба таври пурра ҳоло ба навъи алоҳидаи тиҷорати гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ мубаддал гардида, он айни замон амнияти давлатҳои зиёди ҷаҳонро бо хатари ҷиддӣ рӯ ба рӯ сохтааст. Муаллифон бар он назаранд, ки ҳамасола ҳаҷму андозаи савдои ғайриқонунии инсон дар ҷаҳон афзоиш меёбад. Ба андешаи муаллифон таҳлили меъёри ҳуқуқи ҷиноятии моддаи 130[1]-и КҶ ҶТ гувоҳи он аст, ки қонуни ҷиноятӣ ба андозаи лозим танзими зарурии ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бо савдои одамонро таъмин наменамояд. Чунин вазъ баёнгари он аст, ки меъёри пешбиникунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои савдои одамон ҳанӯз ҷавобгӯи ниёзҳои амалӣ ва муқаррароти байналмилалӣ нест ва он амалан ба такмилу ислоҳи бештар эҳтиёҷ дорад. Муаллифон ҷиҳати боло бурдани муассирияти муқовимат зидди ҷинояткории алоқаманд ба савдои одамон чунин меҳисобанд, ки ворид намудаи таркибҳои нави ҷиноят 134[1]-истифодаи меҳнати ғуломона, 134[2]-маҷбур намудан ба никоҳ ба Кодекси ҷиноятии ҶТ ба мақсад мувофиқ аст. Ворид намудани таркибҳои ҷудогонаи ҷиноят ба Кодекси ҷиноятии ҶТ ба нафъи кор хоҳад буд. Ин ба таври воқеӣ боиси боло рафтани муассирияти муқовимат зидди ҷинояткории алоқаманд ба савдои одамон дар марҳалаҳои мухталифи он мегардад.

Калидвожаҳо: савдои одамон, ҷинояткории муташаккил, таҳвил, ҷиноят, ҷазо, чора, ҳуқуқ, давлат, ғулом, ҷомеа.

УГОЛОВНО-ПРАВОВЫЕ ПРОБЛЕМЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ТОРГОВЛЕ ЛЮДЬМИ

В статье авторы исследуют проблемы уголовно-правового противодействия торговле людьми на основе взглядов отечественных и зарубежных ученых. Феномен торговли людьми в XXI веке практически превратился в новую форму рабства, явление, искорененное столетия назад нашими предками. По мнению авторов, разрушительное и деструктивное явление полностью превратилось в отдельный вид торговли организованных преступных групп, который в настоящее время представляет серьезную угрозу безопасности многих стран мира. Авторы считают, что масштабы торговли людьми в мире с каждым годом растут. По мнению авторов, анализ норм уголовного законодательства по статье 130^1 УК РТ показывает, что уголовное законодательство не обеспечивает необходимого правового регулирования в сфере противодействия торговле людьми. Данная ситуация свидетельствует о том, что стандарт уголовной ответственности за торговлю людьми пока не соответствует потребностям практики и международным нормам и на практике нуждается в дальнейшем совершенствовании и корректировке. В целях повышения эффективности противодействия торговле людьми авторы считают, что новыми составами преступления должны стать 134^1 - использование рабского труда, 134^2 - принудительный брак по УК РТ. Было бы целесообразно включить отдельные составы преступления в Уголовный кодекс Республики Таджикистан. Это фактически повысит эффективность противодействия торговле людьми на различных этапах.

Ключевые слова: торговля людьми, организованная преступность, экстрадиция, преступление, наказание, мера, закон, государство, раб, общество.

CRIMINAL LEGAL ISSUES OF COUNTER-TRAFFICKING

In the article, the authors explore the issues of criminal law counteraction to human trafficking based on the views of domestic and foreign scientists.The phenomenon of human trafficking in the 21st century has practically turned into a new form of slavery, a phenomenon eradicated centuries ago by our ancestors.According to the authors, a non-destructive and destructive phenomenon has completely turned into a separate type of trade by organized criminal groups, which currently poses a serious threat to the security of many countries of the world.The authors believe that the scale of human trafficking in the world is growing every year.According to the authors, the analysis of the norms of the criminal legislation under article 130^1 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan shows that the criminal legislation does not provide the necessary legal regulation in the field of combating human trafficking. This situation indicates that the standard of criminal liability for human trafficking does not yet meet the needs of practice and international norms, and in practice needs to be further improved and adjusted.In order to increase the effectiveness of combating human trafficking, the authors believe that 134^1 - the use of slave labor, 134^2 - forced marriage under the Criminal Code of the Republic of Tajikistan should become new elements of the crime. It would be expedient to include certain elements of the crime in the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. This will actually increase the effectiveness of combating human trafficking at various stages.

Keywords: human trafficking, organized crime, extradition, crime, punishment, measure, law, state, slave, society.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Раҷабзода Маҳмадёр Носир*** –Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ректор, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин, 63. Телефон: **(+992) 919-50-91-93**. E-mail**: rajabov.m.1973@mail.ru**

Зокирзода Зафар Хайрулло – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими он. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин, 63. Телефон**: (+992) 918-53-59-14.** E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**

Сведение об авторах: ***Раджабзода Махмадёр Носир*** - Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, ректор, кандидат юридических наук, доцент кафедры права и методики его преподавания. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, Гарм, ул. Э. Мухиддина-63. Телефон: **(+992) 919-50-91-93.** E-mail: **rajabov.m.1973@mail.ru**

Зокирзода Зафар Хайрулло - Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент кафедры права и методики его преподавания. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: **(+992) 918-53-59-14**. E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**

Information about authors: ***Rajabzoda Mahmadyor Nosir*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, rector, candidate of legal sciences, associate professor of the department of law and methods of teaching it. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: **(+992) 919-50-91-93.** E-mail: **rajabov.m.1973@mail.ru**

Zokirzoda Zafar Khairullo - Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht region, candidate of legal sciences, associate professor of the department of law and methods of teaching it. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: **(+992) 918-53-59-14**. E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**

УДК:343.357

МАФҲУМ ВА НАМУДҲОИ ҚАЛЛОБӢ ДАР ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ

Шарипов Р.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Моликият асоси иқтисодии ҷамъият мебошад, ки ба дараҷаи бештар муносибатҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва дигар муносибатҳоро муайян мекунад. Дар вақти ҳозира, ҳуқуқи моликият ҳамчун бузургтарин аз неъматҳои иҷтимоии шахс баҳо дода мешавад. Ҳифзи ҳуқуқи моликияти шахрвандон аз таҷовузи ҷиноятӣ яке аз вазифаҳои асосие мебошад, ки дар моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 сабт гардидааст. Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Тоҷикистон мубориза бо ҷиноятқорӣ дар маҷмуъ, аз ҷумла ҷиноятҳо ба муқобили моликият мебошад. Ҷойи махсусро дар байни онҳо қаллобӣ ишғол мекунад. Дар марҳалаи ҳозира ба сифати қурбониёни қаллобӣ аксаран қишрҳои томи аҳолӣ, бахусус қисми камҳифзшавандаи он (шахрвандони солхӯрда, муҳоҷирон, ҷавонон) баромад мекунанд. Фаъолияти ҷиноятии қаллобӣ дар соҳаҳои соҳибкорӣ, кредитӣ-бонкӣ ва дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ васеъ паҳн шудааст. Дар бораи хавфнокии ҷамъиятии қаллобӣ ва дар бораи мубрамияти мавзуи тадқиқот ҳамчунин дараҷаи баланди паҳншавии он шаҳодат медиҳад. Пас аз дуздӣ, ҷиноятҳое, ки бо роҳи фиреб ё суиистифодаи боварӣ содир карда мешаванд, аз рӯйи шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда дар ҷойи дуюм қарор доранд. Тадқиқоти маҷмуии масъалаи қаллобӣ, ки дар тули на якдаҳсола дар мамлакати мо гузаронида мешавад, мубрамият ва аҳамияти онро, аз ҷумла дар робита бо афзоиши динамикаи тағйироти қонунгузории ҷиноятӣ, омилҳои криминогении муҳити иҷтимоӣ, ки ба содир намудани ҷиноятҳо бо роҳи фиреб ва суиистифодаи боварӣ таъсир мерасонанд, тасдиқ мекунад.

Ба мафҳуми қаллобӣ, намудҳои он, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ пешбинӣ шудааст, муроҷиат намуда, метавон қайд кард, ки фарқият дар муқоиса бо ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон хеле назаррас аст.

Муайян намудани мафҳуми қаллобӣ ва муқаррар намудани дигар тавсифҳои ҷинояти зикршуда дар ҳуқуқи ҷиноятии ин ё он мамлакат, пеш аз ҳама, аз он вобаста аст, ки давлати мушаххас ба кадом навъи оилаи ҳуқуқӣ мансуб аст.

Аксари олимон се навъи оилаҳои ҳуқуқиро ҷудо (қайд) мекунанд: романо-германӣ (континенталӣ); ҳуқуқи умумӣ (англо-америкоӣ ё англосаксонӣ); давлатҳои ҳуқуқи мусулмонӣ [19,с.386].

Қариб дар ҳама давлатҳо, сарфи назар аз навъи оилаи ҳуқуқӣ, мафҳуми қаллобӣ дар сатҳи қонунгузорӣ муайян карда шудааст, аммо дараҷаи мушаххасгардонӣ, ҳаҷм ва мундариҷаи чунин таъриф гуногун аст.

Дар байни давлатҳои оилаи ҳуқуқи романо-германӣ, васеътарин таърифи қаллобӣ дар Кодекси ҷиноятии Фаронса сабт гардидааст.

Аз рӯйи қонунгузории ҷиноятии Фаронса, қаллобӣ фиреб додани шахси воқеӣ ё ҳуқуқиро бо роҳи истифодаи номи қалбакӣ, мансаби қалбакӣ ва ё бо истифода аз амалҳои қаллобӣ водор кардани шахс ба зарари худ ё шахсони сеюм ба додани пул, ашёи қиматбаҳо ё ягон хел амвол, расонидани хизмат ё пешниҳоди ягон хел ҳуҷҷате, ки дорои уҳдадорӣ ё озодшавӣ аз уҳдадорӣ мебошад, ифода менамояд [5,с.650].

Ин таърифро бояд мусбат арзёбӣ кард, зеро дар он ба таври кофӣ муфассал тарзҳои содир кардани кирдори зиддиҳуқуқӣ, мақсадҳои он, инчунин доираи шахсони ҷабрдида муайян карда шудаанд.

Дар ҳуқуқи ҷиноятии Фаронса, ҳамчунин кирдорҳое ҷудо карда мешаванд, ки ба қаллобӣ ҳамроҳ мешаванд. Ба онҳо, махсусан, суиистифодаи қаллобона ва ё фиреби қаллобона мансубанд.

Суиистифодаи қаллобона истифодаи ҳолати ҷоҳилона, хурдсолӣ, ноустувории руҳии шахси дигарро бо мақсади маҷбур кардани ӯ ба иҷрои ягон хел амал ё беамалӣ, ки барои ӯ хеле зараровар аст, ифода менамояд [5,с.650].

Аз рӯйи Кодекси ҷиноятии Германия, қаллобӣ нияти ба худ ё шахси сеюм расонидани фоидаи зиддиҳуқуқии молумулкӣ, расонидани зарар ба молу мулки шахси дигар бо роҳи гумроҳ кардани ӯ ё дар вай нигоҳ доштани гумроҳӣ, фактҳои бардурӯғро ҳақиқӣ нишон додан ё таҳриф ё пинҳон кардани фактҳои ҳақиқӣ мебошад. Инро ба назар гирифта, бояд гуфт, ки қаллобӣ, пеш аз ҳама, бо фиреб ё ба гумроҳӣ андохтан алоқаманд аст, суиистифодаи боварӣ бошад, ҷинояти дигаре мебошад, ки аз қаллобӣ фарқ мекунад.

Намудҳои қаллобӣ бошад, мувофиқи Кодекси ҷиноятии Германия, ба чунин намудҳо тақсим мешавад: одӣ; вазнини махсус; компютерӣ; дар шакли гирифтани субсидия; ҳангоми сармоягузорӣ; кредитӣ [18].

Ба монанди қонунгузори Германия, мафҳуми қаллобиро қонунгузори Австрия тасвия намуда, диққат ба моили ҷабрдида ба содир кардани ягон хел амал, мусоҳилакорӣ ё ба беамалӣ аз сабаби фиреби воқеӣ дода мешавад (зимнан қаллобӣ чунин буда метавонад: муқаррарӣ; вазнин; дар шакли касбу кор; компютерӣ; аз рӯйи зарурият содиршуда) [11].

Тафриқаи ҷавобгариро дар Кодекси ҷиноятии Австрия низ мушоҳида кардан мумкин аст. Қонунгузори Австрия дар таркиби имтиёзнок қаллобии хурдеро фарқ (қайд) мекунад, ки аз рӯйи эҳтиёҷот содир карда мешавад (§ 150 Кодекси ҷиноятии Австрия), ки дар ҳолати эҳтиёҷмандӣ қаллобии майда содир намуда, зарари начандон калон мерасонад. Дар баробари ин, ба қонунгузории Австрия таркибҳои бандубастшудаи қаллобӣ, ба монанди масалан қаллобие, ки дар намуди касбу кор содир мешавад (§ 149 Кодекси ҷиноятии Австрия), низ маълум аст. Ба ғайр аз ин, Кодекси ҷиноятии Австрия ҳолатҳои махсуси озод кардан аз ҷавобгариро барои содир намудани қаллобӣ дар бар мегирад. Масалан, мутобиқи § 151 Кодекси ҷиноятии Австрия, агар шахс то оғози таъқиби ҷиноятӣ барои суиистифодаи суғуртавӣ ихтиёран аз амалӣ намудани нияти ҷиноятқоронаи худ то гирифтани маблағи суғуртавӣ ва то аз ҷониби мақомоти дахлдор гирифтани иттилоот дар бораи ҳодисаи содиршуда даст кашад, он гоҳ вай аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад [17].

Аксари қонунгузорони аврупоӣ ҳангоми тасвири қаллобӣ, пеш аз ҳама, бо мафҳумҳои “фиреб” ё “ба гумроҳӣ андохтан” диққат дода, дар бораи “суиистифодаи боварӣ“ ёдовар намешаванд. Онҳо ин шаклро ба сифати амали алоҳидае, ки аз қаллобӣ фарқ мекунад, баррасӣ менамоянд. Дар баробари ин, шаклҳои дигар низ ҷудо (қайд) карда мешаванд, аз ҷумла: фиребгарии иттилоотӣ ё истифодаи дигар ҳилаву найранги монанд — Кодекси ҷиноятии Испания; азхудкунии номи бардурӯғ ё бо ёрии “доми дурӯғ” - Кодекси ҷиноятии Голландия.

Зиёда аз ин, Кодексҳои ҷиноятии бисёре аз мамлакатҳои Аврупо қаллобиро вобаста ба омилҳои гуногун ба намудҳо ҷудо (тақсим) мекунанд, аз ҷумла: маблағи зарари молумулкии расонидашуда; категорияҳои предметҳои қаллобӣ (дорои арзиши бадеӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ё илмӣ); шакл ва мазмуни амали мушаххас, хавфнокии ҷамъиятии онҳо [3].

Кодекси ҷиноятии Испания, ки соли 1995 қабул шудааст, қаллобиро ҳамчун бо мақсади фоида ва бо истифода аз фиребе, ки барои ба гумроҳӣ андохтани шахси дигар барои водор намудани вай ба содир кардани амалҳо оид ба ихтиёрдории молу мулк бар зарари худи ӯ ё дигар шахсон кофӣ аст, муайян мекунад. Ба сифати аломатҳои бастубандкунандаи қаллобӣ Кодекси ҷиноятии Испания (м. 250) ҷудо менамояд: таҷовузи қаллобона ба ашёҳои зарурати аввалия, манзил ва дигар амволи аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ эътирофшуда; содир намудани қаллобӣ тавассути даъвои бардурӯғ ё дигар фиреб дар мурофиаи судӣ; содир намудани қаллобӣ бо роҳи истифодаи чекҳои беиҷозат, уҳдадориҳои қарзӣ, векселҳо ё аҳдҳои мубодилавии сохта; содир намудани қаллобӣ бо истифодаи шахси дигар ё бо роҳи тасарруф ё вайрон кардани ягон хел санадҳо, ҳуҷҷатгузориҳо, протоколҳо, ҳуҷҷатҳои оммавӣ (давлатӣ) ё расмии ҳама гуна навъ; содир намудани қаллобӣ нисбати ашёҳое, ки ба мероси бадеӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ё илмӣ мансубанд; қаллобие, ки ба ҷабрдида ва оилаи ӯ зарари калон расонидааст; содир намудани қаллобӣ бо истифодаи муносибати шахсии байни ҷинояткор ва ҷабрдида ё бо истифода аз эътимоди тиҷоратӣ ё касбии ӯ. Ба мисли қонунгузории Германия, Кодекси ҷиноятии Испания намудҳои қаллобиро ҷудо мекунад. Дар байни онҳо метавон номбар кард: бегона кардан, гаронӣ ё ба шахси дигар ба иҷора додани ашёи манқул ё ғайриманқул, бардурӯғ ба худ додани ҳуқуқи ихтиёрдории он; ихтиёрдории ашёи манқул ё

ғайриманқул, пинҳон доштани мавҷудияти ягон хел гаронӣ ба он ва ё бегона кардани ашё ҳамчун озод аз уҳдадориҳо, гароиҳо ё аз нав бегона кардани ашё то ба бадастоваранда додани он; бар зарари каси дигар бастани шартномаи қалбакӣ. Ҷиноятҳои зикргардида дар боби «Дар бораи фиребона азхудкунии молу мулки ғайр» муттаҳид карда шудаанд. Бояд гуфт, ки Кодекси ҷиноятии Испания дигар ҷиноятҳоеро низ, ки бо фиреб содир шудаанд, ҳамчун қаллобӣ бастубанд менамояд. Ба ҷумлаи онҳо азонихудкунӣ ё исроф кардани ҳама гуна амволи манқул, ки барои нигаҳдорӣ, бо супориш ё барои идоракунӣ ва ё бо дигар асосҳое, ки боиси уҳдадории супурдан ё баргардонидани амвол мегардад, гирифта шуда буд (моддаи 252), азонихудкунии беасоси ашёи ёфташуда (моддаи 253) ва барнагардонидани пул ё дигар ашёи манқуле, ки беасос бо иштибоҳи шахсе, ки онҳоро интиқол додааст, ба даст оварда шудааст (аз рӯйи қонунгузории Тоҷикистон ин кирдор ҳамчун дорошавии беасос бандубаст (тасниф) карда мешавад ва ҷиноят намебошад), мансубанд.

Ба қаллобӣ ҳамчунин истифодаи ғайриқонунии қувваи барқ, газ, об, телекоммуникатсия ва ғайра, ки зарари калон расонидааст (моддаи 255), агар зимнан механизми барои амалисозии фиреб муқарраршуда истифода шуда бошад ва ё нишондодҳои асбобҳои ҳисоб қасдан таҳриф карда шуда бошанд ва ё тарзҳои дигари ғайриқонунӣ истифода бурда шуда бошанд, мансуб аст. Дар фасли «Ҷиноятҳо муқобили ҳокимияти давлатӣ» ҷавобгарӣ барои қаллобӣ ва азонихудкунии ғайриқонунӣ, ки шахси мансабдор ё хизматчии давлатӣ бо суиистифодаи ваколатҳои худ содир намудааст (моддаи 438) ва дигар ҳолатҳои фиреб, ки ин субъектҳо содир намудаанд (моддахои 436, 437) муқаррар карда шудааст. Ба ҷумлаи қаллобӣ Кодекси ҷиноятии Испания ҳамчунин муфлисшавии қасдан ва бардурӯғ, фиреби истеъмолкунандагон, баровардани пулҳои қалбакӣ, сохтакории кортҳои кредитӣ ва ғайраро мансуб медонад [12].

Дар Англия номгӯйи васеи амалҳои қаллобӣ пешбинӣ шудааст. Қаллобӣ дар ҳуқуқи Англия дар намуди ҷинояти ягона пешниҳод карда шудааст. Қонуни Англия “Дар бораи дуздӣ” ҷавобгариро барои ба даст овардани амвол ва гирифтани фоидаи пулӣ бо роҳи фиреб пешбинӣ мекунад [4].

Мутобиқи § 279 Кодекси ҷиноятии Дания, “ҳар шахсе, ки бо мақсади барои худ ё барои дигарон ба даст овардани фоидаи ғайриқонунӣ бо роҳи фиреб, тасдиқ кардан ё истифода бурдани хатогӣ, ягон шахсро водор мекунад, ки кирдореро содир кунад ё накунад, ки дар аз даст додани молу мулки шахси фирефташуда ё дигар шахсоне иборат аст, ки ба онҳо амал ё беамалии мазкур дахолат менамояд, дар қаллобӣ гунаҳгор дониста мешавад». Алоҳида ҷавобгарӣ барои қаллобии компютерӣ муқаррар карда шудааст.

Масалан, мувофиқи § 279 Кодекси ҷиноятии Дания, “ҳар шахсе, ки бо мақсади барои худ ё барои дигарон ба даст овардани фоидаи ғайриқонунӣ, ғайриқонунӣ иттилоот ё барномаҳоеро, ки барои коркарди электронии маълумотҳо истифода мешаванд, ғайриқонунӣ тағйир медиҳад, пурра мекунад ё нест мекунад, ё ки бо ҳама гуна тарзҳои дигар кӯшиш мекунад, ки ба натиҷаҳои коркарди чунин маълумот таъсир расонад, дар қаллобии компютерӣ гунаҳкор дониста мешавад”. Ба ғайр аз ин, § 284 Кодекси ҷиноятии Дания ҷавобгариро барои онҳое муқаррар мекунад, ки «... барои худ ё барои шахсони дигар ҳиссаи фоидаеро ба даст меоранд, ки аз дуздӣ, азонихудкунии ғайриқонунии ашёҳои ёфташуда, азонихудкунӣ ё исрофи амвол, қаллобӣ, қаллобии компютерӣ, суиистифодаи боварӣ, тамаъҷӯӣ, соҳибикунии ғайриҳуқуқии фондҳо ба даст оварда шудаанд» [14].

Кодекси ҷиноятии Юнон қаллобиро ҳамчун деликт муайян мекунад, ки маънои интиқоли амволро дорад, зимнан тарзҳои фиреби аз ҷиҳати ҷиноятӣ ҷазошаванда инҳоянд: а) додани фактҳои дидаю дониста бардурӯғ ба сифати ҳақиқӣ; б) таҳриф кардан ё пинҳон доштани фактҳои ҳақиқӣ, ки ба воситаи он шахси дигар ба амал ё беамалӣ ё роҳ додан ба амал ё беамалӣ водор карда мешавад ва дар натиҷаи ин ба ӯ зарари молумулкӣ расонида мешавад (моддаи 386 Кодекси ҷиноятии Юнон). Чи тавре ки дида мешавад, дар ин ҷо ба тарзи қаллобона додани ҳуқуқи моликият алоҳида зикр нашудааст, балки сухан танҳо дар бораи интиқоли амвол меравад. Қонунгузории ҷиноятии Юнон ҳамчунин ҳолати махсуси қаллобӣ - қаллобии суғуртавиро пешбинӣ мекунад (бояд қайд кард, ки қаллобӣ дар соҳаи суғурта дар қонунҳои ҷиноятии бисёр мамлакатҳо таъкид (қайд) карда мешавад). Мувофиқи моддаи 388 Кодекси ҷиноятии Юнон, оне ҷазошаванда аст: а) шахсе, ки бо мақсади барои худ ё шахси дигар гирифтани маблағи суғуртае, ки ба он ашёи

манқул ё ғайриманқул суғурта шудааст, он хавферо ба вуҷуд меорад, ки дар ҳолати он ашё суғурта карда шудааст; б) шахсе, ки бо ҳамин мақсади гирифтани маблағи суғурта ба худаш зарари ҷисмонӣ мерасонад ё оқибатҳои осеби ҷисмониро, ки дар натиҷаи ҳодисаи нохуш ба амал омадааст, вазнин мекунад [2].

Кодекси ҷиноятии Швейтсария қаллобиро ҳамчун кирдори қасдонае, ки бо расонидани зарар ба молу мулк бо роҳи фиреб ба гумроҳӣ андохтан алоқаманд аст ва бо мақсади дорошавӣ содир карда шудааст, муайян мекунад. Кодекси ҷиноятии Швейтсария қаллобиро дар он ҳолатҳое аз ҷиҳати ҷиноятӣ ҷазошаванда эътироф мекунад, ки агар амали фиребона баръало маълум бошад (моддаи 1462). Қаллобие, ки ба хешованд зарар расонидааст, танҳо бо шикояти шахсии ҷабрдида таъқиб карда мешавад. Мувофиқи моддаи 148 Кодекси ҷиноятии Швейтсария, ба қаллобӣ ҳамчунин қасдан расонидани зарари молумулкӣ; истифодаи қаллобонаи хизмати меҳмонхонаҳо, пансионҳо; бо роҳи фиреб гирифтани хизматрасонӣ (ҳангоми дар нақлиёт рафтан, ҳангоми рафтан ба театр, кинотеатр, ҳангоми истифода аз автоматҳои бозӣ; истифодаи зудбоварӣ (дар он вақте ҷой дорад, ки шахсе дар намуди касбу кор бо роҳи пешгӯӣ, таъбири хоб, фолбинӣ дар қарта, азоимхонии руҳҳо ё таҳриккунӣ ба ҷустуҷӯи ганҷҳо ё ба таври оммавӣ хидматҳои худро барои истифодабарии ин ҷодугариҳо пешниҳод мекунад); додани маълумоти бардурӯғ дар бораи савдо ва шарикии кооператив; қалбакӣ кардани мол, ба муомилот баровардан, воридот ва нигоҳдории моли қалбакӣ; қаллобии суғуртавӣ; қаллобии андозӣ; бо роҳи фиреб аз хизмати ҳарбӣ гурехтан мансубанд. Суиистифодаи бовариро (моддаи 138) қонун ба шарте ҳамчун ҷиноят баррасӣ менамояд, ки агар молу мулки азхудшуда ба шахси гунаҳкор бовар карда супурда шуда бошад, ки ба муҳлати то панҷ сол бо бадарғакунӣ ё аз озодӣ маҳрум кардан ҷазо дода мешавад. Суиистифодаи боварие, ки ба хешованд ё аъзои оила зарар расонидааст, ҳамчунин бо шикояти ҷабрдида таъқиб карда мешавад [16].

Ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи фарҳанг, илму маориф байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар фазои ҳусни тафоҳуми ҳамдигарӣ сурат мегиранд. Ҳарду кишвар дар доираи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии дар сатҳи дуҷониба баимзорасида, чорабиниҳои гуногуни дахлдори фарҳангӣ, илмӣ ва маърифатиро, ба монанди даҳаҳои илму фарҳанг; намоишгоҳҳои китоб; фестивалҳои суруд, театрҳои халқӣ ва ғайра, бо иштироки мутахассисони соҳавӣ доир менамоянд.

Дар кишварҳоямон диаспораҳои якдигар, яъне тоҷикон дар Қазоқистон ва баръакс, яъне қазоқҳо дар Тоҷикистон, мавҷуданд. Ба фарқ аз диаспораи қазоқҳо дар Тоҷикистон, ки шумораашон хеле кам боқӣ мондаанд (дар ҳудуди то 2000 нафар), шумораи тоҷикони дар Қазоқистон буда беш аз 40 ҳазорро ташкил медиҳад. Диаспораи тоҷикон дар Ҷумҳурии Қазоқистон марказҳои миллӣ - фарҳангиро дорад ва ба Ассамблеяи халқҳои Қазоқистон шомил аст. Маркази фарҳангии Ҷумҳурии Қазоқистон бо номи “Байтерек” дар шаҳри Душанбе фаъолият дорад.

Муҳимтарин чорабиниҳои фарҳангӣ, илмӣ – маърифатии дар даврони соҳибистиқлолии ҳарду кишвар доиргардида инҳо мебошанд:

Моҳи августи соли 2007 дар шаҳри Остона Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ярмаркаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқи кишвар дар Ҷумҳурии Қазоқистон доир гардид. Моҳи декабри ҳамон сол бошад, дар боғи «Дӯстии халқҳо» - и шаҳри Душанбе Муҷассамаи 35 сарҳадбонони қазоқ, ки ҳангоми адои хизмати интернатсионалистӣ дар замони ҷанги шаҳрвандӣ дар сарҳади тоҷику афғон кушта шуданд, гузошта шуд.

Моҳи октябри соли 2008 дар шаҳри Душанбе Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Моҳҳои октябр - ноябри соли 2012 гурӯҳи ҳунармандони театрҳои драмавии ба номи В. Маяковский ва ба номи М. Назарови ВМКБ дар фестивали байналмилалии «Театрҳои касбии Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон» ширкат варзиданд. Дар ҳамоиши ҳаммонанди соли 2014 дар шаҳри Актау доиргардида, ҳунармандони театри давлатии ба номи А. Муҳаммадҷонови вилояти Бохтар иштирок карданд.

19-21 ноябри соли 2014 дар назди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯнамои китоби «Писари сарзамини қазоқ» бо иштироки намояндагони фарҳанги Ҷумҳурии Қазоқистон таҳти сарварии Артисти халқии Иттиҳоди Шуравии собиқ А. Ашимов баргузор шуд.

Соли 2018 бо Фармони Президенти собиқи Ҷумҳурии Қазоқистон Н.А. Назарбоев ба яке аз кӯчаҳои марказии пойтахти ин кишвар номи шоир ва файласуфи тоҷик устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гузошта шуд ва ғайра.

Барои доираҳои академикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳодисаи таърихии баёнгари дӯстии абадии олимони тоҷику қазоқ ин аст, ки соли 2018 дар Институти геологияи он замон Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳозир Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон), лавҳаи хотиравии аввалин аъзои фахрии Академияи илмҳо аз ҳисоби шаҳрвандони хориҷӣ, олими намоёни қазоқ Қаниш Сатпаев насб гардид. Дар чорабинии мазкур ноиб Президенти АМИТ марҳум Ҳ. Муъминов ширкат ва дар суханрониаш чунин қайд кард: “Саҳми Қ. Сатпаев дар ташкили фаъолияти Академияи илмҳои тоҷик ва дар маҷмуъ илми геология дар Осиёи Марказӣ, хеле бузург мебошад” [9,с.11].

Дар ин ҷо бояд ёдовар шуд, ки дар ҳарду кишвар ба ашъори сардафтари адабиёти советии тоҷик, аввалин академики АИ ҶТ С.Айни (1878 – 1954) ва асосгузори адабиёти хаттии қазоқ Абай Қунанбоев (1845-1905) арҷ мегузоранд. Шоир ва файласуфи қазоқ Абай Қунанбаев дӯстдори адабиёти форсӣ - тоҷикӣ буда, дар осораш ҳамеша ба Ҳофизу Хайём ва дигарон пайравӣ кардааст. Аз ин лиҳоз, дар адабиёти халқҳои тоҷику қазоқ, хусусан дар замони Иттиҳоди Шуравӣ, омӯзиши ин бузургон дар доираи фанни адабиёти советӣ сурат гирифта буд. Баъдан тайи солҳои гуногун хонишҳои адабӣ зери унвони «Айнӣ - Абай» бо навбат дар ҷумҳуриҳоямон гузаронида мешуданд. Имрӯз номҳои ин мутафаккирони тоҷику қазоқ ба ҳайси як рамзи бедории ҳувияти миллии халқҳоямон, эҳёи иҷтимоӣ ва маънавии онҳо табдил ёфтаанд.

Насли баъдии шоиру нависандагони тоҷику қазоқ бо ҳам дӯстиву рафоқати наздик доштанд. Масалан, шоирони халқии тоҷик М. Турсунзода, Муъмин Қаноат бо шоирони қазоқ Мухтар Ауэзов, Олжас Сулаймонов дӯст буданд. Ҳамаи ин ҳолатҳо бори дигар аз қаробати халқҳои тоҷику қазоқ шаҳодат медиҳанд. Дар ин бора д.и.ф., профессор Абдунабӣ Сатторзода чунин навиштааст: «Дар Тоҷикистон Олжас Сулаймоновро ҳамчун шоири бомаҳорат, муҳаққиқи нозукбаён, дипломати машҳур, ходими намоёни ҷамъиятӣ – сиёсӣ, дӯсти ҳақиқии халқи тоҷик ва қадрдони адабиёти форсӣ – тоҷикӣ мешиносанд ва эҳтиром мекунанд. Бисёрии шеъру достонҳои Олжас Сулаймонов ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд» [10,с.12].

Робитаҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Туркманистон дар тамоми самтҳои зиндагӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои фарҳанг, илм ва маориф чун пештара барои Ҷумҳурии Тоҷикистон самти афзалиятнок боқӣ мемонанд. Зеро, халқҳои тоҷику туркман аз қадимулайём ба ҳамдигар наздикӣ дошта, дорои мероси бойи фарҳангиву адабӣ ҳастанд, ки шуҳрати ҷаҳонӣ доранд. Оид ба ин масъала дар китоби “Родники дружбы” - и муаллифи мақола, чунин ишора гардидааст: “Ба ақидаи муаррих, доктори илмҳо, археологи машҳури Туркманистон Хемра Юсупов, халқҳои мо аз чандин ҷиҳат наздиканд. Дар замони қадимтарин ва асримиёнагӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар қаламрави Туркманистони ҳозира, даҳҳо қабилаҳои эронизабон ва халқиятҳои дигар иқомат доштанд. Дар давраҳои гуногун дар ин ҷо эрониҳо, гургониҳо, парфянҳо, ориёниҳо, суғдиҳо, бохтариҳо, массагетҳо, дохоиҳо ва ғайра зиндагӣ мекарданд ва ба этногенези ё пайдоиши халқиятҳои имрӯзаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷику туркман, таъсири бузург расонидаанд” [11,с.12].

Асоси ҳуқуқии ҳамкориҳои дуҷонибаро дар соҳаҳои фарҳанг, илму маориф як қатор санадҳои байниҳукуматӣ ва байнисоҳавӣ ташкил медиҳанд. Дар рафти сафари навбатии давлатии Пешвои миллат ба Туркманистон, ки 4-5 августи соли 2021 сурат гирифт, дар маҷмуъ 19 санади меъёрӣ - ҳуқуқӣ оид ба ҳамкориҳои дуҷониба, аз ҷумла, дар соҳаи илму фарҳанг, ба имзо расиданд. Умед аст, ки ин сафар дар таҳкими робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Туркманистон дар тамоми самтҳо, хусусан фарҳанг, илму маориф такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Мавриди тазаккур аст, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла ноҳияҳои Ҷилликӯл, Қумсангир (Дӯстӣ), Қабодиён, Шаҳритус, Рӯдакӣ шаҳрвандони тоҷики туркмантабор зиндагӣ доранд ва якчанд мактабҳои ба забони туркманӣ дарсдиҳанда вуҷуд доранд. Хатмкунандагони онҳо дар макотиби олии ҳарду кишвар ҳаққи таҳсилро доранд. Ҳукумати Туркманистон барои туркмантаборони худ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин мактабҳои таҳсилоти миёна сохта, онҳоро бо китобҳои дарсӣ ба забони туркманӣ таъмин кардааст. Дар донишгоҳҳои кишварамон теъдоди зиёди донишҷӯёни туркман дар асоси қарордодҳои байниҳукуматӣ таҳсил мекунанд.

Байни доираҳои илмии кишварҳоямон низ, дар асоси созишномаи дутарафа робитаҳо дар соҳаҳои мухталиф - омӯзиши муштараки масъалаҳои биёбонҳо ва ғайра ба роҳ монда шудааст, ки аз манфиатҳои миллии тарафайн бармеоянд.

Соли 2016 дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси илмӣ – амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «25 соли Туркманистони соҳибистиқлол ва бетараф: таърих, пешрафт ва дурнамои рушд» доир гардид. Худи ҳамон сол дар пойтахти Туркманистон намоишгоҳ ва конфронс дар мавзуи «Китоб – роҳкушоӣ ҳамкорӣ ва рушд» бо иштироки намояндагони аҳли адаби тоҷик баргузор шуд.

Аз рӯзи аввали барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, ба расмият шинохтани истиқлолияти якдигар, байни ҳарду ҳамсоякишвар робитаи ҳасанаи дӯстӣ ва боэътимод ҳукмфармост.

Дар самти робитаҳои фарҳангӣ, илм ва маориф байни ҷумҳуриҳоямон як қатор санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ, инчунин, байни вилоятҳои ҳамсарҳад ба имзо расидаанд. Дар асоси онҳо гузаронидани чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, илмӣ ва маърифатӣ, анъанавӣ шудаанд.

Солҳои қабл байни вилоятҳои наздисарҳадии ду кишвар, ба навбат даҳаҳои фарҳангӣ доир мегардиданд. Дар доираи онҳо консертҳои намояндагони дастаҳои ҳунарӣ, намоишгоҳҳои гуногуни санъатӣ гузаронида мешуданд. Анъанаҳои хуби замони шуравиро ба инобат гирифта, байни шаҳрҳо, вилоятҳо робитаҳои бародаршаҳрӣ ва ғайра барқарор мегардиданд, ки ба таҳкими минбаъдаи дӯстиву ҳусни ҳамҷаворӣ заминаҳои хубро эҷод кардаанд.

Қариб дар тамоми воҳӯриҳои дар сатҳи баланд доиршаванда, роҳбарони кишварҳоямон санадҳои зиёди дахлдори меъёрӣ - ҳуқуқиро, ки робитаҳои дуҷонибаро дар тамоми самтҳои муҳим, аз ҷумла дар соҳаҳои фарҳанг, илм ва маориф ба танзим медароранд, имзо кардаанд.

Ба ҳолати имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 56 ҳазор шаҳрванди тоҷики қирғизтабор зиндагӣ мекунанд. Барои онҳо 64 мактаб сохта шудааст, аз ин ҳисоб дар 37 - тоаш таҳсилот ба забони қирғизӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон бошад, 50 ҳазор тоҷикон зиндагӣ мекунанд. Барои онҳо 7 мактаб таъсис дода шудааст, ки дар сетоаш бо таҳсилот пурра бо забони тоҷикӣ ба роҳ монда шудааст. Макотиби олии ҳарду кишварҳо ҳамасола тибқи квотаҳо барои таҳсили тоҷикон дар Ҷумҳурии Қирғизистон ва баръакс, маблағ ҷудо менамоянд.

Вале, яке аз омилҳои асосии бездорандаи ҷараёни тақвият бахшидани ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳанг, илму маориф ва соҳаҳои дигар дар дурнамо, ин пурра ҳал нагардидани баҳсҳои сарҳадӣ мебошад, ки шуруъ аз моҳи апрели соли 2021 хеле буғранҷтар шудаанд. Тавре маълум аст, муноқишаи наздисарҳадии низомии моҳи апрели соли 2021 байни кишварҳоямон суратгирифта, ба баста шудани сарҳадҳо ва қатъи робитаҳо сабаб гардид.

Ба мақсади ҳалли масоили баҳснок 28 - 29 июни соли 2021 ба ҷумҳуриамон бо сафари расмӣ президенти тозаинтихобгардидаи Ҷумҳурии Қирғизистон Содир Ҷабборов ташриф оварда.

Зимни суҳбатҳои хосса ва дар формати васеъ доиргардида байни сарони давлатҳоямон, дар баробари масоили сиёсӣ, иқтисодӣ, ба тавсеаи робитаҳои дутарафаи кишварҳоямон дар соҳаи фарҳанг, илму маориф таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Ба ақидаи мо, то ба охир ҳаллу фасл нагардидани баҳсҳои сарҳадӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, имкон намедиҳанд, ки дар ояндаи наздик, ҳамкориҳои фарҳангӣ, илму маориф ва гуманитарӣ ба роҳ монда шаванд.

Чунин ҳамкориҳо дар марҳилаи ҳозира танҳо дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки Тоҷикистону Қирғизистон узви онҳо ҳастанд, амалӣ мешаванд.

Бояд тазаккур кард, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар тамоми созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз қабили СММ, ИДМ, СҲШ (ба истиснои Туркманистон) ва ғайра, шомил мебошанд. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ - узви ин созмонҳо, дар ҳамаи самтҳо робитаҳои бисёрҷониба дорад. Ин робитаю ҳамкориҳо дар соҳаҳои фарҳанг, илму маориф ва ғайра дар асоси санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии дар сатҳи бисёрҷониба имзогардида, сурат мегиранд.

Дар марҳилаи кунунӣ Созмони Милали Муттаҳид (СММ) - бонуфузтарин иттиҳодияи байналмилалии муттаҳидкунандаи тамоми кишварҳои дунё ба ҳисоб меравад.

Созмони мазкур дар баробари дида баромадани проблемаҳои вобаста ба таъмини амнияти ҷаҳонӣ, ҳифз ва тарғибу ташвиқ намудани мероси таърихии ин ё он кишвар, расонидани кумакҳои башардӯстона ба давлатҳои ақибмонда ва чорабиниҳои дигар, ба масъалаҳои рушди фарҳанг, илму маориф ва соҳаҳои дигари гуманитарӣ машғул аст.

Бузургтарин лоиҳаи фарҳангӣ, илмӣ ва гуманитарӣ дар доираи Созмони Милали Муттаҳид - ЮНЕСКО маҳсуб мешавад. Он 16 ноябри соли 1945 таъсис ёфтааст. Дар марҳилаи ҳозира 193 кишвари ҷаҳон, бо шумули ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, узви ЮНЕСКО мебошанд. ЮНЕСКО дорои 60 зерсохтор аст, ки дар кишварҳои мухталиф фаъолият мекунанд. Қароргоҳи марказии он дар шаҳри Париж буда, мақсади асосии он мусоидат ба таҳкими сулҳ ва амният бо роҳи тавсеаи ҳамкориҳои халқҳо дар соҳаи маориф, илм ва фарҳанг ба манфиати таъмини эҳтироми умумӣ ба адолат, қонуният ва ҳуқуқи инсон, инчунин озодиҳои асосӣ барои ҳамаи халқҳо, новобаста аз нажод, ҷинсият, забон ё дин, ки дар оинномаи СММ омадааст, мебошад.

Ҷиҳати иҷрои ин масъулияти худ ЮНЕСКО панҷ вазифаи асосии зеринро иҷро мекунад:

-гузаронидани тадқиқоти ояндадор ва барои фардои муосир зарури шакли таълим, илм, фарҳанг ва коммуникатсия;

-гузаронидани таҳқиқот оид ба пешбурд, интиқол, табодули дониш, омодагӣ ва тадрис;

-амалӣ кардани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ: омодакунӣ ва қабули санадҳои байналмилалӣ ва пешниҳодҳои ҳатмӣ иҷрошаванда;

-расонидани кумакҳо аз тарафи коршиносон ба давлатҳои узв, барои муайян кардани сиёсати онҳо дар соҳаи рушд ва коркарди лоиҳаҳо дар шакли ҳамкориҳои техникӣ;

-табодули иттилооти махсусгардонидашуда [12,с.16].

Фаъолиятии он дар асоси Конвенсияи оид ба ҳифзи мероси фарҳангиву табиии байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст. Дар сохтори ЮНЕСКО якчанд иттиҳодия, шуро, марказҳои мухталиф вобаста ба самтҳои алоҳидаи фарҳанг, илму маориф мавҷуданд. Чунончи: Иттиҳоди байналмилалӣ оид ба ҳифзи табиат, Шурои байналмилалӣ оид ба муҳофизати ҳайкалҳо ва манзараҳои дилкаш ва ғайра.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО ҳамкорӣ дорад ва татбиқи тамоми лоиҳаҳои дар доираи он банақшагирифташударо ҳамаҷониба дастгирӣ мекунад. Дар натиҷаи ҳамкориҳои судманд бо ин барнома имконият пайдо шуд, ки якчанд ҳунарҳои мардумии кишвар ҳамчун мероси байналмилалӣ шинохта шуда, таҳти ҳифозат гирифта шаванд. Аз ҷумла, «Чакан – санъати гулдӯзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сессияи 13 кумитаи байнидавлатӣ оид ба мероси ғайримоддии фарҳангии ЮНЕСКО ба рӯйхати байналмилалии мероси фарҳангӣ шомил карда шуд [13,с.17].

Доир ба ҳамкориҳои судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарғибу ташвиқи дастовардҳои машҳури кишвар аз тариқи ЮНЕСКО, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 чунин таъкид кардаанд: “Зикр бояд кард, ки ҳадаф аз ташаббусҳои Тоҷикистон дар бахши фарҳанг ва маориф дар ҳамкорӣ бо ниҳоди Созмони Милали Муттаҳид оид ба фарҳанг, илм ва маориф (ЮНЕСКО) таҳкими раванди муколама оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ, муаррифии таърихи қадимаи тоҷикон ва фарҳанги бостониву ғании миллатамон мебошад.

Соли 2021 дар баробари номбандии муштараки «Роҳи Абрешим: долони Зарафшон–Қароқум» 9 мавзеи мероси таърихиву фарҳангии Тоҷикистон ба Рӯйхати муқаддамотии ЮНЕСКО ворид гардид.

Ҳамчунин, пешниҳоди Тоҷикистон оид ба ворид намудани 2500– солагии шаҳраки қадимаи «Тахти Сангин» ба Рӯйхати ҷашнвораҳои ЮНЕСКО барои солҳои 2022–2023 пазируфта шуд.

Панҷ рӯз пеш аз ҷониби ЮНЕСКО боз як намунаи мероси фарҳанги миллии мо – «Фалак» ба Феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии башарият ворид карда шуд.

Яъне «Фалак» мисли Наврӯз ҷаҳонӣ гардид” [14,с.17].

ЮНЕСКО фаъолияти худро баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷоннок гардонид. Соли 1994 намояндагии ЮНЕСКО дар ш. Алмаато ифтитоҳ ёфт, ки он чор кишвари Осиёи Марказӣ – Қазоқистон,

Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро фаро гирифтааст. Туркманистон бошад, ба намояндагии ЮНЕСКО дар Теҳрон вобаста мебошад.

Тибқи маълумоти С. Караев, имрӯз дар фазои Осиёи Марказӣ 15 объектҳои таърихие мавҷуд мебошанд, ки аз тарафи ЮНЕСКО ҳифз карда мешаванд ва ба рӯйхати мероси ҷаҳонӣ ворид гардидаанд. Аз ҷумла:

1.Саразми бостонӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон).

2.Боғи миллии «Кӯҳҳои Помир» (Ҷумҳурии Тоҷикистон).

3. Шаҳри қадимаи Ичон - Қалъа (Ҷумҳурии Ӯзбекистон).

4. Маркази таърихии Бухоро (Ҷумҳурии Ӯзбекистон).

5.Маркази таърихии Шаҳрисабз (Ҷумҳурии Ӯзбекистон).

6.Самарқанд – шаҳр – тақотуи фарҳангҳо (Ҷумҳурии Ӯзбекистон).

7.Шаҳри қадимаи Марв (Туркманистон).

8.Силсила ҳайкалҳои Кёнеургенч (Куҳнаурганчи Туркманистон).

9.Қалъаҳои парфянҳои Нисо (Туркманистон).

10.Мақбараи Хоҷа Аҳмади Ясавӣ (Ҷумҳурии Қазоқистон).

11.Петроглифҳои археологии ландшафти Тамғала (Ҷумҳурии Қазоқистон).

12. Сарыарка – биёбону кӯлҳои Қазоқистони Шимолӣ (Ҷумҳурии Қазоқистон).

13.Тён – Шони Ғарбӣ (ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон Қирғизистон).

14.Кӯҳи муқаддаси Сулаймон Тоо (Ҷумҳурии Қирғизистон).

15.Роҳи Абрешим: шабакаҳои самтҳои долони Чанъанъ – Тян – Шан (ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон) [15,с.18].

Ба ақидаи коршинос О.Б. Абдимуминов, «ҳадафи асоси Рӯйхати мероси ҷаҳонӣ – машҳур гардонидани объектҳои нодир, инчунин, ҳифз ва эҳёи онҳо мебошад. Бо сабабҳои молиявӣ на ҳамаи кишварҳо метавонанд объектҳои мероси ҷаҳонидоштаро ҳифз намоянд. Ба ин сабаб, ЮНЕСКО ба онҳо дар ин масъала кумак менамояд. Аз соли 1995 инҷониб дар Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон Институти байналмилалии тадқиқотҳои Осиёи Марказӣ фаъолият менамояд ва дар асоси барномаҳои алоҳидаи он ҷашнвораҳои таърихии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба навбат гузаронида мешаванд» [16,с.19].

Дар ҳоли ҳозир ҳамаи панҷ кишвари Осиёи Марказӣ дар ИДМ узвият доранд ва дар тамоми чорабиниҳои фарҳангӣ, илму маърифатие, ки дар чорчӯбаи ИДМ баргузор мешаванд, саҳм доранд. Дар ин самт санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии зиёд имзо шудаанд, ки чунин ҳамкориҳоро ба танзим медароранд.

Дар чорчӯбаи ИДМ ба масъалаи баланд бардоштани сифати таълим ва тавсеаи дастрасӣ ба он, такмили усули таълим ва тарбияи наврасону ҷавонон таваҷҷуҳи хосса дода мешавад. Дар давоми солҳои гузашта дар сатҳи миллӣ ва байнидавлатӣ садҳо чорабиниҳо аз рӯйи 15 самти таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ гузаронида шуданд. Соли 1997 аз тарафи сарони ҳукуматҳои ИДМ (Тоҷикистон, Россия, Озарбойҷон, Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова) Созишнома дар бораи ҳамкорӣ оид ба ташаккули фазои ягонаи таҳсилоти ИДМ ба имзо расид. Имзои ин санад ба рушди минбаъдаи ҷараёнҳои интегратсионӣ замина гузошт.

Шуро оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилоти кишварҳои узви ИДМ хеле фаъол мебошад. Ба он роҳбарони мақомоти давлатӣ, мутасаддии соҳаи таълиму тарбия шомиланд.

Яке аз дастовардҳои муҳимми солҳои ахир имзои Созишнома дар бораи эътирофи дипломҳои маълумоти олӣ, такмили ихтисоси кормандони соҳаи педагогӣ, муайян кардани статуси базавии баъзе муассисаҳои таълимоти олии кишварҳои – узв, ба ҳисоб мераванд. Дар ҳоли ҳозир 17 ташкилоти базавӣ ба масоили такмили ихтисос ва азнавтайёркунии мутахассисони соҳаи маориф сарукор доранд. Ин механизми ҳамкории мутақобила иҷроиши вазифаҳои гузошташударо дар самти ташаккули фазои умумии таҳсилотӣ таъмин менамояд.

Бо ин мақсад 27 сентябри соли 2018 дар рафти ҷаласаи Шурои вазирони корҳои хориҷии ИДМ ба муассисаҳои зерин статуси базавӣ дода шуд:

1.Донишгоҳи давлатии гуманитарии Русия оид ба тайёр кардани кадрҳо дар соҳаи таърих.

2.Донишгоҳи давлатии педагогии ба номи Максим Танки Беларус оид ба тайёр кардани мутахассисони соҳаи педагогӣ.

3.Донишгоҳи давлатии педагогии Москва оид ба тайёр кардани кадрҳои педагогӣ.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар давоми солҳои 2010-2018 дар доираи лоиҳаи “Донишгоҳи шабакавии ИДМ” бо ҷалби 35 донишгоҳ аз 9 давлати узви ИДМ, 954 магистрант барои таҳсил дар донишгоҳҳои Иттиҳод имконият пайдо карданд. Таҳсилоти 460 нафари онҳо аз ҳисоби гранти Бунёди байнидавлатии ҳамкориҳои гуманитарӣ сурат гирифтааст.

Соли 2016 аз тарафи Шурои сарони ҳукуматҳои ИДМ нишони сарисинагии “Аълочии маорифи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил” тасдиқ карда шуд.

Аз соли 1997 то инҷониб олимпиадаи байналмилалии ба номи Ю. Менделеев дар соҳаи химия ба навбат дар кишварҳои узви ИДМ, гузаронида мешавад. Дар назар аст, ки соли 2022 чунин олимпиада дар Арманистон доир гардад. Бо қарори Шуро оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилот аз 19 апрели соли 2018 Низомномаи Комиссия дар соҳаи таъмини босифати таълиму таҳсил дар кишварҳои узви ИДМ ва ҳайати он тасдиқ гардидааст.

Барои назорат бурдан аз сифатнокии корҳои таълиму таҳсилот, дар миқёси ИДМ, бо қарори Шурои сарони ҳукуматҳои ИДМ аз 1 июни соли 2018 Низомнома дар бораи Съезди муаллимон ва кормандони соҳаи маорифи ИДМ тасдиқ карда шудааст.

Ҳамин тариқ метавон хулоса намуд, ки дар фазои ИДМ ба масъалаҳои таълиму таҳсилоти миёнаву олӣ диққати ҳамаҷониба дода мешавад ва он дурнамои хуби рушдро дорад [17,с.21].

Дар фазои ИДМ Фонди байнидавлатӣ оид ба ҳамкориҳои гуманитарӣ фаъолият дорад, ки ба он кишварҳои зерин шомиланд: Озарбойҷон, Арманистон, Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Молдова, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Тибқи маълумотномаи Фонди мазкур, дар доираи он барномаҳои зерини фарҳангиву илмӣ ва гуманитарӣ татбиқ карда мешаванд:

-форуми интеллигенсияи кишварҳоои – узви ИДМ;

-“Пойтахтҳои фарҳангии Иттиҳод”;

-ҷоизаи байнидавлатии “Ситораҳои Иттиҳод”;

-ҷоизаи байналмилалии “Иттиҳоди навқаламон”;

-лоиҳаи байналмилалии гуманитарии “Ташаббуси Минск”;

-лоиҳаи байналмилалии “Ғалабаи бузург, ки дар натиҷаи ваҳдат ба даст омадааст”.

Бо дастгирии Фонди номбурда – донишгоҳи шабакавии донишҷӯён ташкил гардидааст ва он имконият медиҳад, ки магистрҳои бо соли таҳсили дусола соҳиби ду диплом (дипломи миллии кишвари худ ва ИДМ) шаванд. Илова бар ин, Фонд дар кишварҳои узви ИДМ ҳамасола мактабҳои тобистона (чорабиниҳои илмӣ - амалӣ) дар мавзуъҳои гуногун мегузаронад. Чунин чорабинӣ соли 2019 дар Кондараи ноҳияи Варзоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи омӯзиши биогуногуниҳо гузаронида шуд.

Дар соҳаи фарҳанг Фонди байнидавлатӣ дар кишварҳои узв ба навбат силсила чорабиниҳои фарҳангӣ мегузаронад. Чунончи, соли 2019 дар Душанбе ва Боку рӯзҳои ВГИК (Институти кинематографияи Россия) доир гардид ва ғайра [18,с.22].

Ба ин нигоҳ накарда, то имрӯз дар фазои ИДМ дар соҳаи сиёсати фарҳангӣ мафҳуми ягонаи сиёсӣ вуҷуд надорад. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми “дипломатияи фарҳангӣ - гуманитарӣ”, дар Қазоқистон “ҳамкории фарҳангӣ”, дар Туркманистон, Арманистон ва Озарбойҷон мафҳуми “дипломатияи фарҳангӣ” ва ғайра, истифода мешавад. Ба ғайр аз Федератсияи Россия дар кишварҳои дигари ИДМ ин соҳа мустақилона омӯхта намешавад. Аз ин лиҳоз, дар фазои ИДМ то имрӯз системаи ягонаи ҳамкориҳо дар соҳаи “дипломатияи фарҳангӣ” ташаккул наёфтааст.

Барои ин кор гузаронидани чорабиниҳои муштараки фарҳангӣ заминаи хуб шуда метавонад. Бо ин мақсад айни замон дар фазои ИДМ як қатор мега – лоиҳаҳои фарҳангӣ ба монанди “Славянский базар”, “Культурные столицы Содружества”, “Молодежные Дельфийские игры государств – участников СНГ», «Год культуры» дар ҳоли татбиқанд.

Ғайр аз ин, дар фазои ИДМ якчанд лоиҳаҳои дигар дар соҳаи адабиёт ва китобшиносӣ фаъоланд, ба монанди: китобхонаи электронии «Эпос ва адабиёти халқҳои АвруОсиё»; китобхонаи «дӯстии халқҳо» ва амсоли инҳо.

Ба ақидаи мо, дар дурнамо гузаронидани чорабиниҳои мазкур барои ҷараёнҳои минбаъдаи интегратсионӣ дар соҳаҳои фарҳанг, илму маориф дар фазои ИДМ нақши муҳим доранд.

Дар баробари ин, дар самти номбурда баъзе норасоиҳо дида мешаванд. Пандемияи коронавирус нишон дод, ки кишварҳои узв аз дастовардҳои технологияи навини инноватсионӣ хеле кам бархӯрдор мебошанд. Дар натиҷа аксарияти чорабиниҳо дар давоми ду соли охир ба роҳ монда нашуданд.

Дар Созмони Ҳамкории Шанхай, ки ба он чор кишвари Осиёи Марказӣ (ба истиснои Туркманистон) узвият доранд, ба масъалаи робитаҳо дар соҳаҳои фарҳанг, илму маориф таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Санади асосии танзимкунандаи соҳаи мазкур Хартияи Созмони Ҳамкории Шанхай ба ҳисоб меравад, ки 7 июни соли 2002 дар Санкт- Петербурги Федератсияи Россия имзо шудааст.

Доир ба мавзуи мазкур олими рус Лазоркина О.И. чунин қайд кардааст: “Дар фазои СҲШ якчанд барномаҳои фарҳангӣ – илмӣ ва гуманитарӣ амал мекунанд. Ҳамасола иди байналмилалии Наврӯз ҷашн гирифта мешавад. Дар рушди ҳамкориҳои мутақобила дар соҳаи фарҳанг байни давлатҳои узви СҲШ, нақши муҳимро марказҳои фарҳангӣ - иттилоотӣ ва фондҳои намояндагиҳои “Росзарубежцентр” – Федератсияи Россия, Институти ба номи Конфутсий, Фонди Горчаков ва ғайра мебозанд. Бо ташаббуси В.В. Путин дар доираи СҲШ Донишгоҳи СҲШ таъсис дода шуд” [19,с.23].

Пӯшида нест, ки фарҳанг, илм, маориф ва соҳаҳои дигари гуманитарӣ аз тарафи абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ, ҳамчун абзори “неруи нарм”, ҷиҳати пиёда кардани манфиатҳои стратегиашон дар кишварҳои мавриди назари худ, аз ҷумла фазои Осиёи Марказӣ, истифода бурда мешавад.

Ба гуфтаи профессори рус Н.М. Боголюбова, “маҳорати давлат дар самти тарғиби дастовард ва арзишҳои фарҳангии худ ба мавқеи он дар ҷаҳони муосир, таъсири муҳим мерасонад. Фарҳанг имконияти давлатро барои ба худ ҷалб кардани одамони кишварҳои дигар ташаккул дода, барои ӯ шароити “таъсири нарм” – ро боз менамояд ва дар рақобатпазирии сиёсати хориҷии он мусоидат мекунад, ки имрӯз бо номи сиёсати хориҷӣ дар соҳаи фарҳангро касб кардааст” [20,с.23].

Дар фазои Осиёи Марказӣ абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ – ИМА, Федератсияи Россия, Туркия ва ғайра, дар масъалаи истифодаи фарҳанг, илму маориф, ҳамчун абзори “неруи нарм” пешсаф мебошанд. Чунончи, созмонҳои фарҳангӣ, илму маориф ва соҳаҳои дигари гуманитарии ИМА, ба монанди: USAID, мулти- кид, Шурои амрикоии ACCELS, Грин карта ва ғайра, дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ вуҷуд доранд. Фаъолияти онҳо ба он равона карда шудааст, ки шароити фарҳанг, илму маорифи тарзи америкоиро дар байни мардум тарғиб намуда, бо ин роҳ онҳоро барои идомаи таҳсил, кору фаъолият дар ИМА ҷалб намоянд.

Федератсияи Россия “неруи нарм” - ро бо истифода аз омили фарҳанг, илм, маориф ва соҳаҳои дигари гуманитарӣ, аз тариқи Агентии федералии “Россотрудничество” ва намояндагиҳои хориҷии он (марказҳои илм ва фарҳанг) пиёда менамояд.

Назар ба гуфтаи олими рус И. Зевелев, ахиран Федератсия Россия масъалаи гирифтани шаҳрвандии русиро ҳамчун абзори “неруи нарм” истифода карда истодааст. Зеро, бо ин роҳ Федератсияи Россия ҳифзи фазои пасошуравиро ҳамчун минтақаи таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи худ, яке аз вазифаҳои стратегии худ меҳисобад. Аз ин лиҳоз, ин сиёсати пешгирифтаи Федератсияи Россия метавонад таъсири Москваро таҳким бахшида, ба як омили дарозмуҳлати пайвасткунандаи фазои пасошуравӣ табдил диҳад. Ба ин мақсад, тайи се соли охир дар Федератсияи Россия як қатор қонунҳое қабул гардиданд, ки гирифтани шаҳрвандии ин кишварро осонтар кардаанд [21,с.24].

Илова бар ин бо ин мақсад дар фазои пасошуравӣ Федератсияи Россия якчанд барнома ё лоиҳаҳои дигарро ба монанди “переселение”, “воссоединение семей” ва ғайраро амалӣ менамояд.

Дар ин самт Ҷумҳурии Халқии Хитой аз ИМА ва Русия, ақиб намондааст. Дар фазои пасошуравии Осиёи Марказӣ омӯзиши забони хитоӣ (марказҳои Конфутсий), муолиҷа ба усули тибби чинӣ ва абзори дигари «неруи нарм» ба роҳ монда шудааст. Дар натиҷа, аксари толибилмони кишварҳои Осиёи Марказӣ талош мекунанд, ки забони хитоиро аз худ карда, баъдан дониши худро дар ҶХХ такмил диҳанд.

Ба ин мақсад, инчунин, аз маводи чопӣ истифода мешавад. Масалан, маҷаллаи ҳармоҳаи «Китай. Знакомство с Поднебесной», сирф характери тарғибӣ дошта, фарҳанг, илм, маориф ва соҳаҳои дигари гуманитарии хитоиро тараннум менамояд.

Мавриди зикр аст, ки Туркия тайи чанд даҳсолаҳои охир баҳри барқарор кардани собиқ империяи бузурги Усмониҳо талошҳои зиёд дорад. Мувофиқи маълумоти агентии иттилоотии ПАРУС. инфо, ба ин мақсад, дар тамоми минтақаву кишварҳои замоне зери итоати ин империя буда, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, бо истифода аз «неруи нарм» - и пантуркизм бо номи «Тӯрони бузург», фаъолияти босамар дорад. Охири соли 2020 Туркия Консепсияи «Як халқ – панҷ давлат»-ро пешниҳод карда буд [22,с.24].

Дар доираи ин Консепсия ва бо истифода аз технолгияҳои гуногуни «ҷангҳои омехта», Туркия тавонист дастовардҳои иқтисодӣ, низомӣ, фарҳангӣ ва ғайраро ба ҷаҳониён, муаррифӣ кунад. Чунончи, тайёраҳои бесарнишини ҷангии «Байрактар» - и Туркия машҳури ҷаҳон гардида, назар ба маҳсулоти ҳаммонанди абарқудратҳои дигар, талаботи бештарро касб кардааст. Ахиран баъзе кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз қабили Қирғизистон, Қазоқистон барои харидории чунин тайёраҳо мароқ зоҳир намуданд. Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад истеҳсоли «Байрактарҳо»-ро дар қаламрави худаш ба роҳ монданист.

Ҷиҳати ташвиқи империяи бузурги Усмониҳо садҳо сериалҳои таърихӣ бо номҳои «Эл - Туғрул», «Давлати бузурги Салҷуқиҳо», «Усмон» ва ғайра, ба навор гирифта шуда, аз тариқи Интернет ба тамоми ҷаҳон, аз ҷумла минтақаи мавриди таваҷҷуҳи Туркия - Осиёи Марказӣ, пахш карда мешаванд ва ғайра.

Дар чорчӯбаи лоиҳаи «Тӯрони бузург», Туркия тавонист чор кишвари туркизабони Осиёи Марказӣ – Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистонро дар Созмони Давлатҳои Туркӣ, ки аз соли 2009 инҷониб ҳамчун Шурои Давлатҳои туркзабон фаъолият дошт, муттаҳид намояд. Имрӯз дар Созмони Давлатҳои Туркӣ дар маҷмуъ ҳафт кишвар – Туркия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Венгрия (давлати нозир) ва Туркманистон (давлати нозир), узвият доранд. Ташкили созмони мазкур, ки имрӯз беш аз 180 миллион нафар аҳолиро дар бар мегирад ва дар дурнамо тавсеа ёфтани он аз ҳисоби баъзе ақаллиятҳои туркизабони дар кишварҳои дигар иқоматдошта имконпазир мебошад, аллакай боиси изтироби абарқудратҳои минтақавӣ, ба монанди Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Исломии Эрон – рақиби минтақавии Туркия ва ғайра, гардидааст. Муҳимтарин санади Созмони Давлатҳои Туркӣ, ки 12 ноябри соли 2021 дар саммити VIII – уми он қабул шуд - «Диди ҷаҳони Турк - 2040» ном дорад. Дар он нақшаи фаъолияти Созмони Давлатҳои Туркӣ то соли 2040 нишон дода шудааст.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки дар марҳилаи ҳозира ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг, илму маориф бо тамоми давлатҳои Осиёи Марказӣ, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудаанд ва он дурнамои хуб доранд.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар тамоми созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ аз қабили СММ, ИДМ, СҲШ ва ғайра, шомил мебошанд. Дар доираи ин созмонҳо ҳамкориҳои бисёрҷониба дар соҳаҳои фарҳанг, илму маориф, дуруст ба роҳ монда шудааст.

Иштирок дар чорабинию барномаҳои мухталифи фарҳангӣ, илмӣ – маърифатӣ ва гуманитарӣ дар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ба тақвияти ҳамкориҳо, тарғибу ташвиқи дастовардҳои кишварҳои минтақа мусоидат менамоянд.

Абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ барои зери итоати худ даровардани минтақаи Осиёи Марказӣ, аз технологияҳои гуногуни “неруи нарм” истифода мекунанд.

Новобаста ба ин, ба ақидаи мо, робита ва ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи дуҷониба бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаҳои фарҳанг, илму маориф ва гуманитарӣ, дар оянда низ тақвиятталаб ҳастанд. Ба ғайр аз ин, дуруст ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ байни муассисаҳои академикии кишварҳои минтақа дар соҳаи илм, хусусан илмҳои дақиқ ва тарбияи кадрҳо дар ин самт, аз аҳамият холӣ намебошанд.

Мавҷудияти проблемаҳои дохилиминтақавӣ байни баъзе кишварҳо, хусусан Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон, ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷониба дар самти таҳқиқшуда, таъсиргузор мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Абдимуминов О.Б. Сотрудничество Центральной Азии и ЮНЕСКО. Молодой ученый.-2019.-№ 32 (270).-С. 70 – 72. [Электронный ресурс] Режим доступа/URL: https://moluch.ru/archive/270/61709/ Дата обращения: 09.06.2021/.
2. Байдаров Е. Культурно-цивилизационные основания для региональной интеграции в Центральной Азии. [Электронный ресурс] Режим доступа https://www.caa-network.org/archives/9492/ Дата обращения: 21.06.2021/.
3. Боголюбова Н. М., Николаева Ю.В. Проблемы и перспективы выработки общей внешней культурной политики СНГ [Электронный ресурс] Режим доступа/ https://cis.minsk.by/news/9666/problemy-i-perspektivy-vyrabotki-obsej-vnesnej-kulturnoj-politiki-sodruzestva-nezavisimyh-gosudarstv/ Дата обращения: 10.10.2021/.
4. В Душанбе увековечили память академика Каныша Сатпаева // Электронный ресурс/ Режим доступа/ inform.kz https://www.inform.kz/ru/v-dushanbe-uvekovechili-pamyat-akademika-kanysha-satpaeva_a3218105/ Дата обращения: 03.02.2022/.
5. Внесение номинации «Чакан – искусство вышивания в Республике Таджикистан» во Всемирный список нематериального культурного наследия ЮНЕСКО. [Электронный ресурс] Режим доступа/ https://mfa.tj/ru/main/view/3740/vnesenie-nominatsii-chakan-isskustva-vyshivaniya-v-respublike-tadzhikistan-vo-vsemirnyi-spisok-nematerialnogo-kulturnogo-naslediya-yunesko/ Дата обращения: 21.12.2018/.
6. Зевелёв И. Дубликаты бесценного груза / И.Зевелёв // Россия в глобальной политике. -2021. -Т. 19. -№. 6. -С. 219-244.
7. Искандаров А.И. Родники дружбы. Записки посла / А.И. Искандаров. – М.: Международные отношения, 2000.-296 с., ил.
8. Караев С. 15 сокровищ Центральной Азии, охраняемые ЮНЕСКО. [Электронный ресурс] Режим доступа/https://asiaplustj.info/ru/news/life/culture/20201115/15-sokrovitsh-tsentralnoi-azii-ohranyaemie-yunesko/Дата обращения: 12:00, 15 ноября, 2020/.
9. Консепсияи сиёсати хоричии ҶТ. [Захираи электронӣ] Реҷаи дастрасӣ/. http://mfa.tj/?l=tj& cat =109 & art=1072 5/ Санаи муроҷиат: 20.09.2020/.
10. Лазоркина О. И. Некоторые аспекты культурно – гуманитарного взаимодействия в рамках ШОС: достижения и перспективы. [Электронный ресурс]. Режим доступа/https://elib.bsu.by/bitstream/123456789/156190/1/lazorkina_2016_Krugl_stol.pdf //Дата обращения: 25.03.2021/.
11. Материалы международной научной конференции «Творчество Олжаса Сулейменова и вопросы национального самосознания», посвящённой 80-летию выдающегося казахского поэта и общественного деятеля Олжаса Омаровича Сулейменова 5-6 мая 2016 г. Стр. 10-12. Алматы «Қазақ университеті» 2016.
12. Мозговые центры Узбекистана и Таджикистана договорились о сотрудничестве на полях научно-практической конференции в Душанбе. [Электронный ресурс] Режим доступа/ https://review.uz/post/mozgove-centr-uzbekistana-i-tadjikistana-dogovorilis-o-sotrudnichestve-na-polyax-nauchno-prakticheskoy-konferencii-v-dushanbe/ Дата обращения: 15.09.2020/.
13. Мустафаев Б. Таджикистан на пути к стратегическому партнерству. [Электронный ресурс] Режим доступа/ http://isrs.uz/ru/page/pdf/uzbekistan-tadzikistan-na-puti-k-strategiceskomu-partnerstvu/ Дата обращения: 25.03.2021/.
14. «Мягкая сила» Великого Турана. [Электронный ресурс] Режим доступа/https://paruskg.info/glavnaya/189188-mjagkaja-sila-velikogo-turana.html/ Дата обращения: 27.11.2021/.
15. Низомов А. Культурная интеграция – как решающий фактор укрепления межгосударственных взаимоотношений Таджикистана и Узбекистана. [Электронный ресурс] Режим доступа/ https // E-gis. INFO/NEWS/ 566/88632/ Дата обращения: 16.03.2021/.
16. О развитии сотрудничества по формированию общего образовательного пространства Содружества Независимых Государств. [Электронный ресурс] / Режим доступа/ https: e-cis.info/cooperation/3690/81470/ Дата обращения: 20.07.2021/.
17. О деятельности Межгосударственного фонда гуманитарного сотрудничества государств – участников СНГ. [Электронный ресурс] Режим доступа/https://cis.minsk.by/news/16829/o_dejatelnosti_mezhgosudarstvennogo_fonda_gumanitarnogo_sotrudnichestva_gosudarstv_uchastnikov_sng/Дата обращения: 19.07.2021/.
18. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ. [Захираи электронӣ] Реҷаи дастрасӣ/ https://mfa.tj/tg/mainhttps://mfa.tj/tg/main/view/9389/pajomi-prezidenti-tojikiston-peshvoi-millat-dar-borai-samthoi-asosii-sijosati-dokhili-va-khorijii-jumhuri/Санаи мурољиат : 22.12.2021/.
19. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ. [Манбаи электронӣ] Реҷаи дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/mainhttps://mfa.tj/tg/main/view/9389/pajomi-prezidenti-tojikiston-peshvoi-millat-dar-borai-samthoi-asosii-sijosati-dokhili-va-khorijii-jumhuri/Санаи мурољиат: 22.12.2021/.
20. Таджикские учёные о начале новой страницы в истории узбекско-таджикских отношений. [Электронный ресурс] Режим доступа/ http://old.uza.uz/ru/society/tadzhikskie-uchyenye-o-nachale-novoy-stranitsy-v-istorii-uzb-/ Дата обращения:15-09-2020/.
21. Файзов Н.Н. Ҳамкориҳои илмӣ – фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар даврони истиқлолият: автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://tnu.tj/avtorefi/avtorefFaizovNN.pdf/ (Санаи муроҷиат: 08.08.2021).
22. ЮНЕСКО: история и цели создания организации. [Электронный ресурс] Режим доступа/ https://ria.ru/20101116/295032479.html09:17 16.11.2010/ Дата обращения: 06.06.2021/.

ТАЪРИХ ВА ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ ДУҶОНИБА ВА БИСЁРҶОНИБАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР СОҲАИ ФАРҲАНГ, ИЛМУ МАОРИФ

Дар мақолаи мазкур аз тарафи муаллифон таърих ва дурнамои раванди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи фарҳанг, илму маориф, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар ин замина, муаллифон қайд кардаанд, ки ин ҳамкориҳо таърихи дурудароз доранд ва асоси онро на танҳо умумияти ҷуғрофию ҳамҷаворӣ, балки таърихӣ, фарҳангӣ, илмӣ – адабӣ ва ғайра ташкил медиҳанд. Мардуми Осиёи Марказӣ, ки аз тоҷикон, ӯзбекон, қазоқҳо, туркманҳо, қирғизҳо иборатанд, аз қадимулайём бо ҳам дар фазои сулҳу осоиштагӣ зиндагӣ мекунанд. Ин робитаҳо новобаста аз он ки баъд аз фурӯпошии собиқ яке аз империяҳои бузурги дунё - Иттиҳоди Шуравӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ истиқлолияти худро ба даст оварданд, ҳозир ҳам идома доранд. Ба ақидаи муаллифони мақола, ба ихтилофи этникӣ нигоҳ накарда, Осиёи Марказӣ минтақаи ягона буд ва боқӣ мемонад ва дар фазои он ҳазорсолаҳост тамаддунҳои мухталиф дар ҳамзистӣ қарор дошта, ба ҳамдигар таъсир расонидаанд. Вобаста ба мавзуъ, робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чор ҳамсоякишвар дар самтҳои таҳқиқшаванда нишон дода шудаанд. Дар қисми дуюми мақола аз ҷониби муаллифон ҳамкориҳои бисёрҷонибаи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ тавсиф карда шудаанд. Дар фарҷоми мақола, муаллифон доир ба масъалаи ҳамчун абзори “неруи нарм” истифода намудани омилҳои фарҳанг, илму маориф ва ғайра аз тарафи абаркудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ дар татбиқи манфиатҳои стратегиашон дар фазои Осиёи Марказӣ ақидаронӣ намудаанд.

Калидвожаҳо: фарҳанг, маориф, илм, тамаддун, абаркудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, наздикии ҷуғрофӣ, “неруи нарм”.

ИСТОРИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ ДВУСТОРОННЕГО И МНОГОСТОРОННЕГО СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ГОСУДАРСТВАМИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В ОБЛАСТИ КУЛЬТУРЫ, НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ

В настоящей статье авторами проанализированы история и перспективы сотрудничества Республики Таджикистан со странами Центральной Азии в области культуры, науки и образования. На этой основе авторы отмечают, что это сотрудничество имеет давнюю историю и его основу составляют не только географическая общность и добрососедство, но и исторические, культурные, научно – литературные аспекты и другие. Народы Центральной Азии, состоящие из таджиков, узбеков, казахов, туркменов, кыргызов с древних пор живут в мире и согласии. Эти отношения, независимо от того, что после развала Советского Союза - одной из великих империй мира-государства Центральной Азии приобрели свою независимость, продолжаются и сейчас. Несмотря на этническую разобщенность, Центральная Азия была единым регионом и останется таковой. На ее пространстве тысячелетиями пребывли в мире различные цивилизации, которые влияли друг на друга. Согласно исследуемой тематике, показаны отношения Республики Таджикистан с соседними государствами. Во второй части статьи авторы охарактеризовали многостороннее сотрудничество государств Центральной Азии в рамках международных и региональных организаций. В заключительной части статьи авторами на конкретных примерах раскрыта тема использования факторов культуры, науки, образования и других, в качестве инструмента “мягкой силы” мировых и регионалных держав по реализации своих стратегических целей на пространстве Центральной Азии.

Ключевые слова: культура, образование, наука, цивилизация, мировые и региональные державы, географическая близость, “мягкая сила”.

HISTORY AND PROSPECTS OF BILATERAL AND MULTILATERAL COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE STATES OF CENTRAL ASIA IN THE FIELD OF CULTURE, SCIENCE AND EDUCATION

The author in this article analyzes the history and prospects of cooperation between the Republic of Tajikistan and the countries of Central Asia in the field of culture, science and education. The author notes that this cooperation has a long history and itis based not only on a geographical commonality and good neighborliness, but also on historical, cultural, scientific - literary aspects and others. The peoples of Central Asia, composed of Tajiks, Uzbeks, Kazakhs, Turkmens and Kyrgyz, have lived in peace and harmony since ancient times. These relations, regardless of the fact that after the collapse of the Soviet Union, one of the great empires of the world, the Central Asian states gained their independence, they continue to this day.According to the author, despite the ethnic disunity, Central Asia was a united region and will remain so, and various civilizations that influenced each other have lived in peace for thousands of years in this area. Based on this, the research topic shows the relations of the Republic of Tajikistan with neighboring states.In the second part of the article, the author describes the multilateral cooperation of the Central Asian states within the framework of international and regional organizations.In the final part of the article, the author, using specific examples, revealed the issue of using factors of culture, science, education etc. as an instrument of "soft power" of the world and regional powers to implement their strategic goals in Central Asia.

Keywords: culture, education, science, civilization, world and regional powers, geographic proximity, “soft power”.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Искандаров Акбаршо Искандарович*** **–** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, мудири шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалиӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **(+992) 881 11 89 89**

Сангинов Назрулло Наимович **–** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, ходими калони шуъбаи масоили

сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **(+992) 918 68 40 60.** E –mail: **sanginov1953@mail.ru**

Сведение об авторах*: Искандаров Акбаршо Искандарович* –Институт философии, политолгии и права имени А.М. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, доктор политических наук, заведующий отделом политических проблем международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: **(+992) 881 11 89 89**
***Сангинов Нарзулло Наимович* –** Институт философии, политолгии и права имени А.М. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, кандидат политических наук, старший научный сотрудник отдела политических проблем международных отношений**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: **(+992) 918 68 40 60.** E –mail: **sanginov1953@mail.ru**

Information about authors: ***Iskandarov Akbarsho Iskandarovich*-** Institute of philosophy, political sciences and law of Academy of sciences of Republic of Tajikistan, Ph.D on political sciences, Head of sector of political problems of international relations. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave., 33. Phone: **987 47 89 89**
***Sanginov Narzullo Naimovich* -** Senior researcher sector of political problems of international relations of Institute of philosophy, political sciences and law of Academy of sciences of Republic of Tajikistan. **Address**:734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 40, Phone: **(+992) 918 68 40 60.** E-mail: **sanginov1953@mail.ru**

УДК: 323.283

ИСТИФОДАИ НАЗАРФИРЕБИИ СИЁСӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ЭКСТРЕМИСТИЮ ТЕРРОРИСТӢ

Нуриддинзода С.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Яке аз субъектҳои пуриқтидор ва хеле хатарноки назарфиребии сиёсӣ ташкилотҳои террористию экстремистӣ мебошанд. Ин аст, ки ҳизбу ҳаракат ва ташкилотҳое, ки хусусияти террористӣ доранд, дар шароити имрӯза ба равандҳои сиёсии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонанд. Рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва тавсеаи шабакаи интернет барои ташкилотҳои мазкур ҷиҳати расидан ба мақсадҳои сиёсию идеологӣ шароити мусоид фароҳам оварда истодаанд. Дар ин гуна шароит аз ҷониби онҳо технологияҳои гуногуни назарфиребии сиёсӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ҳарчанд назарфиребии сиёсӣ мундариҷаи хеле мураккаб ва унсурҳои таркибии зиёдро дар худ нигоҳ дорад ҳам, дар навбати худ, онро унсури таркибии ҷангҳои иттилоотию психологии замони муосир номидан мумкин аст. Аз ин рӯ, субъектҳои ҷангҳои иттилоотию психологӣ ҳамзамон субъектҳои назарфиребии сиёсӣ низ мебошанд. Албатта, айни замон давлатҳо, ширкатҳои фаромиллӣ ва созмонҳои гуногунсатҳ метавонанд субъекти ҷангҳои иттилоотӣ ва назарфиребии сиёсӣ бошанд. Аммо дар баробари онҳо хавфу хатари назарфиребии сиёсие, ки дар фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ ба назар мерасанд, зарару зиёни бештар доранд. Ташкилотҳои террористии байналмилалӣ дар байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ идеологияи экстремистию радикалиро фаъолона тарғиб менамоянд. Ҷалб намудани ҷавонон ба сафи ташкилотҳои террористӣ, аз ҳисоби онҳо пурра намудани гурӯҳҳои ғайриқонунии силоҳбадаст, ташкил намудани ячейкаҳои пинҳонӣ дар кишварҳои гуногун, омода намудани террористони худкуш мақсадҳои асосии онҳоро ташкил медиҳанд. Барои расидан ба мақсадҳои мазкур ташкилотҳои террористӣ дар корҳои таблиғотию ташвиқотии худ технологияи назарфиребии сиёсиро моҳирона истифода бурда, барои «ҳимояи покизагии дин» ва анҷом додани «ҷанги муқаддас» на танҳо маблағҳои зиёд ҷамъоварӣ менамоянд, балки одамони зиёдро мағзшӯӣ карда, ба сафҳои худ шомил месозанд. Онҳо аз ҳама бештар ба донишҷӯёни мактабҳои олии динӣ, ҷавонони сатҳи саводи диниашон паст ва қишрҳои осебпазири ҷомеа такя намуда, ба воситаи онҳо дар масҷидҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ғояҳои худро паҳн месозанд [13]. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур истифодаи назарфиребии сиёсӣ аз ҷониби террористону экстремистон дар маркази диққат қарор дода шуда, таъсири манфии онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа нишон дода мешавад.

Чи гунае ки аз баррасиҳои боло маълум гардид, ҳар як субъекти назарфиребии сиёсӣ мақсадҳои худро дорад, ки барои расидан ба онҳо роҳу усулҳои гуногунро истифода менамояд. Аз ин рӯ, назарфиребии сиёсӣ ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳои сиёсӣ муайян намудан ва интихоб кардани объекти онро тақозо менамояд. Барои он ки ташкилотҳои террористию экстремистӣ ҳамчун субъекти назарфиребии сиёсӣ муаррифӣ гарданд, аввал бояд мақсадҳои онҳо нишон дода шаванд. Зеро шаклҳои зоҳиршавии назарфиребии сиёсии ташкилотҳои мазкур ва интихоб намудани объекти онҳо аз мақсадҳои ин гуна ҳизбу ҳаракатҳо бармеоянд.

Бояд гуфт, ки кам гардидани шумораи ҷангиёни ташкилоти террористӣ, ба вуҷуд омадани мушкилиҳои молиявӣ ва коҳиш ёфтани руҳияи ҷангии террористони боқимонда ташкилотҳои террористию экстремистиро маҷбур менамоянд, ки таъсиррасонии иттилоотию психологии худро бештар созанд ва ба фазои иттилоотию маҷозии интернет ворид шаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамаи ташкилотҳои террористӣ мақсадҳои умумӣ ва ҷузъӣ доранд [1]. Масалан, тарғибу ташвиқ намудани идеологияи худ, бештар намудани ҳаммаслакон, ҷалб намудани аъзои нав ба сафи худ, зарар расонидан ба рақибон, баланд бардоштани иқтидори сиёсию идеологии худ, бештар намудани захираҳои худ ва ғ. хосси ҳамаи ташкилотҳои террористӣ мебошанд.

Ҳодисаю воқеаҳои ҷаҳони ислом, ки боиси ноором гардидани Афғонистон, кишварҳои Африқои Шимолӣ ва Шарқи Наздик гардидаанд, барои васеъ шудани миқёси

фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ шароит муҳайё намудаанд. Дар байни онҳо фаъолияти ташкилоти террористию экстремистии «Давлати исломӣ» густурда ва хеле хатарнок мебошад. «Давлати исломӣ» зери шиори ҳимояи ислом баромад намуда, ба воситаи ғасби ҳудудҳои гуногун мехоҳад хилофати исломӣ ташкил намояд. Фаъолияти ин ташкилоти террористӣ хусусияти глобалӣ ва фаромиллӣ касб намуда, дар кишварҳои гуногуни олам пайравон ва ҳаммаслакони худро дорад. Тули 10 соли охир ҷомеаи ҷаҳонӣ дар муқобили ин ташкилоти террористӣ муборизаи беамон мебарад. Аммо ҳамаи ин кӯшишу талошҳо барои пурра несту нобуд кардани он мусоидат намекунанд. Чунин вазъиятро бо омилҳои зерин асоснок намудан мумкин аст. Якум ин ки «Давлати исломӣ» аз ҷониби баъзе давлатҳо ба таври пинҳонӣ ҳам ки бошад, дастгирӣ меёбад. Дуюм ин ки фаъолияти ин ташкилоти террористӣ кайҳост, ки бо усули шабакавӣ ба роҳ монда шудааст, ки дар чунин шароит муайян намудани пайравони он барои сохторҳои қудратӣ мушкилиҳои зиёдро пеш меоварад. Сеюм ин ки минтақаҳои нооромии ҳавзаи тамаддуни исломӣ барои фаъолияти ин ва дигар ташкилотҳои террористӣ шароити мусоид фароҳам меоваранд. Чорум ин ки ташкилотҳои террористӣ, аз ҷумла «Давлати исломӣ» технологияи назарфиребии сиёсиро аз ҳама бештар истифода менамоянд, ки чунин омил боиси тадриҷан афзоиш ёфтани тарафдорон, пайравон ва ҳаммаслакони онҳо мегардад.

Тағйир ёфтани шаклҳои фаъолияти «Давлати исломӣ» ва аз ҷониби онҳо истифода гардидани усулҳои нави мағзшӯӣ ва назарфиребӣ соли 2019 дар яке аз нишастҳои Шурои Амнияти СММ низ таъкид гардида буд [4]. Ҳамаи ташкилотҳои террористӣ, аз ҷумла «Давлати исломӣ», технологияҳои назарфиребии сиёсиро дар фазои интернет ба таври васеъ истифода менамоянд. Мутаассифона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ айни замон аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ истифода гардидани назарфиребии сиёсӣ ба мушоҳида мерасад. Бояд қайд намуд, ки истифодаи технологияи назарфиребии сиёсӣ аз ҷониби ташкилотҳои мазкур ба воситаи паҳн намудани хабарҳо, видеороликҳо, расму тасвирҳо, интернет-мемҳо тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегирад.

Ташкилотҳои террористӣ шабакаи интернетро бо мақсадҳои зерин истифода менамоянд: тарғибу ташвиқи ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ, мағзшӯӣ ва ҷалби одамон ба сафҳои худ, иғвоангезӣ, фитнаандозӣ, радикализатсияи ҷомеа, маблағгузорӣ намудани амалҳои террористӣ, омода намудани террористон, банақшагирии амалҳои террористӣ, ташкил намудани алоқаҳои махфӣ барои омода намудани амалҳои террористӣ, барои ҳамагон дастрас гардонидани иттилооти террористӣ, ба амал баровардани амали террористӣ ва ба таври фосилавӣ идора намудани он, ҳуҷумҳои киберӣ ва ғ. [6, с.3-12].

Паҳн намудани хабарҳои носаҳеҳ, тағйир додани асли воқеа, тағйир додани далелҳо, суиистифода намудани афкори ҷамъиятӣ, хабарҳои махсус таҳияшудаи нимасаҳеҳ, таъсиррасонии психологӣ ва ғ. воситаҳои асосии назарфиребӣ мебошанд. Дар бисёре аз мавридҳо барои бештар намудани ҷонибдорони худ экстремистон назарфиребии диниро низ истифода мебаранд. Дар ин миён таъсиррасонии иттилоотию психологӣ ба онҳо имконияти васеъ фароҳам меоваранд. Махсусан, мавқеи ноустувори ҷавонон нисбат ба оқибатҳои ногувори ифротгароӣ ва тундгароии динӣ ба террористон имкон медиҳад, ки онҳоро мағзшӯӣ намоянд. Чи қадаре ки вазъи равонию маънавии одамон ноустувор бошад, ҳамон қадар мағзшӯӣ, назарфиребӣ ва ба сафи ташкилотҳои террористӣ ҷалб шудани онҳо осон мегардад. Ташкилотҳои мазкур одатан чунин нафаронро ба доми фиреб меафтонанд. Таҳлилу мушоҳидаҳои коршиносон муайян намудааст, ки ҳамаи ташкилотҳои террористӣ технологияи паҳн намудани иттилооти нимасаҳеҳро ҳамчун воситаи таъсиррасон ба зеҳну тафаккури ҷавонон истифода менамоянд. Чунин усул имкон намедиҳад, ки ташкилотҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ аз ҷониби одамон маҳкум карда шаванд. Баръакс, баъзан вақт завқу шавқи одамонро нисбат ба онҳо бештар месозад.

Чун анъана режими сиёсӣ, элитаи ҳукмрон, рафтори шаҳрвандон, идеологияи давлатӣ, сохтори конститутсионии давлат объекти асосии ташкилотҳои террористӣ мебошанд. Ташкилотҳои террористӣ тамоми кӯшишу ғайрати худро ба он равона месозанд, ки на танҳо сафи пайравон ва ҷонибдорони худро бештар созанд, балки онҳоро дар муқобили давлату ҳукумат сафарбар намоянд. Дар ин раванд шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ ба таври васеъ истифода мегарданд. Ташкилотҳои террористӣ бо ин мақсад бештар аз ҳама дар бораи поймол шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон, даст задани

намояндагони элитаи ҳукмрон ба амалҳои коррупсионӣ, сарфи назар намудани манфиатҳои омма ва монанди инҳоро ҳамчун мавзуъҳои идеологӣ интихоб намуда, ба манфиати худ таҳия намуда, паҳн месозанд.

Ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» барои паҳн намудани ғояҳои худ васоити муосири иртиботи оммавӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоии интернетиро ба таври васеъ истифода менамояд. Фаъолияти шабакавӣ ба «Давлати исломӣ» ва зершохаҳои он имконият медиҳад, ки иттилооти барои онҳо созгорро дар байни истифодабарандагони интернет паҳн намоянд. Маводи асосие, ки ин ташкилоти террористӣ паҳн менамояд, аз видеороликҳо иборат мебошанд. Аз ҷумла, онҳо кӯшиш менамоянд, ки қудрати ҳарбӣ ва муваффақиятҳои худро ба намоиш гузоранд. Дар байни чунин наворҳо ба қатл расонидани асирон, муроҷиати таҳдидомез ба давлатҳои алоҳида, мусоҳибаҳо бо аҳолии осоишта, ки ташкили хилофати исломиро дастгирӣ менамоянд, хеле зиёд ба назар мерасанд [9,с.12].

Видеонаворҳои онҳо одатан ба воситаи шабакаи иҷтимоии YouTube ва агентиҳои иттилоотии таъсисдодаи онҳо паҳн карда мешаванд. Дар сохтори ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» медиахолдинги пуриқтидоре таъсис дода шудааст, ки ба воситаи он доираи васеи маводҳои электрониро таҳия ва паҳн менамоянд (видеофилмҳо, видеороликҳои таблиғотӣ, сабтҳои аудиоии мубаллиғон, маҷаллаҳо, брошюраҳо ва ғ.) [12]. Масалан, ба воситаи агентии иттилоотии «Ал-Фурқон», ки соли 2006 аз ҷониби «Давлати исломӣ» ва «Ал-Қоида» таъсис дода шудааст, видеонаворҳои онҳо паҳн карда мешавад. Агентии иттилоотии мазкур инчунин ба монанди студияҳои филмбардорӣ фаъолияти доимӣ намуда, ба омода намудани наворҳои таъсирбахш машғул мешаванд. Аз ҷумла манзараи ба қатл расонидани хабарнигорони америкоӣ Ҷ.Фоули, С.Соттлоф ва хабарнигори англис Д.Хейнс тариқи сомонаҳои ҳамин агентӣ паҳн гардида буд. Инчунин, солҳои 2013 ва 2014 агентиҳои иттилоотии «Ал-Айнад» ва «Итисаам» ташкил карда мешаванд, ки онҳо бо забони арабӣ маводҳои экстремистӣ паҳн менамоянд. Бо мақсади ба сафҳои худ ҷалб намудани шаҳрвандони кишварҳои Авруосиё соли 2014 «Давлати исломӣ» агентии иттилоотии «Ал-Ҳайят»-ро ташкил медиҳад, ки он бо забонҳои аглисӣ, русӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, туркӣ, урду ва пушту маводҳои экстремистӣ паҳн менамояд [5]. Олимону муҳаққиқон иброз медоранд, ки то соли 2021 ташкилотҳои террористию экстремистии «Давлати исломӣ», «Ал-Қоида» ва зершохаҳои онҳо садҳо медиахолдинг ва медиафондҳо ташкил намудаанд, ки барои тарғибу ташвиқи терроризм, экстремизм ва пешбурди фаъолиятҳои радикалистӣ нигаронида шудаанд [13].

Тули солҳои охир як гурӯҳ киберҷиноятқорон, ки ташкилоти худро «Иттиҳодияи киберхилофат» номидаанд, барои дастгирии ташкилотҳои террористӣ фаъолона амал менамоянд. Барои мисол, соли 2017 гурӯҳи ҷиноятпешаи «Иттиҳодияи киберхилофат» дар бораи 8786 шаҳрванди ИМА ва Британияи Кабир маълумот пахш намуда, дар як видеонавори худ ба ҳалокат расонидани онҳоро ба ташкилотҳои террористӣ пешниҳод намуда буданд [7]. Ин иттиҳодия чандин маротибаи дигар низ дар бораи ҷойи зист, ному насаб, суроға ва касби ишғолнамудани кормандони давлатии ИМА ва як қатор кишварҳои ғарбӣ иттилоот паҳн намудааст. Чунин усулро коршиносони соҳа ҳамчун амали тарсонидани аҳолӣ, бештар намудани нуфузи худ ва баланд бардоштани руҳияи ҷангии террористон унвон намудаанд [14].

«Давлати исломӣ» паёмҳои иттилоотӣ ва хабарии худро ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама ба воситаи Facebook ва Twitter паҳн менамояд. Муовини Котиби Генералии СММ оид ба масъалаҳои сиёсӣ Ҷеффри Фелтман дар яке аз баромадҳои худ қайд намуда буд, ки дар шабакаи иҷтимоии Twitter зиёда аз 50 ҳазор аккаунтҳое (саҳифаи истифодабаранда) мавҷуданд, ки фаъолияти экстремистию террористии «Давлати исломӣ»-ро ҷонибдорӣ менамоянд. Ғайр аз ин ҳар кадоми онҳо бештар аз ҳазор обуначӣ дорад, ки чунин фазо барои паҳн гардидани ғояҳои террористию экстремистӣ мусоидат менамояд [3].

Ташкилотҳои террористии «Давлати исломӣ» ва «Ал-Қоида» аллакай дастовардҳои навини илму техникаро ба таври васеъ истифода намуда истодаанд. Чи гунае ки аз гуфтаҳои боло бармеоянд, яке аз чунин самтҳо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мебошад. Аммо самти навини онро бо ҳам омезиш додани «зеҳни сунъӣ» ва технологияҳои иттилоотӣ ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ гуфтан мумкин аст, ки

террористону экстремистон аллакай аз лиҳози техникӣ идора намудани технологияҳои навинро на танҳо медонанд, балки онҳоро барои назарфиребӣ ва мағзшӯӣ истифода мекунанд.

Ташкилотҳои террористӣ аллакай дар шабакаҳои иҷтимоӣ саҳифаҳоеро мекушоянд, ки онҳо аз ҷониби барномаи махус идора карда мешаванд. Агар чунин иқтидори иттилоотӣ бо шумораи пайравони онҳо изофа карда шавад, суръати паҳн гардидани ғояҳои онҳоро дучанд менамояд. Ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» инчунин дар шабакаи интернет тактикаи пинҳон нигоҳ доштани пайравони худро низ истифода менамояд. Бо ин мақсад онҳо дар шабакаи интернет дастурамалеро зери унвони «Чӣ гуна Twitter-ро метавон истифода бурд?» паҳн намуда буданд, ки дар он роҳу усулҳои пинҳон гардидан аз мақомоти қудратӣ пешниҳод карда шуда буд [8].

Ба ғайр аз «Twitter» ташкилотҳои террористӣ шабакаҳои интернетии «JustePaste»-ро барои паҳн намудани амалҳои террористӣ, шабакаи «SoundCloud»-ро барои паҳн намудани сабтҳои овозӣ, шабакаҳои «Instagram» ва «WhatsApp»-ро барои паҳн намудани расмҳо ва маводҳои видеоӣ истифода мебаранд. Дар баробари ҳамаи ин «Давлати исломӣ» барои паҳн намудани иттилоот барномаҳои махсуси худро низ истифода мебарад. Ба воситаи чунин барномаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ паёмҳои бешумор ба истифодабарандагон фиристода мешаванд, ки онро ба ҳуҷумҳои иттилоотӣ монанд кардан мумкин аст. Соли 2014 дар Ироқ ҳангоми забти шаҳри Мосул террористон бештар аз 40 ҳазор паёмро паҳн намудаанд, ки дар онҳо видеороликҳо ва паёмҳои таҳдидомез, расми қатлҳои ваҳшиёна ва монанди инҳо паҳн карда шуда буд. Чунин стратегия барои террористон натиҷаи дилхоҳ дода буд. Зеро дар он шабу рӯз бештари ҳимоятгарони шаҳр аз муҳофизати он даст кашида буданд. Аз рӯйи маълумоти газетаи «The Washington Post» дар ҳафтаҳои аввали муқовимат дар ҳудудҳои Ироқ зери таъсири ҳуҷумҳои иттилоотӣ бештар аз 90 ҳазор аскарон аз муқовимат даст кашида буданд. Чунин вазъ моҳҳои август ва сентябри соли 2021 дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ рух дода буд. Дар шароите, ки неруҳои эътилофи байналмилалӣ шитобкорона артиши худро аз хоки Афғонистон берун мекарданд, ҳаракати «Толибон» дар шабакаи интернет ҳуҷумҳои иттилоотӣ ва назарфиребии сиёсиро анҷом дода, барои ғасби ҳокимият шароит фароҳам оварда буд. Дар натиҷаи таъсири назарфиребии сиёсӣ артиши миллии Афғонистон на танҳо дар муқобили «Толибон» муқовимати ҷиддӣ нишон надоданд, балки аксари онҳо силоҳу аслиҳаи худро гузошта, аз сафи неруҳои мусаллаҳи ин кишвар фирор намуданд.

Стратегияи иттилоотии «Давлати исломӣ» хусусиятҳои фарҳанги ҷавононро ба инобат гирифта, маводҳои тарғиботии онҳо вобаста ба маҳалли ҷойгиршавии кишвар омода ва паҳн карда мешаванд. Дар фаъолияти тарғиботию ташвиқотии худ «Давлати исломӣ» хилофати исломиро дар муқоиса бо дигар шаклҳои сохтори давлатӣ афзалиятнок нишон дода, ба воситаи нодуруст шарҳу баён додани воқеиятҳои динию таърихӣ онро рамзи тамаддуни исломӣ муаррифӣ менамояд, то ки ҷавононро ба ҷониби худ ҷалб созад. Сиёсати иттилоотии «Давлати исломӣ» тавре ба роҳ монда мешавад, ки тарсу ҳаросро дар байни душманон ва майлу рағбатро дар миёни пайравон бояд бештар намояд. Ба ақидаи роҳбари Бюрои федералии тафтишоти (ФБР) ИМА Ҷеймс Коми, «Давлати исломӣ» ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ тарғиботи муваффақона анҷом дода истодааст. Ғайр аз ин, ташвишовар он аст, ки ташкилоти террористии мазкур на танҳо одамонро барои шомил шудан ба сафи онҳо даъват менамояд, балки аз пайравони худ талаб менамоянд, ки дар маҳалли зисти худ ҷиҳод кунанд [2].

Амалҳои террористие, ки тули солҳои охир дар як қатор давлатҳои аврупоӣ рух доданд, самаранокии фаъолияти шабакавии ташкилотҳои террористиро нишон медиҳанд. Ҳарчанд дар бораи ба воситаи гурезаҳо ва муҳоҷирони Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ ба Аврупо ворид шудани пайравони «Давлати исломӣ» тасдиқи худро ёфта бошад ҳам, инчунин ба воситаи тарғибу ташвиқи ғояҳои ифротгароӣ ва назарфиребии сиёсӣ низ тавонистанд, ки ҷонибдорони худро зиёд намоянд.

Ташкилотҳои террористӣ барои анҷом додани назарфиребии муваффақ ба иттилооти хизматӣ ва сирри давлатӣ ниёз доранд. Барои ҷалби ҳарчи бештари таваҷҷуҳ бояд иттилоот барои омма дастнорас бошад. Бо ин мақсад тули солҳои охир террористон ба фаъолияти рахнагарӣ ва иктишофӣ машғул шуда истодаанд. Аз ин рӯ, кибертерроризм

ҳамчун падидаи нав асосан барои дуздидани иттилооти махфӣ (махсусан, сирри давлатӣ) ва дар заминаи он таҳия намудани стратегияи назарфиребӣ истифода бурда мешавад.

Маводе, ки дар шабакаи интернет аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ ҷойгир карда мешавад, пеш аз ҳама, хусусияти агрессивӣ ва зӯроварона дорад, барои таъсири иттилоотию психологӣ расонидан ба истифодабарандагони интернет таҳия шудаанд. Аз ин рӯ, шабакаи интернет дар замони муосир воситаи асосии назарфиребии сиёсӣ, тағйир додани рафтори ҷавонон ва таъсири манфӣ расонидани ба афкори ҷамъиятӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки шабакаи интернет як қатор афзалиятҳоро доро мебошад. Аз ҷумла, дастрасии осон, вобаста набудан аз мавқеи ҷуғрофӣ, доираи васеи истифодабарандагон ва аудиторияи номаҳдуд, суръати баланди интиқоли иттилоот, мушкил будани назорати истифодабарандагони интернет аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғ. шабакаи ҷаҳонии интернетро дар шароити имрӯза ҳамчун фазои мусоиди истифода намудани технологияҳои зиёди назарфиребии сиёсӣ намудааст. Дар фазои маҷозии интернет муошират ва иртиботи гурӯҳҳои гуногун идора карда мешавад, бо онҳо корҳои идеологӣ анҷом меёбад ва ҳатто ташкил намудани амалҳои экстремистию террористӣ сурат мегирад. Шабакаи интернет ба ташкилотҳои террористӣ имкон додааст, ки онҳо амалҳои худро бо таълимоти идеологии хеш алоқаманд намоянд ва ба ин тариқ ҷомеаро зери тарсу ҳарос қарор диҳанд.

Яке аз унсурҳои муҳимтарини назарфиребии сиёсиро паҳн намудани иттилооти бардурӯғ ва дезинформатсия ташкил медиҳад. Инчунин, ин гуна амалҳоро унсури муҳимтарини ҷангҳои иттилоотӣ низ меноманд. Дезинформатсия – ин паҳн намудани иттилооти бардурӯғ нисбат ба рақибон мебошад, ки барои самараноктар анҷом додани амалиёти ҷангӣ, ташкили дуздидани иттилоот ва самти паҳншавии он, инчунин худи раванди таҳрики он, гумроҳ кардани касе бо пешниҳоди иттилооти нопурра ё носаҳеҳ, инчунин таҳрифи қисми он ё пешниҳоди маълумоти тамоюлӣ ва дидаю дониста бардурӯғ мебошад [10]. Мақсади чунин таъсир қабули қарори барои субъекти назарфиребӣ зарурӣ ё рад кардани қабули қарори номусоид аз ҷониби объекте мебошад, ки бар зидди он маълумоти бардурӯғ равона карда шудааст. Маълумоти дезинформатсионӣ ҳамеша дар ҳар як ҷанг аслиҳаи тавоно буд, вале ҳоло он як қисми таркибии ҷангҳои гибридӣ, воситаи дахолат ба корҳои дохилии дигар давлатҳо, таҳдид ба амнияти дохилию берунии онҳо гардидааст. Дезинформатсияи ҳамчун дурӯғи барқасдона истифода гардида, онҳоеро, ки онро дарк намекунанд, водор месозад, ки нуқтаи назари худро дар бораи ҳодиса ё ҳолати мушаххас тағйир диҳанд.

Усулҳои маъмултарини дезинформатсия дар ВАО инҳоянд:

- дурӯғи рӯирост бо мақсади ба аҳолии кишвар пешниҳод намудани маълумоти нодуруст ё пинҳон доштани далелҳои воқеан мавҷуда;
- ба таври ғаразнок таҳия намудани муҳтавои иттилоот;
- пешниҳоди маълумоти муҳимтарин дар заминаи иттилооти парешонкунанда;
- бо ҳам омехта кардани ақидаҳо ва далелҳои гуногун бо тартибе, ки дарки воқеиятро мушкил гардонад;
- пешниҳоди иттилоот бо мафҳумҳое, ки метавонанд бо тарзҳои гуногун шарҳ дода шаванд;
- зикр накардани ҷузъиёти асосии далелҳо;
- ивазкунии истилоҳот (истифодаи мафҳумҳо ва истилоҳоте, ки моҳияташон норавшан аст ва дарки воқеии ҳодисаҳоро душвор мегардонад);
- ҷорӣ намудани мамнуиятҳо ба навъҳои алоҳидаи иттилоот ё маҳкум намудани ин гуна иттилоот бо мақсади пешгирии муҳокимаи васеи ҷамъиятии онҳо;
- пешниҳоди маълумоти манфӣ ва зарарноке, ки бинобар сабаби хусусияти сироятӣ доштани онҳо аз ҷониби аудитория нисбат ба хабарҳои мусбат зудтар дарк карда мешавад;
- паст задани нуфузи мақомоти давлатӣ, бадном кардани онҳо;
- бо овозаҳо, фарзияҳо, тахминҳо, мулоҳизаҳо, далелҳои бардурӯғ омехта кардани далелҳои ҳақиқӣ дар дохили иттилоот ба дараҷае, ки барои одамон ҳақиқатро аз афсона фарқ кардан имконнопазир бошад;

- айбдор кардани роҳбарияти сиёсии давлат дар бораи гӯё вайрон кардани шартномаҳои байналхалқӣ, поймол намудани ҳуқуқҳои инсон ва риоя накардани меъёрҳои демократӣ, ба манфиати худ бадном кардани онҳо [11].

Бо назардошти нишонаҳои муҳимтарини дезинформатсия, ки унсури асосии ҷангҳои иттилоотию психологиро ташкил медиҳад, зоҳиршавии онро дар шакли назарфиребии сиёсӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Ҳатто дар баъзе мавридҳо назарфиребиро бо дезинформатсия як шуморидан мумкин аст. Усулҳои амалӣ намудани дезинформатсия ҳамчун шаклҳои гуногуни назарфиребии сиёсӣ дар фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ баръало ба мушоҳида мерасанд. Чи гунае, ки дар боло фаъолияти иттилоотии ташкилотҳои мазкур ва аз ҷониби онҳо бо мақсадҳои террористӣ истифода шудани интернет таҳлилу баррасӣ гардид, дезинформатсия ва истифодаи назарфиребӣ яке аз унсурҳои фаъолияти террористию экстремистиро ташкил намуда, таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ ва суботи сиёсии ҷомеа мебошад.

Ҳамин тариқ, ташкилотҳои террористию экстремистӣ дар шароити имрӯза яке аз субъектҳои хеле хатарноки назарфиребии сиёсӣ ба шумор мераванд. Фаъолияти онҳо бо рушди тадриҷии технологияҳои иттилоотӣ ва тавсеаи шабакаи интернет бештар дар фазои маҷозӣ ворид гардида, миқёси паҳншавии ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароиро бештар намудаанд. Дар байни онҳо фаъолияти тахрибии ташкилотҳои террористии «Давлати исломӣ», «Ал-Қоида» ва зершохаҳои онҳо хеле хатарнок мебошад. Онҳо бо мақсади ҷалби ҳарчи бештари одамон ба сафҳои худ садҳо агентиҳо ва пойгоҳои иттилоотӣ ташкил намуда, ҳамарӯза тариқи шабакаи интернет иттилооти дорои хусусияти террористию экстремистиро паҳн менамоянд. Таҳлилу мушоҳидаҳо низ муайян намудаанд, ки аксари одамоне, ки ба сафи онҳо мепайванданд, тариқи интернет мағзшӯӣ мешаванд. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза ҳар як давлат дар муқобили ҷангҳои иттилоотию психологии ташкилотҳои террористӣ қарор дорад ва барои пешгирӣ намудани оқибатҳои ногувори онҳо бояд чораандешӣ намояд. Махсусан, давлатҳое, ки аҳолиашон мусулмонон мебошанд, дар чунин равандҳои оштинопазир зарару зиёни бештар мебинанд. Зеро ҳуҷумҳои иттилоотию психологии террористон аслан ба афкори ҷамъиятии давлатҳои мусулмонӣ равона карда шудаанд.

Муқарриз: *Сафарализода Х.Қ.*- н.и.с., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Богмацера Э.В. Терроризм: истоки, понятие, угрозы / Э.В.Богмацера, И.Е. Ильичёв // Вестник Белгородского юридического института МВД России. – 2018. –№3. –С.12-29.
2. Глава ФБР боится появления террористической "диаспоры" на Западе после уничтожения ИГИЛ – NYT [Электронный ресурс]. –URL: https://zn.ua/WORLD/glava-fbr-boitsya-poyavleniya-terroristicheskoy-diaspory-na-zapade-posle-unichtozheniya-igil-nyt-220047_.html (дата обращения: 25.01.2022 г.)
3. Группировки ИГИЛ, «Боко харам» и «Аль-Шабааб» активно используют социальные сети для вербовки молодых людей в свои ряды [Электронный ресурс]. –URL: https://news.un.org/ru/story/2015/06/1264681 (дата обращения: 11.12.2021 г.)
4. Деятельность террористов ИГИЛ выходит далеко за пределы Ирака и Сирии [Электронный ресурс]. –URL: https://news.un.org/ru/story/2019/05/1355471 (дата обращения: 12.10.2021 г.)
5. Информационные ресурсы ИГИЛ [Электронный ресурс]. –URL: http://www.noravank.am/rus/articles/detail.php?ELEMENT_ID=13575 (дата обращения: 25.12.2021 г.)
6. Использование интернета в террористических целях. –Нью Йорк: ООН, 2013. –164 с.
7. «Объединенный Киберхалифат» опубликовал данные свыше 8 тыс. человек [Электронный ресурс]. –URL: https://www.securitylab.ru/news/485802.php (дата обращения: 12.03.2022 г.)
8. Пганини П. Организация ИГИЛ выступила руководство по безопасному использованию Твиттера и другими средствами массовой информации [Электронный ресурс]. –URL: https://www.securitylab.ru/analytics/470707.php (дата обращения: 17.12.2021 г.)
9. Профилактика терроризма и экстремизма в молодежной среде. –СПб.: Изд-во «Русь», 2018. –96 с.
10. Самкова М.А. Дезинформация как средство информационно-психологической войны против России (на материале медиатекстов о хакерских атаках) / М.А.Самкова // Экология языка и коммуникативная практика. – 2018. – № 3. – С.96-115.
11. Серов А. Дезинформация как инструмент внешней политики ряда зарубежных стран / А.Серов // Зарубежное военное обозрение. – 2019. – №8. – С.14-20.
12. Сундиев И.Ю. Информационно-пропагандистская деятельность террористической организации «Исламское государство Ирака и Леванта» / И.Ю.Сундиев, А.А.Смирнов, В.Н. Костин // Библиотека криминалиста. – 2015. – №1. – С.208-218.

13. Филистеев А. Информационно-пропагандистская деятельность международных террористических организаций / А.Филистеев, Д. Борисов // Зарубежное военное обозрение. – 2021. – №2. – С.10-16.
14. Характерные признаки современного терроризма [Электронный ресурс]. –URL: https://www.kurgan-city.ru/about/defence/files/safety_abc/antiterror/ (дата обращения: 25.01.2022 г.)
15. Loftus E.F. Planting misinformation in the human mind: A 30-year investigation of the malleability of memory // Learning and Memory. – 2005. –No 12. P.361-366.

ИСТИФОДАИ НАЗАРФИРЕБИИ СИЁСӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ЭКСТРЕМИСТИЮ ТЕРРОРИСТӢ

Назарфиребии сиёсӣ субъектҳои гуногун дорад. Онро давлатҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, ширкатҳои фаромиллӣ, созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ва ҳатто ташкилотҳои террористию экстремистӣ барои расидан ба мақсадҳои худ ҳамчун унсури муҳимтарини ҷангҳои иттилоотию психологӣ истифода мебаранд. Дар шароити афзоиши шумораи истифодабарандагони шабакаи интернет назарфиребии сиёсиро аз ҳама бештар ташкилотҳои террористӣ истифода менамоянд. Зеро истифодаи ин гуна технологияи иттилоотӣ бо мақсадҳои аввалияи онҳо созгор мебошад. Ташкилотҳои террористӣ мехоҳанд, ки сафи ҷонибдорон, пайравон ва ҳаводорони худро бештар намоянд. Бо ин мақсад дар шабакаи интернет амалиёти густурдаи тарғиботию ташвиқотиро созмон додаанд. Айни замон аз ҳама бештар ташкилотҳои террористию экстремистии «Давлати исломӣ», «Ал-Қоида» ва зершохаҳои онҳо садҳо пойгоҳҳои иттилоотию таҳлилӣ ташкил намуда, амалан дар фазои маҷозии интернет фаъолият намуда истодаанд. Ин ва дигар ташкилотҳои террористӣ дар шароити имрӯза шабакаи интернетро барои ба амал баровардани мақсадҳои террористӣ фаъолона истифода намуда истодаанд. Аз ҷумла тарғибу ташвиқи ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ, мағзшӯӣ ва ҷалби одамон ба сафҳои худ, иғвоангезӣ, фитнаандозӣ, радикализатсияи ҷомеа, маблағгузорӣ намудани амалҳои террористӣ, омода намудани террористон, банақшагирии амалҳои террористӣ, ташкил намудани алоқаҳои махфӣ барои омода намудани амалҳои террористӣ, барои ҳамагон дастрас гардонидани иттилооти террористӣ, ба амал баровардани амали террористӣ ва ба таври фосилавӣ идора намудани он, ҳуҷумҳои киберӣ ва ғ. ба онҳо мисол шуда метавонанд.

Калидвожаҳо: назарфиребии сиёсӣ, афкори ҷамъиятӣ, муборизаҳои сиёсӣ, тағйир додани рафтори одамон, амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПОЛИТИЧЕСКОЙ МАНИПУЛЯЦИИ В ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ЭКСТРЕМИСТСКО-ТЕРРОРИСТИЧЕСКИХ ОРГАНИЗАЦИЙ

Политическое монипулирование имеет разные субъекты. Он используется государствами, политическими партиями, транснациональными компаниями, региональными и международными организациями и даже террористическими и экстремистскими организациями для достижения своих целей как важнейший элемент информационно-психологической войны. В условиях увеличения число пользователей Интернета, политическое манипулирование чаще всего используется террористическими организациями. Потому что использование таких информационных технологий соответствует их основным целям. Террористические организации хотят увеличить число своих сторонников и последователей. Для этого они организовали масштабную пропагандистскую кампанию в Интернете. В настоящее время больше всего такие террористические и экстремистские организации как «Исламское государство», «Аль-Каида» и их ячейки создали сотни информационно-аналитических центров и активно действуют в виртуальном пространстве Интернета. Эти и другие террористические организации в сложившейся ситуации активно используют Интернет в террористических целях. К ним относятся пропаганда экстремизма промывание мозгов и вербовка, провокация, подстрекательство, радикализация общества, финансирование террористических актов, подготовка террористов, планирование террористических актов, организация тайных контактов террористов, подготовка тайных контактов для передачи террористической информации, проведение и дистанционное управление терактами, кибератаками и т.д.

Ключевые слова: политическая манипуляция, общественное мнение, политическая борьба, изменение поведения людей, реализация политических целей.

THE USE OF POLITICAL MANIPULATION IN THE ACTIVITIES OF EXTREMISE-TERRORISM ORGANIZATIONS

Political manipulation has different subjects. It is used by states, political parties, transnational companies, regional and international organizations, and even terrorist and extremist organizations to achieve their goals as an essential element of information and psychological warfare. With the increase in the number of Internet users, political manipulation is most often used by terrorist organizations. Because the use of such information technologies corresponds to their main goals. Terrorist organizations want to increase the number of their supporters and followers. To do this, they organized a massive propaganda campaign on the Internet. Currently, most terrorist and extremist organizations such as the Islamic State, Al-Qaeda and their cells have created hundreds of information and analytical centers and are active in the virtual space of the Internet. These and other terrorist organizations in the current situation are actively using the Internet for terrorist purposes. These include propaganda of extremism and extremism, brainwashing and recruitment, provocation, incitement, radicalization of society, financing of terrorist acts, training of terrorists, planning of terrorist acts, organizing secret contacts of terrorists, preparing secret contacts for transmitting terrorist information, conducting and remotely controlling terrorist attacks, cyber attacks, etc.

Keywords: political manipulation, public opinion, political struggle, change in people's behavior, realization of political goals.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, унвончӯи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **+992 988500008**. E-mail: **mp.kulob@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Нуриддинзода Сайджамолидин Хайдар*** – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, соискатель кафедры политологии. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Куляб, улица С.Сафарова, 16. Телефон: **+992 988500008**. E-mail**: mp.kulob@mail.ru**

Information about the author: ***Nuriddinzoda Sayjamolidin Haydar*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant for the Department of Political Science. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone: **+992 988500008.** E-mail: **mp.kulob@mail.ru**

УДК: 327.32(581)

АФҒОНИСТОНИ ОСОИШТА ОМИЛИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ МИНТАҚАВӢ

Шарипов А.Н., Қаландаров Ф.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таърихан Афғонистон пайвандгари муҳим байни халқҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ буда, дар табодули таърихӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии минтақаҳо нақши назаррас бозидааст. Тавассути ҳудуди Афғонистони имрӯза яке аз масирҳои муҳимми Роҳи бузурги Абрешим мегузашт. Тасодуфӣ нест, ки яке аз шаҳрҳои бостонии тиҷоратии Шуртуғай низ дар ҳудуди ин кишвар кашф шудааст, ки аз рушди савдои байниминтақавӣ дар ҳазораи якуми пеш аз милод гувоҳӣ медиҳад [9].

Аммо қайд кардан бамаврид аст, ки инкишофи флоти бодбондор ва кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ боиси коҳиши савдои қитъавӣ дар масири Роҳи Абрешим ва муборизаи минбаъдаи давлатҳои абарқудрат ва «бозии бузург» байни Россия ва Британияи Кабир дар Осиё гардида, ин ҳолат ба он оварда расонид, ки Осиёи Миёна ба Россия, Осиёи Ҷанубӣ бошад, ба Британияи Кабир тобеъ гардид ва Афғонистон ба минтақаи буферӣ байни онҳо табдил ёфта, аз ин рӯ муддати тулонӣ робитаҳои зич байни минтақаҳо қатъ гардиданд. Аммо, новобаста аз ин, аҳамияти Афғонистон ҳамчун як нуқтаи муҳимми ҳамҷавор байни ду минтақа ҳамеша эътироф шуда, ба қавли Муҳаммад Иқбол, Афғонистон қалби Осиё мебошад, ки фасод ва рушди тамоми қитъа ба он вобаста аст.

Таъсиси давлатҳои мустақил дар Осиёи Марказӣ ба барқарор шудани ҳавасмандии қаблӣ дар густариши ҳамкориҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ мусоидат кард, вале низои Афғонистон, ки беш аз 40 сол пеш оғоз шуда буд, то ҳол ҳамчун монеа дар роҳи пурра барқарор намудани равобити тиҷоративу иқтисодии байни ду минтақа вуҷуд дорад [1].

Дар Осиёи Марказӣ тамоюлҳои нави рушди минтақавӣ суръат гирифта, сатҳи эътимоди сиёсӣ ба таври назаррас боло рафт, ки он имкони фаъол гардидани равобити кишварҳои Осиёи Марказиро дар соҳаи тиҷорату иқтисод таъмин намуд.

Тавре маълум аст, кишварҳои Осиёи Марказӣ бо истифода аз қаламрави Афғонистон метавонанд ба бозори Осиёи Ҷанубӣ бароянд, ки дорои 1 миллиарду 950 миллион нафар аҳолӣ ва сатҳи баланди рушди иқтисодӣ - кишварҳои пешрафтаи Ҳинд ва Покистон буда, барои истеҳсолоти саноатӣ ва мубодилаи мутақобилаи иқтисодӣ замина эҷод намоянд.

Дар навбати худ, кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ метавонанд аз захираҳои фаровони табиии Осиёи Марказӣ барои таъмини рушди динамикии иқтисоди худ истифода баранд.

Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки дурнамои рушди устувор ва пойдори Осиёи Марказӣ бо ноил шудан ба сулҳ дар Афғонистони ҳамсоя зич алоқаманд аст. Бе ҳалли масъалаи Афғонистон шукуфоии кишварҳои минтақаро таъмин кардан имконнопазир аст [2].

Кишварҳои Осиёи Миёна дар хушкӣ воқеъ гардида, роҳҳои баромади бевоситаро ба уқёнусҳо надоранд. Афғонистон яке аз роҳҳои афзалиятноки баромадан ба баҳрҳои ҷанубӣ мебошад. Аммо барои истифода аз ин иқтидори бузург, пеш аз ҳама, фароҳам овардани сулҳу субот дар ин кишвар зарур аст

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, мебояд ба Афғонистон на ҳамчун ба манбаи мушкилот, таҳдидҳо ва чолишҳои минтақавӣ, балки ҳамчун як имконияти беназири стратегӣ назар кард, ки метавонад ба рушди робитаҳои васеи фароминтақавӣ дар фазои Авруосиё такони нав бахшад.

Мавриди зикр аст, ки истиқрори сулҳу субот дар минтақа ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ мусоидат мекунад.

Кишварҳои минтақа аз ибтидо ҷонибдори ҳалли истисноии сиёсӣ ва дипломатии буҳрони Афғонистон буданд.

Ҳамин тариқ, кишварҳои мо иштирокчиёни фаъоли чунин форумҳои байналмилалие мебошанд, ки ба ҳалли мушкилоти Афғонистон бахшида шудаанд, аз қабили: «Раванди Кобул», «Формати Москва», Форуми «Қалби Осиё – Раванди Истамбул», Гурӯҳи байналмилалии тамос оид ба Афғонистон, Гурӯҳи тамоси «СҲШ-Афғонистон», Конфронси ҳамкории минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (РЕККА).

Дар шароити ғасби ҳокимият аз ҷониби “Толибон” пойдории сулҳу субот дар Афғонистон рӯз то рӯз мубрамтар мегардад. Чун бори нахуст, ба сари қудрат омадани “Толибон” барои ба манбаи терроризми байналмилалӣ табдил ёфтани Афғонистон мусоидат намуда буд, бозгашти дубораи онҳо низ ба муттаҳидшавии гурӯҳҳои бо ҳам гӯё душман шабоҳат дорад, ки дар асл ҳаммаслак боқӣ мемонанд.

Барои ҳалли низои Афғонистон чӣ бояд кард?:

- Таъсис додани платформаи ягона бо биниши ягонаи баррасии масъалаи Афғонистон: Қабл аз ҳама, ҷомеаи ҷаҳониро мебояд дар мавриди ҳалли ин низоъ ва овардани фишор ба “Толибон” барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалие, ки “Толибон” дар раванди Давҳа ба дӯш гирифта буданд, муттаҳид гарданд. Қобили зикр аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз баромадҳои аввалинаш оид ба масъалаи Афғонистон ташкили ҳукумати фарогирро ягона роҳи раҳоӣ аз буҳрони феълӣ дар Афғонистон таъкид намудаанд [7]. Барои халли мушкилоти Афғонистон ҳарчи зудтар дар ин кишвар, бо иштироки ҳамаи гурӯҳҳои қавмию сиёсӣ таъсис додани ҳукумати фарогирро зарур донист. Аммо зери мафҳуми фарогирӣ, тибқи фаҳмиши мо, ҷалби на танҳо “Толибон”, балки намояндагони қавмҳои мухталиф ба ҳукумат дар назар дошта мешавад. Ба андешаи раҳбарияти Ҳукумати Тоҷикистон, шакли давлатдорӣ ва усулҳои идораи Афғонистонро бояд мардуми ин кишвар дар асоси раъйпурсии ҳамагонӣ муайян намояд.
- Боиси хушнудист, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ режими “Толибон”-ро расман эътироф накардааст ва ҳамзамон ҷонибдори ташкили «ҳукумати фарогир» дар Афғонистон мебошад. Инчунин, барои татбиқи ин усул абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ бояд аз ҳадафҳои манфиатҷӯии худ даст кашанд. Истифода аз имкониятҳои СҲШ, ки неруҳои асосиро дар фазои Авруосиё муттаҳид намуда, Афғонистонро ба ҳайси нозир пазируфтааст, қобили таъкид мебошад.
- Истифодаи неруи аҳолии кишвар. Дар таърихи давлатдории Афғонистон саҳифаҳои дурахшони ҳамзистии осоиштаи халқҳои гуногун, муборизаи якҷояи онҳо ба муқобили истилогарон (Англия, Иттиҳоди Шуравӣ ва ИМА) мавҷуданд. Ҳолати фоҷиабори имрӯз баамаломадаи ин кишвар, ки таъриху фарҳанги бостонӣ дорад, бо айби мардуми афғон набуда, балки натиҷаи дахолати қувваҳои беруна ба корҳои дохилии ин кишвар мебошад, ки беш аз 43 сол инҷониб идома дорад. Халқи Афғонистон бо неруи бузурги сиёсию таърихӣ, маданӣ ва иҷтимоии худ бояд тақдири худро хал намуда, имрӯзу фардои худро муайян созад [5].
- Айни замон Афғонистон дар остонаи фоҷиаи башарӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, зарурати расонидани кумакҳои башардӯстона ба тамоми табақаҳои аҳолӣ, бахусус ба ниёзмандон, ба миён меояд. Дар ироаи ин кумак бояд аз имконоти кишварҳои ҳарду минтақа истифода кард ва ба дасти террористон наафтидани ин кумакҳоро таъмин кард.
- Муттаҳид шудани қувваҳои озодихоҳи Афғонистон дар атрофи сардорони ҳаракатҳои зидди “Толибон” ва муқовиматҳои халқӣ. Яке аз мушкилоти Афғонистони муосир ва умқи ташаннуҷи байналмилалӣ дар марҳилаи муосири таърихи он– набудани роҳбарони воқеӣ, дурандеш ва эътирофшуда мебошад.

Ҳамзамон, барои таъмини сулҳу субот ва табдил додани Афғонистон ба пули пайвандгари байни минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ тадбирҳои зеринро андешидан ба мақсад мувофиқ аст:

- Таъмини Афғонистон бо неруи барқ. Сохтмони хатти интиқоли барқ на танҳо мушкилоти шадиди нарасидани неруи баркро барои аҳолӣ ҳал мекунад, балки имкониятҳои иловагӣ барои бунёди иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ҷойҳои корӣ, таъсиси корхонаҳои нав дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро фароҳам меорад. Ҳамзамон, ин хатти интиқоли барқ Кобулро ба низоми ягонаи баркии Осиёи Марказӣ мепайвандад, ки ба Тоҷикистону Қирғизистон имкони интиқоли неруи баркро тибқи тарҳи CASA-1000 [3] ба Афғонистон, Покистон ва Ҳиндустон фароҳам месозад. Бо талошҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ба самти Афғонистон аз ҳудуди Осиёи Марказӣ аллакай 10 хатти интиқоли барқ бомуваффақият ба кор дароварда шудааст.
- Тоҷикистон дорои захираҳои бойи гидроэнергетикӣ мебошад, ки манбаи муҳимми истеҳсолкунандаи неруи барқ ба шумор меравад. Дар даҳ соли охир Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба Афғонистон беш аз 10 миллиард киловатт-соат неруи баркро интиқол додааст. Барои амалисозии ин мақсад ду хатти баркӣ - 110 ва 220 киловолт (кВт) бо иқтидори 500 мегаватт (МВт) аз зеристгоҳи Герани Тоҷикистон то Пули Хумрии Афғонистон сохта ва ба истифода дода шудааст.

Ба қавли Пешвои миллат, имкониятҳои ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика зиёданд ва мо барои ҳамкории ҳамаҷониба дар ин самти стратегӣ омода мебошем. Дар навбати худ, мо омодаем, ки интиқоли неруи баркро ба Афғонистон афзоиш диҳем.

Сохтмони хатти баландшиддати 500 кВ «Роғун-Пули Хумрӣ», ки асоснокунии техникӣ-иқтисодии он дар ҳоли таҳия қарор дорад, низ як иқдоми муҳим ва саривақтист.

Бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии халқи дӯсту хамсоя дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ, сохтмони зеристгоҳҳои баркии обии гуногун пешбинӣ шудааст, аз ҷумла амалисозии лоиҳаи НБО-и «Себзор» дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.

Гузашта аз ин, Тоҷикистон нақшаҳои Афғонистонро барои иҷрои лоиҳаҳои минтақавӣ дар бахши энергетика, аз ҷумла бунёди хатҳои баландшиддати баркӣ ва дигар иншооти фаромиллии энергетикӣ, дастгирӣ менамояд [6].

Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ якдигарро аз ҷиҳати энергетикӣ мукаммал менамоянд. Тасодуфӣ нест, ки дар давоми даҳсолаҳои охир лоиҳаҳои содироти газ ва қувваи барқ аз ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба Покистон ва Ҳиндустон фаъолона таҳия шуданд.

Осиёи Марказӣ барои Ҳиндустон як минтақаи канорӣ буд ва боқӣ хоҳад монд. Консепсияи «Connect Central Asia» - ҳамбастагии Осиёи Марказӣ» ва шомил шудани ин минтақа ба ҳамсоягии васеъ («Extended Neighborhood») қисман барои ислоҳи ин камбудӣ ва қисман инъикос кардани имкониятҳои афзояндаи маркази ҷаҳонии қудрат ба шумор мераванд.

Пойдории сулҳ дар Афғонистон барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи байниминтақавӣ, махсусан, пешрафти рушди робитаҳои ду минтақа зарур дониста мешавад [11].

Сохтмони қубурҳои нафту газ. Дар ин самт «ТАПИ» яке аз лоиҳаҳои калон бо арзиши 7-10 миллиард доллар барои интиқоли гази табиӣ ба Осиёи Ҷанубӣ тавассути Афғонистон дар ҳаҷми 33 миллиард кубометр дар як сол маҳсуб меёбад.

• Яке аз омилҳои пайвандгари Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, ин ҳамбастагии нақлиётӣ ва иқтидори транзитӣ дар қаламрави Афғонистон мебошад. Сохтмони роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳане, ки Афғонистонро убур мекунад, ҳамчун кӯтоҳтарин масири пайвандгари минтақаҳо, метавонад на танҳо ба густариши ҳамкориҳои иқтисодию иҷтимоӣ, балки ба густариши робитаҳои сиёсӣву фарҳангӣ ва гуманитарӣ низ мусоидат кунад. Аз тарафи дигар, татбиқи лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ метавонад ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, тавлиди даромади буҷети давлатӣ ва занҷирҳои хизматрасонӣ барои фаъолияти босамари роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан мусоидат кунад. Айни замон аз Осиёи Марказӣ ба Афғонистон роҳи оҳани Тирмиз – Хайратон –Мазори Шариф, ки 75 километр ва Отамурат – Имомназар – Акина – Андхой 118 километр тул кашидааст.

Яке аз лоиҳаҳое, ки ба пайвастани ду минтақа мусоидат мекунад, роҳи оҳани Мазори Шариф-Кобул-Пешовар аст, ки аз ҷониби Ҳукумати Ӯзбекистон пешниҳод гардидааст. Лоиҳаи мазкур бунёди инфрасохтори системавиро дар шакли 264 пул, 7 нақб ва 641 иншооти обпартои манотиқи убури Афғонистон ва Покистон дар бар мегирад. Дар оянда ин хат метавонад яке аз риштаҳои асосии мубодилаи тиҷоратӣ на танҳо байни ду минтақа, балки ҳамчун омили дастрасӣ ба минтақаҳои ҳамсояи Авруосиё низ хидмат кунад.

- Ҷалби сармояи мустақим ба иқтисоди Афғонистон, бахусус барои истихроҷи канданиҳои фоиданок. Саноати истихроҷи маъдан дар Афғонистон як соҳаи ояндадор аст, зеро арзиши конҳои маъданӣ дар ин кишвар аз ҷониби коршиносон 1 триллион доллар арзёбӣ шудааст.

Мусоидат ба таъмини амнияти озуқаворӣ барои рушди соҳаи кишоварзии кишвар. Танҳо маҳви камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ метавонад асоси Афғонистони нав гардад, ки ҳамчун пули пайвандгари минтақаҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд метавон аз зарфиятҳои таълимии кишварҳои ҳарду минтақа барои омода кардани мутахассисони баландихтисос истифода кард. Тавре маълум аст, чунин таҷриба

вуҷуд дорад ва ҳазорон донишҷӯёну унвонҷӯёни афғон дар донишгоҳҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ (хусусан дар Ҳиндустон) таҳсил кардаанд.

Аммо ғасби қудрат аз ҷониби "Толибон" татбиқи лоиҳаҳои тарҳрезишуда ва ҷориро зери савол гузошт. Татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохтории пешбинишуда, ки Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубиро мепайвандад, ҳалли низоъҳои Афғонистонро талаб мекунад.

Ҳолатҳоеро, ки ба амалисозии лоиҳаҳои ҷорӣ ва пешбинишуда монеа эҷод менамоянд, метавон дар шакли зерин ҷудо намуд:

- Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳарчанд "Толибон" маҳсули пуштибонии Покистон бошанд ҳам, аммо миёни онҳо ихтилофоти мухталиф, пеш аз ҳама, дар мавриди хатти Дюранд, сарнавишти ояндаи Вазиристон ва таъсиси Пуштунистони бузург вуҷуд дорад. Аз ҷониби дигар, миёни худи "Толибон" дар мавриди рушди оянда ва равобит бо ҷаҳони беруна мухолифатҳои зиёд ба назар мерасанд.

- Сардӣ дар равобити кишварҳои умдаи Осиёи Ҷанубӣ - Ҳинду Покистон низ ба иҷрои лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва ҳамгироӣ миёни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ бо назардошти истифода аз зарфиятҳои транзитӣ ва иқтисодии Афғонистон монеа ба вуҷуд меорад. Нақшаҳои пешбурди барқарорсозии иқтисодии кишвар ва дар ҳудуди он сохтани иншоотҳои бузурги инфрасохторӣ на ҳама вақт баробарии Ҳиндустону Покистонро дар бар мегирад. Мусоидат ба ҳамбастагии Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ бидуни иштироки фаъоли Ҳиндустон метавонад бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ шавад.

- Монеаи дигари таҳкими ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ омили манфиатҳо ва вокуниши субъектҳои дигари хориҷӣ ба мавқеи фаъоли кишварҳои минтақа оид ба ташкили ҳамкории зич ва эҷоди алтернативаи гузаргоҳи нақлиётии шимолии масири ҷанубӣ тавассути Афғонистон мебошад.

Агар дар Афғонистон сулҳу субот пойдор нагардад, тамоми кишварҳои минтақа, алалхусус Тоҷикистон, бо хатари ҷиддӣ рӯ ба рӯ хоҳанд шуд.

Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар тули сӣ соли рушди соҳибистиқлолӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Сарвари давлатамон қарор дошт ва ин кишвар дар сиёсати хориҷии мо мавқеи хоссаеро ишғол менамояд. Аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадан Сарвари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба вазъи фоҷеабори Афғонистон, бахусус мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ ва хатари режими асримиёнагии "Толибон" ҷалб карданд. Бояд қайд кард, ки мавқеи Тоҷикистон нисбати "Толибон" нав набуда, балки дар 25 соли ахир арзи вуҷуд кардааст [10].

Мо принсипи асосие, ки раванди сиёсии таъмини сулҳи пойдорро дар Афғонистон тавассути худи афғонҳо ва таҳти роҳбарии халқи Афғонистон пешбинӣ менамояд, ҷонибдорӣ менамоем[4].

Дурнамои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ бо ноил шудан ба сулҳ дар ҳудуди Афғонистони ҳамсоя зич алоқаманд аст. Афғонистони устувор бо рушди динамикӣ, бо назардошти шароити муосир, метавонад ҳамчун пули муҳим пайвандгари Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ва инчунин бо дарназардошти вазъи муосир бозингари калидӣ дар барқарорсозии Роҳи таърихии Абрешим гардад[8].

Ба ибораи дигар, мо ба суханони Муҳаммад Иқбол бармегардем ва Афғонистони осоишта воқеан метавонад ба омили тақвият ва рушди ҳамкориҳои байниминтақавӣ табдил гардад.

Муқарриз: *Розиқов Фарҳод* –н.и.т., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Абатуров В. Ташкентский перекресток сотрудничества - между Центральной и Южной Азией. https://www.cer.uz/ru/post/publication/taskentskij-perekrestok-sotrudnicestva-mezdu-centralnoj-i-uznoj-aziej
2. Афганистан - стратегическая возможность для экономического развития Центральной Азии https://isrs.uz/ru/smti-ekspertlari-sharhlari/afganistan-strategiceskaa-vozmoznost-dla-ekonomiceskogo-razvitia-centralnoj-azii
3. Афганистан - стратегическая возможность для экономического развития Центральной Азии https://isrs.uz/ru/smti-ekspertlari-sharhlari/afganistan-strategiceskaa-vozmoznost-dla-ekonomiceskogo-razvitia-centralnoj-azii
4. Афганистан - стратегическая возможность для экономического развития Центральной Азии https://isrs.uz/ru/smti-ekspertlari-sharhlari/afganistan-strategiceskaa-vozmoznost-dla-ekonomiceskogo-razvitia-centralnoj-azii

5. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» 21.12.2021. http://president.tj/ru/node/27418
6. Речь Президента Республики Таджикистан на Девятой министерской конференции «Сердце Азии - Стамбульский процесс». [Электронный ресурс] http://president.tj/ru/node/25387 (дата обращения: 13.03.2022).
7. Саидов З. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков. – Четвертое, дополненное издание (новая редакция). – Душанбе: ООО «Контраст», 2011. -С.294.
8. Умаров А. Афганистан: мост или сепаратор между Центральной и Южной Азией? https://www.gazeta.uz/ru/2021/07/16/central-south-asia/
9. Шарипов А.Н. Таърихи муносибатҳои байналхалқӣ (давраи қадим ва асрҳои миёна) Душанбе: Сармад компания, 2016, 244 с., С. 46.
10. Шарипов А.Н. Дастовардҳои сисолаи сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон https://khovar.tj/2021/09/dastovard-oi-s-soli-siyosati-hori-va-diplomatiyai-to-ikiston-andesha-oi-dotsenti-dmt-dar-ostonai-ashni-isti-loliyat-davlat/ (Санаи мурочиат: 10.12.21).
11. Якубов И. Центральная и Южная Азия: возможна ли интеграция без урегулирования конфликтов? https://cabar.asia/ru/tsentralnaya-i-yuzhnaya-aziya-vozmozhna-li-integratsiya-bez-uregulirovaniya-konfliktov.

АФҒОНИСТОНИ ОСОИШТА ОМИЛИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ МИНТАҚАВӢ

Муаллифон дар мақола масъалаи вазъи кунунии Афғонистонро баъд аз ғасби қудрат аз ҷониби “Толибон”, роҳҳои расидан ба сулҳ ва пойдории амният, имкониятҳои бузурги энергетикӣ ва роҳҳои транзитии пайвандгари минтақаҳоро таҳлил намудаанд. Дар мақола вобаста ба ҳалли истисноии сиёсӣ ва дипломатии буҳрони бавуқуъомадаи Афғонистон, таъсиси ҳукумати фарогир, дурнамои рушди устувор ва пойдори Осиёи Марказӣ, ки бо ноил шудан ба сулҳ дар Афғонистони ҳамсоя зич алоқаманд аст, андешаронӣ карда шудааст.Воқеан, вазъи имрӯзаи Афғонистон бо сабаби буҳрони сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳолати вазнини гуманитарӣ хеле нигаронкунанда мебошад. Масъалаи сулҳу субот дар Афғонистон омили рушд ва кафолати амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ дониста шуда, ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубиро аз ҳарвақта дида бештар зарур аст, ки барои расидан ба сулҳу субот ва табдил додани Афғонистон ба пули пайвандгари байни минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ тадбирҳо андешиданд. Ба андешаи муаллифон, бо дастрасии комил ба сулҳу субот ва ташкили ҳукумати фарогир дар Афғонистон имконияти татбиқи лоиҳаҳои бузурги энергетикӣ, истифодаи роҳҳои транзитӣ тавассути қаламрави Афғонистон, рушди иқтисодии кишвар бо истифода аз саноати истихроҷи маъдан ва неруи корӣ фароҳам меоранд.

Калидвожаҳо: Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, Афғонистон, иқтидори транзитӣ, “Толибон”, осоишта, минтақа, энергетика, амният, хатар, фарогир, сулҳ ва сиёсӣ.

МИРНЫЙ АФГАНИСТАН ФАКТОР РАЗВИТИЯ РЕГИОНАЛЬНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА

В статье авторы анализируют текущую ситуацию в Афганистане после прихода к власти Талибов, пути достижения мира и безопасности, большой энергетический потенциал, природные ресурсы и транзитные пути соединяющие регионы. В статье рассматриваются исключительные методы политико-дипломатические решения афганского кризиса, создание инклюзивного правительства и перспективы устойчивого развития и стабильность Центральной Азии, которые тесно связаны с достижением мира в соседнем Афганистане. Действительно, нынешняя ситуация в Афганистане вызывает большую тревогу в связи с политическим, экономическим и социальным кризисом и сложной гуманитарной ситуацией. Вопрос мира и стабильности в Афганистане считается фактором развития и гарантией региональной и международной безопасности, а мировое сообщество, включая страны Центральной и Южной Азии, как никогда привержено достижению мира и стабильности и превращению Афганистана в мост между Центральной и Южной Азией. По мнению авторов, при полном достижения мира, стабильности и формирования инклюзивного правительства в Афганистане появляется возможность реализации крупных энергетических проектов, использования транзитных маршрутов через Афганистан, экономического развития страны с использованием горнодобывающей промышленности и рабочей силы.

Ключевые слова: Центральная и Южная Азия, Афганистан, Транзитный потенциал, Талибан, мирный, регион, энергетика, безопасность, угроза, инклюзивный, мир и политический.

PEACEFUL AFGHANISTAN DEVELOPMENT FACTOR OF THE REGIONAL COOPERATION

In the article, the authors analyze the current situation in Afghanistan after the Taliban came to power, ways to achieve peace and security, great energy potential, natural resources and transit routes connecting the regions. In the article are discussed exceptional methods of political and diplomatic solutions of the Afghan crisis, the creation of an inclusive government and the prospects for sustainable development and stability in Central Asia, which are closely related to achieving peace in neighboring Afghanistan.Indeed, the current situation in Afghanistan is of great concern due to the political, economic and social crisis and the difficult humanitarian situation. The issue of peace and stability in Afghanistan is considered a development factor and a guarantee of regional and international security, and the world community, including the countries of Central and South Asia, is more than ever committed to achieving peace and stability and turning Afghanistan into a bridge between Central and South Asia. According to the authors, with the full achievement of peace, stability and the formation of an inclusive government in Afghanistan, it becomes possible to implement large energy projects, use transit routes through Afghanistan, and progress the country's economic development using the mining industry and labor force.

Keywords: Central and South Asia, Afghanistan, Transit potential, Taliban, Peaceful, Region, Energy, Security, Threat, Inclusive, Peace and Political.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шарипов Амриддин Нуридинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии ҶТ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992)988-50-10-11.** E-mail: **amrsharif@mail.ru**
Қаландаров Фирдавсҷон – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвончӯи кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 904014244.** E-mail: **kalandarov-94@list.ru**

Сведение об авторах. ***Шарипов Амриддин Нуридинович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики РТ. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **(+992)988-50-10-11.** E-mail: **amrsharif@mail.ru**
Каландаров Фирдавсджон Шоназарович – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 904014244.** E-mail**: kalandarov-94@list.ru**

Information about the authors: ***Sharipov Amriddin Nuridinovich*** **-** Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor of department of diplomacy and foreign policy RT. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992)988-50-10-11.** E-mail: **amrsharif@mail.ru**
Qalandarov Firdavsjon - Tajik National University, applicant for the Department of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 904-01- 42-44**. E-mail: **kalandarov-94@list.ru**

УДК: 323.13

ҶАҲОНИШАВӢ ВА МУБОРИЗАҲОИ ИТТИЛООТӢ

Ҳамрозода Мирмуҳаммад Фаррух
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз оғози асри XXI ҷомеаи башарӣ дар ростои ҷаҳонишавӣ қарор гирифта, кишварҳои олам дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо хатару таҳдидҳои нав рӯ ба рӯ гардида истодаанд. Дигаргуниҳои куллӣ дар сохтори геополитикии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тағйир ёфани системаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ нишон медиҳанд, ки ҷаҳон ба давраи сифатан нав ворид гардида, дар ин замина иттилоот ба меҳвари асосии раванди глобализатсия мубаддал гаштааст. Иттилоот имрӯз таъсири хешро ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа расонида, ба маҳаки асосии рушди онҳо табдил ёфтааст. Кашф ва истифодаи технологияи нави иттилоотию коммуникатсионӣ боиси зиёд шудани ҳаҷми иттилоот ва рушд ёфтани ҷомеаи иттилоотӣ дар олам аст.

Мафҳуми ҷаҳонишавӣ ё глобализатсия ҳамчун раванди муттасили таърихӣ аз тарафи муҳаққиқон бо тарзҳои гуногун арзёбӣ шудааст. Муҳаққиқи тоҷик Зокиров Г.Н. мафҳуми глобализатсияро чунин шарҳ медиҳад: «Глобализатсия (лот. globus – замин, франс. global - умумӣ) раванди объективии ташаккул, амал намудан ва инкишофи системаи умумиҷаҳонии умумисайёравӣ дар асоси амиқ гардидани баҳампайвастагӣ ва баҳамтаъсиррасонӣ дар тамоми соҳаҳои иттиҳоди байналмилалӣ мебошад» [3,с.251]. Бояд гуфт, ки пайвастшавӣ ва робитаи мутақобилаи миллату давлатҳо дар қатори нишонаҳои асосии глобализатсия ҷой мегиранд. Инчунин, раванди ҷаҳонишавӣ фазои ягонаи глобалиро ташаккул дода, торафт оламро ба воҳиди ягона табдил медиҳад, ки албатта, дар амалишавии ин раванд воситаҳои коммуникатсионӣ мақоми махсус доранд. Бо суръати баланд инкишоф ёфтани телекоммуникатсия оламро ҳарчи бештар ба мақсадҳои ниҳоии глобализатсия наздик месозад. Интегратсияи умумисайёравӣ ё ташаккули системаи глобалӣ равандҳои мухталифро фаро мегирад, ки ислоҳоти саросарии СММ, ташаккули муассисаҳои ғайримиллӣ ва минтақавӣ, ташаккули мақомоти умумисайёравӣ аз ин қабил равандҳоянд [3,с.253].

Аз охири асри XX ва аввали асри XXI сар карда давлатҳои гуногуни ҷаҳон бо дарназардошти баамалоии инқилобҳои иттилоотӣ ва рушди фазои глобалии иттилоотӣ тадбирҳои зиёдеро амалӣ намуда истодаанд, ки амнияти иттилоотии худро дар сатҳи зарурӣ таъмин созанд. Зеро тафовутҳои фарҳангӣ, забонӣ, динӣ ва ғайраҳо садди роҳи амалисозии принсипҳои ягонаи глобализатсия мегарданд, ки ин фарқиятҳо дар заминаи манфиатҳои миллию давлатии кишварҳои гуногун пайдо гашта, барои шаклгирии муборизаҳои иттилоотӣ ва навъҳои дигари муқовиматҳо мусоидат мекунанд.

Имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар заминаи таъмини технологияи навини иттилоотӣ дар сиёсат пайваста бо парадигмаҳои ҷомеаи иттилоотӣ зиндагӣ доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шабакаи интернет ба таври васеъ доираҳои гуногуни аҳолиро фаро гирифта, мамлакатро ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ пайваст мегардонад. Технологияи иттилоотӣ ахборотро ба неруи мутаҳаррике табдил додааст, ки он дар пешрафти ҷаҳони муосир нақши муайянкунандаро пайдо намудааст. Воситаҳои навтарини иттилоотӣ метавонанд оқибатҳои ҳам манфӣ ва ҳам мусбатро ба бор оранд. То кадом андоза ба нафъи манфиатҳои миллӣ истифода намудани онҳо муҳим аст? Моҳиятан, воситаҳои замонавии иттилооти оммавӣ дар заминаи манфиатҳои давлатҳои бузург инкишоф меёбанд [4,с.605].

Пешомадҳои инкишофи олам торафт бевосита ба иттилоот вобаста гашта, он дар заминаи донишҳои муосир ва технологияи пешқадам тарҳрезӣ мегардад. Таърихи инкишофи инсоният аз қадим то ба имрӯз давраҳои гуногунро тай кардааст, ки дар он роҳу воситаҳои гуногуни таъсиррасонӣ ба шуури одамон мавҷудияти худро нигоҳ медоштанд. Инсон ҳамчун мавҷудоти ягонаи бошуур дар рӯйи замин арзи ҳастӣ дорад, ки тамоми муносибатҳо, робитаҳо, барҳӯрдҳо ва пешравиҳои мухталифро бо роҳҳои гуногун ба вуҷуд овардааст. Тамоми зиддиятҳо ва муқовиматҳои сиёсӣ низ баробари рушд ва инкишофи манфиатҳои мухталифи инсоният пайдо гашта, то ба давраи ҷомеаи муосири иттилоотӣ расидаанд.

Дар натиҷаи омӯзиши методҳои равандҳои глобалӣ муайян мегардад, ки иттилоот беш аз пеш ба воситаҳои таъсиррасонӣ ва таъмини иртиботи сиёсӣ мубаддал мегардад. Ҳифзи мавқеи геополитикии давлатҳо торафт ба иттилоот вобаста гашта, мубориза бо таҳдидҳои иттилоотии замони муосир хосияти рӯзмарра пайдо менамоянд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тавлиди навъҳои нави иртиботи сиёсӣ тамоми мамлакатҳои ҷаҳонро фазои иттилоотии мураккаб иҳота кардааст, ки дар ин замина муносибат ба иттилоот ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ дар сатҳи гуногун ба амал меояд. Муборизаи шадиди давлатҳо дар ҷаҳони муосир далели он аст, ки дар фазои иттилоотии ҷаҳон аллакай ба таври мунтазам муборизаҳои иттилоотӣ роҳандозӣ мегарданд ва раванди ҷаҳонишавӣ ин навъи нави муборизаҳоро беш аз пеш метезонад. Зеро имрӯз асоси глобализатсияро маҳз иттилоот ташкил медиҳад.

Метавон гуфт, ки дар шароити кунунӣ таъсиррасонии иттилоотӣ дар меҳвари фаъолияти якчанд давлатҳо қарор дорад. Аз ҳама роҳи мусоид барои амалисозии мақсадҳои геополитикӣ низ таъсиррасонии иттилоотӣ маҳсуб ёфта, бо гузашти марҳилаҳои муайяни вақт самараи дилхоҳро ба вуҷуд меорад. Таъсири иттилооти мақсаднок, албатта, ба шуур ва афкори ҷамъиятӣ расида, метавонад ҳатто моҳияти онро дигаргун созад. Ҳамаи талаботу манфиатҳое, ки дар ҳаёти шахсии ҳар як инсон пайдо мегарданд, дар зинаи аввал қонеъ ва дар зинаи дуюм бояд ҳифз гарданд. Пайдоиши манфиатҳои иттилоотӣ низ дар ҷаҳон ҳамин матлабро тақозо мекунанд. Яъне мудофиаи иттилоотӣ барои ҳар як давлат хосияти ҳатмиро ба худ касб карда, воситаҳои муосири дифоъро тақозо менамояд.

Ҷангҳои иттилоотӣ дар замони муосир як қисми инқилоби иттилоотӣ ба шумор мераванд. Дар асри ҷаҳонишавӣ онҳо воситаи асосии ба даст овардани манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ маҳсуб меёбанд. Ҷанги иттилоотиро метавон ҳамчун бархӯрд байни ҷонибҳои мухолиф маънидод кард, ки тарафҳои муқобил ба инфраструктураи иттилоотии ҳамдигар таъсирҳои зиёд мерасонанд [8,с.74].

Раванди ҷаҳонишавӣ мақом ва манзалати иттилоотро дар байни минтақа ва давлатҳо беш аз пеш боло бурда, онро ҳамчун маҳаки асосии амалигардонии мақсадҳои сиёсӣ маънидод менамояд. Таҷрибаи таърихӣ собит месозад, ки ҷараёни рушд ва инкишофи иттилоот бо хусусиятҳои муҳимми давраи гузариши сифатии олам пайвасти ногусастанӣ дорад. Иттилоот ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ баробар ба ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ рушд карда, фаҳмиши муосири он муносибати навро ба худ касб кардааст. Чуноне мушоҳида мегардад, имрӯз тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пайванди худро бо иттилоот ҳарчи бештар мустаҳкамтар намуда, дар пояи он рушду такомул меёбанд. Махсусан самти иқтисодии давлатҳо дар марҳилаи нави рушд ба иттилоот ва воситаҳои коммуникатсионии муосир сахт алоқаманд гаштааст.

Агар дақиқан мушоҳида, намоем дар рушди кунунии миллату давлатҳо нақши иттилоот хеле зиёд аст. Аз ин хотир метавон як қатор омилҳоеро нишон дод, ки ба густариш ва ташаккули беш аз ҳарвақтаи иттилоот мусоидат менамоянд. Пеш аз ҳама, муносибати модернистӣ ба равандҳои сиёсӣ ба такмили иттилоот сабаб гашта, нақши онро дар тамоми самтҳои фаъолият боло мебардорад. Инчунин, бо ҷаҳду талошҳои зиёд ба фазои иттилоотӣ ворид гаштани кулли башарият низ заминаҳоеро фароҳам меорад, ки эҳтимол аст ҳаёти асрҳои ояндаи инсоният пурра бо шаклгирии низоми муосиртарини иттилоот давом ёбад. Ҷомеаи иттилоотӣ низ ба ҳайси муҳаррики асосии пешрафти бесобиқаи иттилоот баромад мекунад, зеро ҷомеае, ки арзиши асосӣ ва унсури ташаккулдиҳандаи он иттилоот мебошад, бешак, ба сифати фазое тасвир меёбад, ки иттилоот бо имкониятҳои бештар дар он рушд меёбад.

Зинаи аввали таъмини амнияти иттилоотиро бартарафсозии таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки таҳдидҳои иттилоотӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир шуда, оқибатҳои манфии зиёдро ба бор меоранд. Ҷаҳонишавӣ зина ба зина дар минтақаҳои мухталифи олам доман паҳн кардааст, ки дар баробари он хатари афзоиши ҷиноятҳои нав ба монанди кибертерроризм, киберэкстремизм ва ғайраҳо ба назар мерасад.

Дар рушди ҷаҳонишавӣ ва афзоиши ҳаҷми иттилоот имкониятҳои наве пайдо мегарданд, ки гурӯҳҳо ва ташкилотҳои гуногуни террористиву экстремистӣ аз онҳо истифода менамоянд. Терроризми иттилоотӣ ва ё ба истилоҳ кибертерроризм, аз навъҳои

дигари он ба куллӣ фарқ менамояд. Зеро он тавассути пахши ахбороти диққатҷалбкунанда аввалан сафи худро пурра сохта, сипас пайи амалисозии мақсадҳои худ мегардад. Аслан, терроризми иттилоотиро ҳамчун фаъолияти стратегии расидан ба мақсадҳои сиёсӣ низ маънидод намудан мумкин аст. Зеро он амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ тавассути фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ мебошад. Маълум аст, ки нақши иттилоот ва воситаҳои коммуникатсионии муосир, албатта, барои гурӯҳҳои манфиатхоҳ роҳи осонтарини расидан ба ҳадафҳои асосӣ мебошад. Аз ин ҷо метавон ба хулосае омад, ки гирифтани пеши роҳи иттилоот ва ё пахши яклаҳзаинаи он хеле душвор аст.

Дар фазои глобалии иттилоотӣ амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ тавассути пиёдасозии муборизаҳои иттилоотӣ ҷой дорад, ки дар замони муосир аллакай таъсири муборизаҳои иттилоотӣ ба равандҳои сиёсӣ мушоҳида мегардад. Иттилоот ва муборизаҳои иттилоотӣ ҳамчунин ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ, ба рафтору амали шаҳрвандон ва муносибатҳои онҳо низ таъсиргузор аст, ки самти инкишофи ҷомеаро метавонад дар муддати муайяни вақт дигаргун созад.

Дигаргуниҳои пайдарпайи ҷаҳони муосир аз он шаҳодат медиҳанд, ки равандҳои глобализатсионӣ дар марҳилаҳои ояндаи рушд беш аз пеш вусъат хоҳанд ёфт. Агар ба мақсади асосии ҷаҳонишавӣ назар андозем, ҳадафи он табдил додани ҷаҳон ба як воҳиди ягона мебошад. Пайдо шудани манфиату талаботҳои нави одамон, омехтагардии соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар зинаҳои гуногун ба амалишавии равандҳои глобализатсионӣ мусоидат хоҳанд кард. Албатта, ин маънои онро надорад, ки раванди ҷаҳонишавӣ дар муддати кӯтоҳи вақт амалӣ гардад. Зеро, дар навбати худ, барҳӯрди манфиатҳо ва тафовутҳои гуногуни миллату халқиятҳо замони амалишавии раванди глобализатсияро ба дарозо мекашанд.

Бояд қайд намуд, ки раванди ҷаҳонишавӣ бо иттилоот пайванди ногусастанӣ дошта, онҳо моҳияти якдигарро пурра месозанд. Маҳз меҳвари асосӣ ё омили беш аз пеш бо воситаҳои муосир амалӣ гаштани раванди ҷаҳонишавиро иттилоот ташкил медиҳад. Роҳандозии муборизаҳои шадиди иттилоотӣ низ нишон аз он аст, ки равандҳои нави глобализатсионӣ бештар тавассути иттилоот дар зинаи амалишавӣ қарор мегиранд.

Албатта, ҳар як марҳилаи рушди таърихӣ ба худ хусусияти алоҳидаро доро мебошад. Аз асри XXI аллакай бисту ду сол сипарӣ мешавад, ки дар ин давра талошҳои зиёди давлатҳо барои расидан ба манфиату ҳадафҳои гуногун мушоҳида мегардад. Дар баробари оне, ки кашф ва истифодаи воситаҳои коммуникатсионии муосир ба рушди иттилоот сабаб гаштанд, инчунин фазоеро тавлид сохтанд, ки дар он навъи нави муборизаҳо – “муборизаҳои иттилоотӣ” аз хеш дарак доданд. Бартарият ва ҳарчи бештар афзалият пайдо намудани иттилоот дар муносибатҳои байниҳамдигарии давлату миллатҳо нишон аз беш аз пеш амалӣ гаштани мақсадҳои ниҳоии ҷаҳонишавӣ мебошад.

Дар ҷаҳони кунунӣ истифодаи усулҳои иттилоотии мубориза аз ҷониби давлатҳои абарқудрати ҷаҳон мушоҳида мегардад. Дар баробари ин раванди ҷаҳонишавӣ таъсири хешро ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа расонида, аз иттилоот ҳамчун воситаи асосии таъсиррасон истифода менамояд. Бешубҳа, иттилоот ба таркиби тамоми имкониятҳо ворид гашта, ҳамчун муҳаррики асосии амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ баромад менамояд.

Дар фазои иттилоотии ҷаҳон амал намудани шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ таваҷҷуҳи аксари мардуми оламро ба худ ҷалб намудааст. Таъсири иттилоот ва воситаҳои иттилоърасон ба афкори ҷомеа хеле ҳассос ба назар мерасанд. Зеро бо суръати баланд рушд кардани интернет ва фарогирии шабакаҳои мухталифи иҷтимоӣ хоҳу нохоҳ ба ҳаёти инсоният таъсири худро гузошта, имрӯз он дар сатҳи хеле баланд мушоҳида мегардад. Оҳиста – оҳиста фазои маҷозӣ ба ҷузъи таркибии ҳаёти инсон табдил меёбад, ки нишонаҳои он дар марҳилаи кунунии инкишоф мушоҳида мегарданд. Ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар асри XXI бо фазои маҷозӣ пайваст гашта, одамон ҳар лаҳзаи ҳаёти худро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои гуногуни интернетӣ ба намоиш мегузоранд. Бинобар ин, раванди мутобиқшавии инсон бо иттилоот дар фазои маҷозӣ низ барои ҳарчи бештар паҳн гаштани глобализатсия мусоидат хоҳад кард. Мушоҳида мегардад, ки расонаҳои иттилоърасон дар бисёре аз кишварҳои олам ба майдони мубоҳисаҳои сиёсӣ

мубаддал гашта, ҷараёнҳои нави таъсиррасонии иттилоотиро пеш меоранд, ки метавонанд ба ҳайси заминаи асосии муборизаи ва ҷанги иттилоотӣ баромад намоянд.

Аз охири асри XX ва аввали асри XXI ҷаҳон дар маҷрои минтақагароӣ қарор гирифта, ин раванд то имрӯз дар шаклҳои мухталиф идома дорад. Таъсис ёфтани созмонҳои гуногунсамт дар минтақаҳои алоҳидаи олам ва зоҳиршавии якояки онҳо дар саҳнаи геополитикии ҷаҳон барои шаклгирии навъи нави муборизаҳои иттилоотӣ мусоидат мекунад. Муносибатҳои мухталифи сиёсӣ дар фазои иттилоотӣ хатари ба вуҷуд омадани ҷангҳои иттилоотиро рӯз аз рӯз метезонанд. Агар дақиқан ба сарчашмаи пайдо шудан ва ё шакл гирифтани ҷангҳои иттилоотӣ назар андозем, онҳо фақат аз ҷониби кишварҳои қудратталаб ё қувваҳои бузурги ҷаҳон ба хотири амалӣ гардонидани ҳадафҳои сиёсӣ роҳандозӣ мегарданд.

Воқеаҳои охир ва равандҳои нави ҳаёти сиёсии ҷомеа нишон медиҳанд, ки бархӯрди манфиатҳои геополитикии давлатҳо фазои глобалии иттилоотиро пур сохта, заминаи пайдоиши муносибатҳои мураккаби иттилоотиро ба вуҷуд меоранд. Инфрасохтори иттилоотии ҷомеа рӯз аз рӯз тағйири шаклу моҳият карда, рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бевосита ба он сабаб мегарданд. Дар даҳсолаи охир бошад, зоҳиршавии таҳдидҳои иттилоотӣ ба амнияти кишварҳои гуногуни олам дар шаклҳои гуногун аён мегардад. Ин ҳолат давлатҳоро водор месозад, ки ба таъмини амнияти иттилоотии худ диққати бештар зоҳир намоянд.

Бешак, дар замони муосир шабакаи ҷаҳонии интернет фазои ягонаи иттилоотиро ташкил додааст. Метавон гуфт, ки он барои рушди муносибатҳои иттилоотӣ дар ҷаҳон мусоидат хоҳад кард. Бо дарназардошти ин омилҳо раванди ҷаҳонишавӣ ҳамчун заминаи асосӣ дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ шинохта шуда, як қатор муносибатҳои мураккабу навро ба миён меорад.

Бояд қайд кард, ки барои таъмини амнияти иттилоотии давлат таҳкими як қатор вазифаҳо хеле муҳиманд. Баланд бардоштани иқтидори мудофиавии мамлакат дар замони муосир таъмини амнияти иттилоотиро ба таркиботи махсуси худ ворид месозад. Зарур аст, ки барои эмин мондан аз хавфи ҷангҳои иттилоотӣ, пеш аз ҳама, моҳияти ҳама гуна иттилооти худинкишофёбанда дарк карда шавад. Бо суръати баланд рушд кардани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ раванди шинохт ва ё аз ҳам фарқ кардани иттилооти мухталифро душвор мегардонад ва бешак, ба фазои иттилоотии кишвар таъсири худро мегузорад. Заминаи асосии ба муборизаҳои иттилоотӣ ворид гаштани давлатҳоро низ маҳз ҳамин номуайяниҳо ташкил медиҳанд.

Бояд дар хотир дошт, ки муборизаҳои иттилоотӣ дар миёни давлату миллатҳои гуногун, сарчашмаи амалигардии манфиати давлатҳои абарқудрат мегарданд. Маълум аст, ки аллакай аз оғози асри XXI давлатҳои абарқудрати ҷаҳон кӯшиши дар зери назорати худ қарор додани фазои глобалии иттилоотиро доранд. Дар ин миён боз давлатҳое пайдо мегарданд, ки барои пиёда кардани экспансияи фарҳангии худ аз фазои иттилоотии глобалӣ истифода менамоянд.

Дар шароити муосир модели нави ҷангҳо тарҳрезӣ ва коркард мешаванд, ки алакай дар таърихи инкишофи инсоният намунаи худро боқӣ гузоштаанд. «Ҷанги сард»-ро метавон ҳамчун намунаи аввалини ҷангҳои иттилоотӣ дар ҷаҳон номид. Зеро ҷанги иттилоотию таблиғотӣ бо мақсади бадном кардани идеологияи коммунистӣ, тарзи ҳаёти шуравӣ, бидуни баҳс муаррифӣ кардани модели ғарбии зиндагӣ роҳандозӣ гашта буд. Дар баробари ин усулу воситаҳои гуногуни таъсиррасонӣ: барангехтани миллатчигии шадид, низоъҳои нажодӣ, бадном кардани таърихи рус ва дигар воситаҳо ба таври мукаммал истифода мешуданд [13,с.190].

Шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ ва беш аз пеш пур гаштани фазои глобалии иттилоотӣ нишон аз он аст, ки дар даҳсолаҳои наздик ҷаҳон ба маҷрои таҳаввулоти бузурге ворид хоҳад шуд. Ҳимояи фазои иттилоотии давлатҳо торафт мураккаб гашта, роҳу воситаҳои нави мудофиаи иттилоотиро талаб хоҳад кард. Ихтироъ ва истифодаи технологияҳои навини иттилоотию коммуникатсионӣ назар ба даврaҳои аввали инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ қулли башариятро ба фазои иттилоотӣ ворид мекунад. Табиист, ки марҳилаҳои муайяни инкишоф ва паҳн гаштани иттилоот дар заминаи ягонагии фазои иттилоотӣ рушд меёбад, ки ин омил ба пиёдагардии раванди ҷаҳонишавӣ мусоидат хоҳад кард.

Раванди муосири ҷаҳонишавӣ дар худ системаи мураккаберо ҷой додааст, ки ҳама арзишҳо дар ҳоли пайвастшавии байниҳамдигарӣ қарор мегиранд. Бархӯрди манфиатҳои давлату миллатҳо дар фазои глобалии иттилоотӣ боис мегардад, ки муборизаҳои иттилоотӣ танҳо ба хотири ҳимояи манфиатҳои миллату давлатҳо роҳандозӣ гарданд. Маълум аст, ки мураккабгардии муборизаҳои шадиди иттилоотӣ ба вазъи сиёсию иқтисодии бисёре аз мамлакатҳо таъсири худро мерасонанд ва дар роҳи рушди давлатҳо монеаҳои ҷиддиро тавлид месозанд. Паҳн гардидани иттилооте, ки дар таркиби худ як қатор хатарҳоро фарогир аст, ба шуури миллатҳои гуногун таъсир расонида, зеҳнияти онҳоро дар марҳилаҳои баъдии инкишоф зери савол мебарад.

Мушоҳидаи соҳаҳои гуногуни ҳаёт нишон медиҳад, ки олам торафт ба самтҳои нави раванди ҷаҳонишавӣ тавассути иттилоот пайваст мегардад. Соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба ҳамдигар омехта гашта, бештар хусусияти сиёсиро ба худ касб мекунанд. Дар чунин шароит иттилоот ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои аксари давлатҳои қудратталаб воситаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ мегарданд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк менамояд, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бештар ба як падидаи сиёсӣ табдил ёфта истодаанд, ки онҳоро метавон бо мақсади ҷиноӣ, террористӣ ва ҳарбӣ истифода бурд. Таҳдид ва хавфу хатарҳое, ки дар ин самт пайдо гардидаанд, дар сатҳи байнидавлатӣ коркарди қарорҳо ва гурӯҳҳои зудамали муштаракро тақозо менамоянд [12,с.104].

Дар ҷаҳони муосир зиддиятҳои геополитикӣ ва геоиқтисодӣ бештар хусусиятҳои иттилоотиро ба худ касб карда, рақобатҳои кишварҳои алоҳидаро дар шаклҳои гуногуни муборизаҳои иттилоотӣ нишон медиҳанд. Талош барои аз худ кардани сарватҳои ҷаҳонии ҳанӯз истифоданашуда давлатҳоро бо ҳам дар ҳоли мубориза қарор дода, муқовимат ва бархӯрди онҳоро зиёдтар мегардонад. Ин ҳолат барои амалӣ гардидани раванди ҷаҳонишавӣ бевосита мусоидат карда, суръати ҷараёни онро метезонад. Дар ин самт муборизаҳои иттилоотӣ ба шакли муосири рақобати байни давлатҳо мубаддал мегарданд.

Давлат дар раванди амалигардонии манфиатҳои муштараки хеш бо давлатҳои дигари ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки ба муваффақиятҳои сиёсӣ метавонанд ҳам дар мусоидат ва ҳам дар мухолифати якдигар қарор доранд, амал менамояд [4,с.589]. Дар амалигардии раванди ҷаҳонишавӣ бошад, омехтагардии мунтазами манфиатҳои миллӣ ба назар мерасад, ки дар танзим ва ё бурду бохти он нақши иттилоот хеле муҳим мебошад. Яке аз сарчашмаҳои сар задани муборизаҳои иттилоотиро низ маҳз ҳамин бархӯрд ё омезишёбии манфиатҳои миллӣ ташкил медиҳанд. Албатта, ба ҷуз аз муборизаҳои иттилоотӣ дигар навъи муқовиматҳо низ дар зери ниқоби манфиатҳои муайян ниҳонанд, ки дар раванди амалигардӣ метавонанд ба амният ва соҳибихтиёрии давлатҳои гуногун таъсири манфӣ расонанд.

Муборизаҳои иттилоотӣ дар шаклҳои гуногун бо истифодаи ҳадафмандонаи иттилоот сурат мегирад. Дар даҳсолаҳои охири асри XX тамоюли махсуси инкишофи иттилоот дар ҷаҳон ба вуҷуд омад, ки барои гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат намуд. Дар марҳилаи нави рушд зина ба зина иттилооти ҳадафмандона дар фазои сиёсию иқтисодии аксари давлатҳои ҷаҳон доман паҳн намуд.

Дар марҳилаи кунунии инкишофи ҷомеа тағйиротҳои гуногун дар тамоми ҷанбаҳо пайдо мешаванд, ки ҳамаи онҳо бевосита ба иттилоот пайвастанд. Ҷаҳонишавӣ бошад, раванди шаклгирии муборизаҳои иттилоотиро ҳарчи бештар метезонад ва дар даврaҳои минбаъдаи рушд навъҳои нави онро ба миён меорад. Аз ин рӯ ҳифзи манфиатҳои миллату давлатҳо дар фазои глобалии иттилоотӣ рӯз аз рӯз мураккабу душвор гашта, роҳҳои муосири мудофиавиро тақозо менамояд.

Муқарриз: Тураева З.Ю. – н.и.с., дотсенти АИД ПҶТ

АДАБИЁТ

1. Алешин Л.И. Информационные технологии. Учебное пособие/ Л.И. Алешин. - 384 с.
2. Андреев А.В. Новые информационные технологии и новые модели политического управления / А.В. Андреев // Культурология. -Часть I. -С.52-59.
3. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. - Душанбе: Андалеб-Р, 2015. -Ҷилди I. -520с.
4. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои сиёсии мактабҳои олӣ) / Г.Н.Зокиров. – Душанбе: Эр-граф, 2019. -Ҷ. I. -648 с.

5. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2008, №451.
6. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.01.2015, №332.
7. Крутских А.О. Международная информационная безопасность / А. Крутских, А. Федоров. – М.: Слово, 2008. – 234 с.
8. Крылова И.А. Проблема информационной безопасности в век глобализации // Век глобализации. - 2019. - №3(31). -С. 73-79.
9. Махмадов П.А. Информационная безопасность как объект политологического исследования / П.А. Махмадов // Известия Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2017. -№2. -С. 109-113.
10. Морозов И.Л. Информационная безопасность политической системы / И.Л. Морозов // Полис. Политические исследования. - 2002. - №5. - С.134-145.
11. Окинавская Хартия глобального информационного общества от 22 июля 2000 г.
12. Саидова Ф.С. Таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити глобализатсионӣ / Ф.С.Саидова, З.Б. Қодирова // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - 2021. -№3. -С. 103-109.
13. Скульмовская Л.Г. Информационная война в меняющемся мире / Л.Г. Скульмовская // Информационная безопасность регионов. -2014. -№2(15). -С.189-193.
14. Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотӣ ва хусусиятҳои он дар шароити муосир / Ф.А. Холиқов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. -2020. -№4. -С. 96-107.
15. Ятимов С.С. Амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии таъмини он / С.С.Ятимов, Ф.А.Холиқов // Идоракунии давлатӣ. -2021. -№3 (52). -С.204-216.

ҶАҲОНИШАВӢ ВА МУБОРИЗАҲОИ ИТТИЛООТӢ

Дар мақолаи мазкур муборизаҳои иттилоотӣ ҳамчун ҷузъи таркибии раванди муосири ҷаҳонишавӣ маънидод гардидаанд. Ба андешаи муаллиф, воситаи пешбарандаи раванди ҷаҳонишавӣ дар замони муосир маҳз иттилоот ба шумор рафта, он ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсири хешро мегузорад. Зиддиятҳо ва муқовиматҳои сиёсӣ торафт дар шакли муборизаҳои иттилоотӣ зоҳир гашта, вазъи сиёсии кишварҳои оламро дигаргун менамоянд. Вобаста ба ин муаллиф қайд менамояд, ки ҳифзи мавқеи геополитикии давлатҳо торафт ба иттилоот вобаста гашта, мубориза бо таҳдидҳои иттилоотии замони муосир хосияти рӯзмарра пайдо менамоянд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тавлиди навъҳои нави иртиботи сиёсӣ тамоми мамлакатҳои ҷаҳонро фазои иттилоотии мураккаб иҳота карда, дар ин замина муносибат ба иттилоот ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ дар сатҳи гуногун ба амал меояд. Ба назари муаллиф, раванди ҷаҳонишавӣ мақом ва манзалати иттилоотро дар байни минтақа ва давлатҳо беш аз пеш боло бурда, он маҳаки асосии амалигардонии мақсадҳои сиёсӣ дониста мешавад. Раванди муосири ҷаҳонишавӣ дар худ системаи мураккаберо ҷой додааст, ки ҳама арзишҳо дар ҳоли пайвастшавии байниҳамдигарӣ қарор мегиранд. Муаллиф андеша дорад, ки бархурди манфиатҳои давлату миллатҳо дар фазои глобалии иттилоотӣ боис мегарданд, ки муборизаҳои иттилоотӣ танҳо ба хотири ҳимояи манфиатҳои миллату давлатҳо роҳандозӣ гарданд. Маҳз меҳвари асосӣ ё омили беш аз пеш бо воситаҳои муосир амалӣ гаштани раванди ҷаҳонишавиро иттилоот ташкил медиҳад. Муаллиф дар мақолаи мазкур муборизаҳои иттилоотиро дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди таҳлил қарор дода, даврaҳои минбаъдаи рушди оламро ба иттилоот ва фазои глобалии иттилоотӣ пайваст медонад.

Калидвожаҳо: иттилоот, ҷаҳонишавӣ, муборизаҳои иттилоотӣ, инқилобҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, муқовиматҳои сиёсӣ, равандҳои глобалӣ, иртиботи сиёсӣ, ҷангҳои иттилоотӣ.

ГЛОБАЛИЗАЦИЯ И ИНФОРМАЦИОННАЯ БОРЬБА

В данной статье информационная борьба рассматривается как неотъемлемая часть современного глобализационного процесса. По мнению автора, ведущим инструментом в процессе глобализации в современном мире является информация и она же затрагивает все сферы жизни общества. Политические противоречия и противостояния все чаще проявляются в форме информационной борьбы, тем самым изменяя политическую ситуацию в странах мира. В связи с этим автор отмечает, что защита геополитического положения государств все больше зависит от информации, а борьба с современными информационными угрозами приобретает все большее значение. В условиях глобализации и появления новых видов политических связей все страны мира окружены сложным информационным пространством, и в этом контексте отношение к информации как к средству воздействия на разных уровнях отвечает вызову времени. По мнению автора, процесс глобализации все больше поднимает статус и престиж информации между регионом и странами, и она считается ключевым инструментом для достижения политических целей. Современный процесс глобализации имеет сложную систему, в которой все ценности взаимосвязаны. Автор считает, что конфликт интересов государств и народов в глобальном информационном пространстве приводит к тому, что информационная борьба ведется только для защиты интересов народов и государств. Именно информация является главной осью или фактором, делающим процесс глобализации все более и более возможным с помощью современных средств. В данной статье автор анализирует информационную борьбу в условиях глобализации и связывает следующие этапы развития мира с информацией и глобальным информационным пространством.

Ключевые слова: информация, глобализация, информационная борьба, информационные революции, информационно-коммуникационные технологии, политические конфликты, глобальные процессы, политическая коммуникация, информационные войны.

GLOBALIZATION AND INFORMATION STRUGGLES

This article considers how the information struggle is an integral part of the modern globalization process. According to the author, the leading tool in the process of globalization in the modern world is information, and it also affects all spheres of society. Political contradictions and confrontations are increasingly manifested in the form of information struggle, thereby changing the political situation in the countries of the world. In this regard, the author notes that the protection of the geopolitical position of states is increasingly dependent on information, and the fight against modern information threats is becoming increasingly important. In the context of globalization and the emergence of new types of political relations, all countries of the world are surrounded by a complex information space, and in this context, the attitude to information as a means of influence at different levels meets the challenge of the times. According to the author, the process of globalization is increasingly raising the status and prestige of information between the region and countries, and it is considered a key tool for achieving political goals. The modern process of globalization has a complex system in which all values are interconnected. The author believes that the conflict of interests of states and peoples in the global information space leads to the fact that the information war is waged only to protect the interests of peoples and states. It is information that is the main axis or factor that makes the process of globalization more and more possible with the help of modern means. In this article, the author analyzes the information struggle in the context of globalization and connects the next stages of the development of the world with information and the global information space.

Keywords: information, globalization, information warfare, information revolutions, information and communication technologies, political conflicts, global processes, political communication, information wars.

Маълумот дар бораи муаллиф*: Ҳамрозода Мирмуҳаммад Фаррух* - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвончӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **(+992) 939-06-00-05**. E-mail: **hamroev.mirmuhammad@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Хамрозода Мирмухаммад Фаррух*** - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан**,** соискатель кафедры политологии и связи с общественностью. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саида Носира, 33. Телефон: **(+992) 939-06-00-05**. E-mail: **hamroev.mirmuhammad@mail.ru**

Information about the author: ***Hamrozoda Mirmuhammad Farrukh*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Applicant of the Department of Political Science and Public Relations. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str. Phone**.: (+992) 939-06-00-05.** E-mail: **hamroev.mirmuhammad@mail.ru**

УДК: 323.1(575.3)

РУШДИ УСТУВОРИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН
(дар ҳошияи мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷавонон 21.05.2021)

Раҷабализода Самандар Раҷабалӣ
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Мулоқоти пайдарпайи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони ҷавонони кишвар, худ ба худ як навъ модели рушди сиёсати ҷавононро на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои дигар кишварҳо низ, ташкил медиҳад.

Мулоқоти навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони ҷавонони мамлакатро, ки 21 майи соли 2021 дар шаҳри Душанбе доир гардид, бо дарназардошти чанде аз омилҳои хос аҳамиятнок ва саривақтӣ арзёбӣ кардан мумкин аст.

Якум, натиҷагирӣ ва ё арзёбии ҷараёни татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар давраи 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Сиёсати давлатии ҷавонон ҳамқадами Истиқлолияти давлатӣ буда, Ҳукумати Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ташаккулёбӣ ҷавононро ҳамчун гурӯҳи афзалиятноки иҷтимоӣ мавриди таваҷҷуҳи доимӣ ва дастгирӣ қарор додааст.

Дуюм, баррасии натиҷанокии чораҳои андешидашуда байни мулоқотҳои васеъ бо ҷавонон. Охирин маротиба, чунин мулоқот бо ҷавонон 23 майи соли 2013 доир гардида буд, мувофиқан, дастурҳо барои баррасӣ ва иҷро манзури мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар субъектҳои дахлдор гардида буданд.

Сеюм, маълумотнок сохтани насли наврасу ҷавон ва таъкид намудани аҳли ҷомеа оид ба аҳамиятнокии ин неруи инсонӣ (ҷавонон) барои давлати тозабунёди Тоҷикистон ва зарурати татбиқи сиёсати ҷавонон ҳамчун воситаи устувори рушди ҷомеа.

Чорум, ҷалби ҷавонон барои фаъолнокӣ ва саҳмгузорӣ дар татбиқи ташаббусҳои пешгирифтаи Ҳукумати кишвар ва ҳамқадамӣ ба шароити ҷомеаи муосир, ҳамчунин, ташкили шароитҳои мусоид ҷиҳати ҳамгироии илму амал дар ҳошия рушди сиёсати ҷавонон.

Панҷум, расидан ба ҳадафи олӣ - баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Дар робита ба ин, рушди сармояи инсонӣ, ки ҷойи аввалро ишғол менамояд, ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст [1,с.41].

Ҷавонон, ки аксарияти аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд, қисми асосӣ ва муътамади сармояи инсонӣ ба ҳисоб мераванд. Зимнан, рушди устувори сиёсати давлатии ҷавонон ба рушди сармояи инсонӣ боис гардида, бо ин васила ба рушди устувори иқтисодӣ саҳми босазо метавонад гузорад.

Албатта, тафовути байни мафҳумои «рушд» ва «рушди устувор» ҷой дорад. Амалу муносибатҳое, ки рушди онҳо ба нақша гирифта мешавад, онҳо танназул (поёнравӣ, коҳиш) низ, дошта метавонанд, аммо амалу муносибатҳое, ки бо дарназардошти таъмини рушди устувор пешбинӣ шудаанд, танназул дошта наметавонанд, ба истиснои ҳолатҳои фавқулода (ки аз инсон вобастагӣ надоранд) [2]. Яъне, рушди устувор инкишофи муътадил, доимоафзоишёбӣ ва таҳкимёбиро фаро мегирад.

Аз ин лиҳоз, банақшагирии ҳадафҳо бо нишондиҳандаи «рушди устувор» заҳмати зиёд, ба монанди таҳлили амиқ, асосноккунии илмӣ, корҳои озмоишӣ, банақшагирии стратегӣ, баҳогузории иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Чунончи, зимни баромад Президенти кишвар паҳлуҳои мухталиф ва аҳамиятноки сиёсати ҷавононро баррасӣ намуда, амалӣ гардонидани маҷмуи тадбирҳоро ба субъектҳои дахлдор вазифагузорӣ карданд. Ҳар як масъалае, ки Пешвои миллат таҳлил намуданд, барномаи занҷирмонандеро ифода менамояд, ки татбиқи саривақтии онҳо рушди муътадили соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ва умуман ҳамаи соҳаҳои идоракунии иҷтимоию иқтисодиро таъмин менамояд.

Дар ибтидои баромад иброз менамоянд, ки: *«... (соҳаи) кор бо ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва ба фаъолият огоз намудани ҳукумати қонунӣ аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок ва муҳимтарини сиёсати давлат эълон гардида буд».*

Зимни шиносоӣ бо таърихи ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон, дарвоқеъ, мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор доштани ҷавонон ба таври возеҳ аён мегардад. Мисол, ҳамагӣ дар 70-ум рӯзи сарварӣ ба ҳайси Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонон вохӯрӣ менамоянд ва масъалаҳои мубрами рӯзро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд [3,с.8]. Ё ин ки 13 марти соли 1992, пас аз 6 моҳи истиқлолияти давлатӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» қабул мегардад [4,с.3].

«*Мо ҷавононро неруи созандаву бунёдкор ва пешбарандаи ҷомеаи навини кишварамон ва ояндаи халқамон эълон кардем ва дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат то имрӯз ба онҳо такя мекунем*» – иброз менамоянд, Пешвои миллат зимни баромад. Шахси ҷавон, ки дорои неруи зиёди зеҳнӣ (ва ҳам ҷисмонӣ) мебошад, қобилияти зуд аз худ кардани талаботи ҷорӣ ва мутобиқ шудан ба шароити пуртазоди ҷомеаи муосирро дорад. Илова бар ин, барои кишвари мо, ки захира ва ё сарвати асосии он неруи инсонӣ мебошад, афзалият додан ба насли ҷавон, тарбия ва таълими комили ин насл, ба таври худкор ба рушдёбӣ самт мегирад.

Аз ин лиҳоз, дар сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат ҷавонон мавқеи хосса дошта, ҳамеша дар саргаҳи муносибатҳои идоракунӣ қарор доранд, ки ин ба ибтикороти зиёди баҳри дастгирии ҷавонон пиёдагардида замина меёбад.

Президенти кишвар вобаста ба сатҳи маърифатнокии ҷавонон чунин иброз менамоянд: «*Бояд гуфт, ки дар шароити пешрафти босуръати илму техника ва технологияҳо масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифату саводнокии ҷавонон ва ба омӯзиши илму донишҳои замонавӣ фаро гирифтани онҳо аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини мо ба ҳисоб меравад.*

Мо бо мақсади баланд бардоштани шавқу завқи ҷавонон ба омӯхтани илму дониш, пеш аз ҳама, илмҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ, кашфиёту навоварӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии онҳо ва ҳавасманд гардонидани ҷавонони болаёқату соҳибмаърифат, ки метавонанд дар оянда барои пешрафти давлат ва ҷомеа саҳми босазо гузоранд, стипендия ва ҷоизаҳои гуногун таъсис додем».

Дар ҳақиқат, Пешвои миллат аз рӯзҳои аввали сарварӣ аз насли ҷавон омӯхтани илму донишро тақозо менамоянд. Имрӯз низ, баръало маълум аст, - пешрафту тараққиёт дар ҳамон кишварҳое ҳукмфармо аст, ки иқтидори зеҳнии ҷамъияташон устувор аст, наврасон ва ҷавонон бештар ба омӯхтани илму техника мароқ доранд ва мавзуи рақобати онҳо навовариҳои техникӣ ва эҷоди илму адаб аст.

Ба сифати вазифаи муҳимми давлат арзёбӣ намудани масъала оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифату саводнокии ҷавонон ва ба омӯзиши илму донишҳои замонавӣ фаро гирифтани онҳо ба он асос меёбад, ки имрӯз субъектҳои дахлдорро, аз ҷумла сохторҳои кор бо ҷавонон ва соҳаи илму пажӯҳишро мебояд самти фаъолиятро дар робита ба такмили зеҳн ва ё тафакури наврасону ҷавонон тағйир диҳанд, ба талаботи ҷомеаи муосир ва пеш аз ҳама, ба иқтидори зеҳнии худи ҷавонон мутобиқ гардонанд.

Дар ин ҷо, сабабҳое чанд, албатта, мавҷуданд, мисол: норасоии маблағ. Зимнан, аз таҷрибаи соҳаи роҳсозӣ ва энергетика, ҳамчунин фаъолияти бонкӣ (бахши хусусӣ) метавон хулоса намуд, ки - чи тавре Пешвои миллат иброз менамоянд, агар завқу хоҳиш бошад, пас метавон лоиҳаҳои хуби сармоягузорӣ ва ё грантӣ таҳия намуда, ба ин самти фаъолият, аз ҷумла ҷалби ҷавонон ба омӯзиши илму техника, маблағҳои зиёди дохилию хориҷӣ ҷамъоварӣ ва амалӣ намуд.

Мисоли равшан дар ин самт: шаҳраки «Иннополис»-и ш.Қазон, Тотористон мебошад, ки ба омодасозии кадрҳои ҷавон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ машғул аст; дар ин шаҳрак кӯдакон аз синни сесолагӣ ба таълим фаро гирифта шуда, дар ҳамин ҷо ба Донишгоҳи Иннополис дохил шуда, пас аз хатм дарҳол ба ташкилотҳои шарики (сармоягузорони) Иннополис (Сбербанки ФР, Тинкофф, Яндекс, МТС, Алока ва ғ.) ба кор қабул мегарданд [5]. Яъне, манбаи маблағгузории фаъолияти ин шаҳраки инноватсионӣ ҳамон ташкилотҳое мебошанд, ки барои фаъолияти оянда ва устувори (истеҳсолии) худ омодасозии кадрҳои ҷавони болаёқатро фармоиш медиҳанд.

Чунин мисолҳоро аз таҷрибаи Ҷумҳурии Белорус, Кореяи Ҷанубӣ, Ҳиндустон, Хитой низ овардан мумкин аст, ки даҳсолаҳо боз самти омодасозии кадрҳои ҷавони болаёқатро такмил дода, дар асоси сифат ва устуворӣ, муосир ва чандир фаъолият намуда, дар ин росто садҳо барномаҳо, технопаркҳо ва шаҳракҳои инноватсионӣ ташкил кардаанд. Асоси маблағгузориро бошад, дар ин самти фаъолияти фармоишгар ва ё сармояи ташкилоту корхонаҳои манфиатдор, ниёзманд ба мутахассис ташкил медиҳад.

Аз ин метавон хулоса бароварда, ки самти омодасозии кадриро дигар карда, мебояд принсипи «аз сифат ба миқдор»-ро пеша намуд. Яъне, ҳоло чун анъана мутахассис дар асоси омӯзиши талаботи бозори меҳнат омода карда мешавад, аммо зарур аст, ки он, иловатан (асосан) дар асоси фармоиши кордиҳандаи оянда (ташкилоту муассисаҳои ба мутахассис эҳтиёҷдошта) омода карда шавад.

Дигар масъалае, ки Пешвои миллат иброз намуданд, ин ҳавасмандгардонии ҷавонон барои фаъолнокӣ дар омӯхтани илму дониш тавассути стипендияҳои президентӣ ва квотаҳо мебошад. Дар робита ба ин зарур аст, ки дар пайравӣ ба ибтикороти Президенти мамлакат стипендияҳои номӣ, унвонӣ ва махсус таъсис дода шаванд, то ин ки шумораи зиёди ҷавонон ба омӯхтани илму дониш талош варзанд. Зимнан, зарур аст, ки низоми ташкили озмун барои дарёфти стипендияҳои мазкур бо дарназардошти технологияҳои иттилоотӣ, ба монанди Маркази миллии тестӣ, муносиб ва дастрас, ҳамчунин барои синну соли аз 9-сола боло амалӣ карда шавад. Яъне, бидуни таъсири субъективӣ ва бо таъмини адолатнокӣ; бигузор шахси ҷавони лаёқатманд мустақилона ба ин намуди ҳавасмандгардонӣ дастёб гардад. Ҳамзамон, ин механизм имкон медиҳад, ки наврасону ҷавонон ба омӯзишу истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бештар машғул гарданд, ки ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар ин маврид Пешвои миллат чунин дастур медиҳанд: *«Мо бояд минбаъд низ тавассути стипендияи байналмилалии «Дурахшандагон», барномаҳои байналмилалӣ, бурсияҳо ва дигар имконоти мавҷуда таҳсили ҷавонони боистеъдодро дар хориҷи мамлакат вусъат бахшем ва барои иқтисоди миллии худ кадрҳои дорои сатҳи баланди касбият ва ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои байналмилалиро омода намоем».* Ин механизми дигаре мебошад, ки дар арсаи ҷаҳонӣ барои омодасозии кадрҳои болаёқати сатҳи байналмилалӣ истифода мегардад. Аммо ибтикороти Пешвои миллат, ки он ба сифати барномаи махсус - стипендияи *«Дурахшандагон»,* пиёда гардидааст, шоини таҳсин ва таҳким аст.

Зарур аст, ки ин барномаи ҳавасмандгардонӣ бо назардошти шароитҳои муосири бозори меҳнат таҳким бахшида шавад. Аз ҷумла, дар пайравӣ ба ин барнома:

- лоиҳаҳои соҳавии бахши хусусӣ - ба мисоли корхонаҳои азим ҷиҳати омодасозии кадрҳои болаёқат дар хориҷи кишвар (дар давлатҳои дорои таҷрибаи пешрафтаи амалӣ) ба амал бароварда шаванд;
- тарзу услуби интихоби довталабон вобаста ба талаботи воқеии бозори меҳнат такмил дода шавад;
- ҷараёни таҳсили барандаи стипендия мунтазам мониторинг ва натиҷагирӣ карда шавад;
- тамоси доимӣ ва мушоҳидавии соҳаҳои дахлдор / фармоишгарон бо барандаи стипендия таъмин карда шавад;
- дар ҷараёни таҳсил барандаи стипендия ба корҳои истеҳсолӣ (ҳамчун озмоиш) ҷалб ва имтиҳон карда шавад.

«Бунёд ва ба истифода додани муассисаҳои таълимии типи нав бо шароити муосир ва ба талаботи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ самараи даврони соҳибистиқлолии кишвар буда, ба хонандагон ҷиҳати аз худ намудани илмҳои пешрафта ва технологияҳои навин мусоидат менамояд» – иброз менамоянд Президенти мамлакат дар ҷойи дигари баромади худ.

Чи тавре дар боло, дар бораи яке аз намудҳои муассисаҳои маҷмуии таълимӣ – Иннополис [5] – зикр намудем, имрӯз дарвоқеъ, ҷомеаи муосир зуд-зуд такмил додани низоми институтсионалии таҳсилотро тақозо мекунад. Аз ҷумла, муассисаҳои таълимии шакли фаъолияташон хусусӣ дар сатҳи ҷаҳон бештар маъруфият дошта, ҳамасола шумораи зиёди таълимгирандагонро ҷалб менамоянд ва аз лиҳози иқтисодӣ (арзиши таҳсил дар онҳо) дар таносуб ба муассисаҳои таълимии буҷетӣ гаронтар мебошад. Яъне, имрӯз фард, аллакай эҳсос менамояд, ки иқтидори зеҳнӣ ва ё касбияти шахс арзиши гарон дорад; барои аз худ кардани дониши муосир, рақобатпазир ва ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ хароҷоти маблағи муайян зарур мегардад.

Аз ин ҷо хулосае бармеояд, ки низоми анъанавии таҳсил (ки аз ҳисоби буҷети давлат маблағгузорӣ мегардад) оҳиста-оҳиста мавқеи худро тағйир дода, ҳамчун зарурат ва ё дастгирии қишрҳои ниёзманд ва камбизоат ҷой гирифта истодааст. Дар ин ҷо сабаб ва ё мушкилот дар кам будани маблағгузории буҷетӣ намебошад, асоси масъаларо талаботи бозоргонии таҳсил ташкил медиҳад. Яъне, ҳар шаҳрванде, агар хоҳиши бо таҳсили салоҳиятнок ва гуногунҷанба фаро гирифтани фарзанди худро, бо харҷи маблағи муайян, дошта бошад, пас давлат монеи ӯ намегардад, баръакс дастгирӣ менамояд, зеро сарбории буҷет сабук мешавад ва иқтидори зеҳнии ҷомеа устувор. Аз тарафи дигар, агар шаҳраванд имконияти дар муассисаҳои таълимии типи нав бо таҳсил фаро гирифтани фарзанди худро (бо харҷи маблағ) надошта бошад, пас давлат имконият фароҳам меорад, ки фарзанди ӯ таҳсилоти заминавиро (заруриро) дар асоси стандарти давлатӣ, аз ҳисоби буҷети давлатӣ, аз худ намояд.

Мавриди зикр аст, ки дар мактабҳои хусусӣ (бештар, дар таҷрибаи кишварҳои пешрафта) барномаи таълимӣ ҳамчун сиёсати ҷалбсозӣ гуногунҷанба мебошад, яке дар равияи иқтисодӣ барномаи таълимӣ дошта, дигаре дар равияи электронӣ (технологияҳои иттилоотӣ), савумин дар равияи сиёсӣ, дигар дар равияи фанҳои дақиқ ва ғайра. Маҳз ҳамин гуногунрангӣ асосҳои рақобатпазириро ба миён оварда, ба шахс имконияти васеи интихоб медиҳад, яъне дар ҳошияи хоҳишмандӣ, қобилиятнокӣ, завқмандӣ ва манфиатнокии довталаб шароит фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, зарур аст, ки таъсиси муассисаҳои таълимии хусусӣ ҳамаҷониба дастгирӣ карда шуда, хоҳишмандон (соҳибкорон) дар ин самт ҳавасманд гардонида шаванд. Барномаҳои таълимии онҳо бо дарназардошти нишондиҳандаҳои асосии стандартҳои давлатӣ мутаносибан озод, рақобатпазир (дар асоси талаботи бозори меҳнат) ва салҳиятнокии таълимгиранда (довталаб) тартиб дода шаванд. Пешниҳод мегардад, ки мактабҳои равияашон математика, сиёсатшиносӣ, информатика, биология, иқтисодиёт ва ғайра ташкил ёфта, мутахассисонро ҳанӯз аз давраи кӯдакӣ / навҷавонӣ бо тамоюли муайяни касбӣ омода намоянд.

Дар идомаи ҳамин масъала Пешвои миллат иброз менамоянд, ки «*яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат дар соҳаи маориф дарёфт, дастгирӣ ва рушди хонандагони болаёқат мебошад».* Ин ҳидоят дар мисоли чанде аз тадбирҳо (мактабҳои президентӣ, марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва ғ.) амалӣ шуда истодааст. Дар тақвияти ин ҳидоят ва дар доираи бистсолаи омӯзиши илмҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ эълон гардидани солҳои 2020 – 2040 фарогирии шумораи зиёди лаёқатмандон лозим мегардад.

Пешниҳод дорем, ки роҳнамои (барномаи) махсусе таҳияе карда шавад, ки шахси болаёқатро, ҳанӯз аз даврони кӯдакӣ (мисол, аз муассисаҳои томактабӣ) муайян (дарёфт) ва ҷудо карда, бо ӯ алоҳида (мисол, «гурӯҳи кӯдакони болаёқат») корҳои тарбиявию таълимиро амалӣ намуда, то ба давраи таҳсили мактабӣ расонид; инро метавон зинаи якум номид. Дар зинаи дуюм, таҳсили ибтидоӣ, ташкил намудани гурӯҳи «хонандагони болаёқат» бо назардошти кӯдакони лаёқатманд (аз/дар муассисаҳои томактабӣ дарёфтгардида), зимнан таълим додани онҳо дар доираи барномаҳои махсуси таълимӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамин тариқ, ҳамин низомро дар зинаҳои сеюм-таҳсили миёнаи умумӣ ва чорум-таҳсили касбӣ метавон идома дода, гурӯҳи мутахассисони ҷавони болаёқатро омода намуд.

Албатта, механизми мазкур таваҷҷуҳи махсус, маҷмуи чораҳои иловагӣ ва як миқдор маблағро низ талаб менамояд, аммо дар таносуб ба он ки, ин барнома ба бозори меҳнат мутахассисони лаёқатманд, соҳиби илму дониши замонавӣ, салоҳиятнок, навовар ва рақобатпазирро мебарорад, ҳамаи ин хароҷот ба маротиб пӯшонида (ҷуброн) мешаванд.

Зимнан, дигар механизмҳои омодасозии мутахассисони ҷавони лаёқатмандро низ, баррасӣ кардан мумкин аст, ба мисоли «Иннополис» [5], аммо дар шароити имрӯза ва бо назардошти иқтидори амалии соҳа ин механизм мутаносибан дастрас ва каммасраф арзёбӣ мегардад.

«Ҷиҳати фароҳам овардани шароити боз ҳам хубтари таълиму тарбияи наврасону ҷавонон ҳоло дар шаҳру ноҳияҳои кишвар бо маблағгузории Ҳукумати мамлакат, соҳибкорон ва аҳолӣ бунёди садҳо муассисаи таълимӣ босуръат идома дорад», зикр менамоянд Президенти мамлакат. Дар ҳақиқат, шумораи аҳолӣ дар мамлакат ҳамасола афзоиш дорад

ва зарур аст, ки шумораи муассисаҳои таълимӣ низ, мувофиқ ба талаботи нуфузи аҳолӣ зиёд карда шавад.

Дар ин росто, бо талошҳои доимии Пешвои миллат лоиҳаҳои гуногуни дохилию байналмилалӣ амалӣ шуда, ҳамасола теъдоди зиёди мактабҳо сохта шуда истодаанд, аммо дар таносуб ба талаботи ҷорӣ боз ҳам зиёд кардани сохтмонҳо тақозо мегардад. Дар ин самт бо ҷалби аъзои фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва соҳибкорону саховатмандон низ, синфхонаҳои иловагӣ, тариқи ҳашар сохта шуда истодаанд, ки боиси дастгирист.

Иловатан зарур аст, ки дар ин самти сохтмонҳои иҷтимоӣ механизмҳои муосири ҳавасмандгардонӣ бештар татбиқ карда шаванд. Мисол, барои ҳавасмандгардонии таъсиси муассисаи таълимии хусусӣ озод кардани корҳои сохтмонии ин муассиса аз андозҳои алоқаманд, ё ин ки муқаррар намудани қарзи имтиёзноки ипотекӣ (дарозмуҳлат) барои бахши хусусӣ ҷиҳати сохтани муассисаҳои таълимии хусусӣ / соҳавӣ.

